19913

ГИ де МОПАССАН

ОМУРЗИШ

ГИ ДЕ МОПАССАН

ОМУРЗИШ

Душанбе
«Адиб»
2006

ББК-84-7(ФР)
М-49

Ин китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба табъ расидааст

Аз русӣ тарҷумаи **Азимқул Насимов**
Мухаррир **Одина Мирак**

М-49 – **Ги де Мопассан**, ***Омурзиш***. *Ҳикоёт*. Душанбе. «Адиб», 2006, 336 саҳ.

Дар ин китоб 27 ҳикояи адиби забардасти Фаронса Ги де Мопассан гирд оварда шудааст. Дар ҳикояҳо ватандӯстии мардуми Фаронса ва нисбат ба аҷнабиёни истилогар хашму адовати беандоза доштани онҳо ифода ёфтаанд, ки ба хонанда таъсири амиқ мегузоранд.

4702210101-27
М М 503 2006

Государственная
респуб. б-ка. им. А. Ф. Ридоу
19913

© «Адиб», 2006 с.

ПЕШГУФТОР

Пиромуни ҳаёт ва эҷодиёти пурсамари нависандаи бузурги ниман дувvуми асри XIX Фаронса Ги де Мопассан (1850-1893) осори зиёде ба калам додаанд. Ин фидойии роҳи адабиёт ҳамагӣ чихилу се сол умр дидааст, ки факат ёздах солашро ба фаъолияти адабӣ бахшидааст. Аммо дар ин муддати кӯтоҳ ба андозае асар офаридааст, ки аз истеъдоду кариҳаи фавкулъодааш ба мо дарак медиҳад. Вай шаш роман, бештар аз сесад ҳикоя, се китоби очеркхо, чандин асари манзум, теъдоде намойишнома ва мақолоти интиқодӣ навиштааст.

Бо вучуди он ки романҳои Мопассан дар радифи бехтарин романҳои асри нуздахуми Фаронса қарор доранд, вале ӯ дар офаридани ҳикояҳо устоди забардаст башумор меравад. Вай маҳз бо ҳикояҳояш шухрати ҷаҳонӣ касб кардааст.

Дар ҳамаи ҳикояҳо бовару эътимоди амики нависанда нисбат ба қудрату тавонойии халқ ҳамаҷониба эҳсос мешавад. Қахрамонони ӯ одамони одию заҳматкаш мебошанд, ки аз шарафу номуси ватан дифоъ мекунанд, дар муборизаю набардхо барои озодию истиклоли он ҷони хешро дареғ намедоранд. Аз ҷониби дигар, Мопассан ба ҳоли сармоядорони буздилу ҳарис, ки пулу мол аз номусу шарафи ватан барояшон азизтару болотар аст, механдад, нисбат ба эшон нафрати беандоза дорад, онҳоро маҳкум мекунад.

Қаламкашони бузурги рус Лев Толстой, Антон Павлович Чехов ва дигарон ба навиштаҳои Мопассан арзиши зиёд қойил будаанд.

Аз ҷумла Л.Н.Толстой аҳамияти бузург доштани эҷодиёти Мопассанро ба қалам дода, ба панҷҷилдаи нашри русии мунтахаботи ӯ пешгуфтор навишта, осори ӯро ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ ва арзёбӣ кардааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар такомулу пешрафти эҷодиёти Мопассан Иван Сергеевич Тургенев нақши босазо гузоштааст. Ба ҳамин хотир ҳам Мопассан нахустин маҷмӯаи ҳикоёташро таҳти унвони «Муассисаи Теле» ба устодаш И.С.Тургенев бахшидааст.

Асарҳои Ги де Мопассан ба бештари забонҳои дунё тарҷума ва чоп шудаанд, ки аз истеъдоди бесобиқаи ӯ, аз афкору андешаҳои амиқу дурпарвозаш ба мо шаҳодат медиҳад.

Инак, дар ин маҷмӯъа силсилае аз ҳикоёти адиби оламшумул Ги де Мопассанро барои хонандагони тоҷик арза медорем.

БОНУИ ФИФИ

Фармондеҳи олмониҳо майор граф фон Фарлсберг пушт ба курсии гобелений такя дода, похояшро ба рӯи тахтаи нафиси отоқдони деворӣ, ки дар тӯлӣ се моҳи дар кохи Ювил буданаш бо махмезаниҳояш чукӯрчаҳо сохта буду рӯз ба рӯз онҳо жарфтар мешуданд, гузошта буд ва почтаро баррасӣ мекард.

Мизи хотамкоришуда, ки дар рӯяш финҷони қаҳва бухор мекард, пур аз қатароти ликёр, ҷо-ҷояш бо сигара сӯзонида ва бо қаламтарош бурида шуда буд: вақте афсари ғолиб қаламро метарошид, аз рӯи булҳавасии бетакаллуфонаи худ дар бораи хотамкориҳои зариф арқом ё ашкол тарсим мекард.

Майор номаҳоро мутолиъа кардаю рӯзномаҳои олмониро, ки ҳол ҳозир хаткашони низомӣ оварда буд, сарсарӣ хонда, ба отоқдон се-чаҳор дона кундаи хезуми калони мартуб партофт, - ҷанобони афсарон дарахтони боғи назди кохро бомурур барои хезум мебуриданд, - ва ба дами панҷара рафт.

Борон, бороне нормандӣ меборид, бороне, ки гӯё яке аз рӯи кинаю адоват берун мерехт, бороне шадиду селосое, ки бо торҳои танготангаш замину осмонро ба ҳам дӯхта буд, бороне, ки ҳама чизро дар коми хеш фурӯ мебурд, аз ҳамон боронҳое, ки нохияи Руан бо он машҳур аст, меборид...

Афсар муддати зиёде ба чаманзорони пуроб, ба рудхонаи Андел, ки дамидаю аз соҳил боло омада буд, назар андохт ва бо ангуштонаш оҳанги «Валси Рейн»-ро бар шишаи панҷара навохт; садои қадамҳоро шуниду ба пасаш баргашт, муъовинаш барон фон Келвейнгштейнро, ки рутбааш капитан буд, дид.

Майор марди азимҷуссаи чаҳоршона ва соҳиби риши дарози паҳн буд, ки он рӯи синааш мехобид; вай бо тамоми андомаш товӯсро, товӯси магрӯри ҷангиро ба ёд меовард, вале танҳо думаш дар зери манаҳаш овезон буд. Чашмонаш обию сард ва ором буданд; дар рухсораш асари захми шамшер ба чашм мехӯрд, ки дар замони ҷанги Австрия насибаш шуда буд. Вай на фақат чун афсари хуб, балки чун инсони хуб ҳам шӯҳрат дошт.

Капитан, марди шикамкалону рӯсурху кӯтоҳқад, шикамашро сахт мебаст, риши оташгунашро метарошид, вале бино бар зард будани мӯи гунаҳояш ҳангоми равшанойии муайяне чунон ба назар меомад, ки гӯё ба чеҳрааш фосфор молида бошанд.

Боре, ҳангоми майгусории навбатӣ, ду дандони пешашро аз даст дода буд, аз ин рӯ шафшафкунон калимаҳоро норавшан талаффуз мекард; фарқи сараш чун фарқи сари покиза тарошидаи роҳиба тос буд, - ва дар атрофи ин дойираи урён мӯҳои ҷингилаи тилойирангаш медурахшиданд.

Фармондеҳи дасти ӯро фишурду гузоришашро рочеъ ба ҳаводиси рухдода шуниду финҷони қаҳваро якнафас сар кашид; сипас ҳарду дами панҷара рафтанд ва чандин дафъа изҳор доштанд, ки зиндагиашон дилгир аст. Майор, ки инсони орому оиладор буд, ба ҳама чиз таҳаммул мекард, вале капитан, ки айёши ислоҳнопазир, ҳамешаҳозири фасодхонаҳо, занбози қаҳҳор башумор мерафт, дар муддати се моҳ дар ин посгоҳи хилват аз ичборан қаноъат пеша кардан ба сутӯҳ омада буд.

Дар ҷавоби тақ-тақи оҳистаи дар фармондеҳ бонг зад: «Дароед!» ва яке аз сарбозони таълимдидаи олмонӣ дами дар сабз шуду хабар дод, ки ношто омодааст.

Дар ошхона се тан аз афсарони рутбаҳояшон ҷузъ, яъне поручик Отто фон Грослинг ва ду подпоручик, яъне Фритс Шейнаубург ва марди зебоандоми мӯбур,

худписанд, нисбати сарбозон дағал, дар муносибат ба мағлубшудаҳо берањм ва асабонию газабнок маркиз Вилгелм фон Эйрик гирди ҳам омада буданд. Аз рӯзи вуруд ба хоки Фаронса рафиқонаш Эйрикро бонуи Фифи ном гузошта буданд. Ба хотири ин ба ӯ ин лақабро дода буданд, ки аз киёфааш ишваю ноз меборид, камараш борик, чеҳрааш мисли барф сафед ва пушти лабаш ба тозагӣ сабз шуда буд ва илова ба ин, тибқи одаташ чун нишони беэътинойии бузург нисбат ба ҳама чизи ҷондору бечон сари ҳар қадам хуштаккашон ба забони фаронсавӣ изҳор медошт: Fi, fi donc!

Ошхонаи кохи Ювил маҳалли осойиши тӯлонии шоҳона буд, ки шикофҳои ситорайишакли рӯи қадимтарин ойинаҳо, кӯҳнапораҳои гилемҳои қоқма ва шамшерҳои аз зарби тирҳо тика-тикааш шоҳиди саргармиҳои бонуи Фифи дар соъатҳои фароғаташ буданд.

Дар се акси хонаводагӣ, ки дар баданаи деворҳо овезон буданд, чанговари зирехпӯш, кардинал ва додрас акнун тамокуи чубӯқҳои чиниро дуд медоданд ва ба рӯи акси зани ашрофзодае, ки дар тан пирохани кӯтоҳ дошту андаруни чаҳорчӯби зарҳалаш бо мурури замон маҳвшуда худнамойӣ мекард, бо ангиштсанг хат кашида буданд.

Афсарон дар ин осойишгоҳи харобшуда, ки аз борони селосо трику аз осори мағлубият хузновар ва паркети булутии қадимиаш мисли фарши майкада лагадмол шуда буд, хомӯшона хӯрок мехӯрданд.

Хӯрданро тамому ба нӯшидан шурӯъ карданд, чубӯқҳояшонро оташ гиронданд ва ниҳоят гуфтугӯи ҳаррузаашон дар бораи дилтангие, ки ҳастиашонро фаро гирифта буд, шурӯъ шуд. Шишаҳои коняку ликёр даст ба даст гаштанд, афсарон ба курсиҳо такя доданду чубӯқҳои дарози хамшудаи худро дар гӯшаи даҳон

фишурда, ба ҷуръа-ҷуръа нӯшидани шароб пардохтанд.

Онҳо қадаҳҳояшонро ҳанӯз то охир нанӯшида, боз бо тазоҳури дилтангии фармоннопазир онҳоро пур мекарданд. Фақат бонуи Фифи дам ба дам қадаҳашро мешикаст ва сарбози пешхидмат ҳамон лаҳза ба ивази он дигарашро меовард. Пардаи дуди тунд чеҳраҳоро пӯшида буд ва эшон дар мастии хобовару малолангез ғутавар шуда буданд. Вале ногаҳон барон барошуфт, аз ҷо париду наъра зад:

- Бало занад! Дигар ин тавр намешавад, саранҷом бояд иқдоме ба амал овард.

Поручик Отто ва подпоручик Фритс, ду олмонии асил, ду олмонии бадхашму кундзеҳн яксадо пурсиданд:

- Капитан, чӣ иқдоме ба амал бояд овард?

Капитан лаҳзае фикр карду сипас гуфт:

- Чӣ тавр чӣ иқдоме? Бояд бо иҷозаи фармондеҳ зиёфати кӯчаке орост.

Майор чубӯқашро аз даҳонаш дур карду пурсид:

- Капитан, чӣ зиёфате?

Барон ба ӯ наздик шуду гуфт:

- Ҳамаашро худам ташкил мекунам. Чӣ Мефармоедро ба Руан мефиристам, ӯ аз он ҷо чанд тан бону меорад, охир ман аз кучо пайдо кардани бонувонро медонам. Дар ҳамин ҷо хӯроки шом омода мекунем, барои ин кор дар ин ҷо ҳама чиз пайдо мешавад ва мо лоақал як шаб хурсандӣ мекунем.

Граф фон Фарлсберг табассумкунон китфонашро дар ҳам кашид ва гуфт:

- Дӯстам, шумо девона шудаед.

Вале афсарони дигар ҳам ҳама аз ҷо париданд, даври фармондеҳ ҳалқа заданду аз ӯ хоҳишу илтиҷо карданд:

- Ҷаноби майор, иҷоза диҳед, охир дар ин ҷо хеле дилгир шудем!

Саранҷом фармондеҳ таслим шуд. «Мувофиқам», -

гуфт ва барон ҳамон лаҳза Чӣ Мефармоедро эҳзор кард. Ин мард фелдфебели кӯҳнасол буд; ҳаргиз касе дар қиёфаи ӯ табассумро надида буд, лекин ҳама гуна дастури роҳбаронро бо кӯшишу талош ичро мекард.

Вай росту кашида истода, бо қиёфаи комилан ором ба дастури барон гӯш доду сипас аз он ҷо хориҷ шуд ва баъд аз панҷ дақиқа аробаи калони полк, ки болояш бо брезент пӯшидаю чаҳор асп ба он қӯш шуда буд, дар зери борони якрез бо суръат ба сӯи шаҳр рафт.

Дар як он ҳама аз ҳолати заъф берун омаданду аз ҷо париданд, чеҳраҳоро ҳаячон фаро гирифт, гуфтугӯ шурӯъ шуд.

Ҳарчанд борон бо шиддати собиқаш боридан дошт, майор натиҷа гирифт, ки ҳаво равшан шудааст ва поручик иддаъо кард, ки базудӣ комилан равшан хоҳад шуд. Ҳатто бонуи Фифи қарорашро аз даст дода буд; маркази ҷавон гоҳ аз ҷо мепариду гоҳи дигар боз худро ба рӯи курсӣ меандохт. Чашмони шаффофи қаҳролуди ӯ ба умеди дидани чизе ба атроф дӯхта мешуданд. Ногаҳон нигоҳаш рӯи акси бонуи мӯйлабдор қарор гирифту тапончаашро берун овард.

- Нигаристани ту суде надорад, - гуфт ӯ ва аз курсӣ барнахоста, нишона гирифт. Ду тир, яке пас аз дигаре, ду чашми аксро сӯрох карданд.

Баъд аз ин бонуи Фифи бонг зад:

- Акнун мина мегузорем!

Ва дар ҳол гуфтугӯҳо қатъ гардиданд, гӯё ҳамаро идеяи нави ҷолибе саргарм карда буд.

Мина бофтаи хаёли ӯ буд, василаи тахрибкорӣ ва саргармии писандидаи ӯ башумор мерафт.

Соҳиби қонунии мулк граф Фернан д' Алуа д' Ювил хангоме ки онро тарк кард, ба ҷуз нукрае, ки тавонист миёни девор пинҳон бикунад, барои бо худ бурдани ашёъи дигар ва ё пинҳон намудани онҳо фурсат наёфта буд.

Азбаски вай сарватманду фарҳангдӯст буд, аз ин рӯ меҳмонхонаи калонаш, ки бо ошхона ҳамҷавор буд, то фирор кардани соҳибаш ба музеи ҳақиқӣ шабоҳат дошт.

Деворҳоро пардаҳои наққошии гаронбаҳо, тасвирҳо, акварелҳо зинат медоданд ва дар болои мизҳою қафасаҳо, дар ҷевонҳою ҷаъбаойинаҳои зариф садҳо зеваролот, аз қабили гулдонҳои японӣ, муҷассамаҳои кӯчак, ҳайкалчаҳои саксонӣ, бутҳои чинӣ, маснуъоти қадимӣ аз устухони фил ва шишаи венетсиягӣ қарор доштанд, ки толори бузургро пур карда буданд ва аз зумраи ашёъи нодир башумор мерафтанд.

Акнун аз он ҳама тақрибан чизе солим намонда буд. Он ашёъро ба яғмо набурда буданд, чунки майор граф фон Фалсберг ба ин кор иҷоза намедод; вале бонуи Фифи гоҳ-гоҳе «мина мегузошт» ва ҳамаи афсарон он рӯз ба муддати панҷ дақиқа аз таҳи дил хушҳолӣ карданд.

Маркизи ҷавон барои пайдо намудани зарфи муносиб равонаи меҳмонхона шуд. Вай аз он ҷо чойники хурду қашанги чинии навъи «гулобӣ» овард, ба даруни он борут рехт, аз тариқи ҷумак пилтаи дарози чақмоқро ба даруни он ворид сохт, пилтаро оташ гиронд ва бо ин дастгохи чаҳаннамӣ боз ба тарафи меҳмонхона давид.

Сипас бо аҷала баргашту дарро баст. Ҳамаи олмониён бо табассуми кунҷковонаи кӯдакона сари по истода, интизор шуданд; ва ҳамин ки инфиҷор биноро ба ларза даровард, ҳама дар ҳол ба тарафи меҳмонхона шитофтанд.

Бонуи Фифи пешопеш тохт ва ба маҳзи дидани Зуҳраи сафолӣ, ки саранҷом сараш канда шуда буд, аз ваҷд дар пӯсти худ нагунҷида, шурӯъ ба кафкӯбӣ кард; ҳар яке шитобзада пораи сафолро аз замин бардошт, ба шиканҷҳои аҷибу ғариби сафолпораҳо бо лаззат нигарист, харобиро бозрасӣ кард ва роҷеъ ба он ки кадоме аз шикофҳо наву кадоме аз онҳо аз инфиҷори

собиқанд, баҳс кард; майор бо дидаи падарона меҳмонхонаи бузургро, ки бо усули Нерони нав хароб шудаю фаршашро пораҳои осори ҳунарӣ пӯшида буданд, нигарист. Фармондеҳ пеш аз дигарон аз он ҷо хориҷ шуду хушҳолона изҳор дошт:

- Имрӯз натиҷаи хубе ба даст омад!

Аз дуди борут, ки ба ошхонаи пур аз дуди сигор низ нуфӯз карда буд, нафас кашидан имконнопазир буд. Фармондеҳ панҷарараро боз кард ва афсарони дигар ҳам, ки барои нӯшидани охирин ҷоми коняк ба ошхона баргашта буданд, ҳамон лаҳза дами панҷараи боз шитофтанд.

Ба ошхона боди марбут дохил шуда, бӯи рутубату резаҳои боронро бо худ овард. Олмониҳо медиданд, ки чи тавр селобаи аз абрҳои сиёҳу хеле пойиномада тавлидёфта дашти бекаронро дар худ ғарқ мекунад ва танҳо аз дур аз лобобалои пардаи борон нуки хокистариранги бурҷи нокӯс ба чашм мехӯрад.

Аз рӯзи омадани онҳо ба ин ҷониб бурҷи нокӯс хомӯш аст. Дар саросари ноҳия ғосибон танҳо аз сукути он муқовимат дида буданд. Кашиш бидуни чунучаро сарбозони олмониро манзил дода буд ва шиками онҳоро сер мекард. Вай ҳатто чандин дафъа барои бо фармондеҳи душман нӯшидани шароби бордо ё пиво даъвати тарафи олмонихоро пазируфта буд, фармондеҳ ағлаб авқот миёнҷигарии хайрхоҳонаи ӯро низ истифода бурда буд, вале комёб нашуда буд, ки зангулаи калисо лоақал як бор ба садо дарояд. Кашиш ба ҳукми қатл розӣ мешуд, вале ба ин кор не. Дар ҳамин хулоса мешуд эътирози ӯ, эътирози бекинаю сукутомези ӯ алайҳи ишғоли хоки ватанаш, ба назараш ягона эътирозест, ки шойистаи кашиш, кашише, ки силоҳаш на қатлу куштор, балки нармӣ аст. Ва ҳамаи сокинони навоҳии атроф истодагии қаҳрамононаи Шантавуани кашишро, ки томати

мардумро бо сукути мубрами калисояш таъйид мекард, месутуданд.

Ва ҳамаи мардуми деҳкада ҳам ки аз ин муқовимат илҳом гирифта буд, омода буд то мунтаҳои дараҷа аз кашиши худ пуштибонӣ кунад, ба ҳама гуна мушкилот тоқат оварад, ба умеди он ки бо чунин эътирози хомӯшона шарафу номуси миллатро ҳифз мекунад. Деҳқонон мепиндоштанд, ки онҳо бо ин амали хеш бадтар аз Белфор ва Страсбург ба ватан хидмат намекунанд, онҳо низ сармашқи шойиста, чунин сармашқе медиҳанд, ки номи деҳкадаашонро абадӣ мегардонанд; дар бақияи масъалаҳо эшон ба олмониҳои ғолиб итоъат мекарданд.

Фармондеҳ ва афсарон нисбати зуҳури чунин бебокии беозор тамасхур мекарданд ва азбаски ҳамаи сокинони маҳаллӣ рафторашон боилтифотонаю мутеъона буд, олмониҳо меҳанпарастии хомӯшонаи онҳоро тоқат меоварданд.

Ва танҳо маркизи ҷавон Вилгелм, агар ихтиёр медошт, маҷбур мекард зангула ба садо дарояд. Ӯро мадорои дипломатии роҳбарон нисбат ба кашиши саркаш хашмгин карда буд; рӯзе набуд, ки вай аз фармондеҳ бо зорию илтиҷо хоҳиш накунад, ки иҷоза дихад «лоақал як бор, ҳамагӣ як бор, танҳо барои хандидан ҷаранг-ҷаранг бикунад». Ва ӯ мисли гурба хушомад зада, чун зан ишва карда, бо садои пурноз, айнан монанди маҳбубаи булҳавас хоҳишу илтиҷо мекард. Вале фармондеҳ таслим намешуд, бино бар ин бонуи Фифи ба хотири тасаллӣ ёфтан дар манзили арбоб «мина мегузошт».

Ҳамаи панҷ тан чанд дақиқа аз ҳавои мартуб нафас кашида, дами панҷара исоданд. Саранҷом подпоручик Фритс бо заҳрхандаи гӯшхарош изҳор дошт:

- Ба ростӣ барои бонувон чунин ҳавои бад носозгор аст.

Сипас ҳама думболи кори худ рафтанд; бахусус капитан бояд барои таҳия кардани зиёфат заҳмати зиёд мекашид.

Шомгоҳ эҳсе гирди ҳам омаданду ҳамдигарро дидан замон қоҳ-қоҳ хандиданд: ҳамаашон мӯи сарашонро равған молидаю ба сару рӯяшон атр задаю шодоб шуда, чун дар рӯзҳои ҷашн хешро ороста буданд. Мӯи сари фармондеҳ нисбат ба субҳ торҳои сафедаш камтар буд, капитан ришашро чунон покиза тарошида буд, ки танҳо мӯйлабҳояш дар зери димоғаш медурахшиданд.

Сарфи назар аз борон панҷарараро набаста буданд ва дам ба дам яке ба он наздик шуда, бодиққат гӯш фаро медод. Соъати шашу дах дақиқа буд, ки барон садоҳои дури чарххои аробаро шунид. Ҳама ба дами панҷара ҳамла оварданд; базудӣ дар назди дари вурудӣ аробаи сарбаста таваққуф намуд: чаҳор асп то ёлҳояшон гилу лой шуда, аз танашон бухор баровардаю фахфахкунон чаҳорнаъл давида, аробаро аз шаҳр бин ҷо оварда буданд.

Ва аз зинаҳои пешайвон панҷ зан, панҷ духтари зебо, ки дӯсти капитан тибқи номаи бо дасти Чӣ Мефармоед расидаи роҳбар бодиққат онҳоро интихоб карда буд, ҳоло рафтанд.

Духтарҳо, ки бовар карда буданд барояшон пули хуб мепардозанд, нозу ғамзаашон тӯл накашид. Дар арзи се моҳ онҳо бо олмониҳо ошно шуда буданд, ба одамону шаройит тоқат меоварданд. «Чи чора, пешаамон!..» - мегуфтанд онҳо ва эҳтимол ба нороҳатиҳои вичдони ҳанӯз бедорашон худро розӣ мекунониданд.

Ҳама мустақиман ба ошхона рафтанд. Дар партави равшанойӣ ошхона бо харобии танаффуровараш гӯё боз ҳам бештар тираю тор ба назар мерасид ва миз бо хӯрданиҳои рангорангаш, бо зуруфи гаронқимату нуқраҳои аз лобалои девор пайдошуда, ки арбоб онҳоро

дар он ҷо махфӣ карда буд, ба он намуди муздхона медод, муздхонае, ки роҳзанон баъд аз ғоратгарӣ барои хӯрокхӯрӣ гирди ҳам омада буданд. Капитанро чашмонаш аз шодӣ барқ мезаданд, вай занҳоро, чун лавозимоти одии хона, дар ихтиёри худ гирифта буд, ба эшон чашм медӯхт, дар оғӯшашон мекашид, мебӯйидашон, шойистагии ҳар яке аз ононро чун василаи лаззат арзёбӣ мекард; вақте се нафар ҷавон хостанд барои худ духтар интихоб бикунанд, вай қотеъона муқовимат намуд, зеро қасд дошт худаш аз рӯи адолат, мутобиқи мансабу дараҷа тақсим бикунад, то ба ҳеҷ вачҳ тартиби дараҷот вайрон нашавад.

Ва дар ин вақт ӯ ба манзури иҷтиноб аз низоъ, баҳсу мунозиша ва бадгумонӣ занҳоро тибқи қаду қоматашон саф ороста, сипас бо лаҳни фармондеҳон ба зани баландболотарин мурочиъат намуд:

- Номи ту чист?

Вай бо садои бами сохта посух дод:

- Памела.

Он гоҳ у эълом кард:

- Шумораи якум, исмаш Памела, барои фармондеҳ таъйин мешавад.

Сипас капитан духтари дуввумро, духтари мӯтилойро аз они худ эълом карду Амандаи фарбеҳакро ба поручик Отто, Ева Свекларо ба подпоручик Фритс ва ба афсари аз ҳама ҷавонтарин, ба маркизи нозукандом Вилгелм фон Эйрик духтари аз ҳама хурдҷусса Рашелро, яҳудидухтари ҷавону сиёҳмӯй ва сиёҳабрӯро дод, ки димоғи нукболояш ба биниҳои уқобии ҳамтойифаҳояш ҳеҷ шабоҳате надошт.

Лекин ҳамаи занҳо хушсимою фарбеҳ, бидуни сифоти шахсии муайян буданд, тарзи рафтору ранги сурати ҳамаашон ба далели робитаҳои ошиқонаи ҳамарӯза ва зиндагиифкнавохт дар фоҳишахона тақрибан яксон буд.

Се тан аз ҷавонон ба баҳонаи ин ки бонувонашон гарду хоки роҳро аз сару танаш бишӯянд, хостанд ҳамон лаҳза онҳоро бо худ бибаранд; вале капитан аз рӯи дурандеши ба ин мухолифат кард ва собит намуд, ки эшон ба андозаи кофӣ покизаанд ва комилан метавонанд ба пушти миз нишинанд, вагарна ҳар касе, ки гӯшагириро пеша мекунад, баъд аз баргаштан майл ба чизи нав хоҳад кард ва дар натиҷа тақсими суратгирифтаро муроъот намекунад. Тачрибаи ӯ дастболо шуд. Ҳама бо бӯсаҳои бешумор иктифо карданд.

Ногаҳон Рашел нафастанг шуд, аз сурфаи сахт аз чашмонаш ашк рехт ва аз сӯрохихои биниаш дуд баромад; маркиз духтарро бӯсида, ба даруни даҳони ӯ дуди тамокуро ворид сохта буд. Рашел асабонӣ нашуд, сухане нагуфт, танҳо нигохи дакикашро ба молики худ дӯхт ва дар умки чашмони сиёҳаш хашму ғазаб забона кашид.

Ҳама нишастанд. Ҳатто фармондеҳ ба вачд омада буд; вай дар самти росташ Памеларо шинонду дар самти чапаш Мӯтилойиро ва дастмолро боз карду гуфт:

- Капитан, фикри олие ба саратон зад.

Поручик Отто ва подпоручик Фритс бо занҳои ҳампаҳлӯяшон айнан чун бо бонувони табақаи аъёну ашроф муносибат мекарданд ва бо ин рафторашон онҳоро каме хичолат медоданд. Аз тарафи дигар, барон фон Келвейнгштейн худро дар мухити одӣ эҳсос намуда, чашмонаш медурахшиданд, суханони сабук мегуфт ва мӯи оташгуни сараш барк мезад. Вай ба лаҳчаи рейнӣ изҳори меҳрубонӣ мекард ва хушомадгӯйиҳои густохонааш аз миёни дандонҳои шикастааш парвоз намуда, ба сару рӯи духтарон борони туф меборид.

Вале духтарон ягон калимаашро намефахмиданд; танҳо вакте ӯ ба гуфтани суханҳои зишту кабех, ки бо

калимаҳои забони бегона махлут буданд, шурӯъ намуд, таваҷҷуҳи онҳо бедор шуд. Он гоҳ духтарон якдилу яксадо қоҳ-қоҳзанон иборотеро, ки акнун барон ба манзури барангехтани онон барои гуфтани ҳарфҳои хилофи адаб қасдан таҳриф мекард, такрор намуда, ба болои ҳампаҳлӯҳои худ меафтоданд. Онҳо бо камоли майл тақлид мекарданд ӯро ва аз нӯшидани аввалин шишаҳои шароб сархуш шуда, такаллуфотро канор гузошта, ба сари худ шуданд, мӯйлабҳоро аз чапу рост бӯсиданд, хотирхоҳони худро нешгун гирифтанд, ваҳшиёна чиррос заданд, беандоза нӯшиданд, бадеҳаҳои фаронсавӣ ва қитъаоти сурудҳои олмониро, ки ҳангоми муъошрати наздик бо душман ёд гирифта буданд, хонданд.

Базудӣ мардон ҳам, ки аз андоми бонувон маст шуда буданд, бо ошуфтагию ҳаячҳони зиёд ба дод задану шикастани зуруф шурӯъ намуданд, дар айни ҳол сарбозоне, ки пушти ҳар курсӣ рост истода буданд, ба таври комилан ором ба онҳо хидмат мерасониданд.

Маркиз фон Эйрик-бонуи Фифи – Рашелро рӯи зонувонаш нишонда буд ва бо шӯру ҳаячҳони хунсардона гоҳ туррaҳои қиргуни гарданашро бӯсида, аз чоки пироҳанаш ҳарорати матбуъу бӯи хуши танашро мешамид, гоҳ иродаашро ба ихтиёри бераҳмии шадид, тамоюли саркаши тахрибкорӣ медод ва чунон ӯро нешгуни сахт мезад, ки бидуни ихтиёр фарёд мекашид. Баъзе авқот вайро танг дар оғӯш кашида, бо тамоми нерӯ мефишурданш, лабони яҳудидухтарро мемакид ва ӯро чунон мебӯсид, ки ҳарду нафасгир мешуданд; вале ногаҳон лаби духтарро газид ва фавраки хун аз занахаш ба рӯи пироҳанаш ҷорӣ шуд.

Духтар боз ба чашмони вай хира шуд ва хунро сутурда, дар бехи гӯшаш гуфт:

- Барои ин амал пул медиҳанд.

Эйрик бо ғазаб хандид.

- Боке не, пулашро медиҳам, - ҷавоб дод Эйрик.

Ширинӣ оварданд. Ба ҷомҳо шампан рехтанд. Фармондеҳ бархосту бо ҳамон қиёфае, ки метавонист барои саломатии малика Августа ҷом баланд бикунад, ҷомашро бардошту гуфт:

- Барои саломатии бонувони мо!

Дар ин лаҳза садоҳои нӯшбодҳои махлут бо шӯхиҳои бешармона, бахусӯс нӯшбодҳои аз надонистани забон бениҳоят дағал, ки комилан шойистаи беадабони маст буданд, ба гӯш расиданд.

Олмониҳо яке аз паси дигаре аз ҷо баланд мешуданд ва саъй менамуданд бо базлагӯйиҳояшон ҳозиринро хушҳол гардонанд, вале занҳо бакуллӣ маст шудаю базаҳмат забон ба сухан боз мекарданд ва ҳар бор девонавор каф мекӯфтанд.

Капитан, эҳтимол, ба манзури он ки ба айшу ишрат назокат бахшад, дар навбати худ ҷомро баланд карду гуфт:

- Барои фатҳ кардани дилҳо!

Он гоҳ поручик Отто, хирси асили шварсвалдӣ, ки хумори вай ба сараш зада буд, аз ҷо париду дар ҳини шиддати мастӣ наъра кашид:

- Барои пирӯзии мо бар Фаронса!

Ҳарчанд ки занҳо маст буданд, хомӯш шуданд. Рашел саропо ларзида, баргашту гуфт:

- Гӯш кун, фаронсавиҳое ҳастанд, ки ту дар ҳузурашон ин суханҳоро гуфта наметавонистӣ.

Вале маркази ҷавон, ки аз таъсири шароб хушҳол шуда буд, қаҳқаҳа зад ва ӯро аз боло зонӯвонаш раҳо накарда, гуфт:

- Оҳо-хо! Ман ҳанӯз ин қабил фаронсавиҳоро дучор наомадаам. Ба маҳзи пайдо шудани мо онҳо фирор мекунанд!

Духтар ба ғазаб омаду ба сари вай дод зад:

- Дурӯғ мегӯй, манҳӯс!

Вай нигоҳи сардашро, чунонки ба тоблуҳо дӯхтаю сипас онҳоро бо тири тапонча сӯрох карда буд, ба духтар дӯхту он гоҳ боз қоҳ-қоҳзанон хитоб кард:

- Оҳо, ин тавр не, духтари қашанг! Агар онҳо тарсӯ намебуданд, магар мо ба ин ҷо сар медаровардем? – Ва ҳарчи бештар ба хурӯш омада, наъра кашид: Мо дар ин ҷо арбобем! Саросари Фаронса аз они мост!

Духтар аз болои зонӯвони ӯ ҷаҳиду ба рӯи курсиаш афтод. Маркизи ҷавон аз ҷо бархост, ҷомашро боло бурду такрор кард:

- Саросари Фаронса ва фаронсавиҳо, ҳамаи ҷангалоту саҳроҳо ва хонаҳои Фаронса аз они мост!

Олмониҳои дигар, ҳайвонҳои мундирпӯши комилан маст, якбора асабонӣ шуданд, ҷомҳоро ба даст гирифта, фарёд заданд: «Зинда бод Олмон!» ва онҳоо лоҷуръа сар кашиданд.

Духтарон эътироз накарданд, танҳо тарсзада сокит шуданд. Ҳатто Рашел ҳам бидуни мухолифате хомӯш монд.

Он гоҳ маркизи ҷавон ҷоми муҷаддадан бо шампон пуркардаро ба тори сари яҳудидухтар гузошта, дод зад:

- Ҳамаи занҳои фаронсавӣ ҳам аз они мо мебошанд!

Рашел чунон сареъ аз ҷояш бархост, ки ҷом вожгун шуду ба замин афтода шикаст ва шароби шаффоф, чун оби лаҳзаи ғусли таъмид, ба мӯҳои қиргуни ӯ рехт. Вай ба афсар, ки ҳанӯз ҳам қаҳқаҳа мезад, чашм дӯхта, бо лабони ларзон ва бо ниҳояту қаҳру ғазаб бонг зад:

- Не, не, дурӯғ мегӯйӣ, занҳои Фаронса аз они шумо намешаванд!

Маркизи ҷавон ба курсиаш нишаст, то бо ҳаловат хандад. Ва баъд гуфт:

- Аҷабо! Пас ту чаро ба ин ҷо омадӣ, ҷонам?

Духтар дастпоча шуду аз ҳаяҷон чизеро дуруст дарк накарда, ибтидо хомӯш монду сипас, вақте ки суханҳои маркизро фаҳмид, дар посух бо хашму шӯру ҳарорат фарёд кашид:

- Ман ҳечам! Ман зан нестам, фоҳишаам ман, вале занҳои дигарро олмониҳо дар хоби шабашон ҳам нахоҳанд дид!

Ҳанӯз яҳудидухтар ба суханаш поён надода буд, ки маркиз дасташро ба ақиб бурду як тарсакӣ ба сурати вай навохт; аммо вақте бори дуввум дасташро боло бурд, духтар аз хашму ғазаб девона шуда, кордчаро аз болои миз бардошту ба таври ғайри мунтазира, ба тавре ки дигарон пай набурданд, теғи онро ба чукӯраи гарданаш, ба он ҷое, ки сина ибтидо мегирад, фурӯ бурд.

Сухан дар гулӯи маркизи ҷавон ги кард, вай бо даҳони бозу чашмони аз косахона баромада сари ҷояш хушк шуд.

Ҳама аз ҷо париданд, бо доду фарёди ғазадолуд саросема ба давутоз афтоданд, аммо Рашел курсиро ба пеши пои поручик Отто андохт, ӯ бо тамоми ҳайкалаш фарши замин шуд, духтар ба тарафи панҷара давиду онро боз карда, пеш аз он ки дастгираш бикунанд, худро ба дили торикӣ, ба зери борон, ки мисли собиқ якрез меборид, партофт.

Бонуи Фифи тақрибан дар ҳол ҷон ба ҷондор таслим кард. Фритс ва Отто шамшерҳоро аз ғилоф кашиданд, то занҳои дами поҳояшон афтодаро сар зананд. Майор бо заҳмат кушторро ҷилавгирӣ кард ва дастур дод, ки чаҳор тан зани аклгумкардаро дар хуҷраи алоҳида андохта, дарашро банданду ду нафар посбон гузоранд; сипас бо чиддияти хосси фармондеҳон, ки ба набард омода мешаванд, аз пайи таъқиби духтари фирорӣ шуд, фирорие, ки барои дастгир карданаш шакку тардид надошт.

Панҷоҳ нафар шитобзада дар боғ пароканда шуданд. Дусад нафари дигар ҷангалоту хонаҳои саросари водиро ҷустуҷӯ карданд.

Мизе, ки дар як чашм ба ҳам задан аз зарфҳо холӣ шуда буд, ба бистари марг табдил ёфт; чаҳор тан аз афсарон, афсарони афсурдаю малӯл ва аз мастӣ хушёршуда, чашм ба торикии шабона дӯхта, дами панҷара истода буданд; чунонки ичрои вазифаи низомӣ тақозо мекунад, қиёфаҳои эшон абӯсу қаҳролуд буданд.

Бороні селосо якрез меборид. Торикӣ ҳама чизро дар коми худ фуру бурда буд.

Ногаҳон садои тир шунида шуд, сипас садои тири дигар танин андохт, аз нуқтае дурдаст, дар арзи чаҳор соъат гоҳ аз наздику гоҳ аз дур садои тирҳо, даъватҳо ба ҷамъшавӣ, фарёдҳои ачибу ғариби халқӣ ба гӯш расиданд.

Дами субҳ ҳама баргаштанд. Дар торикии шабона ва думболагирии саросемавор аз тири рафиқони худ ду тан аз сарбозон кушта ва се нафарашон захмӣ шуда буданд.

Рашелро пайдо карда натавонистанд. Он гоҳ таъқиби аҳолӣ шурӯъ шуд; дар хонаҳо ҳама чиз воруна шуда буд, саросари маҳалларо давр зада, бозрасию тафтиш карда буданд. Яҳудидухтар мафқудуласар шуда буд.

Генерал, баъд аз гирифтани гузориш, фармон дод, ки қазияро рӯпӯш кунанд, то барои артиш сармашқи бад нашавад. Ба фармондеҳ танбеҳи инзиботӣ эълом карданд, фармондеҳ ҳам дар навбати худ афсори зердастонашро кашид. Генерал чунин изҳор дошт:

- Мо на ба хотири дилхушӣ бо духтарони фоҳиша мечангем.

Ва граф фон Фарлсберг тасмим гирифт, ки қаҳру ғазабашро ба сари аҳолии маҳалли фурӯ резад. Азбаски барояш баҳонае лозим буд, то бидуни хичолат ваҳшигарӣ кунад, кашишро ба ҳузури худ хосту фармон дод, ки

ҳангоми ба хок супурдани маркиз фон Эйрик нокӯсро ба садо дарорад.

Бар хилофи интизораш кашиш мутеъӣ, тавозӯъ ва ҳусни истиқбол нишон дод. Ва ҳангоме ки қисми бечӯни бонуи Фифиро, ки сарбозони мусаллаҳ дар ҳалқаи худ гирифтаю мушойиъат ва посбонӣ мекарданд, аз кохи Ювил ба қабристон ҳамл намуданд, ҳама садои гамангез, садои возеҳу софи нокӯсро, ки гӯё дасти дӯстонае навозишаш карда бошад, шуниданд.

Нокӯс асри он рӯз, субҳи рӯзи баъд ва рӯзҳои дигар ҳам садо дод; ҳар қадар ки лозим буд, занг зад он. Ҳатто чунин ҳам мешуд, ки шабона худ аз худ занг мезад, садоҳои мулойиму кӯтоҳ мебароварду, худо медонад, аз чи буд, ки ба таври ачибу ғариб шодона ба ҷунбиш медаромад. Ҳамаи деҳқононӣ маҳаллӣ яксадо эълом доштанд, ки нокӯсро ҷодӯ кардаанд ва ҳеҷ кас, ба ҷуз кашишу хидматгузори хурди калисо, барои ба бурҷи нокӯсӣ пурасрор наздик шудан ҷуръат намекард.

Дар он ҷо, дар боло, духтари бадбахте дар вахшату танҳоӣ зиндагӣ мекард ва кашишу хидматгузори хурди калисо махфиёна хӯрокаш медоданд.

Духтар то рафтани қушунҳои Олмон дар он ҷо ба сар бурд. Сипас боре шабона кашиш аз хаббоз фойтуни дучархаеро гирифту асирашро худ то посгоҳи Руан бурд. Ҳангоми худоҳофизӣ кашиш вайро бӯсид. Духтар аз фойтун пиёда шуда, ба ҷониби фоҳишахонае, ки кадбонуаш ӯро ҳалокшуда мепиндошт, давон-давон рафт.

Баъд аз гузашти замоне ӯро аз он ҷо инсони ғайри хурофотӣ ва ватанпараст, ки аз амали қаҳрамононаи духтар мафтун шуда буд, озод кард ва дехтар вайро дӯст дошта, ба занӣ гирифт ва ӯ дар хонадорӣ аз шумори бехтарин занхо буд.

ХУШБАХТӢ

Вақти хӯроки шом фаро расида буд, базудӣ бояд чароғҳоро меовардand. Кушк бар фарози баҳр қад афрохта буд. Баъд аз ғурӯби офтоб саросари осмон, ки гӯё ба чеҳрааш гарди тило пошида бошанд, ба сурхӣ гаройида буд. Баҳри Миёназамин бидуни чине, бидуни ҷузъитарин обилае софу ҳамвор ва ҳамчунин дурахшон дар партави рӯзи миранда ба сафҳаи фулузии сайқалдодаи ҳаҷман бекарон шабоҳат дошт. Аз дурдаст, аз самти рост, дар зери ғурӯби арғувонӣ шабаҳи сиёҳи кӯҳҳои дандонадор намоён буданд. Сӯҳбат дар пиромуни ишқу муҳаббат буд, ин мавзӯъи куҳнаро, ки чандин дафъа мавриди баҳс қарор дода буданд, боз ҳам баррасӣ мекарданд. Афсурдагии навозишгари ниматорикӣ суръати суханронихоро мекост, қалбҳоро барикқат меовард ва калимаи «ишқ», ки гоҳ аз забони марди бамовозу гоҳи дигар аз забони зани нозукбаён ҷорӣ мешуд, гӯё саросари ҳуҷраро пур мекард.

- Оё метавон солиёни тулонӣ дӯст дошт?

- Оре, - исрор мекарданд иддае.

- На, - тасдиқ менамуданд дигарон.

Ҳуззор ҳодисоти ҷудогонаеро мавриди арзёбӣ қарор медоданд, мисолҳо меовардand ва ҳамаашон, ҳам мардону ҳам бонувон, ки хотироти ҳаяҷонангез фаро гирифта будашон ва ҳарчанд он ҳама хотирот дар нуки забонашон давр мезаданду давр мезаданд, вале қудрати баёни онҳоро надоштанд, ошкоро барикқат омада буданд ва ба тапиши амиқи қалб, бо таваҷҷуҳи шадид ин мавзӯъи маъмулию волоро мавриди баҳс қарор медоданд, роҷеъ ба иттиҳоди пурасрору самимии ду мавҷуд ҳарф мезаданд. Лекин ногаҳон яке аз мусоҳибон,

чашм ба дурдастҳо лӯхта, хитоб кард:

- Бубинед, дар он ҷо чист?

Дар сатҳи баҳр, дами уфуқ, ҷисми азиму хокистарииранги номаълуме падидор шуд. Занҳо аз ҷо бархостанд ва ба ин падидаи шигифтангезу ҳаргиз дар собиқ надида ҳайратзада нигаристанд.

Яке гуфт:

- Ин Корсика аст. Онро дар ин ҷо дар ҳолати истиснойии ҳаво, вақте замину осмон комилан соф асту уфуқро меҳ зери никоби хеш нагирифта бошад, дар зарфи як сол ду-се бор метавон дид.

Дар он ҷо, дар дурдаст, қуллаи кӯҳҳо падидор буданд, ҳатто мисли ин ки барфи қуллаҳоро дидан мумкин буд. Ҳама аз зуҳури нобаҳангоми ин дунёи воҳид, ин шабаҳи фарози об моту мабҳут шудаю ба ҳаячон омада, сари ҷояшон хушк шуданд. эҳтимол чунин ашбоҳи аҷиб ба онҳое дечор меомаданд, ки мисли Колумб ба баҳрҳои дурдасти таҳқиқнашуда сафар мекарданд.

Ҷаноби солхӯрдае, ки то ин дам хомӯш буд, гуфт:

- Дар ин ҷазира, ки дар пеши чашмони мо чун тимсоли барҷаста ба гуфтаҳоямон мебошаду дар вуҷуди банда низ як хотираи хоссеро бедор кард, камина намунаи беҳтарини ишқи пойдор, ишқи фавқулъода саъодатмандиро дидаам. Инак, гӯш бикунед, ҳикоят мекунам.

Панҷ сол қабл аз Корсика дидан кардам. Ин ҷазираи дастнахӯрда, нисбат ба Амрико, камтар маъруфу бештар дур аст аз мо, ҳарчанд он чун имрӯз дар савоҳили Фаронса ба чашм мерасад. Тасаввур бикунед ҷаҳонеро, ки ҳанӯз ҳам дар вазъияти харчу марчи моқабли таърих қарор дорад, тасаввур бикунед сареъан рӯи ҳам анбошта шудани кӯҳҳоеро, ки дарраҳои танг онҳоро аз ҳам ҷудо кардаанд, даррахое, ки дар бистарашон селобҳои тундхӯ ба пеш метозанд; дар атрофи ҳамворие дида намешавад,

танҳо сахраҳои азимҷуссаю тарҳи кӯҳҳои бузургу маввоҷ, ки бо буттаҳои хашхош ё санавбарзорону булутзорони баланд пӯшида шудаанд, ба чашм мехӯрданд. Ин кишвари хилвату бойир ва дастнахӯрда аст, ҳарчанд гоҳ-гоҳе дар он ҷо рустоҳое, ба мисли тӯдаҳои санги қуллаҳои кӯҳ, дучор меоянд. Аз тамаддуну санъату фарҳанг нишонае нест. Дар он ҷо бо порачӯби ҳаккокишуда, лоақал бо тикаи дурушттарин муҷассамае, ба ҷузъитарин асаре, ки баёнгари шавқу алоқаҳои ҷудогона ё завқи зарифи ниёкони корсикагиҳои имрӯза нисбат ба ашёъи зебою нафис бошад, ҳаргиз барнамехӯрӣ. Бештар аз ҳама дар чунин кишвари зебою сард маҳз ҳамин беалоқагии фитрӣ дар иртибот ба ҷустуҷӯи шаклҳои дилрабою фиребандае, ки санъат даъват мекунад, касро ба ҳайрат мегузорад.

Итолиё, ки дар он ҷо ҳар як қаср пур аз шоҳкориҳост ва худи он ҳам шоҳкори ҳақиқист, ҷоест, ки мармар, чӯб, биринҷӣ, фулузот ва сангҳояш аз нубуғи инсон шаҳодат медиҳанд, ҷоест, ки одитарин ашёъи қадимии дар хонаҳои қадимиаш мавҷуда аз кӯшиши Худоёна нисбат ба зебойию нафосат ҳарф мезананд. Итолиё барои куллияи мо ватани муқаддас аст, ки дӯсташ медорем, чунки он бузургӣ, авҷ, иқтидор ва пирӯзии ақлу хиради офаринандаро ба мо нишон медиҳад ва собит мекунад. Аммо дар паҳлӯи он Корсикаи нообод чун даврани ибтидоиаш боқӣ мондааст. Одам дар он ҷо дар кулбаи худаш умр ба сар мебарад, ба ҳамаи чизе, ки ба зиндагӣ ё низоъҳои оилавиаш марбут нест, дилбастагӣ надорад. Он тамоми каму каср ва шойистагиҳои қабойили бетамаддунро дар худ маҳфуз доштааст: он хашин, хашмгин, хунхор, аммо дар айни ҳол меҳмоннавоз, начиб, содик, сода ва зудбовар аст, омода аст дари худро ба рӯи ҳар роҳгузаре боз бикунад ва ба ҳама гуна ғамхорӣ бо дӯстии устувор ҷавоб бигӯяд.

Инак, ман дар зарфи як моҳ дар ин ҷазираи бошукӯҳ саллона-саллона гаштугузор намудам ва пиндоштам, ки гӯё дар он сари дунё ҳастам. На корвонсарое, на майкадае, на роҳе. Аз пайроҳаҳои аз зарби суми котирҳо лагадмолшуда, то рустоҳои часпида бар бадани шӯххои муртафеъи фарози даррахои морпеч, ки аз он чо шомгоҳон садои муттасил, садои хафифи селоб ба гӯш мерасад, худро мерасонӣ. Дари манзилеро мекӯбӣ. Барои сипарӣ кардани шаб паноҳгоҳ ва то рӯзи дигар хӯрок мехӯрӣ. Ва лаби дастархони сдои шом менишинӣ, зери пӯшиши одӣ мехобӣ ва субҳ дасти соҳибхонаро, ки туро то канори русто бадрақа мекунад, мефишорӣ. Ва инак, боре шомгоҳон, баъд аз роҳпаймойии даҳсоъата ба кулбаи дар қаъри дарраи танге таку танҳо қарордошта дучор омадам, ки тақрибан чаҳору ним километр аз баҳр фосила дошт. Шебҳои бо хашхош пӯшидаи кӯххо, сахрапораҳо ва дарахтҳои баланд, чун ду девори сиёҳ, ин дарраи тангу хамеша ҳузнангезро дар худ фишурда буданд. Дар атрофи кулба боғча ва чандто токи ангур қарор дошт, каме канортар теъдоде аз дарахтони шоҳбулути азим қад афрохта буданд, хулоса, барои чунин кишвари қашшоқ ин сарвати калон ҳисоб мешуд ва василае барои зиндагӣ буд. Манро зани куҳансолу туршрӯ ва покиза, ки дар он манотиқ ба нудрат чунинаш пайдо мешавад, истиқбол кард. Марди рӯи курсии ҳасирӣ нишаста, бархосту таъзимам кард ва сухане нагуфта, мучаддадан сари ҷояш нишаст. Бону ба ман гуфт:

- Лутфан, маъзур доред, вай кар аст. Ҳаштоду ду сол дорад.

Зан ба забони асили фаронсавӣ харф зад. Ман аз ин ба хайрат афтодам. Аз ӯ пурсидам:

- Магар шумо аҳли Корсико нестед?

Зан дар посух гуфт:

- На, мо аз кора. Вале панчоҳ сол мешавад, ки дар ин

ҷо зиндагӣ мекунем. Эҳсоси ҳузновару изтиробомезе ҳастиамро фаро гирифт: панҷоҳ сол дар ин сӯрохии тираю тор, дур аз шаҳрҳои пурнуфус умр ба сар бурдан шӯхӣ нест! Мӯсафеди чӯпон ворид шуд ва ҳама ба пушти миз нишаста, ба хӯрдани шӯрбо шурӯъ кардем, ки хӯроки ягонаи эшон буд. Баъд аз сарфи хӯрок берун баромада, дами даргоҳ нишастам, ба манзараи тира нигоҳ андохтам ва қалбам аз фарти ғаму ғусса фишор хӯрд, ки ҷаҳонгардонро дар баъзе ғурӯбҳои ҳузновар, дар баъзе ҷоҳои ғамангез фаро мегирад. Мисли ин ки ҳама чиз ба нестӣ наздик мешавад – ҳам умри шахсӣ, ҳам умри тамоми дунё. Ногаҳон ба дарки талхии ваҳшатангези ҳастӣ, адами иртиботи ҳамагонӣ, пастии ҳама чизи заминӣ шурӯъ мекунӣ. Пиразан назди ман баромад ва бо кунҷковие, ки ҳатто дар қаъри ҷонҳои бидуни чунучаро таслимшуда нуҳуфтааст, пурсид:

- Яъне шумо аз Фаронса?

- Оре, ман ба хотири лаззат бурдан саёҳат мекунам.

- Шумо сокини Париж?

- На, ман аз Насӣ.

Ба назарам омад, ки ҳаяҷони амиқе вуҷудашро фаро гирифт. Чи тавр инро мутаваҷҷеҳ шудам ва ё эҳсос намудам, худ намедонам. Вай оҳиста такрор кард:

- Шумо аз Насӣ?

Мисли ҳамаи карҳо, бидуни тавақҷуҳе, дами даргоҳ шавҳараш пайдо шуд. Пиразан гуфт:

- Боке не! Вай намешунавад.

Сипас баъд аз лахае идома дод:

- Пас дар Нансӣ шиносҳо ҳам доред?

- Оре, тақрибан ҳамаи сокинони шаҳрро мешиносам.

- Хонаводаи Сант-Аллезро ҳам мешиносед?

- Албатта, аҳли хонадонро хуб мешиносам, онҳо дӯстони падарам буданд.

- Насабатон чист?

Худамро муаррифӣ кардам. Вай бодиққат ба ман нигарист, сипас оҳиста, мисли ин ки чизеро ба хотир меорад, гуфт:

- Оре, ора, дар ёд дорам. Ба Бризмарамҳо чӣ шуд?

- Ҳамаашон фавтидаанд

- Ачиб! Сирмонҳо чӣ? Онҳоро мешинохтед?

- Оре, бародари хурдиашон генерал аст.

Он гоҳ вай аз ҳаячон, аз ғаму ғусса, аз кадом як эҳсоси мубҳаму муқтадир ва муқаддас, аз кадом як эҳтиёҷ ба изҳор намудан, изҳори ҳама чиз, изҳори асроре, ки то кунун дар аъмоқи қалбаш нуҳуфта буданд, андомаш ба ларза афтоду гуфт:

- Оре, Анрӣ де Сирмон. Чи тавр намешинохтаам. Бародари ман аст ӯ.

Ман аз ин ҳарфи ногаҳониаш дастпоча шудаму ба ӯ нигаристам. Ва дафъатан хотирае дар ман бедор шуд. Рӯзгоре ин ҳодиса дар миёни асилзодагони Лотаринга валвалаи сахте барпо кард. Дӯшизаи зебою сарватманди Сюзанна де Сирмон бо унтер-афсари полки гусарҳо, ки падараш фармондеҳи он буд, фирор кард. Сарбози ба духтари фармондеҳаш ошиқшуда, бо вуҷуди деҳқонзодаи одӣ буданаш, ҷавоне зебо буд ва нимтанаи обиранг дар танаш мезебид. Духтар, эҳтимол ҳангоми ба эскадронҳо чашм дӯхтан ӯро дидаю ошиқаш шуда буд. Аммо чӣ тавр тавониста буд бо ҷавонписар ҳамсӯҳбат бишавад, чӣ тавр тавониста буданд мулоқоту изҳори ишқу муҳаббат бикунанд? Чи тавр духтар тасмим гирифта буд ба ӯ бифаҳмонад, ки дӯсташ медорад? Ин ҳамаро касе дониста натавонист. Атрофиён аз чизе гумон набурданд, чизеро аз пеш эҳсос накарданд. Боре шабона сарбоз хидматашро тамом карду ба иттифоқи духтар нопадид шуд. Ононро ҷустанд, вале пайдояшон накарданд. Сюзанна боре ҳам аз худ хабаре надод, бино бар ин ӯро мурда пиндоштанд. Инак, ман бо ӯ дар ин ҷо,

дар ин дарраи гумном, дар ин дарраи дурдаст рӯ ба рӯ шудам. Он гоҳ ман гуфтам:

- Оре, ба ёд овардам. Шумо бону Сюзанна?

Вай бо такон додани сар тасдиқ кард. Қатароти ашк аз гунаҳояш фурӯ рехтанд. Сипас бо нигоҳаш ба пирамард, ки бидуни ҳаракате дар остонаи кулба нишаста буд, ишора карду гуфт:

- Ин ҳамон ҷавон аст.

Ва ман фаҳмидам, ки Сюзанна мисли собиқ ӯро дӯст медорад ва ҳанӯз ҳам дилбастаи мард аст. Пурсидам:

- Оё лоақал шумо хушбахт будед?

Вай бо садое, ки аз аъмоқи қалбаш берун меомад, посух дод:

- О, бале, бисёр хушбахт будам! Вай бароям хушбахтии бузурге ато кард. Боре ҳам аз чизе таъассуф нахӯрдаам.

Аз нерӯмандии ишқ мутаъассиру моту мабҳут ва волаю мафтун шуда, ба ӯ нигаристам. Вай, дӯшизаи сарватманд, аз думболи ин мард, ин деҳқонписар рафт. Худаш ҳам деҳқонзан шуд. Ба зиндагие, ки тиҳӣ аз зебойӣ ва ҷалол, тиҳӣ аз ҳама гуна навъи латофат буд, дамсоз гашт, ба одитарин одатҳои ӯ мутобиқ шуд. Ва ҳануз ҳам ӯро дӯст медошт. Вай марди фақирро ба ҳамсарӣ пазируфт, кулоҳи одии занона ба сару пироҳани катонӣ ба бар кард. Рӯи курсии ҳасирии пушти мизи рангмолинашуда нишаста, аз косаи сафол картошкашӯрбои бегӯшт мехӯрд. Дар паҳлуи шавҳараш боло коҳбистар мехобид. Ба ҷуз шавҳараш ҳаргиз фикри дигаре дар сар надошт! Вай аз барои ҷоҳу ҷалол, ҷавоҳирот, порчаҳои абрешим, курсиҳои мулойим, ҳуҷраҳои хушнакҳати гарму панҷараҳояшон бо пардаҳои гаронқимат оройишёфта, ҳаловати бистари пар, ки тани хастаро дар худ фурӯ мебарад, афсӯс нахӯрдааст. Вай ба чизе ниёз надошт, ба ҷуз шавҳараш,

фақат мехост, ки ӯ дар паҳлӯяш бошад, орзую иштиёқи дигаре надошт.

Ҳанӯз дар овони наврасиаш аз зиндагӣ, аз дунё, аз оне, ки ӯро дӯст медошту ба камол расонида будаш, сарфи назар карда, ба иттифоқи ӯ ба ин дарраи гумном паноҳ оварда. Ва ӯ барояш ҳама чиз буд, ҳама чизе, ки дар зиндагӣ орзу мекунӣ, дар хобу хаёл мебинӣ, пайваста интизораш мешавӣ, беандоза умед мебандӣ. Тамоми умр ҳамроҳи ӯ хушбахттарини бонуҳо буд. Ва тамоми шаб ба нафаскашии гирифтаи сарбози куҳансол, ки рӯи кати муҳаққари худ, паҳлӯи зане, ки думболаашро гирифта, ба ин дурдастҳо омада буд, гӯш дода, рочеъ ба ин ишқу муҳаббати ғайриодӣ, дар бораи ин хушбахтӣ, хушбахтии комилу аз ночизтарин чиз бунёдшуда фикр кардам. Бо тулӯъи офтоб ман дастони зану шавҳари солхӯрдаро фишурда, он чоро такр гуфтам.

Наққол сукут кард. Яке аз ҳуззор изҳори ақида намуд:

- Хуб, идеалаш фавқулъода сода, ниёзмандиҳояш беандоза ибтидоӣ, орзуҳояш хеле одӣ будааст. Танҳо девона ин тавр зиндагӣ карда метавонад.

Дигаре андешамандона гуфт:

- Чӣ чои баҳс аст? Вай хушбахт будааст!

Аз дур, дар дами уфуқ, Корсикаро шаб ба коми худ кашид ва сояи бузургаш бардошта шуд, сояе, ки гӯё махз ба хотири хикоят намудани саргузашти ду дилдодаи маҳҷуб, ки соҳилҳояш эшонро паноҳ дода буданд, зуҳур карда буд.

ГАРСОН, ЯК ЛИВОН ПИВО

Барои Хосе Мария де Эредиа

Чаро он шаб вориди пивохона шудам? Худам ҳам намедонам. Ҳаво сард буд. Аз резаборон гӯё ҳама чизи атрофро меҳи рақиқ дар худ печида буд, пиёдаравҳои гилолуд равшанойии витринаҳоро дар худ инъикос мекарданд.

Ман бидуни ҳадафе саллона-саллона қадам мезадам. Фақат мехостам баъд аз зуҳр каме гардиш бикунам; аз кӯчаи Вивен ва боз аз кадом-як кӯчаи дигаре убур кардам. Ногаҳон чашмам ба пивохонаи бузурге афтод, ки муштариёнаш он қадар зиёд набуданд, аз ин рӯ бидуни ҳадафи муъайяне вориди он шудам. Умуман майли нӯшидан надоштам.

Баъд аз пайдо кардани курсии холӣ дар паҳлӯи марди солхӯрдае, ки чубӯқи арзонқимати сафолии қиргунро дуд мекард, нишастам. Шаш ё ҳафт ливони шишагие, ки дар пешаш қарор доштанд, аз миқдори пивои нӯшидааш шаҳодат медоданд. Ба ҳампаҳлӯям нигоҳ накардам. Дар як он фаҳмидам, ки дар наздам дӯстдори пиво, яке аз он ҳамешаҳозирине нишастааст, ки субҳ ҳангоми боз кардани пивохона меояду шаб замони бастани он меравад. Ӯ чиркину фарқи сараш тос буд; қабзаҳои мӯи равғанию ба сафедӣ гаройидааш рӯи гиребони камзӯлаш афтода буданд. Ба назарам либоси беандоза васеъи танашро ҳанӯз рӯзгори шикамаш калон будан дӯхта буд. Эҳсос мешуд, ки шалвори ноҷӯраш басахтӣ дар танаш истодааст ва даҳ қадам набардошта мачбур мешавад, ки онро боло кашад. Оё дар танаш камзӯлча дошт? Фақат ба ёд овардани кафшҳои пора-пораш танамро меларзонд. Нуки остинҳояш лахт-лахт шуда буданд.

Нишастан замон ҳампаҳлӯям пурсид:
- Чӣ ҳол дорӣ?
Батунҷӣ ба тарафаш баргаштаму чашм ба ӯ духтам.
Вай муҷаддадан пурсид:
- Маро нашинохтӣ?
- Не.
- Де Барре.
Гичу мот шудам. Ин шахс граф Жан де Барре, рафиқи қадимии ҳамколеҷам буд.

Чи гуфтанамро надониста, бо саросемагӣ сӯяш даст дароз кардам ва саранҷом зери лаб гуфтам:

- Ту чӣ ҳол дорӣ?

Вай ҳамон тавр бо лаҳни комилан ором посух дод:

- Ман? Ҳар тавре ки метавонам, зиндагӣ мекунам.

Лаб фурӯ баст ӯ.

Ман дар андешаи пайдо кардани ҷумлае муҳаббатомез афтодам.

- Хуб, ту чӣ кор мекунӣ?

Вай хунсардона ҷавоб дод:

- Охир худат медонӣ-ку.

- Не, маъмулан ба чӣ кор машғул ҳастӣ?

Дуди ғализро фавворо зануниду гуфт:

- Ҳар рӯз як чиз.

Сипас бо сиккаи нукрагӣ ба рӯи тахтаи мармарии миз кӯфту фарёд зад:

- Гарсон, ду ливон пиво!

Садое аз дур такрор кард: «Ду ливон ба чаҳорум!» Ва садои дигаре аз дуртар ҷавоб дод: «Медиҳам!» Сипас пешхидмате бо пешбанди сафед пайдо шуд; вай ду ливон пиворо, ки кафкаш ба рӯи фарши сангрезапӯш мерехт, бардошта овард.

Де Барре бо як дам кашидан ливонро холӣ карду онро рӯи миз гузошта, кафки мӯйлабҳояшро макид.

Сипас пурсид:

- Хуб, ту чикора ҳастӣ?

Ба ростӣ чи гуфтанамро надониста, зери лаб гуфтам:

- Ман тоҷирам, бародар.

Вай бо ҳамон оҳанги беалоқагӣ гуфт:

- Ин шуғлат бароят маъқул аст?

- Не, наметавонам бигӯям, ки маъқул аст. Вале дар ҳар сурат ба коре саргарм бояд шуд.

- Чаро охир?

- Ҳамин тавр... Охир саргармие бояд дошт.

- Охир ин саргармӣ барои чӣ лозим аст? Масалан, ман, чунонки мебинӣ, кор намекунам. Мефаҳмам, ки вақте як пули сиёҳ нест, бояд кор кард. Аммо вақте ки одам пул дорад, ба кор кардан эҳтиёҷ нест... Чаро бояд кор кард? Ту барои худат кор мекунӣ ё барои дигарон? Агар барои худат кор мекунӣ, пас ин ба ту маъқул аст, дар ин сурат хеле хуб аст, лекин агар барои дигарон заҳмат мекашӣ, ин дигар аҳмақист.

Чубӯқашро рӯи тахтаи мармарӣ гузошту боз садо зад:

- Гарсон, як ливон пиво! – ва думболаи суханшро гирифт: - Сӯҳбат ташнаам мекунад. Бале, ман кор намекунам, аз ҳама чиз сарфи назар кардаам. Пеш аз маргам аз чизе афсӯс нахоҳам хӯрд. Ба ҷуз ин пивохона хотироте нахоҳам дошт. На зан дораму на бача, на ташвиши зиндагӣ дораму на Гамею ғуссае, ҳеҷ чиз надорам. Ҳамин тавр зистан хуб аст.

Вай пивои ливонро, ки барояш оварда буданд, то қатраи охирин нӯшид, лабонашро бо забонаш лесид ва боз чубӯқашро ба даст гирифт.

Ба ӯ ҳайратзада нигаристаму сипас гуфтам:

- Охир ту ҳамеша ин тавр набудӣ-ку.

- Не, манро бубахш, ҳамеша ин тавр будам, ҳатто солҳое, ки дар колеҷ таҳсил мекардам, ин тавр будам.

- Ҷонам, охир ин зиндагӣ не. Ин ваҳшат аст, эйтироф бикун: лоақал кореро анҷом медиҳӣ, чизеро дӯст медорӣ?

Дӯстонат ҳастанд ё не?

- Не. Нисфи рӯз аз хоб бармехезаму ба ин ҷо меоям, пиво менӯшам Соъати якуними шаб ба манзил бармегардам, чунки пивохонаро мебанданд, ки ин бароям хуб нест. Аз дах соли охири умрам бештар аз шаш солашро дар ин ҷо, дар болои дивани ин гӯша гузаронидаам. Бақияашро дар тахти хоби манзилам сипарӣ кардам. Бо ҳамешаҳозирони пивохона хеле кам ҳамсӯҳбат мешавам.

- Вақте ки ба Париж омадӣ, дар ибтидо чӣ кор мекардӣ?

- Дар қаҳвахонаи Медича дарси ҳуқуқ мехондам.

- Баъд чӣ?

- Баъд ба ин тарафи Сена кӯч бастаму дар ин ҷо маскан гузидам.

- Ба хотири чӣ чизе ба ин ҷо кӯч бастӣ?

- Охир, вокеъан ҳам, тамоми умр дар маҳалли Лотин зиндагӣ кардан мумкин нест. Дар ҳақиқат донишҷӯён мардуми пургавғоянд. Акнун дигар ба ҷое кӯч намебандам. Гарсон, як ливон пиво!

Ман пиндоштам, ки ӯ бандаро ба масхара гирифтааст, аз ин рӯ кунчковиамро идома додам:

- Бародар, ошкоро эътироф бикун: оё бадбахтиеро аз сар гузаронидайӣ? Аз ишқи зане шикаст хӯрдайӣ? Охир қиёфаат ҳам аз инсони ба бадбахтие мубталошуда шаҳодат медиҳад. Чанд сол дорӣ?

- Сию се сол дорам. Вале зоҳиран ба мардони чиҳилупанҷсола шабоҳат дорам.

Бодиққат ба ӯ нигаристам. Қиёфаи пурчину ожангаш ба қиёфаи пирамардон мушобеҳ буд. Аз лобалои мӯҳои дарози тунукаш пӯсти чиркини сараш ба чашм мехӯрд. Абрӯвонаш барроқу мӯйлабҳояш дарозу ришаш анбӯҳ буданд. Ногаҳон, худ намедонам чаро, пешам тасаввур кардам, ки чи қадар касиф мешавад оби тос агар ҳаман

ин мӯйҳоро дар он шустушӯ бикунанд.

Гуфтамаш:

- Оре, ту зоҳиран аз синну соли аслиат пир ба назар мерасӣ. Бидуни шӯбҳа бадбахтиеро аз сар гузаронидайӣ.

Вай дар ҷавоб гуфт:

- Туро бовар мекунонам, ки бадбахтиеро аз сар нагузаронидаам. Ман аз он сабаб пир шудаам, ки ҳаргиз дар ҳавои соф гардиш намекунам. Ягон нерӯе инсонро ба мисли дар қаҳвахона нишастан заъифу фарсуда намекунад.

Ман ҳеҷ ба ӯ бовар карда наметавонистам.

- Дар ин сурат эҳтимол ту хеле айшу ишрат карда бошӣ? Ҳеҷ имкон надорад, ки дар доми ишқ наафтода, ба ин андоза тос шуда...

Вай оромона сар такон доду аз мӯҳои тунукаш ба рӯи китфонаш сабӯсакҳои сафед рехтанд.

- Не, ман ҳамеша оқил будам.

Ва ба боло ба лӯлаи газ, ки сарҳоямонро гарм мекард, нигариста пасон гуфт:

- Мӯҳои сари ман фақат аз таъсири газ рехтанд. Газ душмани бадтарини мӯи сар аст... Гарсон, як ливон пиво! Ту ҳам менӯшӣ?

- Не, муташаккирам. Воқеъан ту манро дар ҳайрат гузоштӣ. Аз кадом вақт ба ин ҷониб ту ба доми яъсу навмедӣ гирифтор шудӣ? Охир ин хуб не, ғайри табиъист. Бояд сабабе дар миён бошад.

- Оре, дуруст фармудӣ. Дар айёми кӯдакӣ ҳодисаеро аз сар гузаронидам. Ва ин барои ҳамеша зиндагиамро талх кард.

- Чӣ ҳодисае буд он? - Донистан мехоҳӣ? Иҷозат бидеҳ. Эҳтимол ту мулкеро, ки ман дар он ҷо ба камол расидам, хуб дар ёд дошта бошӣ. Охир дар рӯзҳои таътил тақрибан панҷ бор ба он ҷо рафта будӣ. Хонаи бузурги хокистарифому боғи азими атрофи он ва кӯчабоғҳои

тӯлониеро, ки дар хошияҳояшон дарахтони булути шохаҳояшон ба чаҳор тараф дарозшуда қомат афрохта буданд, дар ёд дорӣ? Эҳтимол волидайнамро ҳам, ки бетакаллуфу муваққар ва ҷиддӣ буданд, дар хотир дошта бошӣ.

Ман модарамро мепарастидам, аз падарам каме метарсидам ва ба ҳарду эҳтиром мегузоштам; ба замми ин боз медидам, ки чи тавр одамон дар назди эшон таъзим мекунанд. Барои аҳли ноҳия онҳо «аълоҳазратайн» буданд; оре, ҳамсояҳо ба онҳо бо эҳтироми амиқ муносибат мекарданд.

Дар он рӯзгор сездаҳ сол доштам. Чунонки хосси ин синну сол аст, ҳушҳолу аз ҳама чиз розӣ ва зиндадил будам.

Боре, дар охири моҳи сентябр, пеш аз чанд рӯзи ба колеҷ баргаштанам, машғули гургбозӣ будам ва андаруни боғ, миёни дарахтон ҷастухез менамудам; аз кӯчабоғ ба дав рад шуда, падару модарамро дидам: эшон дар боғ саргарми гардиш буданд.

Ҳамаи қазияро чунон хуб дар ёд дорам, ки гӯё дирӯз рух дода бошад. Ҳар дафъаи шиддат ёфтани бод суфуфи муназзами дарахтон хам мешуданд, садою нола мекарданд, - нолаи хафифу кашида, мисли нолаи ҷангал ҳангоми тӯфон. Баргҳои аз шохаҳо кандашудаю ба зрдӣ гаройида мисли парранда гон парвоз мекарданд, ба замин афтодаю чун ҳайвонҳои чолок дар кӯчабоғҳо медавиданд. Шом фаро мерасид. Андаруни ҷангал ҳаво торик шуда буд. Бод дар шохаҳо девонагӣ мекард, манро музтарибу нороҳат карда буд бод, чун девона ҷастухез менамудаму тақлиди гур карда, сахт зӯза мекашидам.

Волидайнамро дидан замон чун оворагарди ҳақиқии ҷангал пушти дарахтон махфӣ шудаю оҳиста-оҳиста дуздакӣ ба эшон наздик шудан гирифтам.

Вале чанд қадам дуртар аз онхо аз тарс сари чоям

таваккуф кардам. Падарам аз хашу ғазаб инони ихтиёрашро аз даст дода, фарёд зад:

- Модари ту аблаҳ аст, ҳалли масъала ба модарат не, ба ту марбут аст! Ман ба он пулҳо ниёзмандам, аз ин хотир тақозо мекунам, ки ту имзо бикунӣ!

Модарам дар посух қотеъона гуфт:

- Не, имзо намекунам. Пулҳо аз он Жан аст. Ман намегузорам, ки ту пулҳоро бо духтарону хидматкорзанҳо бар бод бидиҳӣ. Тамоми сармояи худро сарфи онҳо кардӣ, дигар бас аст.

Он гоҳ падарам аз хашму ғазаб танаш ларзиду ба тарафи модарам баргашта, бо як даст аз гулӯи ӯ дошту бо дасти дигар бо тамоми қувват ба сару рӯи вай задан гирифт.

Кулоҳи модарам ба замин афтод, мӯҳояш парешон шуданд, ӯ кӯшиш намуд, ки аз зарбаҳо худро муҳофизат бикунад, вале муваффақ нашуд. Ва падарам чун девона пай дар пай зарбаҳо ба ӯ мезад. Модарам бо харду даст сураташро пӯшида, ба замин афтод. Он гоҳ падараш, барои он ки ба сару рӯи вай зарба занад, дастони ӯро канор зада, амалашро идома дод.

Ва ман ... азизам, пиндоштам, ки дунё охир шуду пояҳои устувори ҳастӣ фурӯ рехта, хароб шуданд. Чунонки инсон дар муқобили падидаҳои мофавқи табиъӣ, фоҷиъаҳои даҳшатангез, бадбахтиҳои ислоҳнопазир ба ларза меафтад, манро ҳам танам ба ларза афтода буд. Мағзи кӯдаконаам тира гашта буд. Аз ин ҷиҳат, аз тарсу ваҳшат, аз дарду алам, аз ошуфтагии ғайри қобили баён мисли девонаҳо наъра кашидам. Падарам фарёдҳоямро шунида, баргашту манро дид ва аз замин барҳоста, ба тарафам қадам бардошт. Фикр кардам, ки манро куштан мехоҳад, бино бар ин, айнан мисли дарандаи таъқибшудае, бидуни ташхис додани роҳу пайроҳа, мустақиман ба даруни

ҷангал фирор кардам.

Намедонам, ки як соъат давидам ё ду соъат. Шаб фаро расид, аз тарсу ваҳшат ва ғаму ғуссаи шадид, ки қодир буданд қалби кӯчаку нозукамро, қалби бачагонаамро ба таври ҳамеша хароб бикунанд, гич шудаю тобу тавон аз даст дода, болои алафҳо афтодам. Танам сард шуда буд; эҳтимол гурусна шуда будам. Субҳ дамид. Барои аз ҷоям бархостан, роҳ рафтан,, ба хона баргаштан ва ё ба ҷое фирор кардан тасмим нагирифтам, аз рӯ ба рӯ шудан бо падарам, ки токати диданашро надоштам, метарсидам. Агар манро ҷангалбон намедиду базудӣ ба манзиламон намебурд, эҳтимол дар ҳамон ҳолат дар зери дарахт аз яъсу навмедӣ ҷон ба ҷондор таслим мекардам.

Ман падару модарамро, чунонки мисли ҳамеша буданд, дидам. Фақат модарам гуфт: «Чи қадар манро тарсондӣ, писари манфур, тамоми шабро нахобидам». Ман дар ҷавоб чизе нагуфтаму гиря кардам. Падарам сухане нагуфт.

Баъд аз як ҳафта ба колеҷ баргаштам.

Ва инак, дӯсти азизам, ҳама чиз бароям тамом шуда буд. Ман рӯи дигари ҳаётро, ҷамбаи пинҳонии онро дида будам; аз ҳамон рӯз ба баъд рӯи бехтарини он бароям вуҷуд надошт. Дар рӯҳу чони ман чӣ гузашта буд? Кадом нерӯе тасаввуротамро воруна карда буд? Намедонам. Лекин аз он рӯзгор ба ин ҷониб шавқу завқамро нисбат ба зиндагӣ аз даст додам, чизе намехоҳам, касеро дӯст намедорам, ба чизе иштиёқ надорам ва дар ман на хоҳише ҳасту на орзую умеде ва на шуҳратталабие. Ҳамеша модари дар рӯи замин, дар васати кӯчабог афтодаам ва азрбаҳои пай дар пайи падарам ба сару рӯи ӯ ба хотирам меояд. Моджарам баъд аз чанд сол дунёи фониро падруд гуфт. Падарам ҳанӯз зинда аст. Аммо аз он вакт то ба хол ӯро надидаам.

Гарсон, як ливон пиво!

Барояш як ливон пиво оварданд. Онро якнафас сар кашид. Сипас чубӯқашро бардошт, вале дастонаш чунон шадидан ларзиданд, ки чубӯқ аз дасташ раҳо шуду шикаст. Дасташро бо афсӯс такон доду хитоб кард:

- Ҷин занад! Ин аст бадбахтии ҳақиқӣ! Акнун як моҳи тамом лозима ст, ки чубӯқи навро дуд хӯрондаю созаш бикунам.

Ва дар саросари пивохонаи бузург, ки аз дуду муштариён пур шуда буд, садои дойимии ӯ танинадоз гардид:

- Гарсон, як ливон пиво!.. Чубӯқи нав ҳам биёр!

АСИРОН

Ҷангал сукут ихтиёр кардааст, танҳо садои хиш-хиши ба рӯи дарахтон оҳиста фуруд омадани зарраҳои барф ба гӯш мерасад. Ҳанӯз рӯзона барфи сабуки хушк ба боридан шурӯъ намуда, шохаю баргҳои зард ва роҳу пайроҳаро қабои сафед пӯшонида, бешаро дар сукут маҳкум карда буд.

Дами даргоҳи кулбаи ҷангалбон зани ҷавоне бо остинҳои болозада бо табар кундаҳои ҳезумро пора-пора мекард. Ин дӯзишаи болобаланду хушандом ва қавипайкар духтари ҷангалбон буд.

Андаруни хона садое баланд шуд:

- Бертина, мо шабро танҳо мегузаронем, ба хона даро, ҳаво комилан торик шуд, эҳтимол дар ҷангал гургҳо гаштугузор дошта бошанд.

Духтар кундаро бо зарбаи корӣ пора карду гуфт:

- Модарчон, тамом кардам. Ҳоло меоям, меоям, натарс, ҳанӯз ҳаво равшан аст.

Сипас вай ба даруни хона ҳезуму як дарза шохаҳои хушкида бурд, онҳоро дами оташдон гузошту бори дигар берун рафт, то бодгонаро бубандад, бодгонае, ки аз чӯби булути воҳид буд. Баъдан баргашту ғалақаи дарро андохт.

Модар, пиразани пурчинғу ожанг, ки гузаштӣ солиён тарсӯяш карда буданд, дами оташ нишаста буд.

- Вақте падарат дар хона хузур надорад, нороҳат мешавам, - гуфт пиразан, - магар ду нафар зан кори зиёдеро анчом дода метавонанд?

- Парво накун, дар ҳар сурат гург ё пруссакро паронда метавонам! – ҷавоб дод духтар ва бо нигоҳаш ба тапончаи калоне, ки бар фарози оташдон овезон буд, ишора кард.

Шавҳари зани ҷавонро дар оғози хамлаи пруссакҳо ба сафи артиш бурда будад ва занҳо бо ҷангалбони пир, Никола Пишона, ки лақабаш «Қаддароз» буд, танҳо монданд. Пирамард хонаро тарк карда, ба шаҳр кӯч бастан намехост.

Наздиктарин шаҳр Ретел – қалъаи қадимтарин – дар боло шух қарор дошт. Ин шаҳри меҳанпарастон буд: сокинонаш тасмим гирифтанд ба ғосибон муқовимат нишон бидиҳанд, дар шаҳр махфӣ шуда, аз анъанаи дерини шаҳр пайравӣ намуда, муҳосираро таҳаммул намоянд. То кунун ду дафъа, дар аҳди ҳукумати Ҳенрихи IV ва Людвики XIV, сокинони Ретел бо мудофиъаи қаҳрамононаи худ маъруфият пайдо карда буданд. Ва ҳоло, ҷин занад, онҳо чунин рафтор хоҳанд кард, бигузор ҳатто эшонро дами деворҳои қалъа бисӯзонанд.

Инак, онҳо тӯпу туфанг мехариданд, лашкари ихтиёриро мучаҳҳаз месохтанд, баталону рота ташкил медоданд ва рӯзҳоро батамом дар майдони машқи қалъа бо низом қадам мезаданд. Ҳамаи онҳо, нонвоён, баққолон, қассобон, маъмурони сабти аснод, вакилони мудофеъ, наҷҷорон, китобфурӯшон ва ҳатто дорусозон бо навбат дар соъатҳои таъйиншуда таҳти сарпарастии ҷаноби Лавин – унтер-афсари бознишастаи артиши савора ва дар айни замон соҳиби дукони харрозӣ – тамрин мекарданд.

Ҷаноби Лавин мақоми дижбони қалъаро соҳиб шуд ва чун ҷавонон ба суфуфи артиш рафта буданд, вай тамоми сокинони боқимондаи шаҳрро, ки бо ҷиддият ба дифоъ омода мешуданд, ҷамъ кард. Шикамкалонон дар кӯчаҳо давон-давон роҳ мерафтанд, то лоғар бишаванду аз шарри бемории нафастангӣ раҳойӣ ёбанд, нотавонон бори сангинеро ҳамл мекарданд, то ба азалоташон тақвият бахшанд.

Ва ҳама пруссакҳоро интизорӣ мекашиданд. Аммо

пруссакҳоро сару каллаашон пайдо намешуд. Лекин эшон дар наздик мавқеъ гирифта буданд: ду дафъа мукташафҳояшон аз ҷангал убур карда, то кулбаи ҷангалбон Никола Пишона, ки лақабаш «Қаддароз» буд, наздик шуданд. Ҷангалбони куҳансол, ки мисли рӯбоҳ чолок буд, давида ба шаҳр рафт, то сокинони онро дар ин бора хабардор бикунад. Дар натича сокинон тӯпҳоро ба ҷониби онон равона карданд, вале пруссакҳо пайдо нашуданд.

Кулбаи Қаддароз дар ҷангали Авелин постгоҳи мукаддам башумор мерафт. Пирамард дар арзи ҳафта ду маротиба барои озуқа ба шаҳр мерафт ва ба шаҳриён хабарҳои атрофро мерасонд.

Вай он рӯз рафта буд хабар диҳад, ки парерӯз дар соъати сеи баъд аз зуҳр дастаи нисбатан ками пиёданизоми олмониҳо дар кулбаи ӯ таваққуф кард ва баъд аз чанд лаҳза роҳашро идома дод. Фармондеҳи даста ба забони фаронсавӣ ҳарф мезад.

Пирамард озими шаҳр шуда, аз тарсӣ гургҳо, ки хунхор шуда буданд, ду сагашро, ду саги гургтирашро, ки дахонҳояшон монанди дахони шер буданд, ҳамроҳаш бурд ва ба занҳо амр дод, ки шабона дари хонаро андарун баста ва баъд бихобанд.

Зани чавон аз чизе наметарсид, вале пиразан пайваста ларзида, таъкид мекард:

- Ин окибати хуб надорад, мебинед, фарчоми хуб надорад.

Дар он шаб вай бештар аз хамеша нороҳат шуда буд.

- Падарат кай меояд? – пурсид ӯ.

- Эҳтимол баъд аз соъати дувоздах ояд. Вай хамеша, вақте ҳамроҳи дижбон наҳор мехӯрад, дер меояд.

Зани чавон барои пӯхтани хӯрок деги обро рӯи оташдон гузошту ба садоҳои мубҳаме, ки тавассути дудкаш ба даруни кулба нуфуз мекарданд, гӯш дода, сари чомш мехкӯб шуд.

Вай пичирос зад:

- Мешунавӣ, дар ҷангал гаштугузор доранд... Ҳафт-ҳашт нафар...

Модар чархи нахресиашро мутаваққиф карду оҳиста гуфт:

- Оҳ, худоё, падарат нест-ку!

Ҳанӯз сухани ӯ поён наёфта буд, ки аз зарбаи сахт дар ларзид. Занҳо сукут карданд. Он гоҳ садои баланди ҳалқӣ аз пушти дар бонг зад:

- Эй, боз кунед, вагарна ман дарро мешиканам.

Дар ҳамин вақт Бертина тапончаи калонеро, ки бар фарози оташдон овезон буд, ба ҷайби доманаш харонду гӯш ба дар гузошта, пурсид:

- Кистед?

- Ин ман ҳастам, аз дастаи парерӯза.

- Шумо чӣ мехоҳед? – боз пурсид Бертина.

- Ман бо дастаам ҳанӯз субҳ раҳгум задам. Шумо бояд дарро боз кунед, вагарна ман дарро мешиканам.

Духтари ҷангалбон ба ҷуз ғалакаи дарро ба як тараф задан чораи дигаре надошт. Зани ҷавон дари сангинро боз намуда, дар ниматорикӣ шаш тан аз сарбозони олмониро дид, ки парерӯз омада буданд.

Духтар бо лаҳни қотеъ пурсид:

- Дар ин новақтӣ аз ҷони мо чӣ мехоҳед?

Унтер-афсар такрор кард:

- Ман раҳгум задам, батамом рагум задам ва ман хонаи шуморо шинохтам. Ман аз субҳ то ҳол чизе нахӯрдаам, дастаам ҳам чизе нахӯрдааст.

- Охир ману модарам дар хона танҳо ҳастем, - исрор варзирд Бертина. Сарбоз сулҳҷӯёна посух дод:

- Боке не. Ман шуморо озор намедиҳам, фақат шумо бояд ба мо хӯрок диҳед. Мо ҳоло аз хастагию гуруснагӣ аз по меафтем.

Духтари ҷангалбон худро аз дами дар канор кашид.

- Дароед, - гуфт ӯ.

Сарбозон ворид шуданд, сару танашонро барф пӯшида буд, кулоххояшон ба самбӯсаҳои қаймокӣ шабоҳат доштанд, намоён буд, ки эшон хастаю кӯфта шудаанд, аз тобу тавон афтодаанд.

Духтари чангалбон ба курсиҳои ду тарафи миз ишора кард.

- Нишинед, - гуфт ӯ. – Ман хӯрок мепазам. Дорам мебинам, ки вокеъан ҳам аз тобу тавон афтодаед.

Ва ӯ ғалакаи дарро андохт.

Сипас ба дег об рехт, равғану картошкаро андохт, пораи думбаро ба чангаки фарози оташдон гирифту ба шӯрбо изофа кард.

Шаш тан сарбоз бо чашмони харис муроқиби ҳаракоти ӯ буданд. Онон туфангҳо ва кулоххояшонро канор гузошта, акнун мисли мактаббачаҳои пушти партаҳо гӯшбафармон нишастаю интизорӣ мекашиданд.

Пиразан лаҳза ба лаҳза нигоҳи парешонашро ба сарбозони госиб дӯхтаю боз чархи нахресиашро ба кор андохт. Танҳо садои чарху ҷарак-ҷараки ҳезуми оташдон ва кул-кули шӯрбои дег ба гӯш мерасид.

Вале ногаҳон ҳама аз кадом-як садои ачиби пушти дар, ки ба хур-хури баланди ҳайвони ваҳшие шабоҳат дошт, такон хӯрданд.

Унтер-афсари олмонӣ худро ба тарафи туфангҳо зад. Духтари чангалбон бо имою ишора ӯро нигоҳ дошт.

- Ин садои гургҳо, - табассум карда, гуфт зани чавон. – Онҳо ҳам мисли шумо бо шиками гурусна дар чангал гаштугузор доранд.

Олмонӣ бовар накард, аз рӯ хост эътимод ҳосил бикунад. Ба ҳамин мақсад дарро боз кардан замон ду ҳайвони калони хокистарирангро дид, ки чаҳорҳезанон, бо суръати сареъ по ба фирор гузоштанд.

Олмонӣ сари чоғш баргашту зери лаб гуфт:

- Ман бовар кардан нахостам.

Ва инзори хӯрок шуд.

Онҳо бо ҳирсу валъи тамом, барои фурӯ бурдани лукмаи калонтар, даҳонҳоро боз карда, ба хӯрдан шурӯъ намуданд; чашмонашон ҳам ҳамроҳи даҳонҳояшон боз мешуданду дар гулӯи ҳамаашон оби шӯрбо чун дар новдон садо медод. Ҳарду зан хомӯшона медиданд, ки чи тавр ришҳои қирмизии сарбозон босуръат меларзиданду оби шӯрбо аз лобалои торҳои ларзони ришашон фурӯ мерезад.

Сипас олмониҳо майли нӯшидан карданд, аз ин хотир духтари ҷангалбон барои овардани шароби себ ба сардоба фуромад. Вай дар сардоба маътал шуд. Ин таҳхонаи токдоре буд, ки тибқи ривоят дар замони инқилоб нақши маҳбас ва махфигоҳро бозидааст. Тавассути даричаи гӯшаи ошхона аз тариқи пиллаконҳои морпеч вориди он мешуданд.

Бертина зери лаб хандида, киначӯёна хандида, бозгашт. Вай кӯзаи шароби себро ба олмониҳо дод. Сипас худаш ҳам ҳамроҳи модараш дар гӯшаи дигари ошхона хӯрок хӯрд.

Сарбозон шикамҳояшонро сер карда, дар ҷои нишасташон пинак рафтанд. Гоҳ ба гоҳ яке аз шаш тан пешонӣ ба рӯи миз мезад ва бедор шуда, қоматашро рост мекард.

Бертина ба унтер-афсар мурочиъат намуд:

- Дами оташдон бихобед, эҳтимол ҷо барои шаш нафар кифоят бикунад. Ману модарам ба ҳуҷраи хоби ман мебароем.

Ва ҳарду зан ба табақаи болойӣ баромаданд. Садои бастани дар ба гӯш расид, сипас муддате чанд давуғеҷ карданду саранҷом хомӯш шуданд.

Пруссакҳо шинелҳои худро зери сар гузошта, поҳо ба тарафи оташдон рӯи фарш дароз кашиданд. Базудӣ хоби ҳамаашон бурду бо оҳангҳои гуногун, яке бо оҳанги зери бачагона, дигаре бо оҳанги бам, вале куллигӣ бо оҳанги кашидаю гичқунанда ба хуроккашӣ пардохтанд.

Вақте садои гӯшхароши тир, ки гӯё девори хонаро паронда бошад, танин андохт, сарбозони эҳтимол муддатҳо пеш ғарқи хобшуда, дар як мижа ба ҳам задан аз ҷоҳои худ ҷаҳиданд, вале ҳамон лаҳза боз садои ду тири дигар баланд шуд.

Дари ҳуҷраи табақаи болойӣ бозу духтари ҷангалбон бо похои бараҳнаю либоси тах, бо қиёфаи тарсзада, дар даст шамъ намоён шуд.

- Инҳо фаронсавихо, - питӣ-питӣ кард духтар, - тақрибан дусад нафаранд. - Агар шумоёнро дар ин ҷо бубюинанд, хонаро оташ мезананд. Зуд ба таҳхона фуроед, факат садо набароред. Агар садо бароред, ҳамаамон нобуд мешавем.

Унтер-афсар бо дастпочагӣ оҳиста гуфт:

- Мо рӯзӣ, мо розӣ хастем. Аз кучо бояд ба пойин фуроем?

Зан шитобзада даричаи танги мураббаъро боз кард ва шаш тан олмонӣ, яке аз пушти дигаре аз пиллаконҳои морпеч боэҳтиёт ба таҳхона фуромаданд.

Ба маҳзи гайб задани кулохи охирин, Бертина сарпуши сангини булутии даричаро, ки чун девори захиму фӯлодӣ буд, маҳкам баст, калиди куфли калонро ду бор тоб дод ва барои он ки аз фарти шодӣ бар болои сари махбӯсон нараксад, худро бо захмат даст гирифта, бидуни садо, голибонаю ризоятмандона хандид.

Онҳо таконе намехӯрданд, акнун ба доме афтода буданд, ки танҳо тавассути панҷараи оҳанӣ ҳаво ба он ҷо нуфӯз мекард.

Бертина шитобзада боз оташ афрӯхту дегро болои оташдон гузошт, ки хӯрок пазад. Ӯ зери лаб гуфт:

- Падарам имшаб хаста мешавад.

Сипас ниҳасту интизор шуд. Танҳо раккосаки соъат бо тик-токи мавзунаш сукутро мешикаст.

Зани ҷавон лаҳза ба лаҳза ба акрабаҳои соъат нигоҳ меандохт, нигоҳи бесабронаш гӯё суол мекард: «Чаро

онҳо мехазанд?».

Вале бахудӣ эҳсос намуд, ки дар зери поҳояш пич-пич мекунанд.

Дар зери гунбади хиштӣ гуфтугӯи мубҳам ба гӯш расид. Пруссакҳо пай бурданд, ки онҳоро гӯл задаанд: пас аз андак замоне унтер-афсар аз пиллаконҳои морпеч боло омада, бо муштҳояш сарпӯши даричаро кӯфт.

- Боз кунед! – дод зад ӯ.

Бертина бархосту наздиктар рафта, масхаракунон пурсид:

- Шумо чӣ мехоҳед?

- Боз кунед!

- Агар боз накунам чӣ?

Олмонӣ хашмгин шуд.

- Боз кунед, вагарна ман дарро мешиканам!

Бертина хандаро сар дод:

- Шикан, шикан, ҷонам!

Олмонӣ бо қундоқи туфангаш ба сарпӯши булутии дарича, ки бар фарози сараш баста буд, куфтан гирифт. Вале чунин сарпӯшро ягон зарба шикаста наметавонист.

Духтари ҷангалбон шунид, ки олмонӣ дорад пойин меравад. Сипас сарбозон яке пас аз дигаре боло омаданд, нерӯи худ ва маҳкамии қулфро имтиҳон карданд. Лекин чун бовар ҳосил намуданд, ки ҳама гуна кӯшиш самаре ба бор намеорад, ба таҳхона фуромадаю боз ба маслиҳат пардохтанд. Бертина ибтидо ба онҳо гӯш фаро дод, баъд дари хурӯҷиро боз карду дар торикӣ бодиққат ба атроф гӯш дод. Ба гӯшаш аккоси дурдасти саг расид. Ӯ мисли шикорчиён ҳуштак кашид ва ду саги азимҷусса ҳамон лаҳза аз дили торикӣ берун омаданду хушҳолона худро ба тарафи духтар заданд. Вай ононро аз гарданашон қапид, ки нагурезанд. Баъд аз он бо тамоми нерӯю тавонойиаш фарёд кашид:

- Э-ҳей, падар!

- Э-ҳей, Бертина! – посух дод садое аз дурдаст.

Вай каме сабр карду боз фарёд кашид:

- Э-ҳей, падар!

- Э-ҳей, Бертина! – посух дод садо аз наздик.

- Аз муқобили бодгир нагузар. Дар таҳхона олмониҳор, - ихтор дод духтар.

Ногаҳон аз самти чап андоми пирамард дар васати ду дарахт падидор шуд.

- Олмониҳо дар таҳхона? Онҳо дар он ҷо чӣ мехоҳанд? – изтиробзада пурсид пирамард.

Зани ҷавон хандаро сар дод:

- Онҳо ҳамон сарбозоне мебошанд, ки парерӯз дар ин ҷо буданд. Дар ҷангал рахгум задаанд, ман эшонро ба таҳхона андохтам, ки рӯҳи тоза гиранд.

Ва духтар қазияро аз ибтидо то интиҳо қисса кард: чи тавш аз таппонча оташ гушода, олмониҳоро тарсонид ва дар таҳхона маҳбӯсашон кард.

Пирамард боз ҳам бо абрӯи дарҳамкашида пурсид:

- Акнун ман бо онҳо чӣ кор бикунам?

- Бираву ҷаноби Лавинро бо тамоми дастааш ба ин ҷо биёр. Бигузор ононро ба асорат гирад. Ӯ бешубҳа хушҳол хоҳад шуд! Дар ин асно дар лабони Пишонан кухансол табассум гул андохт:

- Оре, вокеъан ҳам хушҳол мешавад.

- Бифармо, хӯрокатро бихӯру зудтар бирав, - илова кард духтар.

Пирамард ибтидо барои сагҳояш ду коса рӯи фарш гузошту он гоҳ худ пушти миз нишаста, ба хӯрдани хӯрокаш шурӯъ кард.

Олмониҳо бо шунидани садоҳо сукут карданд. Баъд аз понздах лаҳзаи Қаддароз боз раҳсипор шуд. Бертина сарашро ба дастонаш такя дода, интизорӣ кашид.

Асирон боз нороҳат шуданд. Онҳо акнун фарёд мекашиданд, бидуни таваққуф садо мезаданд, бо қудоқи туфанг девонавор ба сарпӯши тазалзуднопазири дарича мекӯфтанд. Эшон андаке сабр карда, ба умеди

он ки агар дастан аз сарбозони олмонӣ дар наздикиҳо бошад, эҳтимол ба додашон бирасад, ба тарафи бодгир оташ гушоданд.

Духтари ҷангалбон сари ҷояш гӯё хушк шуд, аммо доду фарёде, ки олмонихо ба роҳ андохтанд, ӯро ба ҳаячону хашму газаб оварда. Кинаи сахт дар вуҷудаш бедор шуд. Мехост, ки ҳамаи ин разилонро ба қатл бирасонад, то дигар садояшонро нашунавад. Бесабриаш боло мегирифт, чашм аз соъат намеканд, дақиқаҳоро мешумурд.

Аз рафтани падараш якуни соъат сипарӣ шуда буд. Ҳоло ӯ дар шаҳр аст. Гӯё падарашро медид. Ана, ӯ рочеъ ба воқеъаи ба вуқӯъ пайваста ба ҷаноби Лавин ҳикоят мекунад, дижбон аз фарти изтироб рангаш мепарад ва ба хидматкорзан занг мезанад, то либоси низомӣ ва силоҳашро биоварад. Ҳамчунин Бертина гӯё мешунид, ки чи тавр дар кӯчаҳо садри нақора пахш мешавад. Аз панҷараҳо киёфаҳои тарсзада ба чашм мехӯрданд. Сарбозони мардумӣ бо аҷала либос пӯшида, нафасзанон банди шамшерҳояшонро андохта, аз хонаҳо давон-давон берун омада, ба тарафи иқоматгоҳи дижбон мешитобанд.

Сипас дастаи сарбозони мардумӣ аз миёни ғубору теппаҳои барф бо роҳнамойии Қаддароз шитобзада ба сӯи чангал ҳаракат мекунанд.

Бертина чашм аз ақрабаҳои соъат намеканад. «Баъд аз як соъат онҳо дар ин ҷо мешаванд».

Ҳаячони аъсобаш безобита мекард ӯро. Дақиқаҳо тӯл мекашиданд. Чӣ қадапм дигар бояд интизор шуд?

Саранҷом ақрабаҳо тибқи ҳисоби ӯ вақтеро, ки бояд сарбозони мардумӣ меомаданд, нишон доданд.

Бертина бори дигар дарро боз кард, то гӯш фаро диҳад ва бубинад, ки меоянд ё на. Вай сояи боэҳтиёт наздикшавандаро дида, аз тарсу ҳарос якбора дод зад. Он соя падараш буд.

- Манро фиристоданд бифаҳмам, ки тағйироте ҳаст ё на, - гуфт ӯ.

- На, тағйироте нест.

Он гоҳ пирамард дили торикиро бо ҳуштаки тӯлонию шадид шикофт. Ва инак, базудӣ аз миёни дарахтон лаккаи сиёҳе намоён шуд ва тадричан наздик омадан гирифт:

Пирамард ҳар лаҳза такрор мекард:

- Аз наздики бодгир нагузаред.

Ва пешқадамон ба тозарасидаҳо бодгири хатарнокро нишон медоданд. Саранҷом дастаи сарбозони асосӣ, ки теъдодашон дусад нафар буду ҳар яке аз онон дусад тир дошт, намоён шуд.

Ҷаноби Лавин аз ҳаячон ларзида, одамонро чунон ҷо ба ҷо гузошт, ки хона аз чаҳор тарафаш муҳосира шуд: танҳо масоҳати калоне дар муқобили сурохие, ки ҳамсатҳи замин буду аз он ба таҳхона ҳаво нуфӯз мекард, озод монда буд.

Баъд ҷаноби Лавин вориди хона шуд ва аз теъдоду вазъи душман, ки таслими сарнавишт шудаю гӯё ба бухор табдил ёфтаю аз тариқи бодгир ғайб зада буд, огоҳ гашт.

Ҷаноби Лавин бо пояш ба сарпӯши дарича кӯфту садо дод:

- Ҷаноби афсари пруссакҳо!

Олмоний посух надод.

- Ҷаноби афсари пруссакҳо! – такрор кард дижбон.

Ва боз ҳам бенатиҷа. Бист дақиқа тамом вай пруссаки моту мабҳуташро барои бо аслиҳаю мӯйноташ таслим шудан ташвиқ намуда, ваъда дод, ки вай ва сарбозонаш зинда хоҳанд монд. Аммо дар посух ҷузъитарин нишонаи ризоят ё касди душманонаро дарк накард. Вазъият мушкил мешуд. Сарбозони мардумӣ дар болои барф покӯбӣ мекарданд, ба хотири гарм шудан мисли фойтуначиён бо ду даст ба китфонаш мезаданд ва ҳама

ба бодгир менигаристанд ва майлу хоҳиши кӯдаконаи аз муқобили он гузаштан дар вуҷудашон бедор мешуд.

Яке аз онҳо, ки исмаш Подевэну марди хеле чолоке буд, саранҷом ҷуръат пайдо кард. Вай мисли оҳӯ хез бардошту аз муқобили бодгир босуръат гузашт. Таҷрибааш бахубӣ анҷом гирифт. Асирон гӯё мурда буданд.

- Дар он чо ҷондоре нест! – фарёд кашид яке.

Сарбози дигар ҳам аз масоҳати холии муқобили бодгир давон-давон гузашт. Баъд аз он чизе ба мисли бозӣ шурӯъ шуд. Лаҳза ба лаҳза яке бо аҷала аз як гурӯҳ ба тарафи гурӯҳи дигар, монанди бачаҳое, ки аз якдигар пешӣ мегиранд, босуръат медавид ва он гоҳ аз зери поҳо ба чаҳор тараф пораҳои барф парвоз мекарданд. Шаҳриҳо, барои он ки гарм бишаванд, аз шохаҳои хушкида оташ афрӯхтанд ва забонаҳои оташ дар як он ҷуссаи шахсеро, ки аз тарафи рост ба тарафи чап медавид, фурӯғ бахшид.

Яке фарёд кашид:

- Малуазон, навбати ту!

Малуазон хаббози шикамкалон буд, рафиқон ҳамеша шиками ӯро ба масхара мегирифтанд.

Вай дудил шуд. Садоҳои тамасхуромез баланд шуданд. Он гоҳ ӯ ҷуръат ёфту шиками фарбеҳашро такон додаю нафасзанон йурға гирифт.

Сарбозон ба ҳадде хандиданд, ки аз чашмонашон ашк ҷорӣ шуд.

- Офарин, Малуазон, офарин! – дилгармаш карданд.

Вай тақрибан аз се ду қисми роҳро паймуда буд, ки ногаҳон аз бодгир ҷараёни сурхи оташ ба чашм расид.

Садои тир танин андохт ва хаббози фарбеҳ бо доду фарёди вахшиёна ва рӯ болои барф афтод.

Касе ба кӯмаки ӯ нашитофт. Он гоҳ худаш оху нолакунон, бо ду дасту ду по дар рӯи барф гавак кашида, аз минтақаи хатарнок берун омада, аз хуш рафт.

Тир ба қисмати болои ронаш исобат карда буд.

Ба думболи тарсу ҳароси аввалин ғиреви ханда баланд шуд. Вале дар ин лаҳза дар дами даргоҳ дижбон Лавин пайдо шуд. Вай нақшаи ҳучумро таҳия карда буд. Ӯ бо садои баланд бонг зад:

- Сафедгар Планшю бо дастёронаш!

Се нафар чилав баромаданд.

- Тарновҳоро аз хона канед.

Дар арзи понздаҳ дақиқа барои дижбон бист метр лула (труба) оварданд.

Он гоҳ Лавин дастур дод, ки бо ниҳояти эҳтиёт дар канори дарича сӯрохии гирдае дуруст кунанд ва онро ба воситаи тарновҳо ба насоси чоҳ васл намоянд. Сипас бо хушҳолӣ эълом кард:

- Ҳоло мо чанобони олмониро бо об сер мекунем.

Дар чавоб фарёдҳои масарратомези «ура», ғиреви хушҳолона ва хандаҳои осмоншикоф танинандоз гардиданд. Дижбон гурӯҳҳои корӣ ташкил дод, ки боят баъд аз ҳар панч дакика иваз мешуданд. Сипас фармон дод:

- Обро равона кунед!

Фишанги оҳанӣ ба ҳаракат даромад, дар имтидоди тарнов садои шар-шар ба гӯш расиду об ба рӯи зинапояҳои таҳхона сарозер шуд, ки шалаппаси фаввора, шалаппаси ҳавзеро бо моҳиёни зарринтобаш ба ёд меовард.

Ҳама фарчоми ин амалро интизор шуданд.

Як, ду, се соъат гузашт.

Дижбон бо табутоб дар ошхона ба каламзанӣ пардохт, гоҳ-гоҳ гӯшашро ба фарш гузошта, фаҳмидан мехост, ки душман ба чи амале машғул аст, базудӣ таслим шудани ҳаст ё на.

Акнун душман саросема шуда буд. Шунида мешуд, ки чи тавр бушкаҳоро ба ҳаракат медарорад душман, фарёд мезанад ва андаруни об шалап-шалап мекунад.

Тақрибан соъати ҳашти субҳ аз бодгир садое шунида шуд:

- Ман мехоҳам бо ҷаноби афсари фаронсавӣ сӯҳбат бикунам.

Лавин аз панҷара каме сар бароварду ҷавоб дод:

- Шумо таслим мешавед?

- Ман таслим мешавам.

- Пас аслиҳаро супуред.

Худи ҳамон лаҳза аз бодгир ба болои барф як аслиҳа, сипас ду, се ва саранҷом ҳамаи аслиҳаашонро берун партофтанд. Садои қаблӣ изҳор дошт:

- Дигар нест. Базудӣ мемирам. Ман тамоман ғарқ шудам.

- Бас аст! – фармон дод дижбон.

Фишанги насос аз ҳаракат бозмонд. Баъд аз он ки ошхона аз сарбоз пур шуду дижбон амр дод, ки «Омода бошед!», сарпӯши булутии даричаро оҳиста бардоштанд.

Ибтидо чаҳор калла, чаҳор каллаи малламӯй бо муҳои таршуда ва сипас яке пас аз дигаре ҳамаи шаш нафар олмонии аз сармо ларзону таршуда ва тарсзада берун омаданд.

Онҳоро даст гирифтанду бастанд. Ва фавран, ба манзури иҷтиноб аз ҳамлаи ногаҳонӣ, ба ду қатор тақсим шуда, ба роҳ даромаданд: як қатор асиронро ҳамроҳӣ мекарду дигарӣ Малуазонро бо замбар ҳамл менамуд.

Ба Ретел бо пирӯзӣ баргаштанд.

Ҷаноби Лавин барои асир гирифтани пешоҳанги пруссакҳо бо орден ва хаббози шикамкалон барои захмӣ шуданаш дар муҳориба бо медали ҷангӣ мукофотонида шуданд.

БОНУИ ПЕРЛ

Он шаб вокеъан ҳам фикри ачибу ғарибе, фикри бонуи Перлро ба ҳайси шаҳбону интихоб намудан, дар мағзам хутур кард.

Ман ҳар сол иди таъмидро дар манзили дӯсти деринам Шантал мегузаронам. Дар айёми бачагиам падарам, ки дӯсти наздики ӯ буд, манро ба хонаи вай мебурд. Ман ин анъанаро идома додам ва бидуни шӯбҳа то охирин лаҳзаҳои умр, то замоне ки лоақал як тан аз Шантал дар ин дунё бокӣ мемонад, давом хоҳам дод.

Бояд гуфт, ки Шанталҳо ба таври ачибу ғариб умр ба сар мебаранд: дар Париж онҳо ба тарзи сокинони Грасс, Ивето ё Понт-а-Муссон ба сар мебаранд.

Онҳо дар наздики Расадхона, дар хонае бо боғи нисбатан кӯчак зиндагӣ мекунанд. Эшон дар он чо худро чун дар манзилашон, чун дар ноҳия эҳсос менамуданд. Эшон Парижро, Парижи ҳақиқиро намедонанд, дар бораи он тасаввуроти ҷузъӣ хам надоранд, аз он дуранд, фавқулъода дур! Вале баъзе авқот ба Париж мусофират мекунанд, мусофирати тӯлонӣ. Бонуи Шантал, чунонки дар ойила мегуянд, меравад, ки «озӯқа захира бикунад». Ва «озӯқа захира кардан» чунин маъно дорад.

Бонуи Перл, ки калидҳои чевонҳои ошхонаро нигаҳдорӣ мекунад (чевонҳои либос тахти назари худи кадбону аст), мебинад, ки захираи қанд дорад тамом мешавад, консервҳо ба охир расидаанд, андаруни халтае, ки қаҳва нигаҳдорӣ мешавад, чизе боқӣ намондаст. Ва дар ин вакт бонуи Шантал алайҳи гуруснагӣ иқдомот ба амал меоварад: озӯқаи боқимондаро аз назар мегузаронад ва дар дафтарчаи ёддошташ сабт мекунад: вакте ки арқом зиёд чамъ мешаванд, вай ибтидо бо

тамоми ҳастиаш ҳамачониба ҳисоб мекунад, пасон бо бонуи Перл ба баҳси доманадор мепардозад. Саранчом миёнашон мувофиқа ҳосил мешавад ва миқдори дақики озӯқаеро, ки барои се моҳи оянда бояд захира намоянд, таъйин мекунанд: миқдори қанд, биринч, сияҳолӯи хушк, қаҳва, мураббо, қуттиҳои нахуди фарангӣ, лӯбиё, харчаги дарёйӣ, моҳии шӯр ё дудӣ ва ғайра.

Сипас рӯзи харид таъйин карда мешавад; онҳо ба фойтуни якаспа, фойтуни кироя, ки бордонаш дар болояш аст, менишинанд ва ба тарафи дукони баққоли солхӯрда, ба он тарафи пул, ба маҳаллоти нав равона мешаванд.

Бонуи Шантал ва бонуи Перл ин мусофирати асроромезро ҳамроҳ анчом медиҳанду ҳанӯз ҳам аз таконҳои фойтун, ки болояшро аз халтаҳою бастаҳо анбоштаанду гӯё ин фойтун барои ҳамлу нақли бор бошад, ҳаячонзада ва хастаю кӯфта тарафи зуҳр бармегарданд.

Тамоми Париж, ки дар он тарафи Сена қарор дорад, барои Шанталҳо маҳаллоти нав ҳисоб мешавад, яъне маҳаллоте, ки одамони ачибу ғариб, ғавғогар ва на он қадар мӯҳтарам, одамоне, ки рӯзро ба тафреҳоту шабро ба айёшӣ сарф мекунанду пулро бар бод медиҳанд, сукунат доранд. Сарфи назар аз ин ҳама Шанталҳо баъзе авқот духтаронашонро ба театри музҳик ва театри фаронсавӣ мебаранд, дар он сурат мебаранд, ки агар намойишномаро рӯзномае, ки чаноби Шантал мутолиъа мекунад, ситойиш карда бошад.

Дӯшизаҳои Шантал ҳанӯз тамоман чавонанд: яке нӯздаҳ сол дораду дигаре ҳафдаҳ сол; ин дӯшизаҳо зебою қоматбаланд ва ботароватанд, фавқулъода ботарбиятанд, ки вуҷудашонро пай намебарӣ, гӯё эшон арӯсакҳои қашангу малеҳанд. Ҳаргиз дар зиндагиам ба сарам фикри ба дӯшизаҳои Шантал таваҷҷуҳ намудан ва ё бо онҳо ишқбозӣ кардан намеояд; аз онон чунон бӯи

иффат бармехезад, ки шумо бидуни тарсу харос ҷуръати бо эшон забон ба сӯҳбат боз намудан намекунед; хатто бо онҳо салом-алек кардаю густохӣ нишон дода наметавонед.

Падари онҳо инсони ҷаззоб, бисёр босавод, хеле содаю зудбовар ва фавкулъода самимӣ мебошад; вай болотар аз хама чиз осойишу истироҳат ва оромиро кадрдонӣ мекунад ва ба ҳамин хотир хаман кори ба худаш марбутаро анҷом медод, ки аъзои ойилаашро ба одамакҳо табдил диҳад ва ба саликаи худ дар муҳити ором умр ба сар барад. Ӯ зиёд мутолиъа мекунад, бо камоли майл ба сӯҳбат мепардозад, ӯро метавон ба осонӣ ба риққат овард. Адами робита, барҳӯрдҳо, мулоқотҳои мукаррар бо одамон кабати рӯи пӯсти ӯро, қабати рӯи пӯсти дилашро хеле хассос ва латиф карда буданд. Ҳар як чизи беаҳамият, ҳар як харфи пӯч ӯро музтариб мекунад, ба хаячон меоварад ва боъиси дардаш мешавад.

Ва дар ҳар сурат Шанталҳо шиносҳо доранд, ин шиносхо аз миёни ҳамсояҳо хурдагирона баргузида шудаанд, вале теъдоди онон ниҳоят кам аст. Ба ҷуз ин, дар арзи сол Шанталҳо се дафъа бо хешовандоне, ки дур аз онҳо ба сар мебаранд, диду боздид мекунанд.

Ман дар манзили онҳо понздаҳуми август[1] ва дар арафаи Таъмид наҳор мехӯрам. Барои ман ин ҳамон вазифаи ҳатмиест, ки барои католикҳо ширкат варзидан дар иди Писҳост.

Понздаҳуми август Шанталҳо баъзе аз дӯстонашонро даъват мекунанд, вале дар иди Таъмид мехмони ягонаашон ман мебошад.

---

[1] Понздаҳуми август рӯзи мавлуди Наполеони I

II

Инак, имсол ман, мисли ҳамеша, дар арафаи иди Таъмид дар манзили Шанталҳо наҳор хӯрдам.

Ман, чун ҳамеша, бо ҷаноби шантал, бонуи шантал ва бонуи Перл бӯсобӯсӣ кардам ва ба дӯшиза Луиза ва дӯшиза Полина таъзим намудам. Аз ман аз ҳар боб суол карданд: роҷеъ ба ҳаводиси нангин, дар бораи сиёсат, дар мавриди он ки дар мо ба вазъияти Тонкин чи тавр рафтор мекунанд ва дар бораи дипломатҳои мо. Бонуи Шантал, зани фарбеҳ, ки ба назарам тамоми афкораш чун тахтасангҳо мураббаъӣ менамоянд, одат дошт, ки аз ҳама гуна баҳс роҷеъ ба сиёсат чунин натиҷа бигирад: «Ин ҳамаро фарҷомаш хуб нест». Ва чаро, ба ростӣ, ман ҳамеша афкори бонуи Шанталро пеши худ ба шакли мураббаъ тасаввур мекунам? Намедонам, аммо ҳар он чи ки вай мегӯяд, дар тасаввури ман маҳз ин шаклро мегирад, шакли мураббаъро, мураббаъи калонро бо чаҳор гӯшаи мутаносибаш. Ҳастанд одамоне, ки афкорашон ҳамеша дар тасаввури ман мудаввару ғалтон чун ҳалқа. Ҳамин ки чунин одам лаб ба сухан боз кард, афкораш яке думболи дигаре ҷорӣ мешаванд, ғел мезананд ва мебинам, ки даҳ, бист, панҷоҳ афкори мудаввар ва бузургу кӯчак яке аз пушти дигаре то дами уфуқ парвоз мекунанд. Ва боз ҳастанд одамоне, ки афкорашон нӯктезанд... Лекин ин ба ҳикояти банда муносибате надорад.

Мо дар паси миз мисли ҳамеша ҷо гирифтем ва ҳангоми хӯрокхӯрӣ чизе ки қобили ёдоварӣ бошад, иттифоқ наафтод.

Аз ширинихо пирог доданд. Ҳар сол ҷаноби Шантал подшоҳ мешуд. Ман намедонам, ки ин кор тасодуфӣ буд

ё тибқи аҳди хонаводагӣ, лекин танҳо ӯ ҳамеша аз лобалои пораи пироги худ донаи лӯбиёро пайдо мекарду бонуи Шанталро шаҳбону эълом медошт. Ба ин далел ҳам, вақте дар пораи пироги ман чизи сахте ба дандонам бархӯрду кам монда буд, ки онро шиканам, фавқулъода ба ҳайрат афтодам. Ман он чизро оҳиста аз даҳонам берун овардам ва арӯсаки чинии бузургиаш ба андозаи лӯбиёро дидам. Ногаҳон якбора дод задам: «Оҳ! Ҳама ба ман нигаристанд ва оқои Шантал каф кӯфта, бонг зад:

- Зинда бод шоҳ! Зинда бод шоҳ!

Ҳама яксадо чӯр шуданд:

- Зинда бод шоҳ!

Вале ман лолагун шудам – маъмулан одамони то ҳадде дар вазъияти душвор афтода ағлаб авқот бидуни сабаби маълуме ин тавр сурх мешаванд. Ман чашмонамро ба зер андохтаю бо ду ангушт донаи чиниро доштам ва кӯшиши хандидан намуда, чи гуфтану чи карданамро надониста хомӯш мондам, вале дар ин вақт боз ҷаноби Шантал лаб ба сухан гушод:

- Лекин ту бояд шаҳбонуро интихоб бикунӣ.

Инак, дар ин вақт ман комилан дастпоча шудам. Дар як лаҳза гумонҳои зиёде дар магзам хутур карданд. Оё онҳо мехоҳанд, ки яке аз дӯшизаҳои Шанталро интихоб бикунам? Магар ин тариқи маҷбур намудани бандар дар масъалаи интихоб нест? Оё ин кӯшиши боназокату эҳтиёткорона ва махфиёнаи волидайн барои манро ташвиқ ба издивоҷ кардан нест? Фикри издивоҷ ҳамеша дар хонаводаҳое, ки дар онҳо духтарони болиғ ҳастанд, гардиш мекунад ва ҳама гуна шаклу киёфаро ба худ мегирад, бо тамоми василаҳо амалӣ мешавад. Манро тарси беандоза нисбат ба обрӯи худро бурдан ва хиҷолати фавқулъода дар мукобили пуртакаллуфию такаббури шикастнопазири Луиза ва Полина фаро

мегирифт. Бароям интихоб кардани яке аз онҳо, чун аз ду қатра об баргузидани яке, амри мушкиле башумор меомад; ва илова бар ин, фикри он ки тавре шуда худро ба миёни ин қазия наандозам, то бандаро бо кӯмаки чунин услубҳои моҳиронаю номаҳсӯс ва эҳтиётқорона бар хилофи майлу иродаам оромона зан бидиҳанд, ба ваҳшат андохт.

Вале дар ин лаҳза якбора пеши худ тасмим гирифтаму арӯсаки кӯчаки рамзиро ба бонуи Перл дароз кардам. Ибтидо ҳама ҳайрон шуданд, вале баъд, эҳтимол, фурӯтанию назокати манро қадрдонӣ карда, ба таври ҷунуномез каф кӯфтанд.

- Зинда бод шаҳбону! Зинда бод шаҳбону! – дастачамъӣ фарёд заданд ҳама.

Лекин пирдухтари бадбахт бакуллӣ дастпоча шуд; бо садои аз изтиробу ҳаячон ларзонаш гуфт:

- Не... не... не... манро не... хоҳиш мекунам... манро не, хоҳиш мекунам...

Ва дар ин асно бори аввал дар зиндагиям ба духтарбонуи Перл таваҷҷуҳ кардам ва аз худ пурсидам, ки чи сон инсон аст ӯ.

Ман одат кардаам дар ин хона ба ӯ чун ба курсиҳои куҳнае, ки дар овони бачагиат рӯяшон менишинӣ, вале вуҷудашонро ҳаргиз мутаваҷҷеҳ намешавӣ, нигоҳ бикунам. Ва ғайри мунтазира дар яке аз рӯзҳо, бидуни он ки худ бидонӣ аз барои чи, - эҳтимол аз ин ҷиҳат, ки ба рӯят нури офтоб афтодааст, - ногаҳон ба худ мегӯйӣ: «Охир ин чизи ҳавасангез аст!» - ва дармеёбӣ, ки ҳаккокии курсиро наққош анҷом додаасту рӯкашаш олист.

Ман ҳаргиз бонуи Перлро надида будам.

Вай дар хонадони Шанталҳо зиндагӣ мекард, вассалом. Вале чаро? Ва ба хайси кӣ?

Ин пирдухтари болобаланду лоғарандом саъй мекард

ноаён бошад, лекин ба ҳеҷ вачҳ фурӯмоя набуд. Ба ӯ дӯстона, беҳтар аз кадбону, вале бадтар аз хешованд муносибат мекарданд. Ҳоло ман ногаҳон тафовутҳои зиёдеро, ки то кунун тавоҷҷуҳ накарда будам, ба ёд овардам. Бонуи Шантал ба ӯ «Перл» мегуфт, духтаронаш «духтарҳонум Перл» меномидандаш, аммо худи Шантал вайро ба таври одӣ «духтарҳонум» ном мебурд, ки нисбат ба муносибати ҳамсару духтаронаш беэҳтиромонатар буд.

Ман шурӯъ кардам ба тамошои андоми ӯ. Вай чандсола буд? Чиҳилсола? Бале, чиҳилсола. Ин духтари солхӯрда пиразан набуд, аммо худро пир нишон медод. Ман аз ин мушоҳидаи худ ногаҳон моту мабҳут шуда будам. Вай мӯҳояшро ба таври хандаовар шона зада буд, ба таври хандаовар либос пӯшида буд, худро бо зеваролот ба таври хандаовар оройиш дода буд ва бо ин ҳама комилан хандаовар набуд, бисёр чизҳо дар ӯ моломоли назокати сириштӣ, табиъӣ буд, назокате, ки дар вуҷудаш махфӣ ва дақиқан пинҳон шуда буд. Вокеъан ҳам мавҷуди ачибе буд! Ва худ намефаҳмидам, ки чаро то кунун ӯро хубтар барандоз накарда будам? Оройиши мӯяш мисли пиразанҳо нозебу музҳик буд, вале дар зери мӯҳояш, ки ба тарзи Духтари Бокира зинат ёфта буд, пешонии баланду шаффофаш бо ду ожанги амиқ ва чашмони мешию обӣ ва меҳрибон, чашмони шармину тарсӯ, ботавозуъу бисёр қашанг, чашмоне, ки содагии худро, мутаҳаййирии комили кӯдаконаи худро, ҳассосияти ҷавонии худро ва ҳамзамон бо ин, хузни амиқи ниҳонии худро махфуз дошта буданд, ба чашм мехӯрданд.

Чи даҳони қашанге! Ва чи дандонҳои зебое! Вале, ба назарам, ҷуръати табассум кардан надошт.

Ва дар ин лаҳза ӯро бо бонуи Шантал муқойиса кардам. Бонуи Перл бидуни шӯбҳа нисбат ба бонуи

Шантал бехтар буд, сад бор бехтару зарифтар ва начибтару бовикортар буд.

Ин мушоҳидот манро моту мабҳут карданд.

Шароби шампан рехтанд. Ман дастамро бо ҷом ба тарафи шаҳбону дароз кардаму ба саломатии вай нӯшбод гуфтам ва калимаи хушомадомезеро ҳаволааш намудам. Мутаваҷҷеҳ шудам, ки хост сарашро бо дастмол пӯшонад; вақте ӯ шароби тилойифомро каме нӯшид, ҳама фарёд кашиданд: «Шаҳбону менӯшад! Шаҳбону менӯшад!» Ва дар ин вақт лолагун шуд ӯ, гулӯ афшонд. Ҳама хандиданд; вале ман хеле хуб дидам, ки дар ин манзил ҳама вайро бисёр дӯст медоранд.

III

Ба маҳзи тамом шудани зиёфат, Шантал аз зери дасти ман гирифт. Ин лаҳзаҳои муқаддас буданд, лаҳзаҳое, ки ӯ сигара мекашид. Агар танҳо мебуд, барои кашидани сигара ба кӯча мебаромад; агар вақти хӯрокхӯрӣ яке ташриф меовард, ба биллиардхона мерафту ҳангоми бозӣ сигара мекашид. Ин бегоҳ ба хотири ид ҳато биллиардхонаро гарм карда буданд; дӯсти деринам чӯби биллиардашро гирифту бодиққат ба нӯки он табошир молиду сипас гуфт:

- Писарам, ту шурӯъ бикун!

Бояд ёдовар бигавам, ки вай ба ман «ту» гуфт: сарфи назар аз бисту панҷ сол доштанам, ҳанӯз ҳам манро кӯдак мешумурд.

Инак, ман бозиро оғоз кардам; чанд дафъа карамбол задам, чанд бори дигар иштибоҳ кардам, вале афкорам дар мавриди бонуи Перл пайваста дар мағзам сайр мекарданд. Ногаҳон аз ӯ пурсидам:

- Ҷаноби шантал, лутфан бигӯед, бонуи Перл ба шумо хеш мешавад?

Вай фавкулъода ҳайрон шуду бозиро қатъ кард ва ба ман нигарист.

- Ачаб! Магар ту намедонӣ? ба ту саргузашти бонуи Перлро қисса накарда буданд?

- Не.

- Падарат ҳаргиз дар бораи вай ҳикоят накарда буд?

- Не, не.

- Ачаб! Ҳайратангез! Ба ростӣ, фавкулъода ҳайратангез аст! Охир ин мочарои ҳақиқӣ аст!

Вай лаҳзае сукут варзиду боз лаб ба сухан боз кард:

- Кош медонистӣ, ки маҳз дар ин рӯз, дар рӯзи иди таъмид дар ин бора суол карданат чи қадар бароям ачиб аст!

- Чаро ачиб аст?

- Чаро? Инак, гӯш бикун. Дуруст дар ҳамин рӯз, дар рӯзи иди Таъмид, вай чиҳилуяксола, дуруст чиҳилуяксола мешавад. Дар он рӯзгор мо дар назди садди қалъа дар Роюи-ле-Тор ба сар мебурдем; лекин дар ибтидо, барои ин ки ҳама чиз бароят равшан бошад, ман бояд дар бораи манзиламон ба ту ҳикоят бикунам. Роюи дар нишебӣ, саҳеҳтар он ки дар теппае, ки дар доманааш даштҳои бекарон доман густурдаанд, бунёд шудааст. Дар он чо хонаи мо бо боги бисёр зебое қарор дошт. Ҳамин тавр, хона дар шаҳр, дар хиёбон қарор дошту бог дар фарози дашт. Дар бог даричае буд, ки рӯ ба дашт боз мешуд; аз он дарича пиллакони пинҳоние, ки дар баданаи девори захим сохта шуда буд, ба пойин мерафт. Рох ба ин дарича мепайваст, дар дарича нокӯси бузурге овезон буд: дехконон барои он ки чандин бор давр назананд, озӯкаро мустақиман ба он чо меовардand.

Ту ин чохоро пеши худ хуб тасаввур мекунӣ, ҳамин тавр не, магар?

Инак, дар он сол як ҳафтаи тамом пеш аз иди Таъмид барф борид. Гӯё дунё ба охир расида буд. Вакте мо ба

манзури ба дашт нигаристан ба болои теппа баромадем, ҳангоми дидани ин паҳнаи беполёну сафед, комилан сафед, ки гӯё онро лакмолӣ карда буданд, хун дар рагҳоямон мунчамид шуд. Фикр кардан мумкин буд, ки худи парвардигор заминро бастабандӣ кардааст, то онро ба фаромӯшхонаи дунёҳои гумшуда фиристад. Туро бовар мекунонам, ки манзарае ниҳоят андӯҳгин буд.

Он вақт мо ҳама бо ҳам зиндагӣ мекардем ва аъзои ойилаамон низ хеле зиёд буд: падарам, модарам, амакам, ду бародар ва чаҳор духтарамакам, ки дӯшизаҳои хуб буданд; ман духтари хурдиро ба занӣ гирифтам. Аз ҳамаи онон танҳо се тан зиндаанд: ҳамсарам, ман ва келинам, ки дар Марсел ба сар мебарад. Худоё, чи тавр аҳли ойила зуд кам мешавад! Чун дар ин бора фикр мекунам, танам меларзад! Охир дар он рӯзгор понздаҳсола будам, акнун панҷоҳу шаш сол дорам!

Инак, мо ҷамъ омада будем, ки иди Таъмидро тачлил бикунем; мо хушҳол, фавқулъода хушҳол будем! Барои сарфи наҳор дар ҳуҷраи пазиройӣ ҳозир шудем ва дар он вақт бародари бузургам Жак гуфт: «Дах дақиқа мешавад, ки саг дар даршт зӯза мекашад; эҳтимол бечора раҳгум зада бошад».

Ҳанӯз суханашро поён надода буд, ки дар боғ садои нокӯс танин андохт. Нокӯсро садояш мисли зангӯлаҳои калисо, ки шунидан замон беихтиёр ба ёди мурда меафтӣ, гафс буд. Ҳама такон хӯрданд. Падарам хидматкорро садо заду дастур дод, ки бираваду бубинад, ки чи ҳодиса рӯй додааст. Бозгашти ӯро дар сукути маргбор интизор шудем; дар бораи барфе, ки заминро пӯшида буд, фикр кардем. Хидматкор баргашту ба мо итминон дод, ки чизе надидааст. Вале саг пушти сари ҳам зӯза мекашид ва зӯзааш на наздик мешуду на дур.

Ҳарчанд дар паси миз нишаста бошем ҳам, вале музтариб будем, бахусус ҷавонон бештар ба ҳаячон

афтода буданд. Ҳама чиз то лаҳзаи овардани кабоб хуб буд: дар ин вақт нокӯс боз садо дод – яке паси дигаре се зарба, се зарбаи сахт, се зарбаи тӯлонӣ шунида шуд, ки тамоми вуҷудамонро ларзонду нафастангамон кард. Мо чанголҳо дар даст, ба ҳамдигар нигариста, сари ҷоямон хушк шудем ва дар панҷаҳои ваҳшате кушанда афтода, бодиққат гӯш фаро додему гӯш фаро додем.

Саранҷом модарҷонам гуфт: «Ачабо, дафъаи дуввум баъд аз гузашти вақти зиёд занг заданд! Батист, ба он ҷо танҳо наравед, ҳамроҳатон яке аз окоён меравад».

Аз пушти миз амаки Франсуа бархост. Ӯ мисли Геркулеси ҳақиқӣ буд; аз нерӯмандии худ хеле ифтихор мекард ва аз чизе наметарсид. Падарам ба ӯ гуфт: «Туфангро бо худ бигир. Кӣ медонад, ки дар он ҷо чист?»

Вале амакам фақат асоро гирифту ба иттифоки хидматкор аз дар хориҷ шуд.

Ва мо аз тарсу ваҳшат ва ҳаяҷону изтироб лаб фурӯ бастаю такон нахӯрда, сари «ҷоямон нишастем. Падарам саъй намуд моро ором кунад. «Ҳоло хоҳед дид, ки вай ё гадо аст ё рохгузаре, ки дар барфтӯдахо рахгум задааст, - гуфт ӯ. – Вай занг зад, дил, ки касе дарро боз накард, кӯшиш намуд, роҳро пайдо бикунад, вале фахмид, ки илочнопазир аст, аз ин ӯ ба назди даричаи мо баргашт».

Ба назарам омад, ки як соъат гузашт, вале амакам барнагаштааст. Билахира вай омад. «Ҷин занад, дар он ҷо ҷондоре нест! Ба назарам яке дорад бо мо шӯхӣ мекунад! Ба ҷуз саги лаънатӣ, ки сад метр дуртар аз девор зӯза мекашад, каси дигаре ба чашм намехӯрад! Агар туфангро ҳамроҳ мебурдам, сагро мепарондам, садояшро дар гулӯяш хафа мекардам!» - девонавор дашном доду.

Мо боз машғули хӯрдан шудем, вале гашвишу изтиоб таркамон накард: эҳсос мекардем, ки ин охири кор нест,

бояд боз ҳодисае ба вуқӯъ мепайвандаду нокӯс низ ҳозир мучаддадан садо диҳад.

Ва вақте ки модарҷон ба буридани пироги ҷашнӣ шурӯъ намуд, ҳамон лаҳза нокӯс ҳам занг зад. Мардҳо, ҳама ба иттифоқи ҳам, бархостанд. Амаки Франсуа, ки шароби шампанро дам кашида буд, эълон намуд, ки «вай»-ро мекушад, чунон бо ғазаб эълон намуд, ки модарҷону холаам, барои ӯро ором кардан, худро ба тарафаш заданд. Падарам, марди хеле орому ҳатто то андозае нотавон (боре аз асп афтода, пояшро шикаста буд ва то кунун каме мелангид), акнун изҳор дошт, ки мехоҳад бидонад, ки чи ҳодиса рух додааст, аз ин рӯ ҳамроҳи амакам меравад. Бародаронам, ки яке дар он рӯзгор ҳаждаҳ солу дигаре бист сол дошт, барои туфанг шитофтанг; ба ман таваҷҷуҳе накарданд, вале ман туфанги сочмаро бардоштаму тасмим гирифтам, ки ба гурӯҳ мулҳақ бишавам.

Мо базудӣ равона шудем. Пешопеш падараму амакам бо раҳнамойии Батист, ки фонӯсро бардошта мебурд, ҳаракат мекарданд, аз пушти онон бародаронам Жак ва Пол қадам мезаданд ва аз ақиби ҳама, сарфи назар аз хоҳишҳои пайвастаи модарам, ки ҳамроҳи хоҳараш ва духтарамакҳоям дами остона истода буд, ман роҳ мепаймудам.

Як соъат қабл аз ин қазия боз барф борида, дарахтонро хилъати сафед пӯшонида буд. Санавбарҳое, ки ба аҳроми сафед мушобеҳ шуда буданд, дар зери сангинии ин пӯшиши сафед хам хӯрда буданд; аз миёни лахтаҳои хурду бо суръат фурӯдоянда буттаҳои борике, ки дар торикӣ комилан сафед ба чашм мерасиданд, басахтӣ дида мешуданд. Барф ба андозае зиёд борида буд, ки дар фосилаи даҳ қадам чизе ба назар намерасид. Лекин фонӯс пеши поямонро хуб равшан мекард.

Вақте мо аз пиллакони морпеч, ки дар бадани девор

сохта шуда буд, пойин мерафтем, бояд эътироф бикунам, ки тарсидам. Ба назарам омад, ки аз пуштам касе меояд, ҳол ҳозир касе аз китфам меқападу мерабоядам. Мехостам, ки баргардам, вале барои ин кор мачбур будам мучаддадан боғро убур бикунам, ки ҷасоратам кофӣ набуд.

Содои боз шудани даричаро, ки рӯ ба дашт кушода мешуд, шунидам; амакам боз ба дашном додан шурӯъ кард: «Вай боз гурехт, шайтон занадаш! Агар дучорам ойӣ, дигар гирам хато намехӯрад, падарлаънат!».

Ба дашт нигаристан ва ё агар дакиқтар бигӯем, ҳадс задан, ки вай дар ҷмлави туст, ваҳшатангез буд: охир ва ба чашм намехӯрд; танҳо ҳичоби барфии беинтиҳо дар боло, дар пойин, дар ҷилав, дар чапу рост, ба ҳар кучо ки нигарӣ, дида мешуд.

«Боз зӯза мекашад саг! Чи чора, ҳоло нишонаш медиҳам, ки чи тавр мепаронам! Кош чашмам ба чашмаш афтад!» - бори дигар садои амакамро шунидам.

Лекин дар ин вақт садои падари мехрибонам ба гӯшам расид: «Бехтар аст биравему ҳайвонаки бечараро ба хона бибарем, охир вай аз гуруснагӣ зӯза мекашад. Саги бадбахт ба ёрӣ даъват мекунад, муроҷиъати вай ба мо аст, вай ҳам чун инсоне, ки бадбахтӣ гиребонгираш шудаасту аз касе кӯмак мехоҳад, ба мо рӯи ниёз овардааст. Ба наздаш меравем».

Ва мо аз миёни ҳичоби барфӣ, дар зери ин барфи сахт, аз лобалои ин кафки ҷунбонаку ноустувор, афтандаю обшаванда, танро сардкунандаю ларзонанда, ҳам шабу ҳам ҳаворо дар худ фурубурда, ба рох афтодем.

Мо то зонӯ дар хамири сарду мулойим фуру мерафтем; барои он ки каламе ба пеш бардорем, мачбур будем поро баланд кунем. Ҳар кадар ки чилав мерафтем, зӯкаи саг ҳам возехтар шунида мешуду баландтар садо мелод. Ногаҳон амакам дод зад: «Ана вай!». Ҳама

таваққуф намудем, то сагро бубинем, чунонки шабона душманро дида чунин мекунанд.

Ман аслан чизеро намедидам, вале дар ҳар сурат ба бузургсолон расидаму ба саг, ки гӯё мавҷуде ваҳшатзою ачибу ғариб буд, нигаристам. Вай саги чӯпонии сиёҳу азимҷуссае буд бо пашми дарозу пӯзаи гургӣ, ки дар охири хатти борики нур, хатте, ки фонӯси мо дар болои барф кашида буд, қарор дошт. Саг такон намехӯрд; вай хомӯш шуда буд ва танҳо ба мо менигарист.

«Ачаб, вай ба мо наздик намешавад ва аз мо фирор ҳам намекунад. Бисёр мехоҳам, ки бо як тир ҷонашро таслими ҷондор бикунам» - гуфт амакам.

«Не, вайро бояд ҳамроҳи худ бибарем», - ба таври қатъӣ мухолифат кард ба ӯ падарам.

Ва бародарам Жак изҳор дошт: «Охир вай танҳо нест! Дар паҳлуяш чизи дигаре низ қарор дорад».

Воқеъан ҳам як чизи хокистарангии ғайри қобили ташхис дар паси саг қаролр дошт. Ҳама боэҳтиёт пеш рафтем.

Чун саг мутаваҷҷеҳ шуд, ки ба вай наздик мешавем, сари ҷояш нишаст. Маълум шуд, ки вай бакуллӣ бадхулқ набудааст. Мисли ин ки ҳайвонак аз омадани одамон хеле розӣ буд.

Падарам мустақиман ба назди саг рафту навозиаш кард. Саг дум такон дод ва дар ин лаҳза мо дидем, ки вай ба чархи аробачаи бачагона, ки ба бозича шабоҳат дошту бо чандин кампали пашмӣ печида шуда буд, баста шудааст. Яке аз мо боэҳтиёт кампалҳоро боз кард ва ҳангоме ки Батист фонӯсро ба даричаи аробача, ки лонаи кӯчаки рӯи чарзҳоро ёдоварӣ мекард, наздик овард, мо андаруни он кӯдаки хобидаеро дидем.

Ба андозае моту мабҳут шуда будем, ки сухане ба забон оварда натавонистем. Ибтидо падарам ба худ омад ва азбаски ӯ инсони хайрхоҳу гузашта аз ин каме

эҳсосотӣ буд, дасташро рӯи аробача гузошту гуфт: «Тифли бадбахт! Мо туро ҳамроҳи худ мебарем!». Ва ба Жак амр дод, ки бозёфтро пешопеши ҳама ба сӯи хона ҳамл диҳад.

Баъд аз лаҳзае падарам боз бо садои баланд ба забон омад: «Ин зодаи ишқ аст; модари бадбахт дар арафаи иди Таъмид шабона занги дари хонаи моро ба садо даровард ва маҳзи хотири Исо аз мо раҳму шафқат хост».

Вай сар баланд карду чашмонашро ба осмони шабона дӯхт, баъд таваккуф намуду бо тамоми неруяш ба чахор тараф чаҳор бор фарёд зад: «Мо тифлро гирифтем!». Сипас дасташро рӯи китфи бародараш гузошту дар бехи гӯшаш гуфт: «Франсуа! Агар ту сагро мепарондӣ, фарҷомаш чӣ мешуд?».

Амакам чизе нагуфту дар торикӣ салиб кашид: сарфи назар аз ҳама гуна лофзаниҳояш вай марде мазҳабӣ буд.

Сагро раҳо карданд, вай думболаи моро гирифт.

Худоё, чи қадар масарратбахш буд лаҳазоти ба хона баргаштанамон! Ҳарчанд бароямон аробачаро аз пиллакони баданаи девор боло бурдан мушкил афтода буд, вале саранҷом онро хай карда, мустақиман ба дахлез бурдем.

Чи қадар хандаовар, ки қадар хушҳол ва чи қадар саросема буд модарам! Чаҳор духтарамакам, ки ҳанӯз тамоман кӯчак буданду хурдиашон ҳамагӣ шаш сол дошт, ба чаҳор кабкчӯчае ки дар атрофи лонааш ҷастухез мекарданд, шабоҳат доштанд.

Саранҷом тифлаки ҳанӯз ҳам ғарқи хобро аз аробача берун гирифтанд. Маълум шуд, ки тифл духтарбача будааст ва тақрибан якуниммоҳа аст. Аз миёни либосҳои тифл дах ҳазор франки тило, оре, оре, пеши худ тасаввур мекунӣ, дах ҳазор франк пайдо карданд! Падарам пулҳоро барои чиҳозаш дар бонк гузошт. Ин тифлак ба

фарзанди фақирон шабоҳате надошт... Ба эҳтимолӣ кулли духтари асилзодае ва зани одие аз шаҳри мо буд ... ва шояд ... Хулоса, фарзиёти мухталифи зиёде кардем, вале ҳеҷ вақт ҳақиқатро дарнаёфтем... Оре, ҳеҷ вақт... Ҳеҷ вақт... Бале, сагро ҳам дар минтақаҳои мо касе нашинохт. Вай саги бегона буд. Ҳар тавр ки бошад, ин ё оне, ки се бор занги дарамонро зад, падару модарамро хуб мешинохт, зеро агар намешинохт, манзили моро интихоб намекард.

Инак, ҳамин тавр, якуним моҳ дошт, ки бонуи Перл дар манзили Шанталҳо пайдо шуд.

Вале ӯро хеле баъдтар «духтарҳонум Перл» лақаб доданд. Лекин ҳангоми ғусли таъмид исмашро Мари-Симона-Клер гузоштанд, зимнан номи Клер бояд дар отия исми хонаводагиаш мешуд.

Росташро бихоҳед, бозгашти мо ба ошхона бо тифли аз хоб бедоршуда, ки ба одамону чароғҳо бо чашмакони обии тарсзадааш менигарист, аз гӯшаю канор метавонист фавқулъода аҷиб ба назар бирасад.

Мо муҷадддадан пушти миз нишастем ва ҳар яке ҳиссаи пироги худро соҳиб шуд. Шоҳӣ насиби ман гашт ва ман бону Перлро шаҳбону интихоб намудам, чунонки ту имрӯз ҳамин корро кардӣ. Танҳо гумон намеравад вай дар он рӯз фаҳмида бошад, ки ӯ ба чи эҳтироме насиб шуда буд.

Духтаракро дар хонадони мо пазируфтаю тарбият карданд. Солҳо сипарӣ шуданд; духтарак ба камол расид. Вай зебою меҳрибон ва фармонбардор буд. Ҳама дӯсташ медоштанд ва эҳтимол, агар модарам монеъ намешуд, ӯро фавқулъода нозпарварда мекарданд.

Модарам расму одат ва тартиботи дарачаю мартабаҳои табақотиро сахт муроъот мекард. Вай розӣ буд, ки ба Клер чунин муносибат бикунад, ки ба фарзандонаш мекунад, лекин лозим намедонсит, ки фосилаи таъйиншудаи байни мо заррае ҳам кӯтоҳ шавад,

то мавқеъияти духтарак дар ойила комилан дақик таъйин бошад.

Ва инак, ба маҳзи ин ки вай андаке калон шуда, қобилияти дарки баъзе чизҳоро пайдо кард, модарам саргузашти ӯро қисса намуда, хеле боназокат ва ҳатто банармӣ талқинаш кард, ки вай духтари ӯ нест, балки духтархондааш аст ва агар ҳақиқатро гӯем, вай дар ойилаи Шанталҳо бегона аст.

Клер мавқеъияти худро дарк намуда, ба таври ҳайратовар оқилона ва муъбъаддабона рафтор мекард: вай он мақомеро, ки барояш таъйин карда буданд, тавониста буд бо ниҳояти хушқалбии самимона, бетакаллуфона ва бо ҳассосият ишғол бикунад ва маҳфуз дорад, ки дар натича падарам борҳо бариққат омадаю ашк рехта буд.

Оре, модарам ҳам аз сипосгузории боҳарорату кадом-як дилбастагии хуҷулонаи ин мавҷуди дилрабою меҳрибон ба андозае бариққат омад, ки минбаъд Клерро «духтарам» гуфта, ном бурд.

Баъзе авқот, вақте ки духтар меҳрибонӣ ё назокати фавқулъода зоҳир мекард, модарам айнакашро ба пешонӣ бардошта, такроран мегуфт: «Не, ин тифлак воқеъан ҳам марворид аст, марвориди асил аст!». Ин лақаб ба Клери кӯчак пайванд шуд ва ӯ чунонки буд, ҳамон тавр барои мо «духтарҳонум Перл», яъне духтарҳонум Марворид» боқӣ монд.

IV

Ҷаноби Шантал лаб фурӯ баст. Вай рӯи мили биллиард нишасту похояшро такон дод; бо дасти чапаш саккои биллиардро фишурду бо дасти росташ латтаеро, ки мо бо он навиштаҷоти тахтасанги лавҳаро пок

мекардем ва онро «латтаи табошир» меномидем, кашид. Ӯ андаке лолагун шуд, дар дарёи хотироташ ғӯта хӯрд ва акнун бо садои хафиф худ ба худ ҳарф зад ва дар гузаштаи дураш, дар миёни ҳодисоте, ки муддатҳо пеш ба вуқӯъ пайвастаю ҳол ҳозир дар ҳофизааш зуҳур карда буданд, ба гардиш пардохт. Ҳамин тавр мо дар боғи истироҳати қадимии ачдодӣ, ки дар он чо бузург шудему ҳар як дарахташ, ҳар як пайраҳааш, ҳар як буттааш, яъне ҳам баргҳои хордораш, ҳам буттаҳои хушбӯяш, ҳар зарнабаш, ҳам меваҳои сурхи обдораш, ки ба ангуштонамон мечаспанд, сайругашт намуда, сари ҳар қадам ягон чизи хурде аз гузашта, яке аз он чизҳои ҷузъӣ, вале чизе, ки ба дил азиз аст, чизе, ки асосу моҳияти зиндагии моро бунёд мегузорад, дар мағзамон зинда мешуд.

Ман такя ба девор зада, чӯби биллиардбозиро муттакон карда, дар рӯ ба рӯи ӯ истодам.

Вай дақиқае сукут ихтиёр намуду думболаи ҳарфашро таъқиб кард:

- Худо, чи қадар қашангу зебо буд дар синни ҳаждаҳсолагиаш!.. Чи қадар хушандом!.. Чи қадар дилрабо!.. Оре, дилрабо... дилрабо... дилрабо... ва меҳрибон... ва начиб... Духтари фавқулъода зебо!.. Ва чашмонаш... чашмонаш осмонӣ... шаффоф... дурахшон... буданд. Чунин чашмонро дигар ҳеҷ вақт надидам... Ҳеҷ вақт!..

Вай боз муҳри хомӯшӣ рӯи лабонаш ниҳод. Ман пурсидам:

- Чаро вай шавҳар накард?

Вай на ба ман, балки ба ибораи «шавҳар накард», ки ба гӯшаш расида буд, посух дод:

- Чаро? Чаро? Барои он ки нахост... нахост. Охир сӣ ҳазор ҷиҳоз дошт, аз ин ҷиҳат ҳам ба вай чандин дафъа пешниҳоди издивоҷ карданд... Лекин ӯ нахост! Маълум

нест, ки ба чи иллат вай дилтанг мешуд. Махсусан, дилтангиаш дар он вақт буд, ки ман бо духтари амакам, бо Шарлотаи хурдак, бо ҳамсари кунуниам, ки шаш соли тамом номзадаш будам, издивоҷ кардам.

Ман ба Шантал нигаристам ва ба назарам омад, ки ба қалбаш нуфуз кардаам, ғайри мунтазира ба яке аз он фоҷиъаҳои ҷонгудоз, ки дар дилҳои начиб, дар дилҳои пок, дар дилҳои бекина, дар он дилҳои роздору ғайри қобили нуфуз сурат мегиранду чунинашро ҳеҷ кас, ҳатто онҳое намедонанд, ки қурбонию мутеъи онон шудаанд, рах ёфтаам.

Вай ғайри чашмдошт кунҷковии густохонаам таҳрик шуду гуфтам:

- Ҷаноби Шантал, шумо бояд ин духтарҳонумро ба занӣ мегирифтед!

Вай такон хӯрду ба ман хира шуд.

- Ман? Киро бояд ба занӣ мегирифтам? – пурсид ӯ.

- Бонуи Перлро.

- Бонуи Перлро? Чаро охир?

- Барои он ки шумо ӯро бештар аз духтари амакатон дӯст медоштед.

Вай ба ман бо чашмони тарсзадаю ачибу ғариб ва гирдаш нигарист.

- Чӣ? Ман ӯро дӯст медоштам?.. Ман?.. Ба ту кӣ гуфт? – гуфт ӯ.

- Бало занад, охир ин комилан равшан аст!.. Охир маҳз ба хотири ӯ шумо издивоҷатонро бо духтари амакатон, ки шаш соли тамом шуморо интизор шуд, пайваста ба таъхир меандохтед!

Саккоро, ки дар дасти чапаш дошта буд, ба замин афтонд, бо харду даст «латтаи табошир»-ро дошту бо он рӯяшро пӯшида, зор-зор гирист. Ба таври таскиннопазир ва дар айни ҳол хандаовар гирист: ҳам аз чашмонаму ҳам аз биниаш ва ҳам аз дахонаш об

мерехт. Вай месурфид, туф меандохт, оби биниашро бо «латтаи табошир» мегирифт, чашмонашро пок мекард, атса мезад ва боз аз тамоми сӯохиҳои рӯяш об мерехт ва гулӯяш чунон қул-қул мекард, ки кас мепиндошт гӯё онро ғарғара мекунад. Мани тарсидаю хиҷолатзада гурехтан хостам; чи гуфтану чи кор кардан ва чи иқдом ба амал оварданамро намедонистам. Ғайри мунтазира аз зинапояҳо садои бонуи Шантал ба гӯш расид:

- Кай сигорашиатонро тамом мекунед?

Ман дарро боз кардаму фарёд задам:

- Ҳа, ҳа, бону, ҳоло мефуроем!

Пасон худро ба тарафи шавҳараш задаму аз оринҷаш гирифтам.

- Ҷаноби шантал, дӯстам Шантал, ба ҳарфам гӯш диҳед: ҳамсаратон шуморо даъват мекунад, ором шавед, ҳар чи зудтар ором шавед; вақти ба пойин фуромадан фаро расид; ором шавед!

- Оре, оре,.. ҳоло меравам... Духтари бечора!.. Ҳоло меравам... Ба Шарлотта гӯед, ки ҳоло меоям, - зери лаб гуфт вай.

Ва ӯ шуруъ намуд ба пок кардани рӯяш бо латтае, ки дар зарфи се сол бо он навиштаҷоти тахтасанги лавҳро пок мекарданд. Саранҷом, вақте ки латтаро ба канор гузошт, нисфи рӯяш сафеду нисфи дигараш сурх буд; пешонӣ, бинӣ, гунаҳо ва занаҳдонаш аз табошир андуда шудаю чашмони варамидааш ҳанӯз ҳам моломоли ашк буданд.

Ман Шанталро аз дасташ гирифтаму ба ҳуҷрааш бурдам.

- Ҷаноби Шантал, лутфан, манро бубахшед, ки озоратон додам... Охир ман намедонистам... Шумо... шумо мефаҳмед... - роҳравон оҳиста гуфтам ман.

Вай дасти манро фишурд.

- Оре, оре... Лаҳзаҳои сахт ҳам пеш меоянд...

Вай сураташро ба оби тос фуру бурд, лекин баъд аз шустушӯ ҳам, чунонки ба назарам расид, киёфааш ба таври бояду шояд ботамкин набуд, аз ин хотир тасмим гирифтам, ки маккории безарареро мавриди истифода қарор бидиҳам. Чун дидам, ки бо ташвишу изтироб худро дар ойина нигоҳ мекунад, гуфтам:

- Бигӯед, ки ба чашматон хас афтод, ин одитарин далел аст. Дар ин сурат шумо метавонед дар ҳузури ҳама ҳар қадар ки хоҳед, гиря бикунед.

Воқеъан ҳам вай пойин фуромаду ба пок кардани чашмонаш бо дастмол шурӯъ намуд. Ҳама ба ташвиш афтоданд; ҳар яке кумаки худро барои берун кашидани хаси даруни чашми ӯ, ки касе онро пайдо накард, пешниҳод намуд, ҳама аз ин қабил пешомадҳо, ки баъзан авқот мӯчиби ба пизишк мурочиъат намудан шудааст, ҳикоят намуданд.

Ман паҳлӯи бонуи Перл нишастам ва бо кунҷковии ҳарисона, кунҷковии шиканҷазо ба ӯ чашм дӯхтам. Дар воқеъ замоне вай, бидуни шак, бисёр зебо будааст; чашмонаш чунон ҳалим, чунон калон, чунон дурахшон ва чунон васеъ боз буданд, ки гӯё чун мавҷудоти фонии дигар ононро ҳаргиз намебандад. Вале пироҳани танаш, пироҳани хосси пирдухтар фавқулъода хандаовар буд; ҳарчанд ки ин пироҳан зоҳирашро зишт намекард, вале аз ҷазобияташ мекост.

Ба назарам меояд, ки асрори қалби ӯро ба осонӣ дармеёбам, чунонки чанд дақика пеш асрори дили Шанталро дарёфта будам, ба назарам меомад, ки саросари зиндагиаш, зиндагии орому одӣ ва филокоронааш аз огоз то анҷом аз пеши чашмонам мегузарад; лекин ман ноғаҳон муковиматнопазири аз ӯ суол кардану донистани онро, ки оё вай ӯро дӯст медошт, мисли ӯ дуст медошт, оё вай мисли ӯ азоби тӯлониюи пинҳонӣ ва ҷонгудоз, азобе, ки касе намебинад, касе

намедонад, касе пай намебарад, вале шабҳо ба ҳучраи торик ворид шудаю ба дил менишинад, кашидааст ё на, эҳсос мекардам. Ман ба ӯ нигаристам ва дидам, ки чи тавр қалбаш дар зери пироҳанаш метапад ва аз худ пурсидам: вокеъан ҳам оҳу нолаҳои ин мавҷуди поку ҳалимро ҳар шаб болиши мартубу нарм хафа кардааст ва аз гиряю зорӣ дар бистари хобаш бо табу тоб қарор нагирифтааст:

Ба хотири аз ҷаҳони ботиниаш хабардор шудан, оҳиста ба ӯ гуфтам:

- Агар ҳоло талх гиристани ҷаноби шанталро медидед, ҳатман дилатон ба ҳоли ӯ месӯхт.

Вай ларзид:

- Чӣ? Гиря кард?

- Оре, гиря кард, бо сӯз гиря кард!

- Аз барои чӣ гиря кард?

Перл бисёр ба ҳаяҷону изтироб афтод.

- Аз барои шумо гиря кард, - гуфтам ман.

- Аз барои ман?

- Оре, вай ба ман қисса кард, ки замоне шуморо бисёр дӯст медоштааст ва чи ранҷҳое кашидааст вақте бо шумо не, балки бо духтарамакаш издивоҷ кардааст...

Ба назарам омад, ки чеҳрааш якбора лоғар шуд, чашмони маъмулан дурахшону ба таври васеъ бозаш ногаҳон сахт баста шуданд, ки кас наметавонист фикр бикунад, ки онҳо барои ҳамеша пӯшида хоҳанд монд. Вай аз рӯи курсӣ лағжиду оҳистаю ором, чун шолгардани ба замин афтода, ба болои фарш ғалтид.

- Ёрӣ диҳед! Ёрӣ диҳед! Ҳоли духтарҳонум Перл ба ҳам хӯрд! – фарёд задам ман.

Бонуи Шантал ва духтаронаш худро ба тарафи ӯ заданд ва ҳангоме ки онҳо аз пайи обу сирко ва дастмол ба пасупеш рафту омад мекарданд, кулоҳамро бардоштаму ба таври номаълум ба кӯча баромадам.

Бо қадамҳои васеъ ба роҳ афтодам; қалбамро ошуфтагию ҳаячон фаро гирифта буд, ҷону танамро пушаймонию нороҳатиҳои вичдон озор медоданд. Ва ҳамзамон аз худ розӣ будам: тасаввур мекардам, ки кори шойистаи тахсину зарурероро анҷом додаам.

«Дуруст рафтор кардам ё нодуруст?» - пурсидам аз худ. Ишқ дар дилҳои эшон, чун тире дар ҷарохати кухна, маскан гирифта буд. Эҳтимол аз ин рӯз ба баъд бори ғаму андӯҳашон камтар шавад? Акнун барои дарду азоби ишқро муҷаддадан таҳаммул кардан фурсат аз даст рафтааст, вале ҳанӯз барои бо мехрибонӣ ёдовар шудани хотироти ишқу муҳаббати гузашта вакт ҳаст.

Ва, шояд, бахори оянда, тавре карда шабона, онҳо аз нури моҳтобе, ки аз лобалои шохаҳои дарахтон нуфӯз карда, ба алафи дами похояшон меафтад, ба ҳаячон омада, дасти ҳамдигарро бигиранд ва ин дастфишурданҳо хама ранҷу азобҳои сахту пинҳонии эшонро ба ёдашон оварад; ва мумкин аст, аз ин фишори лаҳзагии дастҳояшон андомашонро ларзиши сабуку барояшон ноошно фаро бигирад ва ба онон эҳсоси хушу лаззатбахшу осмонӣ ҳадя бикунад, ки ба шарофати он дилдодагон дар як чашм ба ҳам задан чунин хушбахтии бузургеро дарк бикунанд, ки чунинашро баъзеҳо дар тамоми тӯли умри худ надидаанд!

ДЕВОНА

Барои Робер де Боннер

- Бале, - гуфт ҷаноби Матё д'Андолен, - ҳангоми шунидани калимаи «курпатак» яке аз воқеъаҳои ваҳшатангези замони ҷанг ба ёдам меояд.

Шумо мулки дар канори Кормейл будаи манро медонед. Вақте сару саллаи олмониҳо пайдо шуд, дар он ҷо зиндагӣ мекардам.

Зани ҳамсоя, ки ақлаш аз зарбаҳои пай дар пайи сарнавишт ошуфта шуда, яке аз занҳои сиёҳбахт буд, чандин сол қабл, вақте ки ҳамагӣ бисту панҷ сол дошт, дар арзи як моҳ аз падару шавҳар ва тифли навзодаш маҳрум шуда буд.

Агар марг як бор вориди хона шавад, мисли ин ки роҳ барояш ҳамвор шуда бошад, тақрибан ҳамеша шитобзада ба он ҷо баргаштан мехоҳад.

Зани аз ғаму ғусса аз по афтодаю бистарӣ шуда, якуним моҳ ҳазён гуфт. Сипас буҳрони шадид ҷояшро ба беҳолии амиқ дод: вай беҳаракат дароз кашид, тақрибан чизе намехӯрд ва танҳо чашмонашро ба ҳаракат меовард. Агар бечораро кӯшиши хезондан мекарданд, чунон наъра мекашид, ки гӯё ӯро ба қатл мерасонида бошанд, аз ин рӯ, бадбахтро ба ҳолаш мегузоштанд ва танҳо дар лаҳзаҳои зарурӣ ё вақти иваз кардани рахти хобаш ба баданаш даст мерасониданд.

Парасториашро хидматкорзани пире, ки дар соъатҳои муайян девонаро мачбур мекард, ки чизе бинӯшад ва ё каме гӯшти сард бихӯрад, бар ӯхда дошт. Касе намедонист, ки дар дили ӯ, дар диле, ки яъсу навмедӣ тираю тораш карда буд, чӣ мегузарад: бемор аз забон афтода буд. Оё фавтидаҳо ба ёдаш мерасиданд? Ё вай

дар бораи чизи мушаххасе фикр карда, танҳо дилтанг шуда буд? Ва эҳтимол хаёли афсурдааш чун оби мурдоб ях баста буд?

Инак, вай дур аз ҳамнафасии осмону бидуни ҳаракат понздаҳ солро сипарӣ кард.

Ҷанг шурӯъ шуд ва дар ибтидои моҳи декабр душман Кормейлро тасарруф кард.

Ҳама чизро дар ёд дорам, гӯё дирӯз ба вуқӯъ пайваста буд. Сармои шадид ҳукмронӣ дошт; аз дарди мафосил дар курсии паҳлудори нарм мехкӯб шуда будам, ки ногаҳон садои қадамҳои сангину мавзунеро шунидам. Аз панҷара дидам, ки чи тавр олмониҳо бо низом қадам мезаданд.

Қатори онҳо гӯё тамонашуданӣ буд. Эшон бо маҳдудияти арӯсакӣ, ки хоссашон буд, ҳаракат мекарданд. Сипас роҳбарон онҳоро ба хонаҳо таксим карданд. Дар хонаи ман ҳафт нафар манзил гирифтанд. Дар манзили ҳамсоязани девонаам девоздаҳ нафар, аз чумла як майор, марди дуруштлафзу бераҳм ва хашин, маскан гузиданд.

Дар рӯзҳои нахуст ҳама чиз хуб ҷараён дошт. Ба афсар гуфта буданд, ки кадбону бемор аст, аз ин рӯ майор ӯро ба хузури худ наҳонд. Вале ғайбати дойимии ӯ базудӣ афсарро ба хашму ғазаб овард. Вай аз навъи бемории бону гӯё шуд, ба ӯ гуфтанд, ки вай аз ғаму гуссаи зиёд бистарӣ шудааст ва понздаҳ сол мешавад, ки аз бистари хобаш барнамехезад. Эҳтимол афсар ба ин гуфта шак оварда ва хаёл кард, ки зани балбахт аз ғурур аз бистар бархостан намехохад, ба хотири он бархостан намехохад, ки олмониҳоро набинад, бо онҳо ҳамсӯҳбат нашавад.

Майор такозо кард, ки бемор ӯро ба хузураш бипазирад; вайро ба ҳучраи хоби зан раҳнамойӣ карданд. Ӯ бо оҳанги хашин эълом кард:

- Бону, хоҳиш мекунам, бархезеду ба пойин фуроед: ҳама бояд шуморо бубинанд.

Бемор нигоҳи бемаънию сардашро ба ӯ дӯхту сукут ихтиёр кард.

Майор исрор варзид:

- Ман таҳаммули густохиро надорам. Агар шумо бо майли худ аз бистар барнахезед, дар он сурат тариқи ичборан, бидуни кумаки шахси дигаре аз ҷо бархостану гардиш кардани шуморо меёбем.

Зан ҳатто ишорае ё ҳаракате накард, гӯё ӯро ҳам надида буд.

Афсар ин сукути хотирҷамъонаро нишонаи беэътинойии фавқулъода пиндошта, комилан ба хашм омад.

- Агар шумо фардо ба пойин нафуроед... - лабонашро фишурду аз ҳучра хориҷ шуд.

Субҳи рӯзи баъд хидматкорзани пир, ки сахт тарсида буд, кӯшиш намуд либосҳои девонаро пӯшонад, лекин ӯ фарёд кашиду нофармонӣ кард. Афсар давон-давон ба боло баромад. Хидматкорзан дар пеши поҳои ӯ зонӯ заду зорию илтичо кард:

- Ҷаноб, вай намегузорад, вай таслим намешавад. Аз ӯ хашмгин нашавед: вай бадбахт аст!

Майор безобита шуд: бо вуҷуди шадидан хашмнок буданаш барои даъват кардани сарбозон ҷиҳати аз бистараш бардоштани кадбону тасмим нагирифт. Сипас ғайри мунтазира қаҳқаҳа заду ба забони олмонӣ кадом-як амре дод.

Базудӣ аз хона як даста сарбоз берун омад, ки душакро мисли занбаре, ки дар он мачрӯҳ хобидааст, бардошта бурданд. Девона дар бистари хеш хомӯшу ором ва нисбат ба ҳама чиз беалоқа орамида буд. Сарбозе, ки дар охири катор буд, буғчаи либосҳои занонаро ҳамл мекард.

Афсар дастонашро поккунон суханҳои хайрбод мегуфт:

- Инак, акнун мебинем, ки оё шумо худатон либосҳоятонро пӯшидаю каме гардиш карда метавонед ё на.

Даста ба тарафи ҷангали Имовил равона шуд.

Баъд аз ду соъат сарбозон бидуни борашон баргаштанд.

Девона гайб зад. Бо ӯ чӣ кор карданд? Ӯро ба кучо бурданд? Дар ин бора касе иттилоъе пайдо накард.

Барф шабу рӯз бидуни таваккуф боридаю даштро зери кафани сафеди нарми худ мегирифт. Гургҳо қариби дари хонаҳо зӯза мекашиданд.

Фикри зани гумшуда пайваста ранҷам медод, аз ин рӯ чанд дафъа барои ҳалли ин мавзӯъ ба ҳузури роҳбарони олмонӣ рафтам. Кам монда буд, ки маро паронанд.

Баҳор ҳам фаро расид. Артиши ишголӣ рафт. Дари хонаи зани ҳамсояам баста буд, пиёдаравҳои боғашро алаф зер гирифта буд.

Пиразани хидматкор ҳанӯз зимистон фавтида буд. Вокеъаи рухдода дигар касеро ба изтироб намеандохт, танҳо ман дар бораи он хамвора меандешидам.

Ба он зан чӣ шуд? Оё аз ҷангал фирор накардааст? Эҳтимол ӯро ба он ҷо бурда, ҷавоби кобили фаҳм нагирифта, сипас дар бемористон хобонидаанд? Шакку шубҳаҳои гуногун мисли собик манро меозурданд, вале бо гузашти замон аз шиддати изтиробам тадричан коста мешуд.

Тирамохи он сол кӯрпатакҳо бисёр зиёд парвоз мекарданд; дарди мафосил мудлати кӯтоҳе манро аз панҷааш раҳо кард, бино бар ин тавре карда ба ҷангал рафтам. Аз паранҷагони минкордароз шаш донаашонро шикор карда будам, ки ногаҳон сайди тирхӯрдаи навбатй

ба даруни обкандаи пур аз шахаҳо афтод. Барои ёфтани сайди мачрӯҳ ба он ҷо фуромадам. Паранда дар паҳлуи косаи сари инсоне мехобид. Ва дар ин асно гӯё синаамро бо мушт кӯфтанд: ба ёди зани девона афтодам. Эҳтимол дорад, дар он зимистони фалокатбору вахшатзойи замони ҷанг дар ин ҷангалот мардуми бисёре ҳалок шуда буд, вале ман, худо медонад чаро, муътақид будам, мефаҳмед, муътақид будам, ки ҷамҷамаи зани девонаи сиятҳбахтро ёфтаам.

Ва он гоҳ ман ҳама чизро дарёфтам, пеши худ тасаввур кардам. Олмониҳо ӯро рӯи душак дар ҷангали сарди беодам гузошта буданд ва зани ба васвоси худ содиқ, бидуни такон хӯрдан, дар зери кӯрпаи захиму сабуки барф оромона ҷон ба ҷонофарин таслим карда буд.

Наъшашро гурҳо қалам-қалам карда буданд.Ва парандаҳо аз мӯҳои душаки пора-пора барои худ лона дуруст карда буданд.

Ман ин саргузашти ғамангезро дар сина маҳфуз доштаам. Ва даст ба сӯи осмон бардошта, дуъо мекунам, ки писарони мо рӯи шуми ҷанги хонумонбарандозро набинанд.

ВАСИЯТНОМА

Барои Пол Эрвиё

Ман Рене де Бурневалро хуб мешинохтам. Ӯ марди болобаланду аз ҷиҳати ҷаззобият бархӯрдор ва каме афсурда буд, гӯё аз ҳама чиз дилсард буд ва ба ҳама чиз шакку тардид дошт, хамон шакку тардиди сахеху дурусте, ки метавонад бо ягона суҳан никоби риёкорони ашрофиро аз чехра бардорад. Вай такрори ин суханҳоро дӯст медошт:

- Одамони дурусткор вучуд надоранд; дар бехтарин шароитҳо онҳо танҳо дар мукойиса бо нобакорон дурусткоранд.

Вай ду бародар дошт, бародаронаш ҷанобони де Курсил буданд, вале бо эшон рафтуомад надошт. Аз сабаби фамилияҳояшон гуногун будан мепиндоштам, ки бародарандаранд. Борҳо шунидаам, ки дар ойилаи эшон ҳодисаи ачибу гарибе рӯй додааст, лекин ҷузъиёташро намедонистам.

Де Бурневалро хеле писандида будам, аз ин хотир, мо базудӣ дӯст шудем. Боре шабона, вакте ки харду дар манзилаш сарфи наҳор мекардем, тасодуфан пурсидам:

- Шумо аз шавҳари аввали модаратон ба дуниё омадаед ё аз шавҳари дуввумаш?

Ҳамсӯҳбатамро рангаш каме париду баъд сурх шуд ва бо хичолатзадагии ошкоро чанд лаҳза сукут ихтиёр карл. Саранҷом бо табассуми ороми маҳзуни барояш хос ҷавоб дод:

Дӯстам, агар дилгир нашавед, баромадан рочеъ ба аслу насабам баъзе нуктаҳои ачибу гарибро хикоят мекунам. Ман медонам, ки шумо марди фозилед, бино бар ин имон дорам, ки бо ошкоргӯйиам дӯстиамон халалдор

намегардад; вале агар халалдор гардад, аз ин амал сарфи назар мекунам.

Модарам, бонуи де Курсил, зани сияҳбахту тарсӯ ва шармгин буд. Шавҳараш ба хотири фойида гирифтан бо ӯ издивоҷ карда буд, аз ин рӯ, зиндагии ӯро дарду ранҷи дармоннопазире дар худ фурӯ бурда буд. Ин зани меҳрибону ғамхор ҳамеша аз дуруштии оне, ки бояд падари ман ҳам мешуд, - марди аз наслу насабаш ҷоҳил, аз хонадони деҳотии ба ном ашрофзода, - ранҷ мекашид. Баъд аз як моҳи издивоҷ ин мард акнун бо хидматкорзан зиндагӣ мекард. Маъшуқаҳои дигар ҳам ба дом андохт, ки онҳо занону духтарони иҷорадорони ӯ буданд, ки ба вай монеъ намешуд аз занаш ду фарзанд ва агар манро ба ҳисоб оварем, се фарзанд дошта бошад. Модари ман хомӯш буд: вай дар манзили пурғавғоямон, чун мушаке, ки дар зери фарш ин тарафу он тараф медавид, умр ба сар мебурд. Ин зани содаю бесадо ва тарсӯ ба одамон бо чашмони шаффофу ҳаросон ва ҳамеша хушёраш, бо чашмои мавҷуди таҳти таъқиб қароргирифта, ки пайваста дар тарсу ваҳшат рӯз ба сар мебарад, нигоҳ мекард. Охир вай зани қашанг, зани хеле қашангу хушгил буд.

Афсари савораи мустаъфӣ, бемаврид ва шахсе, ки аз ӯ каме метарсиданд, аз ҷумлаи дӯстони ҷаноби де Курсил ва ҳамешаҳозирони хонаи мо маҳсуб мешуд: вай фарде буд хушмашраб ва дар айни ҳол боҳарорат, метавонист бо қотеъияти ҳадди аксар даст ба амал занад. Исмаш ҷаноби де Бурневал буд ва ман ҳам номи ӯро дорам. Вай марди болобаланди лоғарандом ва соҳиби мӯлайбҳои қиргуни дароз буд. Ман ба ӯ шабоҳати беандоза наздик дорам. Ӯ хеле мутолиъа ва нисбат ба одамони маҳфили худ комилан хубу беҳтар фикр мекард. Бибикалонаш бо Жан-Жак Руссо алоқа дошт, аз ин рӯ, мисли ин ки баъзе чизҳо аз алоқаи онҳо ба ирс

гирифта буд. Бе Дурневал «Паймони хамагонӣ», «Элоизаи Ҷадид» ва китобҳои фалсафии дигарро, ки шикасти одоту таваҳҳумот, конунҳои кадимӣ ва ахлоқи аблаҳонаи пешиниёнамонро тадричан омода карда буданд, бисёр хуб медонист.

Вай эҳтимол модарамро дӯст медошту модарам ҳам ӯро. Робитаи онҳо комилан маҳрамона буд – дар бораи он ҳатто гумон намебурданд. Табиъист, ки зани бечораю фаромӯшшуда ва маҳзун бо тамоми неруи яъсу навмедӣ ба ӯ часпида буд ва аз ӯ тарзи тафаккур, назарияи озодии муҳаббат ва истиқлоли часурона дар ишқро ёд мегирифт, аммо тарсу ҳичолати фавқулъода барои садояшро баланд кардан музоҳимаш мешуд. Ва ин ҳама дар дили пурасрораш пинҳону ҷамъ мешуд ва онро мефишурд.

Барорнам мисли падарам бо модарам муносибати дуруст намекарданд, барояш сухани муҳаббатомезро дареғ намедошт ва чун медонистанд, ки модар дар хона як пули сиёҳ ҳам арзиш надорад, аз ин хотир ҳам бо ӯ чун бо хидматкорзан муносибат менамуданд.

Аз миёни писаронаш танҳо ман ӯро ба таври ҳақиқӣ дӯст медоштам, вай ҳам фақат бандаро мепарастид.

Вақте ки синнам ба 18 расид, модарам аз олам гузашт. Ба манзури он ки минбаъд ҳама чиз ба шумо фаҳмо бошад, илова мекунам, ки дар замонаш чаноби де Кирсилро тахти каймумат гирифтанд. Ва ба нафъи ҳамсараш барои зану шавҳар тамаллуқи чудогонаи амвол таъйин карданд; бад-ин тартиб, дар асари печдарпечии конун ва салоҳияти нотариуси оқил, модарам ҳаққи хости дили худ истифода бурдани дороиии хешро маҳфуз дошт.

Ин нотариус моро мутталиъ сохт, ки модарам пас аз сараш васиятномае ғузоштааст ва даъват намуд, ки ҳангоми боз кардани он ширкат варзем.

Ман ҳамаашро бо ҷузъиёташ дар ёд дорам, гӯё дирӯз

рух дода буд. Шӯриши баъд аз вафоти марҳум, ин фарёди озодию эътирозе буд, ки аз гӯри зани азиятдида, зане, ки зиндагиаш одобу русуми моро қурбонӣ карда, аз тобути мехкӯбшудааш даъвати бебокона ба истиқлол намуда ва боъиси ҷанҷоли изтиробангез, ҷанҷоли бузургу фачеъ бва хандаовар гардида, барҳоста буд.

Шахсе, ки худро падари ман меҳисобид, оне, ки ба қассоби фарбеҳ шабоҳат дошт, ҳамчунин ҳарду бародарам, ҷавонони қавии бистсола ва бистудусола, оромона ба курсиҳо нишастанд. Ҷаноби де Бурневал ҳам, ки барои ширкат ҷустан даъват шуда буд, ворид шуда пушти сари ман истод, вай дар тан камзӯли тукмаҳояш андохта, бо ранги хеле парида мӯйлабҳои ба сафедӣ гаройидаашро лаҳза ба лаҳза мехойид. Бидуни шубҳа ба ӯ маълум буд, ки чи вокеъа ба вуқӯъ мепайвандад.

Нотариус калиди қуфлро ду давр занонду дарро баст, ба мо лифовае бо муҳри сурғучиро нишон доду онро боз кард ва ба қироъат намудани санаде, ки худ аз мазмунаш бехабар буд, пардохт.

Дар ин вақт дӯсти ман ногаҳон лаб аз гуфтор фурӯ баст, аз ҷо бархост, аз ғаладони мизаш коғази зардшудаеро берун овард, онро боз кард, муддати мадиде лабонашро ба он часпонда, бӯсид ва думболаи ҳарфашро гирифт:

- Ин аст васиятномаи модари азизам.

«Ман имзокунандаи зер Анна-Катрина-Женевева-Матилда де Круал Юс, ҳамсари қонунии Жан-Леопол-Жозеф Гонтран де Курсил, бо ақли солим ва ҳофизаи қавӣ васияти худро дар ин ҷо баён мекунам.

Ман аз худои бузург ва ҳамчунин аз писари азизам Рене хоҳиш мекунам манро аз барои он амале, ки анҷом додан мехоҳам, бубахшанд. Бовар дорам бачаи ман ба андозаи кофӣ ҷавонмард аст, то манро бифаҳмад ва маҳкумам накунад. Ман тамоми умр азоб кашидам.

Шавҳарам ба хотири фойида гирифтан бо ман издивоҷ карда буд, ҳамеша ба ман бо назари қаҳорат менигарист, таҳқирам мекард, носазоям мегуфт ва фиребам медод.

Ман ӯро мебахшам, вале дар назди ӯ аз таъаҳҳудот озодам.

Писарҳои аршадам ҳаргиз дӯстам намедоштанд, илтифотам намекарданд ва эҳтимол намеравад, ки модар меҳисобиданд.

Дар зиндагӣ барои онҳо ҳамоне будам, ки қарзи модарӣ тақозоям мекард; баъд аз маргам аз онҳо чизе қарздор нестам. Муҳаббати хонаводагие, ки бо дилбастагии доимӣ ҳамарӯза устувор нест, бақо надорад. Писари бешараф, на фақат одами бегона, балки чиноятқор аст: вай ҳақ надорад, ки нисбати модараш беэътино бошад.

Ман ҳамеша аз одамон аз фармонҳои ғайриодилонаашон, аз одату русуми берақмона ва таваҳҳумоти нафратангезашон метарсидам.Дар пеши рӯи худи дигар аз ҳеҷ чиз тарс надорам. Дар дами марг ниқоб аз риёкории нанговар бармедорам; ман ҷуръат намуда, ҳар он чизеро, ки фикр мекунам, баён медорам ва рози дилямро ифшо намудаю бо имзои ҳеш ба тасвиб мерасонам.

Инак, ҳамаи он дороиеро, ки қонун ҷиҳати истифода дар ихтиёрам гузоштааст, ба Пер-Жерме-Симон де Буриевали азизу гиромӣ ба шарти ин ки дар отия ба писари маҳбубамон Рене вогузор мешавад, васият мекунам.

(Ба ҷуз ин васиятнома васияти дигарам дар санади ҷудогонаи нотариалӣ шарҳ ёфтааст).

Ва боз: дар пеши худои бузург – вай манро ҳатман мешунавад – изҳор медорам, ки агар дилбастагии амику самимӣ, меҳрибононаю халалнопазири маҳбубам, ки дар огӯшаш фаҳмидам, ки офаридгор барои дӯст доштан,

пуштибонӣ кардан ва тасаллӣ додани якдигар ва дар лаҳазоти талхи сарнавишт ҳамроҳ ашк рехтан фарзандони худро офаридааст, намебуд, дар он сурат замину осмонро лаънат мехондам.

Писарони аршадам, ҳардуяшон ҳам, фарзандони ҷаноби де Курсил мебошанд, танҳо ҳаёти Рене мадюни ҷаноби де Бурневал аст. Аз оне, ки бар мо ва сарнавиштамон ҳукмфармоӣ мекунад, таманно дорам, ки барои аз таваҳҳумоти дунё дастболо шудан падару писарро кӯмак кунад ва тариқи то дами гӯр дӯст доштани ҳамдигарро ба эшон биомӯзад.

Ин аст фикру андеша ва васияти ман.

Мотилде де Круалюс»

Ҷаноби де Курсил аз ҷо париду фарёд зад:

- Ин васиятномаи зани девона аст.

Он гоҳ ҷаноби де Бурневал қадаме пеш гузошту бо садои баланд ҳарф ба ҳарф гуфт:

- Ман, Симон де Бурневал, тасдиқ мекунам, ки ҳама чизи дар санад сабтёфта ҳақиқати маҳз аст. Банда омодаам ин нуктаро ба ҳар ки такрор ва ҳатто бо номаҳое, ки дар дастам маҳфузанд, собит бикунам.

Дар ин вақт ҷаноби де Курсил ба ӯ наздик шуд. Ман пиндоштам, ки ҳол ҳозир ба задухӯрд шурӯъ мекунанд. Ду марди болобаланди яке фарбеҳу дигаре лоғар дар муқобили ҳам қарор гирифта, аз фарти хашму ғазаб меларзиданд. Шавҳари модарам бо лакнати забон гуфт:

- Хабис!

Ҷаноби де Бурневал чун собиқ ба таври қатъию возеҳ гуфт:

- Ҷаноб, мо дар ҷои дигар мулоқот хоҳем кард. Агар оромии зани бечораро болотар аз ҳама чиз намегузоштам, ҳанӯз дар замони дар ҳаёт буданаш ҷазоятонро медодам, шуморо ба дуэл даъват мекардам.

Сипас ӯ ба тарафи ман баргашту гуфт:

- Шумо писари ман ҳастед. Ҳамроҳам меравед? Шуморо зӯракӣ бурдан ҳақ надорам, вале агар розӣ бошед, бо худ мебарам.

Ба чои посух додан дасташро фишурдам. Мо ба иттифоқи ҳам он ҷоро тарк кардем.

Баъд аз ду рӯз ҷаноби де Бурневал ҷаноби де Курсилро дар дуэл ба қатл расонд.

Бародаронам аз тарси он ки расвою беобрӯ нашаванд, даст ба амале назаданд. Ман нисфи дороиии модарамро ба онхо бахшидам ва эшон хам онро пазируфтанд.

Ман фамилияи падари ҳақиқиамро қабул ва аз он номе, ки тибқи қонун насибам шуда буд, имтиноъ кардам, чунки он аз они ман набуд.

Ҷанобит де Бернувал панч сол қабл даргузашт. То кунун аз гаму гӯссаи марги вай тасаллӣ наёфтааст.

Вай аз чо бархост, дар ҳучра қадам зад ва дар рӯ ба рӯям қарор гирифт:

- Инак, васиятномаи модарам амали шарофатмандонатарину шойистатарин ва олитаринест, ки ба он зан қодир аст. Нисбати ин гуфта шумо чӣ назар доред?

Ман харду дастамро ба тарафаш дароз кардам.

- Бешубҳа, дӯстам, дуруст фармудед.

РОЗАЛӢ ПРЮДАН

Воқеъан ин ҳодиса сирре дошт, ки чи райиси додгоҳу чи додситон ва чи вакилони мудофеъ натавонистанд пай бибаранд.

Хидматкорзани оқои Варамбо дӯшиза Розалӣ Прюдан ҳомила шудаю инро аз соҳибхона махфӣ дошта, баъди он ки фарзандашро дар болохонаи факиронааш ба дунё овард, вайро кушта, дар боғ ба хок супурда буд.

Ин як ҳодисаи маъмули фарзандкушӣ бо дастони модар-хидматкор сурат гирифта буд. Аммо як масъала тавзеҳнопазир монда буд. Пас аз бозрасии ҳучраи хидматкорзан чанд даст либоси бачагона пайдо карданд, ки худи Розалӣ дар тӯли се моҳ шабҳо вақташро ба дӯхтани онҳо сарф карда буд. Дукондори маҳал, ки Розалӣ аз ӯ барои равшан кардани болохонааш ва анҷоми ин кори тулонӣ шамъ харида буд, дар додгоҳ шаҳодат дод. Ба ҷуз ин собит шуд, ки Розалӣ момодояро пешакӣ аз вазъи худ огоҳ намуда, тамоми дастуроти лозимро аз ӯ гирифтааст, то дар сурати бидуни момодоя таваллуд карданаш аз рӯи он дастурот амал намояд. Илова ба ин, тибқи дархости зани ҷавон момодоя дар Пуассӣ барои ӯ манзили наве мечуст, зеро Розалӣ медонист, ки Варамбо ва ҳамсараш аз лиҳози ахлок сахтгиранд ва, бешубҳа, ӯро аз хонаашон берун хоҳанд кард.

Дар маросими муҳокима онҳо ҳарду, зану шавҳар, бо хашму ғазаби бепоён нисбат ба ин духтари фосиқи хонадонашонро бадномкарда ширкат ҷустанд ва барои он ки сари ӯро аз танаш ҷудо созанд, алайҳи вай матолибе изҳор доштанд, ки моломоли кинаю нафрат ва бӯҳтон буд.

Айбдор, ки духтари зебою дуруштандом ва аҳли

Нормандияи Поён буд, пайваста мегиристу харфе ба забон намеовард.

Кас фикр намуда, ба ин натича мерасид, ки ӯ ин амали вахшатангезро дар лахзае аз ноумедӣ ва бехудӣ анчом додааст, зеро тамоми вучудаш гувохи он буд, ки мехостааст бачаашро зинда нигох дорад ва калон бикунад.

Райиси додгох бори дигар кӯшид ӯро ба сухан гуфтан во дорад, то ба гуноҳаш эътироф намояд, аз ин рӯ бо мехрибонӣ ба ӯ фахмонд, ки мардоне, ки дар иҷ чо барои муҳокимааш омадаанд, харгиз хостгори маргаш нестанд ва хатто мумкин аст ба вай тараҳҳум намоянд.

Саранчом духтар мухри хомӯшӣ аз рӯи лабхо бардошт.

Райиси додгох пурсид:

- Аввал бигӯед, ки падари бача кист?

То он лахза вай сирри худро бо сарсахтӣ пинхон карда буд.

Инак, вай ба арбобони худ, ки бо нафрату адоват гунаҳкораш мекарданд, нигохе афканду ногахон гуфт:

- Ҷаноби Жозеф, бародарзодаи окои Варамбо.

Зану шавҳар аз шунидани ин харф сари чояшон ларзида, яксадо фарёд заданд:

- Ин дурӯг аст! Дурӯг мегӯяд ӯ! Ин тӯҳмати кабех аст!

- Хохиш мекунам ба харфатон идома дихед ва бигӯед, ки ин вокеъа чӣ тавр сурат гирифт.

Он гоҳ Розалӣ шурӯъ ба сӯхбат кард ва ҳар чи дар дили шикастаю гамбор дошт, ба хузур арз намуд, лардхояшро дар мукобили одамоне, ки то кунун гумон мекард душманони берахму гузаштноназиранд, берун рехт ва гуфт:

- Бале чаноб, окои Жозеф Варамбо буд, соли гузашта рухсатиашро дар ин гузаронид.

- Ҷаноби Жозеф Варамбо чӣ кор мекард?

РОЗАЛӢ ПРЮДАН

Воқеъан ин ҳодиса сирре дошт, ки чи райиси додгоҳу чи додситон ва чи вакилони мудофеъ натавонистанд пай бибаранд.

Хидматкорзани оқои Варамбо дӯшиза Розалӣ Прюдан ҳомила шудаю инро аз соҳибхона махфӣ дошта, баъди он ки фарзандашро дар болохонаи факиронааш ба дунё оварда, вайро кушта, дар боғ ба хок супурда буд.

Ин як ҳодисаи маъмули фарзандкушӣ бо дастони модар-хидматкор сурат гирифта буд. Аммо як масъала тавзеҳнопазир монда буд. Пас аз бозрасии ҳуҷраи хидматкорзан чанд даст либоси бачагона пайдо карданд, ки худи Розалӣ дар тӯли се моҳ шабҳо вақташро ба дӯхтани онҳо сарф карда буд. Дукондори маҳал, ки Розалӣ аз ӯ барои равшан кардани болохонааш ва анҷоми ин кори тулонӣ шамъ харида буд, дар додгоҳ шаҳодат дод. Ба ҷуз ин собит шуд, ки Розалӣ момодояро пешакӣ аз вазъи худ огоҳ намуда, тамоми дастуроти лозимро аз ӯ гирифтааст, то дар сурати бидуни момодоя таваллуд карданаш аз рӯи он дастурот амал намояд. Илова ба ин, тибқи дархости зани ҷавон момодоя дар Пуассӣ барои ӯ манзили наве мечуст, зеро Розалӣ медонист, ки Варамбо ва ҳамсараш аз лиҳози ахлок сахтгиранд ва, бешубҳа, ӯро аз хонаашон берун хоҳанд кард.

Дар маросими муҳокима онҳо ҳарду, зану шавҳар, бо хашму ғазаби бепоён нисбат ба ин духтари фосиқи хонадонашонро бадномкарда ширкат ҷустанд ва барои он ки сари ӯро аз танаш ҷудо созанд, алайҳи вай матолибе изҳор доштанд, ки моломоли кинаю нафрат ва бӯхтон буд.

Айбдор, ки духтари зебою дуруштандом ва аҳли

Нормандияи Поён буд, пайваста мегиристу харфе ба забон намеовард.

Кас фикр намуда, ба ин натича мерасид, ки ӯ ин амали ваҳшатангезро дар лаҳзае аз ноумедӣ ва бехудӣ анчом додааст, зеро тамоми вучудаш гувохи он буд, ки мехостааст бачаашро зинда нигоҳ дорад ва калон бикунад.

Райиси додгоҳ бори дигар кӯшид ӯро ба сухан гуфтан во дорад, то ба гуноҳаш эътироф намояд, аз ин рӯ бо меҳрибонӣ ба ӯ фаҳмонд, ки мардоне, ки дар иҷ чо барои муҳокимааш омадаанд, ҳаргиз хостгори маргаш нестанд ва ҳатто мумкин аст ба вай тараҳҳум намоянд.

Саранчом духтар муҳри хомӯшӣ аз рӯи лабҳо бардошт.

Райиси додгоҳ пурсид:

- Аввал бигӯед, ки падари бача кист?

То он лаҳза вай сирри худро бо сарсахтӣ пинҳон карда буд.

Инак, вай ба арбобони худ, ки бо нафрату адоват гунаҳкораш мекарданд, нигоҳе афканду ногаҳон гуфт:

- Ҷаноби Жозеф, бародарзодаи окои Варамбо.

Зану шавҳар аз шунидани ин ҳарф сари чояшон ларзида, яксадо фарёд заданд:

- Ин дурӯғ аст! Дурӯғ мегӯяд ӯ! Ин тӯҳмати қабеҳ аст!

- Хоҳиш мекунам ба ҳарфатон идома диҳед ва бигӯед, ки ин воқеъа чӣ тавр сурат гирифт.

Он гоҳ Розалӣ шурӯъ ба сӯҳбат кард ва ҳар чи дар дили шикастаю ғамбор дошт, ба ҳуззор арз намуд, дардҳояшро дар муқобили одамоне, ки то кунун гумон мекард душманони бераҳму гузаштнопазиранд, берун рехт ва гуфт:

- Бале ҷаноб, окои Жозеф Варамбо буд, соли гузашта рухсатиашро дар ин гузаронид.

- Ҷаноби Жозеф Варамбо чӣ кор мекард?

- Ӯ афсари тӯпчӣ аст, ҷаноб. Ду моҳ ҳамроҳи мо зист. Ду моҳи тобистон. Вақте ба ман менигарист, ба ҳурмати худо, ки ҳеҷ фикре дар сарам набуд. Баъд ба ситойиши ман пардохт, сонӣ ҳар рӯз навозишам кард. Ман ҳам, ҷаноб, ба зери таъсираш афтодам. Ҳамеша мегуфт, ки ту зебойӣ, бо ту зиндагӣ бароям хуш мегузарад, ту ба завқу саликаам мехӯрӣ... Албатта ӯ ҳам ба ман маъқул шуд... Чи ҳам метавонистам бикунам, охир?.. Вақте ту дар дунё мисли ман тани танҳо ҳастӣ... ба чунин харфҳо гӯш медихӣ. Ҷаноб, охир ман танҳо ҳастам... дар ин дунё ҳамдаме, ҳамсӯҳбате надорам... касеро надорам, ки ғаму ғуссаамро барояш бигӯям... Ман на падар дораму на модар, на бародар дораму на хоҳар, оре, тани танҳо ҳастам! Вақте ӯ ба ман ҳарф мезад, мисли бародар буд. Ва баъд як рӯз хоҳиш намуд, ки аср ба соҳили рудхона биёям, то ҳарду бо ҳам сӯҳбат бикунем, рози дил бигӯем. Ман ҳам рафтам... Магар ман пешомадамро медонистам? Оё медонистам, ки чӣ хоҳад шуд?.. Ӯ манро дар оғӯш кашид... Ба худо, ки ман инро намехостам... на... Натавонистам ман... дилам мехост гиря бикунам... ҳавои хубу мулойиме буд. Моҳ нур мепошид... Ҷанобон, савганд мехӯрам, ки дилам намехост... Аммо ӯ ҳар коре, ки мехост, бо ман кард... Ва ҳамин тавр се ҳафтаи дигар, то рӯзи рафтанаш, аз ман ком гирифт... Ман ҳозир будам, ки ҳамроҳаш то он сари дунё биравам... Аммо ӯ манро гузошту рафт. Фақат баъд аз як моҳ фахмидам, ки ҳомила шудаам...

Ва сипас чунон ба талхӣ гирист, ки ночор шуданд муддате ӯро ба ҳоли худ гузоранд, то ҳар чи қадар бихоҳад, ашк бирезад ва таскин биёбад.

Райис, мисли кашише, ки гӯ ба маросими тавба медиҳад, боз ба ӯ муроҷиъат намуд:

- Хуб, идома бидиҳед.

Вай муҷаддадан лаб ба сухан гушод:

- Вақте мутаваҷҷеҳ шудам, ки ҳомилаам, дар ин бора

ба момодоя, ба бонуи Буден арз намудам. Инак, худи ӯ ҳам дар ин ҷо хузур дорад, ба шумо мегӯяд; ман аз ӯ пурсидам, ки агар дар набуданаш дарди зойидан ба сурогам ояд, чи кор бояд бикунам. Он вакт ҳар шаб то соъати як нишаста барои бачаам либос дӯхтам ва баъд фикр кардам, ки ҷои дигаре бароям пайдо бикунам, зеро медонистам, ки сохибхонаҳо манро аз манзилашон меронанд, аммо барои ин ки пули ночизамро пасандоз бикунам, дилам мехост то ба дунё овардани кӯдакам дар хонаи арбоб монам. Охир барои кӯдак пул лозим буд.

- Пас шумо тифлатонро куштан намехостед?
- Бале, ҷаноб, ба худо, ки куштан намехостам.
- Пас чаро куштед?
- Масъала ин тавр буд, ҷаноб. Вакте дар ошпазхона зарфҳоро шуста тамом кардам, манро дард гирифт. Ҷаноби Варамбо ва бонуяшон ғарқи хоб буданд. Ба ҳар заҳмате буд, аз нардаи зинапояҳо дошта, ба болохона баромадам, рӯи фарш дароз кашидам, то рахти хобамро касиф накунам. Намедонам, ки чи қадар вакт гузашт: як соъат, ду соъат ё се соъат. Дардам ҷонфарсо буд. Бо тамоми нерӯе, ки доштам, ба худ фишор овардам. Вақте фаҳмидам, ки бача аз шикамам хориҷ шудааст, ӯро аз замин бардоштам.

Ҷаноб, чи қадар хушҳол будам ман! Ҳамаи дастуроте, ки бонуи Буден дода буд, анҷом додам! Баъд кӯдакро болои рахти хобам гузоштам, оре, оре, ҳамин тавр кардам! Ва боз ногаҳон дардам гирифт, чунон дардам гирифт, ки ҳол ҳозир ҷонамро меситонид. Шумо, ҷанобон, азоби чунин дардро намедонед. Дар васати ҳучра зонӯ задам, баъд бо пушт рӯи фарш дароз кашидам; боз аз дард печутоб хӯрдам. Намедонам чи қадар вакт гузашт... ва ногаҳон бачаи дуввумӣ ба дунё омад... бале, ҷанобон, бачаи дуввумӣ! Ӯро ҳам бардоштаму рӯи тахти хоб, паҳлуи бачаи аввалӣ гузоштам. Худоё, ман бо ду бача чӣ кор метавонистам

бикунам?! Ду бача! Охир музди моҳонаам ҳамагӣ бист франк буд! Бо ин пул магар ду бачаро метавон калон кард?! Агар аз баҳри бисёр чизҳо гузарӣ, фақат як нафарашро калон кардан мумкин... Сарам давр мезад. Магар ман медонистам? Чӣ бояд мекардам ман? Бигӯед, охир, ҷанобон! Кош ман фарҷомашро медонистам! Дидам, ки зиндагиам ба сар мерасад! Аз ин рӯ, бехабар аз худ, болишро рӯи ҳарду кӯдак гузоштам... Ва худам рӯи болиш хобидам. Баъд тамоми шабро гиристам, то сапедадам гиристам; мусалламан, онҳо дар зери болиш ҷон дода буданд. Он гоҳ ҳардуро бардошта, ба синаам фишурдаму аз зинапояҳо пойин рафтам, ворид и богча шудам, бели богбонро гирифтаму заминро кандам ва якеро дар як ҷою дигареро дар нуқтаи дигар гӯр кардам, то миёни худ дар бораи модарашон сӯҳбат накунанд... Баъд ба бистари хобам даромадам. Ҳолам чунон бад буд, ки аз ҷоям бархоста наметавонистам. Пизишкро даъват карданд, вай асли вокеъаро фаҳмид. Ҷаноби додрас, ман ҳақиқатро гуфтам. Ҳоло ҳар коре, ки дилатон мехоҳад, бо ман бикунед, ба ҳама гуна ҷазо омодаам.

Вакилони мудофеъ барои ин ки ҷилави ашкашро бигиранд, пайваста димоғашонро бо дастмол пок мекарданд. Занҳо ашки сӯзон мерехтанд.

Райис пурсид:

- Бачаи дуввумиро дар кучо гӯр кардед?

Розалӣ пурсид:

- Шумо кадомашро пайдо намудед?

- Ҳамонеро, ки дар канори тути фарангӣ хок карда будед.

- Дигараш дар назди чоҳ аст.

Ва баъди ин сухан чунон башиддат, чунон бо дарду аламит ҷонгудоз гирист, ки эҳсоси тараҳҳуми ҳозиринро барангехт.

Розалӣ Прюданро сафед карданд.

ОМУРЗИШ

Маргарита де Терел чон ба чондор таслим мекард. Ӯ панчоҳу шаш сол дошт, аммо зоҳиран гумон мекардед, ки синну солаш аз ҳафтоду панҷ кам нест. Ҷонаш ба лаб расида буд, чеҳраи мисли барф сафедаш, саропояш ба таври чонгудоз меларзид, нигоҳаш ваҳшатзадаю парешон буд, гӯё кадом-як биму ҳаросе пахшаш мекард.

Хоҳараш Сюзанна, ки шаш сол аз ӯ калон буд, дами тахти хоб сари зонӯ нишаста, зор-зор мегирист. Дар боло мизчаи бо порчаи сафед пӯшида, ки паҳлуи бистари бемор меистод, ду шамъ фурӯзон буд, чунки бояд кашиш ба маросими тавба меомад.

Дар ҳуҷраи хоб беназмии шуми хосси ҳама гуна хонае, ки дар он шахси миранда бьистарист, ҳукмрон буд. Дар болои мизҳо ва рафту токчаҳо шишаҳои дору, дар гӯшаю канор сачоккҳо парешон буданд. Курсиҳо мисли ин ки аз тарс ба чаҳор сӯ гурехта бошанд, дар ҷо-ҷои ҳуҷра қарор доштанд. Марг дар куҷое камин гирифта, интизорӣ мекашид.

Саргузашти хоҳарон муътассир ва дар тамоми ноҳия сари забонҳо буд. На як бору ду бор сомеъон пас аз шунидани он ашки риққат рехтаанд. Замоне хоҳари калонӣ Сюзанна ҷавонписареро дӯст медошт. Ҷавонписар ҳам духтарро писандида буд. Онҳо номзад шуданд, рӯзи ҷашни арӯсӣ ҳам таъйин шуда буд, вале домодшаванда Анри де Сампер ногаҳон фавтид.

Духтар аз ин ҳодиса тамоман маъюс шуда, савганд хӯрд, ки дигар ҳаргиз ёди шавҳар намекунад. Ва ба ахдаш устувор монд. Пироҳани бевагиро ба тан карду дигар накашид.

Инак, боре бомдодон хоҳари хурдӣ Маргарита, ки

ҳамагӣ дувоздаҳ сол дошт, худро дар оғӯши ӯ андохта, гуфт:

- Хоҳарчон, намехоҳам, ки ту бадбахт бошӣ. Намехоҳам, ки тамоми умр ашк бирезӣ. Ҳаргиз, ҳаргиз, ҳаргиз аз ту ҷудо нахоҳам шуд! Ман ҳам ҳеҷ гоҳ шавҳар нахоҳам кард. Ҳамеша, ҳамеша, ҳамеша бо ту хоҳам буд.

Сюзанна, ки аз ин садокати кӯдаконабарикқат омада буд, хоҳарашро бӯсид, вале ба ҳарфҳои ӯ бовар накард.

Лекин хоҳари хурдӣ ҳам ба аҳдаш пойдор монд ва панду насиҳатҳои падару модараш, хоҳишу илтичоҳои хоҳарашро сарфи назар карда, ба шавҳар набаромад. Вай фавқуъода зебо, оре, хеле зебо буд; бисёре аз чавонписарон ба ӯ дил бохтанд, аммо аз ҳамаашон сарфи назар кард, хоҳарашро тарк нагуфт.

Онҳо тамоми умр аз ҳам ҷудо нашуда, ҳамроҳ зиндагӣ ба сар бурданд. Паҳлу ба паҳлуи ҳам аз як ҷода қадам бардоштанд. Вале Маргарита нисбат ба хоҳари аршадаш ҳамеша ғамгину афсурда ва бештар қаҳролуд ба назар мерасид, гӯё қурбонии бузурге қудрату тавонойии ӯро фарсуда карда буд. Вай пеш аз мулчар пиру дар сисолагӣ мӯяш сафед шуд, зуд-зуд беморӣ гиребонгираш мегашт. Мисли ин ки марази махфие ҷонашро рахна карда буд.

Акнун вай дар дами марг буд.

Як шабонарӯз буд, ки ҳарфе намезад. Фақат дами субҳ гуфт:

- Ба ҳузури кашиш одам фиристед, вақт расид.

Вай бо тани ларзону қиёфаи даҳшатзо пайваста лабонашро ҷунбонида ҳамвора ба пушт мехобид, мисли ин ки ҳоло аз аъмоқи қалбаш суханҳои ваҳшатангезе бармехостанд, вале ҳанӯз натавониста буданд аз забонаш ҷорӣ бишаванд ва ӯ бо чашмони мамлу аз тарсу бимаш ба атроф менигарист.

Хоҳараш ҷабинашро ба лаби бистар фишурда, бо ғаму андӯҳи шадид ба ӯ менигарист ва муттасил такрор мекард:

- Марго, азизи дилам, тифлаки ман!

Вай ҳамеша ӯро «тифлак» мегуфту хоҳари хурдӣ Сюзаннаро «ҳамшира».

Аз зинапоя садои қадамҳо ба гӯш расид. Дар боз шуд. Абтидо писараки хидматкор ворид шуду баъд кашиш бо сару либоси махсусаш. Чун чашми миранда ба эшон афтод, зуд бархосту нишаст ва бо заҳмат даҳонашро гушоду мисли ин ки мехоҳад малофаро пора-пора бикунад, бо нохунҳояш ба он чанг андохту зери лаб чизе гуфт.

Аббат Симон ба бемор наздик шуду дасти ӯро гирифта ва аз пешониаш бӯсиду бо навозиш гуфт:

ё- худо шуморо мебахшад, тифли ман. Далер бошед; фурсат фаро расид, ҳарф бизанед.

Андоми Маргарита чунон башиддат ларзид, ки бистари хобаш ба ҷунбиш даромад. Вай зери лаб гуфт:

- Ҳамшира, бишину гӯш бикун...

Кашиш ба тарафи Сюзанна, ки ба лаби тахти хоби бемор сар гузошта буд, хам шуду ӯро аз ҷояш бархезонида, ба болои курсӣ шинонд ва дасти хоҳарашро ба дасташ гирифта, гуфт:

- Худоё, ба инон қудрату тавонойӣ бифирист, меҳрибонашон бош.

Саранҷом Маргарита муҳри хомӯшӣ аз рӯи лабонаш бардошт. Калимаҳояш канда-канда хафа-хафа ба гӯш мерасиданд:

- Бубахш, бубахш, ҳамшира, манро бубахш!.. О, ту намедонӣ, ки ман чи тавр тамоми умр аз ин лаҳза метарсидам!..

Сюзанна ашкрезон мегуфт:

- Тифлакам, чи гуноҳе содир кардайӣ, ки туро

бубахшам? Ту ҳама чизатро ба ман бахшидӣ, ба хотири ман ҳама чизатро қурбон кардӣ. Ту фариштайӣ...

Вале Маргарита сухани ӯро қайчид:

- Хомӯш бош, хомӯш! Бигузор ман ҳарфҳоямро бигӯям... суханамро набур. Чи қадар вахшатовар аст!.. Бигузор ҳамаашро бигӯям... То охир... Начунб... Гӯш бикун... Дар ёд дорӣ... Анриро дар ёд дорӣ?..

Сюзанна таконе хӯрду ба хоҳараш нигарист. Маргарита думболаи суханашро таъқиб кард:

- Гӯш кун манро, он гоҳ ҳамаашро мефаҳмӣ. Дар он рӯзгор дувоздаҳ сол доштам, ҳамагӣ дувоздаҳ сол, дар ёд дорӣ, ҳамин тавр не? Ман нозпарвард будам, ҳар чи мехостам, мекардам!.. Дар ёд дорӣ чи тавр манро бо ноз мепарвариданд? Гӯш кун... Вақте ки ӯ бори нахуст ба хонаамон омад, мӯзаҳои амрикойӣ пӯшида буд; дар дами айвон аз асп пиёда шуд, изҳор дошт, ки бо мақсади хабареро ба падарамон расонидан омадааст. Ту ин ҳамаро дар ёд доррӣ, бале?.. Хомӯш бош... гӯш бикун... Чун чашмам ба ӯ афтод, аз ҳусну ҷамолаш чунон моту мабҳут гаштам, ки дар ҷоям мехкӯб шудам ва то замоне ки бо падарам ҳарф мезад, дар гӯшаи ҳуҷраи пазироӣ рост истодам. Бачаҳо тойифаи аҷибанд, мавҷуди хеле баданд.. О, чи тавр орзуи ӯро доштам!

Вай бори дигар омад... оре, ба анзиламон омад... Ман бо тамоми рӯҳу ҷонам... «Ду чашми дигар вом гирифта, ба ӯ менигаристам... Нисбат ба синну солам хеле маккор будам. Вай акнун зуд-зуд меомад... Танҳо ёди ӯро дар сар доштам. Миёни лабу дандон мегуфтам: «Анрӣ... Анрӣ де Сампер!».

Баъд гуфтанд, ки бо ту издивоҷ мекунад... О, ҳамшира, ин хабар бароям ғами бузурге буд... чи ғами бузурге, чи ғами бузурге! Се шаб нахобида, пайваста ашк рехтам... Вай ҳар рӯз баъд аз хӯроки субҳ меомад... Ёд дорӣ? Ҷавоб надеҳ, гӯш бикун... Ту барои ӯ нони

ширин мепӯхтӣ... Оҳ, ман ҳам онро пӯхта метавонистам!.. Ҳоло ҳам, лозим бошад, мепазам. Вай нонҳои ширинро яклухт фурӯ мебурд, як кадах шароб нӯшида, мегуфт: «Бисёр олӣ!». Ту ин гуфтаашро дар ёд дорӣ?

Ман рашк мебурдам, чи қадар рашк мебурдам!.. Рӯзи арӯсии ту наздик мешуд. Ҳамагӣ ду ҳафта монда буд. Ман бакуллӣ девона шуда будам. Ба худ мегуфтам: «Вай бо Сюзанна издивоҷ нахоҳад кард, ман инро намехоҳам. Вақте ки калон шудам, вай манро ба занӣ хоҳад гирифт. Ман касеро мисли ӯ ба ин андоза дӯст намедорам...». Аммо боре шабона, то дах рӯз мондани ҷашни арӯсиатон, то ҳамроҳи вай дар назди қалъа, дар зери партави нури моҳ сайругашт менамудӣ... ва дар он ҷо... дар зери дарахти санавбар, санавбари азим... вай туро дар оғӯшаш фишурда, муддати мадиде лабонатро макид... Ту инро дар ёд дорӣ, ҳамин тавр не? Шояд ин бӯсаи нахустини шумо буд... Оре... Вақте ки ба ҳуҷраи пазиройӣ баргаштӣ, ранги рӯят мисли барф буд!

Ман шуморо дида будам, дар боғ, дар паси бутта будам ман. Қариб девона мешудам. Агар метавонистам мекуштаматон!

Худ ба худ мегуфтам: «Вай харгиз Сюзаннаро ба занӣ нахоҳад гирифт! Бо ягон духтар издивоҷ нахоҳад кард! Ман тобу токати чунин бадбахтиро надорам. Ба ғайри чашмдошт нисбати ӯ дар дилам нафрати амиқе эҳсос намудам.

Пас, медонӣ, чӣ кор кардам?.. Гӯш кун... Дидам, ки боғбонамон барои нест кардани сагҳои оворагард кӯлча тахия мекунад ва шишаҳоро бо санг реза карда, шишарезаҳоро дар байни гӯштпораҳо мегузорад.

Ман ҳам аз модарам шишачаи дору гирифта, бо болға реза-реза кардам ва ба ҷайбам андохтам. Ин хокаи олидараҷа буд... Рӯзи дигар, ҳангоме ки ту нони

ширинатро омода намудӣ, нонҳоро бурида, ба дарунашон хокаи шишаро рехтам... худам ҳам як дона хӯрдам... Шаш донаи боқимондаро ба ҳавз партофтам... Ду кӯ баъд аз се рӯз мурданд... дар ёд дорӣ? Хомӯш бош... гӯш кун, гӯш кун.., Фақат ман намурдам... аммо як умр бемор будам... Гӯш кун. Вай мурд... Ту медонӣ... Гӯш кун... Инаш ҳоло муҳим не... Аммо баъд... ҳама вақт... ваҳшатноктарин рӯзҳо буданд... Гӯш кун...

Тамоми ҳаёт, тамоми ҳаёти ман... моломоли дарду ранҷ буд! Ман ба худ гуфтам: «Дигар хоҳарамро тарк намекунам ва пеш аз маргам ҳамаи қазияро ба ӯ ҳикоят мекунам... Оре...».

Аз он рӯз ба баъд дар бораи он соъату лаҳза... он соъату лаҳзае, ки ман ҳама чизро ба ту иқрор хоҳам шуд, пайваста фикр мекардам... Инак, он соъат ҳам фаро расид. Чи қадар дар ваҳшатам ман!.. Оҳ!.. Ҳамшира!..

Субҳу шом, рӯзу шаб фикр мекардам: «Рӯзе мерасаду ҳамаашро ба ӯ иқрор мешавам...». Интизор шудам ман. Оҳ, чи шиканҷае!.. Инак, ҳамаашро гуфтам... Хомӯш бош! Сухане нагӯ... Чи даҳшате, чи даҳшате!.. Агар ҳоло ӯро бубинам... дар он дунё бубинам... агар бубинамаш... Охир ман аввалин шуда ӯро мебинам! Ба ин ҳақ надорам!.. Аммо мебинамаш... Ман мемирам... Манро бубахш! Бубахш! Ман дар назди ӯ бидуни бахшидани ту истода наметавонам. Ҷаноби кашиг, ба ӯ бигӯед, ки манро бубахшад... Хоҳиш мекунам, бигӯедаш... Вагарна ман мурда наметавонам...».

Вай лаҳзае сукут кард ва бо азоб нафас кашида, бо тани ларзон болопӯшашро панҷа зад...

Сюзанна бо кафи даст рӯяшро пӯшида, ором менишаст. Вай дар бораи Анрӣ, дар бораи шахсе, ки тавониста буд муддати тӯлоние дӯсташ бидорад, фикр мекард. Чи зиндагии хуше метавонистанд аз сар

бигузаронанд онҳо! Вай боз ӯро дид, дар гузаштаи гумшуда, гузаштаи дур, гузаштаи ба таври абадӣ бебозгашт дид. Оҳ, чи қадар диламро озор медиҳанд онҳо, мурдаҳои азизу меҳрибон! Ёд бод он бӯсаи доғу ширин, он бӯсаи ягона! Сюзанна он бӯсаро дар қаъри дилаш маҳфуз доштааст. Баъди он бӯсаи доғу ширин, он бӯсаи пайкарсӯз дигар дар зиндагиаш лаззате набардоштааст!..

Ногаҳон кашиш қоматашро рост гирифту бо садои ларзон хитоб кард:

- Бонуи Сюзанна! Хоҳаратон мемирад!

Сюзанна дастонашро аз рӯи ашкбораш бардошту худро ба тарафи хоҳараш зад ва ӯро сахт-сахт бӯсида, зери лаб оҳиста гуфт:

- Бахшидамат, тифлакам, бахшидамат...

ПИРАМАРД МИЛОН

Моҳи дуввум аст, ки офтоб бо нурҳои сӯзони худ дашту саҳроро саховатмандона ғарқ мекунад. Дар зери ин рангу бори оташин зиндагӣ дар ҷӯшу хурӯш аст, ба ҳар кучо, ки чашмандозӣ сабзу хуррам. Дар фарози сар, то домани уфуқ осмони обиранг доман густурдааст. Фермаҳои нормандӣ, ки дар ҳамвориҳо паҳну парешонанд, аз дур бешаҳои кӯчакеро ба ёд меоваранд, ки бо дарахтони мавзуни бук парчин шудаанд. Аммо ҳамин ки наздик шудаю даричаи фарсударо мегушойӣ, гумон мебарӣ, ки ба боғи бузурге афтодайӣ: дарахтони куҳансоли себ ғарқи гуланд. Танаи дарахтони сиёҳчаю качу килеби дар ҳавли тӯлкашида гумбазҳои гулобии чашмхиракунандаи худро ба само боло мебаранд. Бӯи латифи онҳо ба бӯи гализи оғилхонаҳо ва бухори порутӯдаҳо, ки дар он ҷо селаи мурғон ҷунбучӯш доранд, омезиш меёбад.

Нисфирӯзӣ. Дар дами дари хона, дар зери дарахти пуршоху барги нок аҳли хонадон, падару модар, чаҳор фарзанд, ду хидматкорзан ва се муздур хӯрок мехӯранд. Садои гуфтугӯе ба гӯш намерасад. Даставвал шӯрбо мехӯранд. Сипас сарпӯши шахкосаро, ки андаруни он картошкаи бо равғани хук бирёншуда дуд мекард, мебардоранд.

Ҳар замон яке аз хидматкорзанон аз ҷо бермехезад, ба тарафи сардоба меравад ва сабӯи холишударо аз шароб пур мекунад.

Арбоби болобаланду такрибан чиҳилсола ба дарахти токи ҳанӯз урён, ки мисли мор ба қисми пойини девори хона хазидааст, чашм медӯзад.

Баъд мегӯяд:

- Имсол токи падарам пеш аз вақт мугча бастааст. Эҳтимол ҳосил ҳам диҳад.

Ҳамсараш низ баргашта, хомӯшона ба девор менигарад.

Токи ангур дар он ҷое шинонида шудааст, ки падарро тирборон карда буданд.

XXX

Ин воқеъа дар яке аз рӯзҳои ҷанги соли 1870 рӯй дода буд. Кишварро пруссакҳо тасарруф карда буданд. Артиши шимоли генерал Федерб дар муқобили ҳамлаи душман пойдорӣ мекард.

Дар ферма ситоди пруссакҳо ҷо гирифта буд. Соҳиби он деҳқони пир Пер Милон олмониҳоро қабул карда, бо тамоми имконоташ аз эшон пазирой намуд.

Дастаи посбонони эшон як моҳ мешуд, ки дар деҳа қарор дошт. Фаронсавиҳо, ки даҳҳо фарсах дур аз он ҷо буданд, амалиёти фаъол ба амал намебаровардand; бо вуҷуди ин ҳар шаб чанд нафар сарбози найзадори душман аз байн мерафт.

Ду-се нафарро ба дидбонӣ мефиристоданд, вале яке ҳам барнамегашт.

Субҳ гумшудагонро дар саҳрою пушти ҳавлиҳо ва андаруни ҷӯйборҳо мурда меёфтанд. Аспони онҳо дар рӯи ҷодаҳо бечон мехобиданд. Ин кушторҳо зоҳиран кори дастони як гурӯҳ буд, аммо гунаҳкоронро ошкор сохтан муяссар намешуд.

Ба сари ноҳия бадбахтиҳо фуруд меомад. Мардонро бо як гузориши одӣ тирборон мекарданд, занонро ба ҳабс мегирифтанд, бачагонро, бо мақсади ягон сирро аз забонашон кашидан, метарсониданд. Вале ин ҳама натиҷае намедод.

Вале боре субҳ пирамард Милонро дар болои

коҳтӯдаи тавила пайдо намуданд, ки рӯяш бо шамшер захмӣ шуда буд.

Тақрибан се километр дуртар аз ферма ду нафар дидбонро ёфтанд, ки шикамҳояшон сӯрох буд. Яке аз онҳо ҳанӯз ҳам теғи хунолудро дар даст мефишурд. Бидуни шак вай муқовимат карда буд.

Ҳамон лаҳза дар саҳни ҳавлӣ додгоҳи низомӣ баргузор гардид, ки пирамардро низ ба он ҷо оварданд.

Вай шасту ҳашт сол дошт. Марде кӯтоҳқаду лоғарандом, пуштхамида ва соҳиби дастони калон буд... Дар зери мӯҳои тунуку рангбохтааш, ки шабеҳи парҳои мурғобӣ буданд, ҷамҷамаи тақрибан урёнаш ба чашм мерасид. Рагҳои гардани бури чиндораш варамида буданд ва о таҳи манаҳаш тӯл мекашиданд. Дар байни ҳамсояҳо чун хасис шуҳрат дошт.

Чаҳор нафар сарбоз пирамардро ба мизе, ки онро аз ошхона бо ачала ба саҳни ҳавлӣ оварда буданд, наздик оварданд. Дар пушти миз дар муқобили Милони дастгиршуда полковник ва панҷ нафар афсар қарор гирифтанд.

Полковник бо забони фаронсавӣ оғози сухан кард:

- Бобои Милон! Аз нахустин рӯзи ба ин ҷо омаданамон наметавонистем шуморо таърифу ситойиш накунем. Шумо нисбат ба мо ҳамеша хидматгузор будед. Вале имрӯз ба гардани шумо шубҳаю гумони бадтарин афтодж ва ҳатман бояд онро баррасӣ кард. Дар рӯятон ҷароҳат. Дар кучо захмӣ шудед?

Деҳқон ҷавоб надод.

Полковник думболаи суханашро гирифт:

- Бобои Милон, сукути шумо худатонро фош мекунад. Вале ман посухи суоламро талаб мекунам, мешунавед? Оё шумо медонед, ки он ду сарбози дидбонро, ки ҷасадашонро субҳ дар рӯи ҷода пайдо карданд, кӣ ба қатл расонд?

Пирамард ба таври возеҳ гуфт:

- Ман.

Полковник моту мабҳут шуд, лаҳзае забонаш гирифту ба асир нигарист. Бобои Милон бо хунсардию бо киёфаи бемаънии деҳқонӣ чашмонашро ба зер андохту мисли ин ки назди кашиш барои талаби омӯрзиш омада бошад, рост истода буд. Фақат ҳангоми дам ба дам оби гулӯяшро бо заҳмат фуру бурдан изтиробашро зоҳир мекард, гӯё роҳи гулӯяш баста шуда буд.

Аҳли ойилаи ӯ, писараш Жан, келинаш ва ду набераааш, дар зери фишори тарсу ваҳшат ва ғаму андӯҳ дах қадам ақибтар истода буданд.

Полковник думболаи ҳарфашро гирифт:

Оё медонед, ки бақияи сарбозони моро, ки дар арзи як моҳ ҷасади бечонашонро ҳар субҳ пайдо мекардем, кӣ ба қатл расонд?

Пирамард бо ҳамон хунсардии собиқаш такрор кард:

- Ман.
- Чӣ, ҳамаашонро?
- Бале, ҳамаашонро.
- Тани танҳо?
- Тани танҳо.
- Пас ҳикоят бикунед, ки чи тавр ин корро кардед!

Дар ин лаҳза пирамард асабонӣ шуд: ҳикояти ин ҳодиса тӯлонӣ буд, аз ин рӯ ӯ ба таври ошкоро ба изтироб афтод. Вай гуфт:

- Охир ман аз кучо донам? Дил ба дарё зада, амал кардам.

Полковник исрор варзид:

- Огоҳ мекунам: икрор нашудан кумак намекунад. Аз ин рӯ зудтар иқрор бишавед. Ҳамаашро аз аввал қисса кунед.

Пирамард ба аҳли хонадонаш, ки дар ақиби сараш аз тарсу ваҳшат сари ҷояшон хушк шуда буданд, нигохе

андохт. Лаҳзае дудил шуду сипас якбора лаб ба сухан гушод:

- Баъд аз як рӯзи ғайри мунтазира пайдо шуданатон бегоҳ ба хона омадам, соъатҳои даҳ буд. Шумо бо сарбозонатон як ғарам алафамро ба қимати ночиз гирифтед, бале, боз гову ду гӯсфандамро низ ба яғмо бурдед. Ман пеши худ гуфтам: «Ихтиёрашон, бигузор ҳама чизамро базӯрӣ бибаранд, инро ба назар хоҳем гирифт». Як масъалаи дигар ҳам кинаю адоватамро нисбати шумо барангехт, кадом масъала, инашро баъдан хоҳам гуфт. Инак, рафтаму дидам, ки сарбози савораи шумо дар лаби ҷӯйбори дами саройи ман нишастааст ва чубӯқ дуд мекунад. Ба сарой даромадаму доси дастадарозро гирифтам ва аз паси сараш ба таври пинҳонӣ бо як зарба ба каллааш корашро тамом кардам. Вай оҳ ҳам кашида натавонист. Шумо ҷасади ӯро андаруни ҳавз ҷустуҷӯ бикунед: вай дар он ҷо дар зери ангиштсанги даруни халта хобидааст, дар гарданаш санг овезон аст.

Ман ҳамаашро пешакӣ фикр кардам. Мундиру мӯзаҳояшро кашидаму кулоҳашро гирифта, ин ҳамаро даруни кӯраи оҳакпазӣ пинҳон кардам. Он кӯра дар бешаи Мартен, дар паси ҳавлии ман қарор дорад.

Пирамард сукут кард. Афсарони ҳайратзада ба ҳамдигар нигаристанд. Истинтоқ аз нав шурӯъ шуд ва инак, хама чиз равшан гашт...

XXX

Акнун баъд аз қатли нахустин пирамад ба умеди як андеша зиндагӣ мекард: аз байн бурдани пруссакҳо! Вай ботинан ва ба таври оштинопазир душманонро чашми дидан надошт, ҳамчун ватанпараст чашми дидан надошт. Чанд рӯз интизор шуд: вай беҳуда нагуфта буд, ки

«ҳамаашро пешакӣ фикр кардам».

Ӯ худро чунон ором, чунон мутеъ нишон медод, ки ғолибон ичоза доданд, ки дар деҳа озод гаштугузор бикунад, кадом вақте ки бихоҳад, биравад ва бозгардад. Вай дар байни сарбозон ин тарафу он тараф рафту омад карда, огоҳ шуд, ки ҳар бегоҳ аз ситод қоисдон ба гӯшаю канор мераванд ва боре ба кучо фиристодани ононро шунида, қасду нияти худро амалӣ кард.

Вай хазида ба ҳавлӣ даромаду дуздвор дохили беша шуд, то дами кӯраи оҳакпазӣ рафт, аз он ҷо ба даҳлези тӯлонии зеризаминӣ ворид гашт ва мундири пруссаки бо дастони худ куштаашро гирифта, либосашро иваз намуд.

Сипас муддати мадиде гоҳ дар паси пуштаҳо пинҳон шудаю гоҳи дигар худро ба замин пахш карда ва ҳар замон эҳтиётқорона ва мисли сайёдон ба ҳар садо гӯш додаю дар майдонҳо саллона-саллона гуштугузор намуд.

Вақте пирамард тасмим гирифт, ки фурсати мувофиқ фаро расидааст, ба рӯи роҳ баромад, паси буттаҳо нишаст ва боз интизорӣ кашид. Саранҷом дами нимашаб аз дили ҷодаи сахт садои суми асп ба гӯш расид. Пирамард гӯш ба замин часпонда, чун бовар ҳосил кард, ки фақат як саввора меояд, он гоҳ омода ба амалиёт шуд.

Сарбози олмонӣ бо хушёрӣ ба торикӣ чашм дӯхтаю бодиққат гӯш фаро дода, резачорпо пеш меомад: вай хабар меовард. Вақте фосилаи байни бобои Милону душман дах қадам монд, пирамард ба ҷода хазида, нола кард: «Ёрӣ диҳед!», «Ёрӣ диҳед!». Чун қосид пеши худ қарор дод, ки дар назди ӯ сарбози мачрӯҳ ва аспгумкардаи олмонӣ аст, таваққуф намуд, аз асп пиёда шуд, шитобзада пеш омад ва бидуни бадгумоние ба рӯи ӯ хам шуд, вале худи ҳамон лаҳза теғи качи дароз ба шикамаш фуру рафт. Сарбоз ба замин афтод, як-ду бор

такон хӯрду баъд аз ҳол рафт.

Бо шодию сурури ботинӣ, ки хосси деҳқонони куҳансол аст, нормандӣ аз чо бархост ва барои ризои хотири худ гулӯи мақтӯлро бурид. Пасон ҷасади бечонро аз ҷода берун кашида, ба пойин ғел дод.

Асп оромона соҳибашро интизорӣ мекашид. Бобои Милон ба рӯи зан нишасту баркҳвор аспро дар дили шаб ба пеш тохт.

Баъд аз як соъат боз ба ду сарбози дигар, ки дӯш бар дӯши ҳам ба қисмашон бармегаштанд, дучор омад. Ӯ аспашро рост ба тарафи онон равона карду фарёд кашид: «Ёрӣ диҳед!», «Ёрӣ диҳед!». Пруссакҳо либоси олмониро дидаю бидуни биму ҳаросе ӯро назди худ хонданд. Он гоҳ пирамард мисли тири тӯп аз миёни ҳарду баркҳвор рад шуду дар як он он дуро нақш бар замин кард: якеро бо шамшер, дигарерол бо тапончааш.

Баъд аспҳои онҳоро сар заду бидуни шитоб ба назди кӯраи оҳакпазӣ баргашт ва аспашро дар қаъри торикии таҳхона пинҳон кард. Мундирашро кашиду либосҳои ҷандаашро пӯшид ва ба бистараш даромаду то субҳ хобид.

Чаҳор шабонарӯз пирамард аз хона берун набаромад, интизор шуд, ки таҳқиқот тамом бишавад. Шаби панҷум низ шабехун задаю бо ҳамон тарзу усул боз ду сарбози дигарро ба қатл расонд. Аз он рӯз он баъд худдориро аз даст дода буд. Ин сарбоз-шабаҳ, ин шикорчии одамон ҳар шаб ҷонашро дар хатар гузошта, аз майдонҳои хилвату аз зери партави моҳ чун барқ мегузашту пруссакҳои дар муқобилаш дучоромадаро сар мезад. Ин савораи куҳансол кори худро анҷом додаю аҷсоди бечони душманонро дар рӯи ҷодаҳо паси сар гузошта, ба назди кӯра бармегашт ва аспу мундирашро пинҳон мекард.

Вай нисфи рӯз мисли ин ки воқеъае рӯй надода бошад,

ба аспаш, ки дар таҳхона буду шикамсерӣ мехуронидаш, обу чав мебурд...

Фақат шаби охирин, вақте ки ба пруссакҳо ҳамла бурд, яке аз онҳо худро набохту бо шамшер рӯяшро захмӣ кард.

Дар ҳар сурат пирамард харду олмониро ҳам ба ҳалокат расонид, то дами кӯра расид, аспашро пинҳон намуд, чандаашро ба тан кард, аммо дар роҳи бозгашт ба хона чунон мадору қувваташро аз даст дод, ки то ба ферма нарасида, хазида ба тавила даромад.

Ана дар ҳамон ҷо ӯро, ки сару рӯяш оғиштаи хун буд, дар болои тӯдаи коҳ пайдо карданд...

XXX

Бобои Милон ҳикояташро поён дода, сарашро боло бурду бо ифтихор ба афсарони олмонӣ нигарист.

Полковник мӯйлабашро тоб доду пурсид:

- Чизи дигаре изофа намекунед?

- Не. Ҳисобам дақиқ аст. На каму на зиёд шонздаҳ нафаратонро куштам.

- Оё мурдани худро медонед?

- Чӣ, магар аз шумо бахшиш пурсидам?

- Шумо сарбоз будед?

- Бале, будам. Ҳатто ҷангидаам. Падарамро шумо куштa будед. Вай ҳанӯз дар замони салтанати императори якум хидмат мекард. Ҳатто писари хурдиам Франсуаро дар назди Эврё ба қатл расонидед. Шумо аз ман қарздор будед ва инак, ҳисобамон баробар шуд.

Афсарон ба ҳамдигар нигаристанд.

- Ҳашт нафар ба ивази падарам, ҳашт нафари дигараш ба ивази писарам. Ҳисоби мо пок шуд, - суханашро идома дод пирамард. – Ман дари хонаи шуморо накӯфтаам. Шуморо ҳам намешиносам. Ҳатто

намедонам, ки аз кучо омадед. Ба гарданам нишастеду мисли ин ки дар хонаи худатон бошед, дар ин чо амру фармон медиҳед. Ман қасосамро аз чони шонздаҳ нафари шумо гирифтам. Пушаймон нестам.

Пирамард миёни хамзадаашро рост карду ба таври содаю бебокона дастонашро ба рӯи синааш салиб дод.

Пруссакҳо муддати дарозе байни худ пичир-пичир карданд. Капитане, ки як моҳ пеш писарашро аз даст дода буд, диловари фақирро ҳимоя намуд.

Полковник аз чо бархосту ба бобои Милон наздик шуд ва оҳиста гуфт:

- Гӯш кун, мӯсафед, ҳанӯз ҳам барои начоти чонат имкон ҳаст, агар ту...

Аммо деҳқон суханҳои ӯро шунидан нахост. Чеҳраи лоғару аз зарби шамшер захмишудааш дар ҳам кашида шуд, вай сарашро такон доду ҳаворо фуру бурд ва бо тамоми нерӯ ба чашмони пруссак туф андохт.

Полковник девонавор ба пирамард даст андохт, вале ӯ бори дигар ба рӯи вай туф кард.

Афсарон аз чо парида хестанду сухани ҳамдигарро бурида, фармон доданд.

Бобои Милонро даст гирифтанду дами девор гузоштанд ва тирборон карданд, вале ӯ то лаҳзаи охирин ба сӯи писари калониаш Жан ва келину набераҳояш, ки аз тарсу ваҳшат дар чояшон шах шуда буданду ба ӯ менигаристанд, бо ҳамон оромии собиқаш табассум мекард.

ОВОРАГАРД

Чихил рӯз мешуд, ки дар ҷустуҷӯи кор оворагардӣ мекард. Зодгоҳаш Вил-Аварэро, ки ба департаменти Ламани мутаъаллиқ буд, барои он тарк гуфта буд, ки адр он ҷо коре барояш пайдо нашуд. Вай, ки шогирди наҷҷор буду бисту ҳафт сол дошт, ҳарчанд ки ҷавони софдилу меҳнатқарин ва фарзанди аршади хонавода башумор мерафт, вале ду моҳи тамом сарбори ойила буд. Азбаски дар ҳама ҷо бекорӣ ҳоким буд, ба ҷуз даст болои даст гузошта нишастан чораи дигаре надошт. Дар ойилааш рӯи нонро ба нудрат медиданд. Ду хоҳараш ба кори рӯзбаъй мерафтанд, аммо музди ночизе насибашон мешуд. Вале Жак Рандел, ки дар хонавода шахси нерӯмандтарин башумор мерафт, кореро анҷом намедод, зеро ки аз кор дараке набуд, аз ин рӯ бори гарони дигарон ҳисоб мешуд.

Вай дар сурогӣ кор ба шаҳрдорӣ мурочиъат намуд ва котиб ба ӯ гуфт, ки дар Фаронсаи марказӣ ҳанӯз метавон коре пайдо намуд. Бино бар ин ӯ шаҳодатнома ва аснодашро омода карду ҳафт франк дар ҷайб ба роҳ даромад. Вай дар нуки асояш буғчаеро, ки андаруни он як ҷуфт кафши эҳтиётӣ ва шиму пироҳанаш буд, бардошта мебурд.

Вай шабу рӯз нафас рост накарда, аз роҳҳои поённопазир, дар зери борону офтоби сӯзон қадам зад, аммо ҳаргиз натавонист ба он кишвари пурасроре, ки дар он ҷо ба манрди коргар шуғле насиб намегардад, даст ёбад.

Азбаски касбу пешааш наҷҷорӣ буд, дар ибтидо мехост наҷҷор бошад. Аммо ба ҳар муассисаи сохтмоние, ки мурочиъат мекард, ба ӯ мегуфтанд, ки бино

бар набудани супориш коргаронро озод карданд. Чун тамоми пули дар бисоташ бударо тақрибан сарф карда буд, аз ин рӯ пеши худ қарор гузошт, ки ба ҳар коре, ки насибаш мегардад, машғул бишавад.

Ва инак, ӯ гоҳе заминканию гоҳи дигар аспбонӣ ва баъзан авқот сангтароший мекард, ҳезум мекафонд, дарахт мебрид, чоҳҳоро тоза менамуд, оҳак мепӯхт, шохаҳоро банд мебаст, рамаи бузҳоро мечаронид ва ин ҳама корро ба хотири якчанд су анҷом медод. Агар коре ҳам барои ду-се рӯз пайдо мекард, маҳз ба он сабаб буд, ки ба ивази заҳматаш музди зиёд тақозо намекард ва ин рафтораш ба хоҷагону арбобони мумсик хуш меомад.

Вале ҳоло як ҳафта мешуд, ки бекор буд, оҳ дар бисот надошт, бино бар ин дар кӯчаю паскӯчаҳо оворагардӣ мекард, дари манзили ину онро мекӯфт ва нони хушке ба даст меовард.

Рӯзи равшан ҷои худро ба шоми тор супурда буд. Жак Рандел аз фарти гуруснагӣ бо азобе қадам бардошта, навмеду рӯҳафтода аз болои алафи ҳошияи роҳ оҳиста-оҳиста бо поҳои бараҳна пеш мерафт; вай охирин ҷуфти кафшҳояшро эҳтиёт мекард, чунки кафшҳои дигараш муддатҳо пеш пора-пора шуда буданд. Ин воқеъа дар охирин рӯзҳои тирамоҳ, дар рӯзи шанбе рӯй дода буд. Боди шухчанг дар лобалои шохаҳои дарахтон ҳуштак мекашид ва дар дили осмон абрҳои сиёҳу борониро бо суръати сареъ пеш меронд. Эҳсос мешуд, ки базудӣ борон меборад. Имшаб дар арафаи рӯзи якшанбе атроф хилват буд. Дар бистари саҳроҳо ҷо-ҷо ғарамҳои алаф, ки ба замбуруғҳои зарди бузург шабоҳат доштанд, ба чашм мерасиданд. Замини барои ҳосили соли оянда киштшуда урён ба назар мерасид.

Рандел гуруснагиро, ҳамон гуруснагиеро, ки маъмулан гургҳоро барои ба одамон ҳамла овардан мачбур мекунад, эҳсос намуд. Вай аз хастагӣ беҳол шуда буд: бо сари хам роҳ мерафт, хуни шақиқаҳояш мечӯшид,

чашмонаш сурх шуда буданду ҳалқаш хушк... Дар дасташ асоеро сахт фишор медод.

Ба ду тарафи роҳ нигарист ва чашмаш ба картошказори ҳосилаш ғундоштташуда афтод. Агар чанд дона картошка пайдо менамуд, дар он сурат шоҳаҳои хушкидаро ҷамъ карда, андаруни ҷӯй оташ меафрӯхт, картошкаҳоро мепӯхт, пеш аз он ки ба хӯрдан шурӯъ бикунад, онро сӯзонак рӯи кафи дастони сардаш мегузошту сипас гармакак фуру мебурд, шикамашро сер мекард.

Аммо мавсими ҷамъоварии картошка тамом шуда буд, аз ин рӯ мачбур шуд мисли дирӯза факат лаблабуи хомро, ки аз ҷӯя канда буд, зери дандон бихояд.

Ду рӯзи охир баланд-баланд ҳарф мезад, гирифтори афкори парешон шуда буд, ҳар лаҳза ба суръати қадамҳояш меафзуд. То кунун тамоман фурсати фикру андеша надошт: ҳамаи фикру хаёлаш, тамоми қудрату тавонойиашро сарфи кор карда буд. Вале хастагӣ, ҷустучӯи кори барояш дастнорас, гирифтани ҷавобҳои рад, доду фарёд, гузаронидани шабҳо дар зери осмон, гуруснагӣ, таҳқиру тамасхури ҳамешагӣ аз тарафи ҳамватанон, ки ҳар рӯз «Чаро дар зодгоҳи худ зиндагӣ намекунад» - гӯён суолаш мекарданд, андӯҳу ҳасрати он ки бозувони чолоку заматқаринаш ба коре андармон нестанд, ёди аҳли хонаводааш, ки дар хона мондаанду мисли ӯ дар бисот як пули сиёҳ хам надоранд – ин ҳама ба тадриҷ хашму газабашро, ки хар рӯзу ҳар соъат ва ҳар дақиқаю ҳар сония ба ҷӯш меоваранд, як бар сад меафзуданд.

Бо поҳои бараҳнааш ба сангҳо бархӯрда, зери лаб ғур-ғур мекард:

- Ачаб бадбахтие... бадбахтие... Оҳ, хукҳо... Одамро мегузоранд, ки аз гуруснагӣ чон дихад... Оҳ, хукҳо... ҳатто дар ҷайбам чаҳор сӯ ҳам нест... чаҳор сӯ... ана, борон ҳам омад... Оҳ, хукҳо!..

Аз беадолатии сарнавишташ ба қаҳру ғазаб меомад ва мардумро, тамоми мардумро аз ин ки модари бузург-табиъат кӯру ҳақношинос, бераҳму ғаддор аст, гунаҳкор мекард.

«Оҳ, хукҳо!» - дандонҳояшро ғичиррос занонида, ба фаввораи дуди хокистарифоми фарози бомҳо нигариста, такрор мекард ӯ. Ба беадолатии дигаре, ки маҳз худи инсон муртакиб мешаваду ба он ғорату зӯроварӣ ном мегузорад, фикр накарда, хоҳиши ба яке аз хонаҳо ворид шудану соҳибонашро куштан ва ба ҷои онҳо дар паси мизи хӯрок нишастан дар дилаш бедор шуд.

Вай зери лаб пичирос зад:

- Акнун ки манро мегузоранд аз гуруснагӣ бимирам, пас маълум мешавад, ки ҳаққи зиндагӣ надорам... охир ман фақат кор мехоҳам... Оҳ, хукҳо!..

Дарди саропои баданаш, дарди шикамаш, дарди дили озурдааш мисли мастии хатарноке ба сараш зад ва дар мағзаш фикри одие зуҳур кард:

«Ман ҳаққи зиндагӣ дорам, чунки нафас мекашам, чунки барои ман ҳаво вуҷуд дорад. Пас ҳаққу ҳукук надоранд, ки манро бидуни нон гузоранд!».

Резаборони шадиду хеле сард меборид. Рандел таваққуф намуда, пичирос зад:

- Ана, бадбахтӣ... барои ба хона баргаштан боз як моҳи тамом дар роҳҳои оворагардӣ кардан лозим меояд...

Ӯ акнун ба умеди пайдо кардани коре ба зодгоҳи азизаш, ки ҳама дар он ҷо вайро мешинохтанду вале дар ин ҷоҳо мардум бо сӯъи зан менигарандаш, бармегашт.

Азбаски аз рӯи ихтисосаш коре пайдо нашуд, акнун муздурӣ мекунад, оҳак мепазад, замин меканад, санг метарошад. Агар ҳар рӯз бист сӯ ба даст орад ҳам, дар ҳар сурат барои нони шикамаш кифоят мекунад.

Гарданашро бо охирин порчаи бақимондаи рӯмолаш баст, то оби сарди борон ба тахтапушту синааш нуфуз

накунад. Вале базудӣ эҳсос намуд, ки оби борон лисоби фарсудаи танашро тар кард. Бо ғаму андӯҳ ба атроф нигарист. Нигоҳаш ба нигоҳи шахси ба марг маҳкумшудае, ки акнун намедонад сар ба кучо занад, шабоҳат дошт.

Шаб чодари сиёҳи хешро ба рухи киштзорон кашид ва аз фаро расиданаш дарак дод.

Аз дурдаст дар бистари маргзор чашмаш ба шабаҳи сиёҳе, ба ҳайкали модагови хобидае афтод. Аз болои чӯйбори канори роҳ ҷаҳида, бидуни ин ки мақсаду маромашро пурра тасаввур намояд, ба тарафи модагов рафт.

Вакте наздик шуд, ҳайвон сари калонашро бардошт. Ва Рандел чунин фикр кард: «Агар хурмае медоштам, метавонистам шир бинӯшам».

Вай ба модагов нигаристу модагов ба ӯ. Сипас бо лагад зарбаи сахте ба шиками модагов зад ва фарёд кашид:

- Бархез!

Модагов танбалона барҳост. Пистонаш овезон шуд. Он гоҳ вай зери шиками гов ба пушт дароз кашиду ба макидан шурӯъ намуд. Муддати мадиде бо ду дасташ фишор дода, бо ҳирсу валъи тамом гири гармакакро макид. Ин чашмаи табиъиро то муддате макид, ки ширааш тамом шуд.

Борони сард боз ҳам шиддат гирифт. Дашти ҳамвор холӣ буд. Дар атроф сарпаноҳе ба чашм намехӯрд. Танаш аз хунукӣ меларзид. Ба чароғаки панҷараи хонае, ки аз васати дарахтон ба сӯяш чашмак мезад, нигарист.

Модагов боз лавандона ба замин хобид. Рандел пахлуи вай нишаста, ба хотири он ки ҳайвон шиками ӯро сер карда буд, бо сипосгузорӣ сари говро навозиш намуд. Нафаси гарме, ки аз ду сӯрохи бинии модагов мисли бухори фазои шабона берун меомад, чехраи наччорро мелесид.

Вай ба модагов гуфт:

- Он ҷо, зери шикамат гарм аст. Акнун дастонашро зери пистони гов бурда гармӣ мечуст. Пеши худ қарор гузошт, ки танашро ба зери шиками ҳайвони безабон фишор дода, шабро дар ин ҷо гузаронад. Ӯ сарашро ба пистони бузурги гов, ки ҳол ҳозир шикамашро сер карда буд, такя дод ва дароз кашида хобид. Аз фарти хастагӣ базудӣ хобаш бурд.

Аз сӯзи сармо чандин бор бедор шуда, он қисми баданашро, ки боди сарди шабона бар он дасту пача мезад, ба паҳлуи гов мефишурд ва боз мисли одами аз тобу тавон афтода, ҳамоно ғарқи хоб мешуд.

Ҷеғи хурӯс ӯро ба по хезонд. Шафақ оташгун буд. Борон ист карда, осмон софу беғубор шуда буд.

Модагов тумшуқашро ба замин такя дода, ҳанӯз ҳам мехобид. Рандел ду даст ба замин тир карда, бинии мартуби ҳайвонро бӯсиду гуфт:

- Хуш бош, зебояки ман... то боздид... ту ҳайвони нексириште хастӣ... Хуш бош.

Сипас кафшҳояшро ба по карду, ба роҳ даромад.

Тақрибан ду соъат ба як самт рафт ва чунон хаста шуд, ки ба болои сабзаҳо нишаст.

Рӯз комилан равшан шуд. Зангӯлаҳои калисоҳо ба садо даромаданд. Мардони дар тан либосҳои васеъу дароз дошта ва занони кулоҳҳои сафед ба сар яке пиёдаю дигаре савора тадричан бештар ба назар мерасиданд. Онҳо ба деҳоти ҳамсоя мерафтанд, то рӯзи истироҳатро дар ҳалқаи дӯстон ва ё хешу ақрабоёни худ гузаронанд.

Деҳқони фарбеҳе, ки тақрибан бист сар гӯсфандро пешандоз карда меомад, намоён шуд. Гӯсфандон баъосзанон ба ду тараф давутоз мекарданд, аммо саги чобуку тезгире ононро дар як ҷо ҷамъ менамуд.

Рандел аз ҷо бархосту кулоҳашро аз сар гирифт.

- Барои марди коргар коре пайдо карда наметавонед? Ман аз гуруснагӣ мемирам, - гуфт ӯ.

Деҳқони шикамкалон ба ҷавони оворагард нигоҳи ғазаболуде андохту дар посух гуфт:

- Ман барои ҳар гуна қаллоб корро ҳайф медонам.

Ва наҷҷор мучаддадан дар лаби ҷӯи канори роҳ нишаст.

Вай муддати мадиде интизор шуд, ба рафту омади сокинони деҳот нигарсит ва кӯшиш намуд, ки аз байни онҳо одами зоҳиран нармдил ва ё ягон чеҳраи барояш ҳамдардро пайдо бикунад, то хоҳишу илтимоси худро ба ӯ изҳор дорад.

Саранҷом якеро, ки сару либосаш мисли ашрофзодагон ва дар рӯи шикамаш занҷираки тилоӣ овезон буд, интихоб кард.

- Ду моҳ мешавад, ки кор мечӯям, - оғози сухан кард ӯ, - аммо пайдо намекунам ва дар кисаам ҳар як пули сиёҳе надорам.

Ашрофзодаи дехотӣ гуфт:

- Эъломеро, ки дар даромадгоҳи деҳа овезон аст, бихонед. Дар коммунаи мо гадоӣ мамнӯъ аст. Дар ёд дошта бошед, ки ман деҳхудо ҳастам ва агар ҳар чи зудтар ин ҷоро тарк нагӯед, дастур медиҳам, ки дастгиратон намоянд.

Рандел аз фарти хашму ғазаб ларзида, ғур-ғуркунон гуфт:

- Агар раво донед, дастур дихед дастгирам кунанд, ин ба нафъи ман аст, дар хар сурат аз гуруснагӣ наmemирам.

Ва ӯ боз дар лаби чӯйбор нишаст.

Воқеъан ҳам баъд аз понздах дақиқа дар рӯи роҳ ду тан аз жандармҳо пайдо шуданд. Онҳо кулоҳҳои сегӯшаи пардоздода, камарбандҳои чармии зард ва тукмаҳои оҳании худро дар зери нурҳои офтоб намойиш дода, бо салобату карру фар оҳиста-оҳиста қадам бармедоштанд ва мисли ин ки бо ин рафторашон мехостанд чиноятkоронро ба ваҳшат андозанд ва аз дур онҳоро ба

фирор мачбур созанд.

Наччор ба таври возеҳу равшан дарк намуд, ки онҳо ба назди ӯ меоянд, вале ногаҳон дар вучудаш майли бо эшон ситезачӯйӣ кардан, ба ҳабсхона афтодан ва баъдан қасосашро ситонидан бедор шуда, дар ҷояш такон нахӯрд.

Онҳо мисли ин ки ӯро надида бошанд, бо қадамҳои сангину мавзун ба ӯ наздик шуданд. Ба маҳзи дар баробараш қарор гирифтан, чунин вонамуд карданд, ки гӯё ҳол ҳозир ӯро дидаанд. Дар ҷояшон истоданд ва ба сӯяш бо нигоҳи норозиёна ва таҳдидомез чашм дӯхтанд.

Сержант аз ӯ пурсид:

- Дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

Рандел оромона ҷавоб дод:

- Истироҳат мекунам.

- Шумо аз кучо ба ин ҷо омадаед?

- Барои номбар кардани тамоми ҷоҳои будаам, як соъат вақт кифоят намекунад.

- Ба кучо меравед?

- Ба Вил-Аварэ.

- Он дар кучо воқеъ аст?

- Дар департаменти Ламанш.

- Он зодгоҳи шумост?

- Бале.

- Пас чаро он ҷоро тарк гуфтед?

- Ба хотири пайдо кардани коре.

Сержант ба ҳамкораш рӯ оварду бо хашму ғазаб эълон кард:

- Ҳамаи ин оворагардон фақат як чизро тасдик мекунанд. Охир ман инҳоро хуб мешиносам.

Пасон истинтоқро шурӯъ кард:

- Ҳамроҳи худ санаде доред?

- Бале.

- Нишон диҳед.

Рандел аз кисааш шаҳодатнома ва коғазҳои касифу

фарсударо берун оварду ба жандарм дароз кард.

Жандарм онҳоро канда-канда хонд ва чун бовар ҳосил кард, ки нуқсоне дар санадҳо нест, мисли ин ки фиребаш дода бошанд, бо рӯи турш онҳоро ба соҳибаш баргардонд.

Баъд аз каме фикру андеша боз истинтоқашро идома дод:

- Пул доред?
- Не.
- Тамоман?
- Бале, тамоман.
- Ягон су ҳам надоред?
- Бале, ягон су ҳам надорам.
- Пас аз ҳисоби чӣ зиндагӣ мекунед?
- Ба ман садақа медиҳанд.
- Яъне шумо гадойӣ мекунед?

Рендел қотеъона гуфт:

- Бале, дуруст фармудед.

Жандарм эълон кард:

- Ман шуморо ҳангоми оворагардӣ ва гадойӣ дар роҳи калон дастгир намудам, барои зиндагӣ на василае дореду на касбею на ҳунаре. Аз ин рӯ пешниҳод мекунам, ки ҳамрохам ба роҳ дароед.

Наччор бархост.

- Ихтиёр доред, - гуфт ӯ. Ва интизори амру фармоне нашуда, миёни ду жандарм қарор гирифту илова кард: - Рафтем, манро ба ҳабс гиред. Лоақал аз шарри борон сарпаноҳе меёбам.

Онҳо ба тарафи деха. ки бомҳои сафолпӯшаш аз дурдаст ба чашм мерасиданд, рох пеш гирифтанд.

Вакте эшон аз байни деха мегузаштанд, дар калисо тоъату ибодат шурӯъ шуда буд. Майдон лабрез аз чамъият буд ва дар як мижа ба ҳам задан тамошобинон ба ду радиф чудо шуданд, то чи тавр пешандоз карда бурдани чиноятккорро, ки дар пушташ бачахои ба

изтиробомада медавиданд, бо чашмони худ бубинанд.

Мардону занони деҳа ба маҳбӯс, ки дар байни ду жандарм қадам мезад, менигаристанд ва дар чашмонашон оташи кинаю адоват аланга мезад: онҳо мехостанд ӯро сангсор бикунанд, пӯсти баданашро бо нохунҳояшон кананд, зери лагад гирандаш. Ҳама мехостанд гуноҳи ӯро бидонанд. Мехостанд бидонанд, ки дуздӣ кардааст ва ё касеро ба қатл расонидааст? Масалан, қассобе тасдиққунон мегуфт: «Ин чиноятқкори фирорист». Барои соҳиби дукони сигорфурӯшӣ чунин менамуд, ки дар симои Рандел одамеро шинохтааст, ки субҳи рӯзе панҷоҳ сантим пули қалбакиро зӯран ба ӯ дода буд. Ва фурушандаи абзорҳои челонгари аз афту андоми ӯ қотили дастгирнашавандаи бевазан Малеро, ки ним сол боз пули дар ҷустуҷӯи ӯст, шинохта буд.

Дар толори шӯрои мунитсипалитет, ки посбонон Ранделро ба он ҷо бурда буданд, чашмаш ба деҳхудо афтод, ки дар паси мизи додрас менишаст.

- Оҳо! – хитоб кард намояндаи ҳукумат. – Ошно, ин боз шумоед! Охир ба шумо гуфта будам, ки дастгир хоҳед шуд. Хуб, сержант, ин аз тойифаи кадом оадмҳо будааст?

Сержант гуфт:

- Ҷаноби деҳхудо, ин оворагардест бехонумон, тибқи гуфтаҳояш на пуле дар бисот дораду на молу мулке, ҳангоми гадойӣ ва оворагардӣ дастгираш кардем, аснодаш нуқсоне надоранд.

- Хуб, санадҳояшро ба ман нишон дихед, - зери лаб гуфт деҳхудо.

Вай санадҳоро гирифту ду-се бор хонд, сипас онҳоро пас дода, гуфт:

- Ҳамаи кисаҳояшро кофтуков бикунед.

Ҳама ҷои бадани Ранделро бозрасӣ карданд, аммо чизе пайдо нашуд. Деҳхудо гӯё дар ҳайрат афтода буд.

- Шумо имрӯз дар сари роҳ чӣ кор мекардед? – пурсид ӯ аз Рандел.

- Аз пайи кор мегаштам.

- Кор? Дар сари роҳи калон?

- Мутобики фахмиши шумо дар кучо бояд кор мечустам? Чй, бояд дар чангал пинҳон шавам?

Онҳо ба рӯи ҳамдигар мисли ҳайвонҳое, ки ба зоти даранда хо таъаллук доштанд, бо кинаю нафрат нигаристанд. Намояндаи хукумат думболаи суханашро таъкиб кард:

- Ман дастур медиҳам, ки шуморо озод бикунанд, вале мувозиб бошед, ки дигар бо ман рӯ ба рӯ нашавед!

- Бехтар аст манро озод накунед, - гуфт дар чавоб наччор, - Оворагардй ба дилам зад.

Дехкудо киёфаи чиддй ба худ гирифт:

- Хомӯш шавед! – Баъд рӯ ба жандармҳо оварду гуфт: - Ӯро дусад метр аз деҳа берун ронеду рахояш бикунед, бигузор ба думболи кораш биравад.

Коргар гуфт:

- Лоақал дастур фармоед шикамамро сер бикунанд.

Дехкудо ҳайратзада гуфт:

- Факат ҳаминаш кифоят намекард! Ҳа-ҳа-ҳа! Эроде нест, фикри ачиб!

Аммо Рандел бо истодагй суханашро идома дод:

- Ман аз гуруснагй дорам мемира, вале шумо манро ба чиноятқорй водор месозед. Ин барои ҳамёнкалононе чун шумо бад мешавад.

Дехкудо бархосту бори дигар такрор кард:

- Ӯро фавран аз ин чо бибаред, вагарна кахру газабам меояд.

Жандармҳо ҳамон лаҳза начорро аз зери бағалаш гирифта, кашон-кашон бурданд. Вай муқовимат нишон надод, боз ҳамрохи онҳо дехаро убур карду худро дар сари рох дид: Ӯро дусад метр аз деҳа берун бурданд, сипас сержант эълон кард:

- Хуб, акнун аз ин чо гум шавед, то башараи шуморо бори дигар набинам, вагарна пушаймонй суде надорад!

Рандел дар ҷавоб чизе нагуфту ба кучо рафтанашро тасаввур накарда, аз нав ба роҳ афтод. Понздаҳ-бист дақиқа роҳ рафт. Чунон гичу манг шуда буд, ки дигар дар бораи чизе фикр намекард.

Вақте аз наздикии хонаи хурдаки панҷараҳояш нимабоз рад мешуд, ногаҳои бӯи шӯрбо ба машомаш заду мачбураш намуд, ки таваққуф бикунад.

Инак, гуруснагии токатшикану ваҳшиёна ва серинопазир, гуруснагии аз ақл бегонакунанда дар як он бо чунин нерӯе Ранделро асири худ кард, ки омода буд чун дарандае ба дару девори ин хона ҳамла бибарад.

Ӯ бо садои шунаво гуфт:

- Ҷин занад, ин дафъа мачбуратон мекунам, ки хӯрокам бидиҳед!

Ва бо тамоми нерӯ бо асои даташ ба дар кӯфт. Андарун касе садое барнаовард. Бино бар ин вай дарро боз ҳам сахттар кӯфта, фарёд кашид:

- Эй! Эй, мардум, эй, дарро гушоед!

Андарун садое ба гӯш нарасид. Он гоҳ вай ба панҷара наздик шуда, бо дасташ онро тела дод ва ҳавои хафаноку гарми ошхона, ки бо бӯи гӯшту карам омехта буд, ба истиқболи ҳавои сарди берун болу пар гушод.

Наҷҷор бо як ҷаҳиш худро даруни хона гирифт. Мизи хӯрок барои ду нафар омода буд. Соҳибони хона шояд барои дуъою ибодат ба калисо рафта, таъоми нисфирӯзиашонро, ки аз карамшӯрбои пурравған иборат буду андаруни он пораи гӯшти калоне қарор дошт, дар болои оташдон гузошта буданд.

Нони тозапухт дар байни ду шишаи то гулӯ пур дар дами оташдон онҳоро интизорӣ мекашид.

Рандел ибтидо ба нон ҳамла бурд, онро чунон бо ғазаб пора кард, ки гӯё инсонеро ба қатл мерасонд. Баъд пораҳои калон-калони нонро ба даҳон гузошту харисона фуру бурд. Аммо ҳамон лаҳза бӯи гӯшти гов ӯро ба тарафи оташдон кашид. Вай сарпӯши дегчаро ба канор

ҳаво дода, бо чангол пораи гӯшти калонро берун овард. Сипас андаруни дег карам, сабзӣ, пиёз гирифту табақчаро пур кард ва мисли ин ки дар хонаи худ бошад, ба хӯрдан шурӯъ намуд. Тақрибан тамоми гӯшт ва қисми бештари сабзичотро фуру бурда ва эҳсоси ташнагӣ кард. Ба оташдон назди шуду яке аз шишаҳоро бардошт.

Ба маҳзи моеъи даруни шишаро ба истакон рехтан, ҳамоно дарёфт, ки арақ будааст. Бало ба пасаш, бигузор арақ бошад, ӯро гарм мекунад, ба рагу пайвандаш ҳарорат медавад, баъди он қадар аз хунукиҳо ларзиданаш ба танаш марҳам мешавад. Ҷомро сар кашид. Дарёфт, ки вокеъан ҳам бад нест – охир ӯ арақро тарк карда буд – ва боз қадаҳро лабрез карда, дам кашид. Ҳамон лаҳза сархуш шуд, аз таъсири арақ мисли ин ки ба дарунаш кайфияту ҳаловати бузурге рехта бошад, рӯҳан ба ҷӯш омад.

Боз ба хӯрдан пардохт, аммо акнун бидуни шитоб мехӯрд, нонро ба оби карамшӯрбо тар карда, оҳиста-оҳиста мехоийд! Чеҳрааш ва бахусӯс пешниаш лолагун шуда буд.

Ғайри мунтазира аз дурдаст садои зангӯлаи калисо танин андохт. Тоъату ибодат поён ёфта буд. Майли модарзодиаш наччорро мачбур сохт, ки аз чо бархезад; вай бокимондаи нонро ба як кисааш андохту ба кисаи дигараш шишаи аракро чо карда ва дами панчара рафту ба рох нигарист.

Дар рох чондоре ба чашм намерасид. Вай аз панчара ба пойин чахида, роҳашро идома дод, аммо аз роҳи калон рафтан нахоста, ба сӯи бешазори канори мазраъе, ки он қадар дур набуд, давид.

Аз кори кардааш хушхолу каноъатманд буд, худро чунон чусту чолок ва нерӯманд эҳсос мекард, ки аз болои нардахои мобайн мазраъа ду поро қӯш карда, ба осонӣ чахида мегузашт.

Ҳамин ки худро дар зери дарахтон дид, шишаро аз

кисааш берун оварду роҳравон ба нӯшидан шурӯъ кард. Афкораш дар ҳам-бар ҳам шуд, пеши чашмонашро сиёҳӣ чодар гирифт, поҳояш таранг шуданд.

Вай суруди қадимии мардумиро замзама кард:

Оҳ, чи хуш аст,
Оҳ, чи хуш аст,
Чидани шоҳтути заминӣ.

Акнун дар бистари сабзазори анбӯҳу шабнамзада пеш мерафт ва ин қолии нарми зери пояш дар вуҷудаш майлу хоҳиши чун тифлакони бешуъӯр муаллақ заданро барангехт.

Бо суръати сареъ ба пеш давид, муъаллақ зад, аз ҷояш бархосту боз ин амалашро такрор кард. Сурудхониашро идома дод:

Оҳ, чи хуш аст,
Оҳ, чи хуш аст,
Чидани шоҳтути заминӣ.

Ногаҳон худро дар канори пайроҳае, ки ба самти пастхамӣ мебурд, пайдо кард ва аз фосилаи дурдаст чашмаш ба духтараки болобаланде афтод; духтар ба деҳа бармегашт ва ду сатиш ширро бо чамбарак ҳамл мекард. Вай бо чанд ҷаҳиш худро ба назди духтар расонд. Аз чашмонаш мисли саге, ки нигоҳаш ба мошак меафтад, оташ меборид.

Духтар ӯро дида, сарашро баланд кард, қаҳқаҳа зад ва садо дардод:

- Сурудхон шумо будед?

Рандел дар посух чизе нагуфт ва аз ҷарие, ки дар ҳар сурат баландиаш ду метр буд, ба пойин ҷаҳид.

Духтар ғайри чашмдошт ӯро дар назди худ дида, фарёд зад:

- Худоё, манро захракаф кардед!

Аммо ӯ суханҳои духтарро нашунид, масту аз ақл бегона шуда буд. Дар зери таъсири ошуфтагии шадиди

дигаре, ошуфтагие, ки дар нисбати гуруснагӣ чандин маротиба бештар хушу ёдашро рабуда буд, қарор гирифта буд.

Духтар аз башари ӯ, аз чашмони ӯ, аз даҳони нимабозу аз дастони ба пеш дарозшудаи ӯ тарсиду худро акиб кашид.

Рандел ӯро аз китфонаш дошта, хомӯшона ба рӯи пайроҳа хобонд.

Сатилҳои пур аз шир ба замин афтода, ҷарангосзанон ғелида рафтанд, духтар фарёд кашид, аммо чун фаҳмид, ки садои имдодталабонааш дар ин макони хилват ба ҷое намерасаду аз тарафи дигар ҷавон касди ҷони ӯро надорад, муковимати сахт нишон надод ва он қадар ҳам наранҷида, таслими ӯ шуд, чунки ҳарчанд вай беандоза дурушт бошад ҳам, вале ҷавони пуркувват буд.

Вале ҳамин ки духтар аз замин бархост, ёди сатилҳои ширашон рехта ӯро ба хашму ғазаб оварда, аз ин рӯ кафшҳояшро аз пояш кашиду ба ҷавон ҳамла бурд, то агар вай пули ширро надиҳад, сарашро зада кафонад.

Лекин Рандел сабаби ин ҳуҷуми ғазаболудро нафаҳмид ва танҳо баъди андаке хушёр шуданаш, аз амали анҷомдодааш ба ваҳшат афтода, бо тамоми нерӯ по ба фирор гузошт. Духтар аз пушти ӯ чанд санг ҳаво дод. Баъзе сангҳо ба тахтапушти Рандел бархӯрданд.

Рандел муддати мадиде давид ва баъд аз гузашти лаҳзаҳо худро чунон хаставу кӯфта эҳсос намуд, ки чунинашро бори нахуст дучор мешуд. Аз хастагӣ поҳояш кат мешуданд, афкораш парешон гашт, оламу одамро фаромӯш кард, дигар чизеро намефаҳмид.

Зери дарахте нишаст.

Баъд аз панҷ дақиқа хобаш бурд.

Такони сахте ӯро бедор кард. Чашмонашро гушода, ду жандармеро, ки ӯро дастгир кардаю дастонашро тоб дода буданд, дар болои сараш дид.

- Ман медонистам, ки боз ба дастам меафтӣ, -

захрханд зада, гуфт сержант.

Рандел ҳарфе назада, бархост. Жандармҳо ӯро такон доданду омода буданд, ки агар каме вуқовимат бикунад, шаллоқаш бизананд. Охир ӯ акнун сайди онҳо буд, тӯъмаи маҳбас бул, ки ин шикорчиёни инсонҳои ҷиноятқор ба дом андохта буданд ва дигар ҳаргиз раҳояш нахоҳанд кард.

- Хуб, пеш даро! – фармон дод жандарм.

Онҳо ба роҳ даромаданд. Шаб ҳам никоби хешро бар чеҳраи рӯз кашид.

Баъд аз ним соъат ба деҳа расиданд.

Дари хонаҳо боз буд. Деҳотиён аз ҳодиса хабардор шуданд.

Мардону занони деҳа мисли ин ки ҳар яке аз онҳоро дузд талаю тороҷ ва тачовуз карда бошад, аз хашму ғазаб ларзида, мехостанд ба нобакор рӯ ба рӯ бишаванд, то ба сараш дашному носазо боранд.

Доду фарёд аз нахустин хона оғоз ёфта дар ижораи деҳхудо, ки худи ӯ Рандели оворагардро ба мақсади интиқом гирифтан хушҳолона мунтазираш буд, поён ёфт.

Ба маҳзи ин ки деҳхудо Ранделро аз дур дид, хитоб кард:

- Оҳо, ошно! Ба даст афтодӣ. - Ва дастонашро ризоятмандона ба ҳам молид. – Охир дар сари роҳ дучорам омадан замон, огоҳаш карда будам, - ба суханаш идома дод ӯ. Баъдан бо хашму ғазаб илова кард: - Оҳ, разил, нобакор! Саранҷом барои худ бист сол зиндон кор кардӣ!

САРГУЗАШТИ ХИДМАТКОРЗАНИ ДЕҲОТӢ

Ҳаво софубегубор буд. Дар ферма ҳама пеш аз вақти маъмул нахорро хӯрда рӯ ба ҷониби саҳро оварда буданд.

Роза, ки аз ҳисоби хидматкорӣ умр ба сар мебурд, дар ошхона, ки ҳанӯз дар зери деги пур аз оби ҷӯши болои оташдон охирин пораҳои ангиштсанг месӯхт, тани танҳо монда буд. Вай лаҳза ба лаҳза аз дег об бардошта, бидуни шини болои миз, ки аз нури офтоби аз панҷара нуфузкарда ба вучуд омада буду дар натиҷа тамоми наксу айби шишаҳои панҷара дар он инъикос меёфт, аз кор сарфи назар мекард.

Се мокиёни бешарму ҳаё ба нонрезаҳои зери курсиҳо минқор мезаданд. Аз тариқи дари боз бӯи ахлоти ҳайвонот ба ошхона нуфӯз мекард. Дар сукути нимарӯзии гару хафанок хурӯсон ҷеғ мекашиданд.

Духтар зарфҳоро ҷамъу мизро пок намуда, хокистари оташдонро берун кашид, табақчаҳоро ба рафи баланди кунҷи хона, ки дар паҳлуи он соъати калони чӯбӣ овезон буд, гузошту нафасашро рост кард. Ӯ каме аз ҳол рафта буд, дар қалбаш эҳсоси ошуфтагие мекард. Духтар ба деворҳои гилии сиёҳшуда, ба болоҳои пурдудаи сақф, ки дар онҳо торҳои анкабут, шӯрмоҳиҳои хушкида ва бандчаҳои пиёз овезон буданд, нигарист. Сипас ба рӯи замин нишаст, аз бухори ғализе, ки маъмулан дар рӯзҳои гарм аз кафи хокии ошхона ба фазо мепечид, кам-кам дилаш бечо шуд. Ба замми ин боз бӯи тунду занандаи шире, ки дар кунҷи сарди анборчаи паҳлӯйӣ қарор дошт, ба ин ҷо нуфӯз мекард. Дар ҳар сурат ӯ тибқи маъмул хост ба хайётӣ бипардозад, вале эҳсоси беҳолие кард, бино бар ин ба дами дар рафт, то аз ҳавои покиза нафас бикашад.

Ва дар он ҷо аз ҳарорати офтоб ҳаловат бурда, эҳсос намуд, ки чи тавр гармии матбӯъе то ба қалбаш боло меояд, чи тавр тамоми вуҷудашро беҳолии ҳаловатбахше фаро мегирад.

Аз тудаи поруми дами дар бухорои сабуке ба фазо мепечид. Дар он ҷо селаи мокиён ба як паҳлу хобида, бо кайфияте барои пайдо кардани кирме бо панҷаҳои як по поруро тит мекарданд. Хурӯсе бо тамоми салобаташ дар миёни онон худнамойӣ мекард. Вай лаҳза ба лаҳза мокиёни наверо интихоб карда, дар гирди он оҳиста ва ботамаллуқ қуд-қудкунон давр мезад. Инак, мокиёне танбалона аз ҷо бармехезад, болҳояшро паҳн мекунад ва оромона таслими хурӯс мешавад, сипас болҳояшро афшонда, муҷаддадан ба болои тӯдаи пору мехобад, лекин хурӯс ҷеғ кашида, ғалабаи хешро ба атрофиён хабар медиҳад ва аз тамоми саҳни ҳавлиҳо, мисли ин ки шавқу завқи муҳаббатомези худро ба ҳамдигар иброз медошта бошанд, хурӯсони дигар болафшон меоянд.

Хидматкорзан бо ҳаёли парешон ба онҳо нигарист. Баъд ба фарози сараш чашм дӯхту аз дарахти себе, ки саросар шукуфта буд, дар ҳайрат афтод.

Ногаҳон аз наздики ӯ куррааспе шоду масрур чаҳорхеззанон гузашта, ду бор тӯли ҷӯйбореро, ки дар ду канори он дарахтон саф кашида буданд, бо суръат тай намуд, сипас мисли ин ки мехкӯбаш карда бошанд, сари ҷояш истод ва гӯиё аз танҳо буданаш дар ҳайрат афтода, ба атрофаш нигоҳ андохт.

Хидматкорзан ҳам эҳсос намуд, ки эҳтиёҷ ба давидан, ба ҳаракат кардан ва аз тарафи дигар майли дароз кашидану дар зери нурҳои офтоби сӯзон пинак рафтанро дорад. Вай бечуръатона чанд қадам бардошт, ҳисси саъодати ҳайвоние андомашро фаро гирифт, чашмонашро баст, пасон бидуни шитоб барои бардоштани тухмҳои мурғ ба сӯи катак рафт. Дар он ҷо сенздаҳ дона тухми мурғ ду. Онҳоро бардошту ба хона

бурда, ба даруни чевон гузошт, вале аз бӯи ошхона боз сараш гич шуд. Аз ин рӯ ба берун баромада, ба рӯи сабзаҳо нишаст.

Муҳавватаи ферма, ки атрофи онро дарахтон печонида буданд, гӯё ғарқи хоб буд. Дар васати алафзори баланд гулҳои зарди коку чашмак мезаданд, алафзор чун дар фасли баҳор тару тоза ва сабзу хуррам ба назар мерасид. Сояи дарахти себ дар буни решаи алафҳо мехобид. Дар болои бомҳои пахолӣ савсанҳое, ки баргҳояшон ба шамшер шабоҳат доштанд, руста буданд, аз бомҳо кам-кам бухор ба фазо мепечид, гӯиё рутубати оғилу саройҳо аз лобалои пахол бухор мешуд.

Хидматкорзан аз зери пешайвоне, ки дар он ҷо аробаҳои дучарха ва чаҳорчархаро гузошта буданд, рад шуд. Дар паси пешайвон, андаруни чӯйбор гавдоли калоне қарор дошт, ки дар он ҷо бунафшаҳои хушнакҳат руста буданд, дар пушти нишебие дашти калоне бо ҷангалу киштзороне, ки маҳсулашон расида буданд, доман густурда буд ва аз дурдаст ҷо-ҷо гурӯҳ-гурӯҳ одамони саргарми кор ба мисли зочаҳо ба чашм мехӯрданд, аспакони сафед чун бозичаҳое испори хурдакро, ки дар паси он одамаке ҳамқади хӯшаи гандум қадам бармедошт, ба пеш мекашиданд.

Роза барои пахол ба коҳдон даромад, дарзаи пахолро ба гавдол ҳаво доду болои он нишаст, вале нишастан барояш роҳат набуд, аз ин рӯ дарзаи пахолро боз намуду онро паҳн карда, рӯ ба осмон хобид ва дастонашро ба зери сар гузошту поҳояшро дароз кард.

Дарчаи чашмонаш оҳиста-оҳиста баста шуданд, беҳолии ширине ӯро аз худ рабуд. Вақте ғарқи хоб мешуд, ногаҳон эҳсос намуд, ки яке бо ду даст аз пистонаш дошт. Дар як он аз ҷо парид. Он шахс ҷавони болобаланду хушандом, корманди ферма Жак буд, ки мудлатҳо пеш дар атрофи ӯ парвонаро мегашт. Имрӯз ӯ дар оғили гӯсфандҳо кор мекард ва чун хобидани Розаро

дар зери соя дид, оҳиста пинҳон шуд, нафасашро дарун кашид. Аз чашмонаш оташ меборид.

Дак хост ӯро дар оғӯш бикашад, вале духтар, ки аз лиҳози нерӯю тавонойӣ аз ӯ кам набуд, тарсакие ба рӯяш навохт. Ҷавон макру ҳиларо пеш гирифта дар ҷавоби тарсакӣ маъзарат хост. Онҳо дар паҳлӯи ҳам нишаста, сари сӯҳбат гушоданд. Сӯҳбаташон дар пиромуни обу ҳавои барои кишту кор мусоъид, бобаракат будани сол, дар бораи арбоб, ки марди хуб аст ва сипас рочеъ ба ҳамсояҳо, мардуми музофот, хешону зодгоҳашон буд. Сипас эшон овони бачагиашон, падару модарашонро, ки бо онҳо барои муддати тӯлоние ва шояд барои ҳамеша падруд гуфта буданд, ба ёд оварданд. Духтар ҳангоми ба ёд овардани ин хотирот бариққат омада буд, аммо ҷавонписар ҳанӯз ҳам дар зери таъсири афкори чанд лаҳза қаблаш қарор гирифта, тадричан ба духтар ҷафстар мешуд ва бо тани аз майлу хотир ларзонаш худро ба бадани гарми ӯ мефишурд. Духтар гуфт:

- О, муддатҳост, ки модарамро надидаам, дар ҳар сурат одам ёди хонаводаашро мекунад.

Духтар фосилаҳоро аз миён бардошт, бо бемайлӣ ба дурдастҳо нигарист ва дар пеши чашмонаш деҳкадаи таркгуфтааш, ки дар гӯшае аз шимоли дурдаст қарор дошт, ҷалвагар шуд.

Ғайри чашмдошт ҷавон гардани ӯро оғӯш карду бӯсидаш, дар ҷавоб духтар мушташро гирех карда, чунон ба сурати ӯ зарбаи сахте зад, ки аз димоғаш хун ҷорӣ шуд. Ҷавонписар аз ҷо бархосту сарашро ба дарахт такя дод. Дар ҳол духтар бо тараҳҳум ба ӯ наздик шуда, пурсид:

- Дард мекунад?

Ҷавонписар дар ҷавоби суол хандид. Боке не, бадбахтӣ дар он аст, ки зарба мустақим ба димоғ расид. Ҷавонписар зери лаб оҳиста гуфт: «Ба зарбаат офарин!». Акнун вайро дар қалбаш ҳисси эҳтиром, эҳтироме, ки

аз ишқи ҳақиқӣ нисбат ба духтари қавипайкар сарчашма мегирифт, бедор шуд ва ба ӯ бо таҳсину ситойиш менигарист.

Вақте хуни димоғаш ист кард, ҷавон ба духтар пешниҳод намуд, ки каме гардиш бикунанд, чунки ӯ дар паҳлуи духтар нишастанро дигар сало намедид, зеро имкон дошт бо як рафтори норшоям боз зарбаи дигаре насибаш бишавад. Аммо духтар ба мисли зану шавҳаре, ки шабҳангом дар хиёбонҳо гардиш мекунанд, зери дасти ӯро гирифту гуфт:

- Жак, хуб нест, ки ту ба ман эҳтиром намегузорӣ.

Ҷавон худро сафед карданӣ шуда, гуфт:

- Дар ин ҷо беэҳтиромие нест, ошиқат шудаам, вассалом.

- Хуб, ту бо ман издивоҷ мекунӣ? – пурсид духтар.

Ҷавонписар ба фикр фурӯ рафт, сипас вақте ки духтар ба гӯшаи дурдасте менигарист, дуздакӣ ба ӯ чашм дӯхт. Гунаҳои духтар гирдаи гулгун, пистонҳои барҷастааш дар зери пироҳани читаш бузург, лабҳояш пургӯшту ботароват буданд, дар баёзи гардани урёнаш қатароти арақ ба чашм мехӯрданд. Бори дигар майлу хоҳиши шаҳвонии Жак ба ҷӯш омад, аз ин рӯ лабонашро ба бехи гӯши духтар наздик бурда, замзама кард:

- Издивоҷ мекунам.

Он гоҳ духтар гардани ӯро оғӯш карда, муддати мадиде чунон бӯсидаш, ки нафаси ҳарду дар гулӯ ҳабс шуд.

Аз ҳамон лаҳза ба баъд достони маъмулии ишқи пурдарди сари эшон оғоз ёфт. Онҳо дар гӯшаҳои хилват ҳамдигарро дар оғӯш мекашиданд, дар пушти ғарами алаф махфӣ шуда, дар зери партави моҳтоб мулоқот мекарданд, лаҳзаҳои сарфи ғози поҳои дар зери миз будаи худро то кабуд каштанашон мефишурданд.

Баъд аз чанде мисли ин ки майлу рағбати Жак нисбат ба духтар фуру нишаст: ӯ аз мулоқот фирор мекард, бо

духтар ҳарф намезад, аз пайи лаҳзаи мувофиқ ёфта, бо ӯ тани танҳо мондан намегашт. Бино бар ин духтар ба шакку тардид афтод, дар дилаш ғаму андӯҳ нишаст. Баъд аз чанде эҳсос намуд, ки ҳомила аст.

Духтар дар ибтидо ба даҳшат афтод, сипас ҳастиашро хашму ғазабе, ки рӯз ба рӯз шадидтар намешуд, фаро гирифт, чунки имкони бо Жак ҳамсӯҳбат шудан барояш муяссар намегашт – вай аз мулоқот кардан бо ӯ мегурехт.

Саранҷом, боре шабона, вақте ҳама таслими хоб шуданд, ӯ пои бараҳна, бо либоси зер эҳтиёткорона вориди хона шуду аз айвон гузашт, дари сайисхонаро, ки Жак дар он ҷо андаруни сандуқи пур аз пахоли болои сари аспҳо мехобид, боз кард. Жак садои пои ӯро шунида, худро дурӯғӣ ба хоб андохт, аммо духтар ба назди ӯ баромаду сари ду зонӯ нишаста, таконаш дод.

Вақте Жак сар боло карда, аз ҷояш бархосту «Чӣ мехоҳӣ?» гуфта, аз ӯ суол кард, духтар дандонҳояшро фишурда, аз фарти хашму ғазаб ларзиду гуфт:

- Мехоҳам, ки манро ба занӣ бигирӣ, чунки қаблан ваъда дода будӣ.

Жак хандида, гуфт:

- Ой, охир ба ҳамаи духтароне, ки кас хушгузаронӣ мекунад, намешавад издивоҷ кард.

Вале духтар гулӯи Жакро фишурда, ӯро ба замин пахш карду нагузошт, ки аз панҷаҳояш раҳойӣ ёбад ва дар айни ҳол бонг зад:

- Ман ҳомила шудаам, мефаҳмӣ, ҳомила!

Нафаскашии Жак мушкил шуда буд. Ӯ нафас кашидан мехост, мехост сина холӣ бикунад. Ҳамин тавр эшон дар сукути шабҳангом таконе нахӯрдаю сухане нагуфта, хомӯш монданд. Ин сукутро фақат гоҳ-гоҳе садои қусур-қусур алаф хӯрдани аспи дами охӯр мешикасту халос.

Чун Жак фаҳмид, ки духтар нерӯмандтар аз ӯст, хур-

хуркунон гуфт:

- Хуб, издивоҷ мекунам, акнун ки ин тавр шудааст, издивоҷ мекунам.

Аммо духтар ба ваъдаи ӯ бовар накард.

- Ба таъхир наандоз, - гуфт духтар. – Фардо никоҳ мекунӣ.

Жак дар ҷавоб гуфт:

- Хеле хуб, бигузор фардо бошад.

- Пас савганд ёд кун!

Вай дудил шуд, вале чорае надошт.

- Савганд ба номи худо, ки издивоҷ мекунам.

Он гоҳ духтар панҷаҳояшро аз гулӯи ӯ раҳо карду хомӯшона баромаду рафт.

Чанд рӯз ба духтар муяссар нашуд, ки бо ӯ ҳамсӯҳбат бишавад. Акнун Жак ҳар шаб дари сайисхонаро андарун мебасту духтар аз фош шудани розаш тарсида, аз кӯфтани дар худдорӣ мекард.

Ва инак, субҳгоҳе дар сари миз коргари дигаре пайдо шуд. Духтар аз ӯ пурсид:

- Жак рафт?

- Бале, ба ҷои ӯ манро қабул кардан, - гуфт ӯ.

Андоми духтар чунон ба ларза афтод, ки бо заҳмати зиёде дегро аз рӯи оташдон бардошт. Баъд аз он, вақте ки ҳама думболаи корашонро гирифтанд, духтар ба кулбаи худ паноҳ бурда, барои он ки садои гиряашро дигарон нашунаванд, сарашро ба болиш фишурда, муддати тӯлонӣ ашк рехт.

Рӯзона саъй намуд бидуни ангехтани шубҳае роҷеъ ба Жак иттилоъе ба даст оварад, аммо чунон дар фикри ғаму андӯҳи хеш буд, ки гумон мекард агар аз ҳар касе суоғи Жакро гирад, он шахс ба рӯяш заҳрханда хоҳад зад. Бо вуҷуди ин барояш муяссар шурд, ки аз ин музофотҳо ба таври абадӣ рафтани Жакро бифаҳмад.

II

Акнун зиндагӣ барояш саросар ба дарду ғам табдил ёфта буд. Бидуни эҳсосе, ки чи кореро дорад анҷом медиҳад, ба мисли мошин кор мекард ва ҳамвора дар мағзаш ин фикр давр мезад: «Вақте одамон хабар ёбанд, ҳолам чӣ мешавад?».

Дар зери фишори ҳамешагии ин фикру андеша то андозае ақлу ҳуши худро бохта буд, ки ҳатто талоше барои раҳоӣ ёфтан аз панҷаҳон расвойие, ки ҳар рӯз беш аз пеш ба таври ногузир чун марг таъқибаш мекард, ба харҷ намедод.

Субҳгоҳон пеш аз дигарон аз хоб бармехост ва бо истодагии хастагинопазир аз ойинае, ки маъмулан дар муқобили он истода мӯи сарашро шона мекард, ба шикамаш менигарист ва мекӯшид бифаҳмад, ки оё имрӯз тағйироте дар ҳастиаш ба вуҷуд омадааст ё не.

Рӯзона ҳам гоҳ-гоҳ аз кор даст кашида, ба шиками барҷастааш менигарист, то бифаҳмад, ки оё он зиёд барҷаста шудааст ё не.

Моҳҳо сипарӣ мешуданд. Ӯ тақрибан бо касе ҳамсӯҳбат намешуд, аммо вақте аз ӯ суол мекарданд, чизе намефаҳмид, худро мебохт, нигоҳаш бемаънӣ буд, дастонаш ба ӯ итоъат намекарданд. Аз ин рӯ арбоб ба вай мегуфт:

- Ҷонам, аз чист, ки рӯзҳои охир бакуллӣ ақлатро гум кардайӣ!

Ӯ дар калисо паси дунгие пинҳон шуда, аз тарси бархӯрд бо воъиз, ки қувваи фавқуттабиъаро дар қалбҳо маскан медод, ба маросими тавба ҷуръати наздик шудан надошт.

Дар паси мизи хӯрок, дар зери нигоҳи кормандони ферма, ҳастиашро арақи сард фаро мегирифт ва ҳамеша аз тарси он ки подабони хеле ҷавон, вале зираку ҳушёр

аз сирраш огоҳ хоҳад шуд, андомаш меларзид, чунки подабон бо чашмони оташбораш ҳамеша ӯро таъқиб мекард.

Субҳгоҳе хаткашон барояш нома овард. Қаблан ҳаргиз номае нагирифта буд, бино бар ин худро чунон бохта буд, ки сари ҷояш мехкӯб шуд. Агар нома аз Жак бошад, чӣ хоҳад кард? Охир вай савод надошт, аз ин рӯ ба нома бо эҳтироми тарсомез нигарист. Ӯ розашро ба касе ифшо кардан нахоста, номаро ба ҷайбаш гузошт, вале зуд-зуд аз кор даст кашида, ба умеди он ки шояд маъние дарёбад, ба сатрҳои муназзами нома, ки дар охир бо имзо хотима меёфт, муддати тӯлоние менигарист. Саранҷом аз изтиробу нигаронӣ ба сутӯҳ омаду ба назди омӯзгор рафт. Омӯзгор ӯро ба нишастан даъват намуду худ ба қироъати нома пардохт:

«Салом, духтари азизам!

Бад-ин васила ба иттилоъат мерасонам, ки умрам дорад ба охир мерасад. Ин номаро аз ҷониби ман ҳамсояамон амакҷони Дантю менависад, то агар битавонӣ фавран ташриф биоварӣ.

Номаро аз ҷониби модари дӯстдорамат ёвари шаҳрдор Сезар Дантю имзо мегузорад».

Вай ҳарфе ба забон новарда рафт, аммо чун тани танҳо монд, поҳояш аз беҳолӣ суст шуданд, бино бар он то фаро расидани шаб дар канори ҷода нишаст.

Дар ферма аз мусибати худ ба арбоб ҳикоят кард. Арбоб ӯро барои чанд рӯзе, ки эҳтиёҷ дошт, ҷавоб дода, дар зимн изҳор намуд, ки то баргаштанаш як нафарро муваққатан ба кор хоҳад пазируфт.

Модараш дар дами марг буд. Вай дар рӯзи омадани ӯ вафот кард. Бомдоди рӯзи баъд ӯ низ тифлаки лоғаре, чунон лоғару заъифе ба дунё овард, ки аз диданаш кас ба вахшат меафтод. Бидуни шубҳа тифлак хеле ранҷ кашида буд, зеро ангуштони устухонашро, ки шабеҳи

панҷаҳои анкабут буданд, бо ранҷу азоб мефишурд.

Дар ҳар сурат тифлак зинда монд.

Духтар изҳор дошт, ки ба шавҳар баромадааст, вале кӯдакро ҳамроҳаш бурда наметавонад. Аз ин хотир ӯро пеши ҳамсояҳо, ки парасториашро ба дӯш гирифтанд, гузошту худ ба ферма баргашт.

Аммо дар қалби ранҷкашидаи ӯ шафақи тамоман барояш номаълуме аз ишқу муҳаббат нисбат ба ин мавҷуди заъиф, ки дар зодгоҳаш гузошта буд ва ин ишқу муҳаббат барояш сарчашмаи ғаму андӯҳи нав, ғаму андӯҳи ҳарсоъата, ҳарлаҳзаина буд ва ин ҳама аз он буд, ки вай аз тифлакаш ҷудо шуда буд.

Бахусус майлу хоҳиши тифлакашро сари даст гирифтан, тани гармашро дар оғӯш фишурдан ӯро бача ранҷ медод. Вай шабҳо хобида наметавонист, рӯзона фақат дар бораи кӯдакаш фикр кард, асрҳо корашро тамом карда, дами оташдон менишасту мисли одамоне, ки афкорашон дар канораҳои дурдаст парвоз доранд, пайваста ба забонаҳои оташ менигарист.

Акнун дар ферма дар бораи ӯ ҳар гуна қазоват мекарданд, роҷеъ ба зебо будан ё набудани ӯ, аз Роза суол мекарданд. Аз ӯ дар мавриди кай баргузор гардидани ҷашни арӯсӣ ва маросими никоҳаш пурсон мешуданд. Вале ӯ ағлаб авқот аз ин гуфтгӯҳо канорагирӣ карда, дар гӯшаи хилвате ашк мерехт, зеро ки ин суолҳо чун сӯзан ба қалбаш мехалиданд.

Барои ин ки аз ин суолҳо раҳойӣ ёбад, ҳастии худро комилан ба кор супурд ва дар зимн лаҳзае ҳам тифли худро фаромӯш накарда, дар бораи чи тавр бештар ҷамъ намудани сармоя андешид.

Ӯ пеши худ тасмим гирифт, ки ҷиддан саргарми кор бишавад, то арбоб музди корашро зиёд бикунад.

Инак, вай тамоми кори хонаро тадричан дар ихтиёри худ гирифт, хидматкорзани дигариро ба саҳна берун

кард, азбаски акнун ба ҷои ду нафар кор мекард, ба хидматкорзани дигарӣ эҳтиёҷ набуд. Вай аз ҳама чиз, аз нону равған, шамъу дони мурғҳо, аз хӯроки ҳайвонот, ки хеле саховатмандона харҷ мекарданд, сарфаҷӯйӣ менамуд. Аз сарфи пули ферма мисли пули шахсии худ меларзид. Дар бозор фойидаҷӯйиро ёд гирифта буд. Молҳои фермаро гарон мефурухт, вале деҳкононеро, ки колои худро ба маърази фурӯш мегузоштанд, гӯл мезад, аз ин рӯ хариду фурӯш, таксими кор, амбордорӣ фақат ба ӯхдаи ӯ вогузор шуда буд. Вай акнун шахси ивазнашаванда буд. Ба ҳама чиз бо ҳушёрӣ мурокибат мекард ва дар зери назорати ҳамаҷонибаи ӯ ферма пешрафт кард. Номи ӯ дар атрофу акноф сари забонҳо мегашт. Ва худи арбоб низ дар ҳама ҷо чунин фахрфурӯшӣ мекард: «Ин духтар не, балки тилои холис аст».

Зимнан, рӯзҳо сипасӣ мешуданд, аммо музди кораш бетағйир мемонд. Арбоб заҳмати токатшикани ӯро конунӣ мехисобид, зеро ба ақидаи ӯ ҳар як хидматкори содиқ бояд табиъатан дар корҳояш чидду ҷаҳд ба харҷ диҳад. Акнун Розаро фикри он ки маҳз ба шарофати кӯшишу талоши ӯ моҳе даҳҳо франк ба сармояи арбоб изофа мешаваду вале дар иваз музди заҳмати ӯ ҳанӯз ҳам солона на каму на беш дусаду чиҳил франкро ташкил медиҳад, азият медод.

Вай тасмим гирифт, ки аз арбоб музди изофагӣ тақозо бикунад. Аз ин рӯ се дафъа ба ҳузури ӯ рафт, вале ҳар дафъа ҳам бо ӯ дар мавзӯъи дигар сӯҳбат кард. Чунки аз пул талаб кардан хиҷолат мекашид, гӯё ин амал барояш нанговар буд. Ва инак, боре хангоме ки арбоб дар ошхона танҳо субҳона мехӯрд, духтар бо лукнати забон изҳор дошт, ки мехоҳад дар мавриди корҳои шахсиаш бо ӯ сӯҳбат бикунад. Арбоб сар боло карда, дар як даст корду дар дасти дигариаш тикаи нонро

дошта, аз ҳайрат даҳонаш боз монд ва ба хидматкор бодиққат назар дӯхт. Духтар аз нигоҳи ӯ худро бохта, хоҳиш намуд, ки барои ба хона рафтан як ҳафта иҷоза бидиҳад, чӯнки аз хастагӣ тобу тавонашро аз даст додааст.

Арбоб базудӣ розӣ шуд ва сипас худ низ хиҷолатзада изҳор дошт:

- Вақте ки баргаштӣ, ман ҳам бояд бо ту гуфтугӯ бикунам.

III

Ҳафтумин моҳ аз умри кӯдак мегузашт. Модар ӯро нашинохт. Чеҳрааш гулгун, баданаш чун карти думба фарбеҳ буд. Вай хушҳолии ошкорои худро зоҳир намуда, ангуштони аз пургӯштӣ варамидаашро оҳиста такон медод. Модар мисли ин ки сайдеро ба дом андохта бошад, бо ҳаяҷон худро ба тарафи ӯ зад ва бо ҳирси фавқулъода чунон ба бӯсиданаш пардохт, ки тифлак аз тарсу ҳарос наъра кашид. Он гоҳ худи модар ҳам ба гиря афтод, чунки кӯдак ӯро нашинохта буд ва ба маҳзи дидани дояаш бо ангуштони кӯчакаш ба тарафи ӯ талош кард.

Саранҷом рӯзи дигар ба модар унс гирифт ва ҳангоме ки ӯро дид, дар лабонаш табассум гул андохт. Роза тифлакашро ба саҳро бурд. Аз дастакони ба сӯяш дарозшудаи ӯ дошта, ба мисли девонаҳо вайро дар оғӯши хеш сахт-сахт фишурду по ба дав гузошт, дар сояи дарахтон нишасту дар он ҷо бори нахуст дар ҳаёташ дарду алами ҷаҳони ботинии хешро дар ҳузури мавҷуди дигар, бигузор тифли беақл бошад ҳам, холӣ кард, дар бораи ғаму ғӯсса, ташвишу изтироб ва орзую ормонҳояш ба ӯ ҳикоят кард ва бо навозишҳои пайдарпайу пур аз

иштиёкаш ӯро ба сутӯҳ овард.

Барои ӯ дар оғӯш фишурдан, шустушӯ кардану иваз намудани либоси тифлаш як дунё шодию сурур башумор мерафт. Ҳатто вақте ки тифлак шалворашро тар мекард, баъд аз поку тамиз намудани ӯ худро хушбахт эҳсос менамуд ва гӯиё ин кораш ҳаққи модарии ӯро собит мекард. Роза ба тифлаш нигариста, дар ҳайрат меафтод, ки магар вай аз они ӯст. Хидматкорзан кӯдакашро алвонҷ дода, зери лаб замзама мекард: «Ана, писараки ман, ана, писараки ман!».

Роза дар бозгашт тамоми роҳро гирист. Ба ферма расидан замон, арбоб ӯро ба ҳузураш хонд. Вай ҳайратзадаю бо як дунё изтироб – бидуни он ки худ сабабашро бидонад – дар назди арбоб ҳозир шуд.

- Нишин, - гуфт арбоб.

Роза нишасту лаҳзае чанд ҳарду парешонҳолу бидуни он ки бидонанда дастони аз кор фориғи худро дар кучо андармон бикунанд, тибқи одати деҳқонзодагон ба ҳамдигар нигоҳ карда, паҳлуи ҳам нишастанд.

Фермер, ки марди тануманди чиҳилу панҷсола буд, то кунун ду занро ба он дунё гуселонида буд ва шахси басе зиндадилу исроркор ба назар мерасид, ошкор хичолат мекашид, ҳарчанд ки ин рафтор барояш бегона буд.

Саранҷом вай чашм ба дурдастҳо, ба киштзорон дӯхт, ҷуръат пайдо намуда, канда-канда ба таври мармӯз сари сӯҳбатро гушод:

- Роза, оё фурсати он нарасидааст, ки дар мавриди ба шавҳар баромадан фикр бикуни?

Роза ранги рӯяшро бохт, сурататаш мисли барф сафед шуд. Чун фермер дид, ки суолаш бечавоб монд, думболаи суханашро гирифт:

- Ту духтари хубу бовиқор ва заҳматқарину сарфаҷӯй ҳастӣ. Занҳое мисли ту ганҷи бебаҳоянд.

Роза чун лаҳзаҳои собиқ бо тарсу ҳарос чашм ба пеши поҳояш дӯхта, мисли мучассамаи бечон нишаста буд ва ҳатто чизеро дарк кардан намехост. Ҳамаи афкораш дар ҳам печида буд. Гӯё хатари бузурге таъқибаш мекард. Арбоб дақиқае сукут ихтиёр карду боз арзи матлаб намуд:

- Медони чӣ, вақте ферма кадбонуи худро надорад, ҳатто бо будани хидматкоре мисли ту суде ба даст намеояд.

Ва арбоб боз чи гуфтанашро надониста, лаб фуру баст.

Роза мисли ин ки дар наздаш қотиле нишаста бошаду бо каме такон хӯрданаш кас бояд ба ақибаш нигоҳ накарда, по ба фирор гузорад, бо ваҳшат ба ӯ менигарист.

Саранҷом фермер тақрибан баъд аз панҷ дақиқа пурсид:

- Хуб, чӣ тавр? Мехоҳӣ?

Роза бо қиёфаи гирифта пурсид:

- Чиро, арбоб?

Он гоҳ арбоб бидуни таваққуф гуфт:

- Ҷин занад, охир ба ман ба шавҳар баро, мегӯям!

Роза аз ҷо парида, хост по ба фирор гузорад, аммо мадораш хушк шуда, боз ба курсӣ нишаст ва гӯиё ки бар дӯшаш кӯҳе аз бадбахтӣ фуруд омада бошад, дар ҳамон ҳолат сари ҷояш мехкӯб шуд.

Билохира косаи сабри фермер лабрез шуд.

- Бигӯй, охир, боз чӣ мехоҳӣ?

Роза бо навмедӣ ба ӯ нигарист. Сипас селоби ашк аз дидагонаш ҷорӣ шуду ҳиқ-ҳиққунон гуфт:

- Наметавонам, наметавонам!

- Чаро? – пурсид фермер. – Ачабо, аклатро ба сарат биёр, то фардо фикр бикун.

Фермер чун эҳсос намуд, ки баъд аз гуфтугӯи барояш

хеле азобовар бори сангине аз дӯшаш фуру афтод ва ба замми он чун имони комил дошт, ки фардо хидматкораш ба пешниҳоди ӯ розигиашро медиҳад, барои рафтан ачала кард. Вай мепиндошт, ки пешниҳодаш барои Роза басу пурифьтихору барои худаш фавқулъода муфид аст, зеро ӯ соҳиби зане мешуд, ки нисбат ба беҳтарин духтари вилояд суду даромади бештаре барояш меоварад.

Дар ин ҷо рочеъ ба никоҳи нобаробар ҷои андеша нест. Охир дар деҳа ҳама каму беш баробаранд. Дар ин ҷо арбоб бо хидматкораш баробар шудгор мекунаду хидматкор ҳам ағлаб авқот дер ё зуд ба арбоб табдил меёбад ва хидматкорзанҳо низ ба кадбонуҳо бадал мешаванд. Бино бар ин дар ин ҳолат дар зиндагию расму ойини онҳо чизе дигаргун намешавад.

Он шаб Роза хобида натавонист. Вай худро ба рахти хобаш партофт, чунон афсурдахотир буд, ки ҳатто қудрату тавонойии гиристанро аз даст дода буд. Ӯ бехабар аз вуҷуди худ таконе нахӯрда менишаст ва мисли ин ки афкорашро пора-пора карда бошанд, ба худ омада наметавонист...

Фақат дар лаҳазоти ҷудогона барояш мяссар мешуд, ки порае аз афкорашро дастгир кунад ва чун пеши худ тасаввур мекард, ки ба сараш чи балои азиме фуруд хоҳад омад, ба ваҳшат меафтод.

Ваҳшаташ пайваста меафзуд ва ҳар боре ки дар сукути чаҳор девори хона соъати деворӣ оҳиста-оҳиста аз гузашти лаҳазот хабар медод, андомашро арақи сард фаро мегирифт. Сараш давр мезад, ашбоҳи даҳшатзо таъқибаш мекарданд. Шамъ сӯхта хомӯш шуд ва дар як он ӯро девонагие яклаҳзагӣ, девонагие, ки вақте деҳқонон ба кучо анҷомидани сарнавишташонро фикр мекарданду баъдан по ба фирор мегузоранд, мехоҳанд пинҳон бишаванд ва чун киштии аз туфон гурезон мехоҳанд аз доми бадбахтӣ раҳойӣ ёбанд, ба комаш кашид.

Бонги ҷугд ба гӯш расид. Роза ларзид, коматаш рост шуд. Ба худ омад, даст ба сурататаш, ба мӯҳояш кашид. Ба ҷо-ҷои баданаш даст зад. Сипас мисли беморе калавида-калавида ба пойин фуромад. Чун хешро дар саҳни ҳавлӣ дид, ба гаваккашӣ пардохт, то масте оворагард набинадаш. Ба ивази он ки дарвозаро боз намуда берун равад, хазида аз рӯи девор гузашт. Чун худро дар майдони пушти девор дид, по ба фирор гузошт. Медавиду медавид, мисли ғизол сабуку тунд медавид. Ва лаҳза ба лаҳза, бидуни ин ки худ эҳсос бикунад, якбора баланд-баланд фарёд мекашид. Сояи бузургаш, ки дар бистари замин дароз кашида буд, ҳамроҳаш медавид. Гоҳ-гоҳе мурғи шабҳангом гирди сараш давр мезад. Сагҳои посбони фермаҳо садои пои ӯро шунида, аккос мезаданд. Яке аз онҳо бо мақсади газидан аз ҷӯйбор ҷаҳида, ӯро думболагир кард, аммо Роза ба пасаш баргашту чунон наъра зад, ки саг думашро миёни ду пояш фишурда, рӯ ба гурез оварду хешро ба кулбааш зада хомӯш шуд.

Дар ҷо-ҷои майдон харгӯшчаҳо бозӣ мекарданд. Онҳо ба маҳзи дидани фирорие ҷунунтабиъат, фирорие чун Диана аз тарс ба чаҳор сӯ пароканда шуданд. Модархаргӯш бо бачаҳояш худро ба даруни ҷӯйбор заду аз анзор пинҳон шуд, падархаргӯш бо тамоми неруяш муаллақзанон ғелида рафт ва сояи ғалтони ӯ бо гӯшҳои сихи дарозаш дар партави моҳи рӯ ба ғуруб оварда, ки акнун то ба канори замин расида буду бо нурҳои кабуди, ки чун фонӯси бузурги рӯи замини дами уфуқ гузошта, даштро равшан мекард, гоҳ-гоҳ ба чашм мехӯрд.

Ситораҳо дар дурдасти осмон тадричан хиратар мешуданд, мурғакон зам-зама мекарданд. Субҳ фаро мерасид. Духтари тобу тавонбохта бо азобе нафас рост кард ва ҳамин ки шамси оламгир пардаи нилгуни шафақро дарида, чеҳра боз кард, аз рафтан бозистод.

Похои варамидааш аз рафтан сарпечӣ карданд. Дар ин асно кӯлмаки калони пуромӣро дид. Оби ороми он дар зери таъсири дарёе аз хун буд. Духтар даст ба рӯи қалбаш фишурд, хастаю лангон-лангон ба кӯлмак наздик шуд, то харду пояшро ба даруни он раҳо бикунад.

Вай болои сабзаҳо нишаст, кашфҳои ноҷӯри пур аз гарду хокро аз пояш раҳо карда, ба гӯшае ҳаво дод, ҷӯробҳояшро низ кашид ва похои кабудгаштаашро ба дасти оби сарди кӯлмак, ки дар сатҳи он лаҳза ба лаҳза ҳубобҳо мекафиданд, супурд.

Сардии ҳаловатбахш аз кафи пояш то дами синааш боло омад. Духтар ба ин кӯлмаки жарф пайваста нигарист, ногаҳон сараш чарх зад, майлу рағбати шадиде барои худро ба об анохтан дар вуҷудаш бедор шуд. Андаруни об ранҷу дардаш ба поён мерасид, оре, ба таври ҳамешагӣ ба поён мерасид. Вай акнун дар мавриди кӯдакаш фикр намекард. Оромӣ мхост. Дастҳояшро боло бурд. Ду кадам ба ҷилав гузошт. Акнун об то ба ронҳояш расид. Ба ғӯта задан омода шуда буд. Вале ногаҳон гӯй ҳазорон забони мор ба буҷулаки пояш неш заданд. Бо нолаю шеван аз даруни об ҷаҳида, худро берун андохт. Шуллукҳои дарози сиёҳ аз кафи по то зонӯвонашро макида, пояшро варам кунонида буданд. Ӯ аз даст задан ба шуллукҳо тарсид ва аз ваҳшат нола кашид. Фарёдҳои навмедонааш ба гуши деҳқоне, ки аз дурдаст савори ароба бюа кучое мерафт, расид. Деҳқон ба имдоди ӯ расид, шуллукҳоро яке пас аз дигаре аз бадани ӯ ҷудо кард, ба рӯи ҷарохаташ алаф гузошт ва духтарро ба ферма бурд.

Ду хафта бистарӣ шуд. Субҳе, ки аз бистари беморӣ барҳосту дами дар нишаст, ногаҳон сару каллаи арбоб намоён шуд.

- Хуб, чӣ тавр, - гуфт арбоб, - ба пешниходам мувофиқӣ?

Роза чи ҷавоб доданашро надонист, вале азбаски арбоб аз наздаш рафтанӣ набуду пайваста ба ӯ менигарист, аз ин рӯ зӯракӣ зери лаб гуфт:

- Не, арбоб, наметавонам.

Дар ин лаҳза арбоб ба хашм омад:

- Наметавонӣ, наметавонӣ, чаро охир?

Роза ашкрезон такрор кард:

- Наметавонам.

Арбоб бо хашму ғазаб ба ӯ нигариста, ба сараш фарёд зад:

- Эҳтимол ягон хушдор дошта бошӣ?

- Бале, эҳтимол дошта бошам.

Фермер мисли гули ашрофӣ лолагун шуду бо хашму ғазаб канда-канда гуфт:

- Оҳ, ҳоло ҳамин тавр гӯй, яъне ту нобакор ҳам соҳиби хушдор! Вай кӣ будааст? Вай маккор кӣ будааст? Побараҳна, гадо, ҳаромӣ, бенаслу насаб? Бигӯй, охир, вай чӣ касе будааст? – Ва чун Роза дар ҷавоб чизе нагуфт, думболаи суханашро таъқиб кард: - Намехоҳӣ... Хуб, ман худам ба ту мегӯям: Жан Бодю.

Роза фарёд кашид:

- Не, не, вай не!

- Хуб, Пер Мартен?

- Не, не, арбоб.

Арбо мисли девонаҳо ба номбар кардани ҳамаи ҷавонписарони музофот шурӯъ намуд, аз ин рӯ Роза худро комилан бохта, бо гӯшаи пешбанди осмонирангаш ашки чашмонашро сутурда, ҳар як номро инкор мекард. Аммо фермер чун саги шикорие, ки ба қасди ба дом андохтани ҳайдаш, ки бӯи онро андаруни лонааш эҳсос мекунаду баъзан тамоми рӯз заминро бо панҷаҳояш меканад, бо якравии аблаҳона ба торҳои дили Роза нохун мезад, то рози онро берун кашад. Баногоҳ фермер бонг зад:

- О, арвоҳ занад, охир он кас хидматкори порсола Жак аст, одамон ҷоғ мезананд, ки ту бо вай айшу нӯш доштӣ ва ӯ қавл додааст, ки туро ба занӣ мегирад.

Нафаси Роза танг омад, дар чеҳрааш хун дамид, ашки чашмонаш ҷорӣ шуд, ба мисли қатраҳои обе бар оҳани доғшуда, дар гунаҳояш хушкид. Ӯ фарёд зад:

- Не, ӯ не, ӯ не!

- Ой, дурӯғ-ку намегӯӣ? – баъд аз эҳсоси он ки ба ҳақиқат наздик шудааст, пурсид фермер.

Духтар шитобзада ҷавоб дод:

- Агар хоҳӣ, ҳол ҳозир савганд мехӯрам, агар хоҳӣ ҳол ҳозир...

Роза ба муқаддасот савганд хӯрданро салоҳ надида, аз пайи ба чи савганд ёд кардан мегашт. Фермер сухани ӯро бурид:

- Охир вай туро ба гӯшаҳои хилват мекашонд, ҳангоми сарфи ғизо ба сӯят чашмак мезад. Бигӯ, оё ба ӯ ваъда карда будӣ ё не?

Роза ин дафъа рост ба чашмони арбоб нигаристу гуфт:

- Не, ваъда надода будам, не, надода будам, ба ҳурмати худо, ки рост мегӯям, бигузор худи ҳамин рӯз ба хостгориам биёяд, вале ман ба ӯ шавҳар намебароям.

Роза чунон бо самимият ҳарф мезад, ки фермер дудил шуд ва мисли ин ки аз худаш суол мекарда бошад, думболаи ҳарфашро гирифт:

- Пас вай кӣ будааст? Ба ту бадбахтие рӯй надодааст ва агар рӯй медод, ҳама хабар меёфтанд, аз ҷониби дигар, агар ҳодисае рӯй надода бошад, пас чаро хидматкор аз пешниҳоди арбобаш сарпечӣ мекунад? Дар ин ҷо розе нуҳуфтааст.

Роза дигар ба суолҳо ҷавоб намедод, синаашро яъсу навмедӣ мефишурд.

Фермер бори дигар пурсид:

- Намехоҳӣ?

муқовиматро надорад. Аз эҳсоси шарму ҳаё чун шутурмурғе, ки сарашро зери болҳояш пинҳон мекунад, бо ду кафи дасташ сураташро пӯшид ва таслими мард шуд.

Фермер тамоми шабро бо ӯ гузаронд. Шаби дигару шабҳои дигар ҳам ташриф овард.

Акнун онҳо ҳамроҳ зиндагӣ мекарданд.

Субҳи рӯзе фермер ба ӯ гуфт:

- Ман ба ҳама эълом кардам, моҳи дигар издивоҷ мекунем.

Роза дар посух чизе нагуфт. Чӣ ҳам метавонист бигӯяд? Вай муқовимат накард. Чӣ кор ҳам аз дасташ меомад?

IV

Роза бо ӯ издивоҷ кард. Ба назараш чунин меомад, ки ба чоҳи бетаҳе афтодаасту аз он раҳоӣ ёфтан имконнопазир аст ва бадбахтӣ низ гӯё мисли сахраи бузурге, ки ҳол ҳозир омодаи фуру ғалтидан аст, бар фарози сараш овезон аст. Вай пайваста мепиндошт, ки гӯё шавҳарашро дуздида бошад ва албатта дер ё зуд фермер инро дарк мекунад. Ва ӯ боз рочеъ ба кӯдакаш, ба кӯдаке, ки сарчашмаи тамоми бадбахтию хушбахтиҳояш буд, меандешид.

Соле ду бор ба дидорбинии фарзандаш мерафт ва ҳангоми бозгашт боз ҳам бештар маҳзун мешуд.

Саранҷом оҳиста-оҳиста одат кард, тарсу ваҳшати ботиниаш аз байн рафт, қалбаш ором гирифт ва ҳарчанд ки ҳанӯз ҳам дар дилаш биму ҳаросе мубҳам ба ҷунбиш медаромад, вале дар ҳар ҳол каме бо итминон зиндагӣ ба сар мебурд.

Солҳо сипарӣ мешуданд. Панҷ сол аз умри кӯдакаш гузашт. Акнун такрибан хушбахт шуда буд, вале

Духтар оҳи сарде кашида, гуфт:

- Наметавонам, арбоб.

Арбоб он ҷоро такрор кард.

Роза гумон дошт, ки аз шарри фермер халос шуд. Аз ин хотир ором гирифт. Аммо чунон хаста шудаю аз тобу тавон афтода буд, ки гӯиё аз субҳ то шом ӯро ба ҷои аспи сафеди пиру лоғар барои ба ҳаракат даровардани мошини ғаллакӯбӣ мачбур карда бошанд.

Вай ба маҳзи анҷом додани корҳояш, рӯи бистараш дароз кашид ва базудӣ хобаш бурд.

Посе аз шаб гузашта буд, ки касе рахти хобашро дудастӣ палмосид. Ваҳшатзада аз ҷо парид, вале билфосила садои фермерро шунид, ки гуфт:

- Роза, натарс, ин манам, омадам, ки бо ту гуфтугӯ бикунам.

Ибтидо Роза дар ҳайрат афтод, сипас, ҳангоме ки меҳмони нохонда кӯшиш намуд, ки зери лиҳоф ба паҳлуи ӯ дарояд, ҳадафи ӯро фаҳмид. Бино бар ин дар торикӣ, хоболуду урён дар паҳлуи марде, ки ӯро мехост, бечорагию нотавонии хешро эҳсос намула, бо тамоми ҳастиаш ларзид. Вокеъан ҳам ӯ таслим шудан намехост, вале худ ғуломи майли табиъиаш, майле, ки ҳамеша дар вуҷуди ин ҷинси сустирода бештар рушд кардааст, шуда буд ва ба ҳамин хотир ҳам ба талошҳои мард танбалона муқовимат мекард, чунки дар сиришти ин ҷинси заъифу содалавҳ ирода суст тараққӣ кардааст ва дар сурати лозим он ба ӯ кумак карда наметавонад. Ӯ сарашро гоҳ ба росту гоҳ ба чап тоб медод, то лабонашро ба бӯсаи фермер наҷот бидиҳад. Андомаш аз таъсири кашмакаши хастакунанда дар зери лиҳоф ҷастухез мекард. Фермер аз майлу хоҳиши шаҳвоние, ки нисбат ба ӯ дошт, сармаст шуда, дағалиаш боло мегирифт, бино бар ин бо ҳаракати шадиде рӯандозро аз болои Роза канор зад. Дар ҳамин лаҳза духтар мутаваҷҷеҳ шуд, ки дигар қудрати

муқовиматро надорад. Аз эҳсоси шарму ҳаё чун шутурмурғе, ки сарашро зери болҳояш пинҳон мекунад, бо ду кафи дасташ сурататашро пӯшид ва таслими мард шуд.

Фермер тамоми шабро бо ӯ гузаронд. Шаби дигару шабҳои дигар ҳам ташриф овард.

Акнун онҳо ҳамроҳ зиндагӣ мекарданд.

Субҳи рӯзе фермер ба ӯ гуфт:

- Ман ба ҳама эълом кардам, моҳи дигар издивоҷ мекунем.

Роза дар посух чизе нагуфт. Чӣ ҳам метавонист бигӯяд? Вай муқовимат накард. Чӣ кор ҳам аз дасташ меомад?

IV

Роза бо ӯ издивоҷ кард. Ба назараш чунин меомад, ки ба чоҳи бетаҳе афтодаасту аз он раҳойӣ ёфтан имконнопазир аст ва бадбахтӣ низ гӯё мисли сахраи бузурге, ки ҳол ҳозир омодаи фуру ғалтидан аст, бар фарози сараш овезон аст. Вай пайваста мепиндошт, ки гӯё шавҳарашро дуздида бошад ва албатта дер ё зуд фермер инро дарк мекунад. Ва ӯ боз роҷеъ ба кӯдакаш, ба кӯдаке, ки сарчашмаи тамоми бадбахтию хушбахтиҳояш буд, меандешид.

Соле ду бор ба дидорбинии фарзандаш мерафт ва ҳангоми бозгашт боз ҳам бештар маҳзун мешуд.

Саранҷом оҳиста-оҳиста одат кард, тарсу ваҳшати ботиниаш аз байн рафт, қалбаш ором гирифт ва ҳарчанд ки ҳанӯз ҳам дар дилаш биму ҳаросе мубҳам ба ҷунбиш медаромад, вале дар ҳар ҳол каме бо итминон зиндагӣ ба сар мебурд.

Солҳо сипарӣ мешуданд. Панҷ сол аз умри кӯдакаш гузашт. Акнун тақрибан хушбахт шуда буд, вале

ногаҳон шавҳарашро ғаму андӯҳ гиребонгир шуд.

Акнун ду сол мешуд, ки гӯё дар вуҷуди шавҳараш ташвишу изтиробе маскан гирифта буд, бемории рӯҳие дар ҷисму ҷонаш реша медавонд. Вай баъд аз наҳор муддати мадиде сарашро ба дастонаш такя дода, дар пушти миз маҳзуну ғамзада менишаст. Ағлаб авқот садояшро баланд мекард, баъзан дурушти менамуд. Ба назар чунин меомад, ки гӯё аз доштани ҳамсараш афсӯс мехӯрад, чунки гоҳ-гоҳе ба тудӣ, ҳатто бо қаҳру ғазаб ҳарфи занашро мебурид.

Боре, вақте писарбачаи ҳамсоя барои тухми мурғ ба хонааш омаду Роза гирифтори корҳои хона буд ва натавонист бо писарак муносибати меҳрибонона бикунад, нобаҳангом шавҳараш пайдо шуду бо ғазаб гуфт:

- Агар ин писари ту мебуд, эҳтимол ин тавр номеҳрубонӣ намекардӣ.

Роза чунон моту мабҳут шуда буд, ки дар вуҷудаш тамоми изтиробаш бедор шуданд.

Дар сари дастархон шавҳараш дигар бо ӯ гуфтугӯ накард, ба сӯяш назаре наандохт. Ба назар чунин мерасид, ки вай аз Роза мутанаффир аст, ба ӯ бо таҳқир менигарад ва аз чизе пай бурдааст.

Роза бакуллӣ худро бохта буд, аз танҳо мондан бо ӯ метарсид, аз ин рӯ баъд аз сарфи таъом ба калисо рафт.

Ҳаво тадричан торик мешуд. Дохили калимои танг тамоман торик буд, вале садои пои касе дар гӯшае аз ибодатгоҳ хомӯширо халалдор мекард – ин садои пои нигаҳбони калисо буд, ки чароғи дастиро равған пур мекард. Роза чун охирин умед ба нури ларзони чароғак, ки дар зери торикии гунбади калисо баъзан ғайб мезад, нигаристу сипас нигоҳашро аз он набардошта, ба зону афтод.

Чароғак рӯ ба боло месӯхт. Базудӣ кафшҳои чӯбӣ

баробар садо доданд ва пас аз он танобе, ки ба он тахтачӯбҳо васл шуда буданд, ба хишир-хишир даромад. Зангӯлае бо садои заъифаш мардумро ба ибодати шабона даъват кард. Нигаҳбон ба рафтан омодагӣ дошт, Роза ба назди ӯ рафт.

- Ҷаноби кашиш дар хонаашон ҳастанд? – аз ӯ пурсид Роза.

- Бале, вақте ман зангӯлаи ибодати шабонаро мезанам, вай ҳамеша хӯроки шомашро мехӯрад.

Он гоҳ Роза бо тани ларзон дари хонаи кашишро боз кард.

Кашиш дар паси миз нишаста буд. Розаро ҳам фавран дар паҳлуи худ шинонд.

- Шунидам, шунидам. Худи шавҳаратон ба ман гуфт. Сабаби ташриф оварданатонро ҳам медонам.

Зани бечора сари ҷояш шах шуд. Кашиш думболаи ҳарфашро гирифт:

- Духтарам, чи чора!

Ва кашиш шитобзада чанд қошуқ супро пайи ҳам фуру бурд. Чанд қатра суп ба болои пешдомани равғанолуди рӯи шиками барҷастааш фуру лағзид.

Роза акнун пеши худ қарор гузошт, ки дигар на ҳарфе бизанаду на хоҳишу илтимосе бикунад, пас аз ҷо бархост. Кашиш гуфт:

- Рӯҳафтода нашавед...

Ва Роза он ҷоро тарк гуфт.

Вай ба чи амале даст заданашро надониста, ба ферма баргашт. Дар ғайёби ӯ коргарон рафта буданд. Шавҳараш мунтазир буд ӯро. Роза худро пеши поҳои шавҳараш андохту ашкрезон нола кард:

- Чаро нисбат ба ман хашмгин шудайӣ?

Шавҳараш шурӯъ кард ба носазогӯйӣ:

- Арвоҳ занад, барои он ки фарзанд надорам! Магар ман ба хотири он зан гирифтам, ки як умр ҳарду зиндагӣ

бикунем? Ана, аз барои ҳамин ҳам хашмгинам. Вақте гов намезояд, ба дарди касе намехӯрад. Вақте зан таваллуд намекунад, дар он сурат ӯ ҳам дардеро даво намекунад.

Роза ҳик-ҳиккунон гиристу гуфт:

- Ман гуноҳ надорам, бале, гуноҳ надорам!

Билахира шавҳараш каме нарм шуду илова кард:

- Ман туро гунаҳкор намекунам, дар ҳар сурат ба кас аламовар аст.

V

Аз ҳамон рӯз ба баъд фақат як фикр ҳушу хаёлашро асири хеш карда буд: бояд таваллуд кард, оре, бояд кӯдак таваллуд бикунад ва ин майлу хоҳиши худро ба ҳама изҳор медошт.

Зани ҳамсоя ба ӯ талқин мекард, ки ҳар бегоҳ каме хокистарро дар як истакон махлут карда, ба шавҳараш нӯшонад. Фермер бо майли комил розӣ шуд, аммо ин тадбир кӯмак накард.

Онҳо пеши худ андешиданд: «Эҳтимол тадбири махфии дигаре низ бошад». Ва аз пайи пайдо кардани он афтоданд. Ба эшон аз чӯпоне ёдовар шуданд, ки чандин фарсах дур аз ферма умр ба сар мебурд. Амаки Валлен аспро ба ароба кӯш карду барои маслиҳат ба сафар рафт. Чӯпон ба ӯ нони алафиеро дод, ки дар рӯи он нишонаҳое гузошта буд. Аз ин нон мебойист зану шавҳар ҳар шаб як тикагӣ қабл аз робитаҳои ҷинсии заношӯйӣ истеъмол мекарданд.

Онҳо онро то нонрезаи охирин истеъмол карданд, аммо самаре ба бор наовард.

Омӯзгори деҳа ба онҳо роҳҳои махфӣ ва ҳанӯз дар деҳа номаълуми робитаҳои ҷинсиро гуфт. Ин ҳам натиҷае надод.

Кашиш маслиҳат дод, ки Роза барои зиёрат ба Фекан биравад, ба хуни муқаддас сари таъзим фуруд орад. Роза ба иттифоқи издиҳоми зойирон санги мазорро оғӯш карда, дуъои худро бо хоҳишу илтичоҳои аз қалбҳои деҳқонӣ буруномада пайваста, ба оне, ки ҳама барояш дуъо мекарданд, мурочиъаткунон истеъод намуд, ки ӯро аз балои бефарзандӣ начот диҳад. Вале ин ҳама бенатича буд. Он гоҳ вай пеши худ ҳукм бароварда, ки ин ҷазо барои гуноҳи нахустинаш аст ва вуҷудашро яъсу навмедӣ фаро гирифт.

Вай аз ғаму андӯҳ рӯз ба рӯз мепажмурд. Шавҳараш хам пир шуда, аз ҷабри орзую умедҳои беҳуда аз кор афтод. «Ғаму ғӯсса тамоми шарбату шираи ӯро макидааст», - мегуфтанд дар ҳаққи шавҳараш ҳамсояҳо.

Саранҷом миёни зану шавҳар оташи кинаю адовать аланга зад. Шавҳараш ӯро дашном медод, шаллоқ мезад, тамоми рӯз аз ҷонаш безор мекард, шаб дар бистари хоб аз хашму ғазаб нафастанг шуда, носазо мегуфт, дар ҳаққаш суханҳои қабеҳро раво медид.

Ва инак, боре шабҳангом дигар чи тавр таҳқир карданашро надониста, ба Роза амр кард, ки аз бистари хоб барҳоста, берун барояд ва то субҳ дар зери борон истад.

Роза аз амраш сарпечӣ кард. Фермер аз гулӯи ӯ дошта, бо мушт ба сураташ кӯфт. Роза дар ҷавоб вокунише нишон надод, дар ҷояш такон нахӯрд. Фермер аз фарти хашму ғазаб зонувонашро ба шиками Роза фишор доду дандонҳояшро ба ҳавм фишурда, аз ниҳояти хашму ғазаб ӯро тахти зарбаҳои марговар қарор дод. Он гоҳ Роза то сарҳадди маъюсӣ расида, ба ғазаб омаду бо як ҳаракати баркосо ӯро ба танаи девор кӯфта, худ аз ҷо барҳост ва босадои хафаноку тағйирёфтааш бонг зад:

- Ман кӯдак дорам, бале, дорам, аз Жак кӯдак

таваллуд кардам. Ту Жакро мешиносӣ, вай ваъда карда буд, ки бо ман издивоҷ мекунад, аммо аз ин ҷо фирор кард.

Шавҳараш бухтзада сари ҷояш мехкӯб шуд ва бо изтиробе на камтар аз изтироби Роза пичирос зад:

- Ту чӣ гуфтӣ? Чӣ гуфтӣ?

Он гоҳ Роза бо чашмони ашкбор замзама кард:

- Барои ҳамин ҳам нахоста будам ба ту ба шавҳар бароям. Ҷуръат намекардам, ки ин розро ба ту бармало кунам. Ту манро бо кӯдакам меронди, бе лукмаи нон мегузоштӣ. Ту фарзанд надорӣ, ту инро намефаҳмӣ, оре, намефаҳмӣ.

Шавҳараш беш аз пеш ба таъаҷҷуб афтода, беихтиёр такрор мекард:

- Ту кӯдак дорӣ, ту кӯдак дорӣ?

Роза ҳиқ-ҳиққунон гуфт:

- Ту манро бо зӯрӣ ба занӣ гирифтӣ, оре, ту худ дар ёд дорӣ, ки ман бо майли худ туро напазируфтаам.

Шавҳараш аз ҷо бархост, шамъро равшан кард ва ду даст ба пушт гузошту ба пасу пеш қадам задан гирифт. Роза ҳанӯз ҳам дар рӯи тахти хоб ба рӯ афтода буд ва мегирист. Баногоҳ шавҳараш дар мукобилаш қарор гирифт.

- Хуб, пас маълум мешавад, ки ба бефарзандиамон ман муқассирам: - пурсид шавҳараш.

Роза ҷавоб надод. Шавҳараш боз ба қадамзанӣ пардохт ва пасон бори дигар таваққуф намуда, гуфт:

- Писарат чанд сол дорад?

Роза пичирос зад:

- Ба наздикӣ шашсола мешавад.

Вай боз пурсид:

- Чаро дар ин бора чизе нагуфтӣ?

Роза нолидаю гуфт:

- Магар ман ҷуръати инро доштам!

Шавҳараш сари ҷояш шах шуд.

- Хуб, бархез, - гуфт ӯ.

Роза бо заҳмат бархост ва ҳангоме ки такя ба девор зада, сари ду по истод, шавҳараш чун одати ҳамешагиаш қоҳ-қоҳзанон хандида, ба Розаи ҳанӯз ҳам гичу гаранг гуфт:

- Бисёр хуб, азбаски аз ману ту фарзанд ба дунё наомад, аз ин рӯ меравему писарчаатро меорем.

Роза чунон ба тарсу ваҳшат афтод, ки агар қуввату қудрат медошт, бидуни тардид по ба фирор мегузошт. Дар ин лаҳза фермер дастонашро ба ҳам молиш дода, ғурунгос зад:

- Ман мехостам кӯдакеро ба фарзандӣ қабул кунам, аммо он кӯдак пайдо нашуд. Аз кашиш ҳам барои пайдо намудани ятиме хоҳиш карда будам, то ба фарзандӣ бипазирамаш.

Сипас фермер ҳанӯз ҳам хандакунон зани гирёну гичу гарангшудаашро бӯсида, мисли ин ки кар бошад, дар бехи гӯшаш дод зад:

- Хуб, модар, бираву бубин, ки хӯрдание ҳаст ё не. Ман ҳоло як хурмача таъомро мехӯрам.

Роза юбкаашро пӯшид ва ҳарду ба пойин фуромаданд. Ва ҳангоме ки зан ба зонӯ нишаста, оташи зери дегро пуф мекард, шавҳараш дар ошхона қадамзанон аз хушҳолӣ ба чи амале даст заданашро надониста, пайваста такрор мекард:

- Ба ҳурмати худо, ки ман шодам, беҳуда намегӯям, фавқулъода шодам, беандоза шодам.

ҒУСЛИ ТАЪМИД

Барои Гийема

Дами дарҳои ферма мардони либоси идона ба тан гирди ҳам омада, интизорӣ мекашиданд. Офтоби моҳи май ба рӯи дарахти себи шукуфта, ки шоху баргҳояш чун гулдастаи бузурги муаттар ба рӯи ҳавлӣ соябони ғӯлии хешро густурда буд, нурҳои дурахшони хешро нисор мекард. Азшохаҳо гулбаргҳо мисли барфрезаҳо пай дар пай мерехтанд: онон парвозкунон чарх мезаданду ба рӯи алафи анбӯҳ, ки дар миёнашон гулҳои қоқӯ медурахшиданд, лолахасакҳои арғувонӣ ҷилванамойӣ мекарданд, фуруд меомаданд. Дар болои тӯдаи пору модахуки шикамкалоне бо пистонҳои пуршир пинак рафта буд. Дар атрофи вай хукмабачаҳои думчаҳояшон мисли ресмон тобхӯрда ҷумбуҷӯш доштанд. Ғайри чашмдошт аз пушти дарахтоне, ки як фермаро аз фермаи дигарӣ ҷудо карда буданд, садои зангӯлаҳои калисо танин андохт. Садои ҷарасии он даъвати заъифи худро ба осмони дурахшон фиристод. Парастуҳо фазои обии аз ду тараф бо дарахтони муртафеъу сокит печонидаро тирвор сӯрох карданд. Ба атри мулойиму латифи дарахтони себ гоҳ-гоҳ бӯи оғил омехта мешуд.

Яке аз мардон, ки дар саҳни ҳавлӣ интизор буд, ба тарафи хона баргашту фарёд зад:

- Мелина, шитоб бикунед. Занги калисоро заданд.

Ин деҳқони болобаланди тақрибан сисола буд, ки машаққати беинтиҳойи барзгарӣ ҳанӯз қоматашро хаму танашро маъюб накарда буд. Падари ӯ, пирамарди покачу мисли шохаи дарахти булут пурбуғум ва бандҳои дастонаш дағар-буғур ғур-ғур кард:

- Оҳ, ин занҳо! Онҳо ҳеҷ вақт кореро ба мавқеъ тамом намекунанд.

Ду писари дигари вай хандаро сар доданд ва яке аз онон ба тарафи бародари аршадаш, ба тарафи оне, ки қабл аз ҳама садояшро баланд карда буд, баргашту маслиҳат дод:

- Полит, бираву онҳоро биёр, вагарна ним рӯз тӯл медиҳанд.

Ҷавонписар ворид хона шуд.

Селаи мурғобиёне, ки дар наздики деҳқонон таваққуф намуда буд, ғақ-ғақ карду болҳояшро такон дода, оҳистаю саллона-саллона ба тарафи толоб рафт.

Билахира зани фарбеҳе тифли думоҳа дар бағал дами дари боз пайдо шуд. Наворҳои сафеди кулоҳи баланди гӯшакдораш ба пушташ фуромада буданд ва бо шоли оташгуни чашмхиракунандааш рақобат мекарданд: вай тифлаки ба қундоқҳои нав печидаро ба шиками пурҳаҷмаш мефишурд.

Сипас, модари ҷавон, зани болобаланду тахминан ҳаждаҳсола зоҳир шуд; вай бо лабони аз табассум шукуфтаю бо чеҳраи пуртароват аз зери дасти шавҳараш дошта буд. Аз думболи ӯ ҳарду модарбузург, ки чун себи пажмурда пурчину чурук буданду мухри хастагии пирӣ дар қиёфаҳояшон нақш баста буд, хориҷ шуданд: кори сахти токатшикан қомати эшонро муддатҳо қабл дуто карда буд. Яке аз онҳо, ки бева буд, аз зери дасти падарбузург, ки дами дар интизорӣ мекашид, гирифт ва ба иттифоқи ӯ аз пушти сари доя, ки тифлро ҳамл мекард, пешопеши ширкаткунандагони маросим ҳаракат намуд. Аз паси онон аъзои дигари ойила ба роҳ афтоданд. Аз ҳама хурдсолатринҳо халтачаҳои карамелро ҳамл мекарданд.

Ҳоло ҳам аз дур зангӯлаи нисбатан кӯчак тифлаки дилхоҳу ҳанӯз нотавонро пайгирона ба калисо даъват

мекард. Писарбачаҳо болои нишебии хандақҳои марзаҳо мебаромаданд, бузургсолон ба дами деворҳо наздик мешуданд, занони муздур сатилҳои пурширро рӯи замин гузоштаю дар васати онҳо қарор мегирифтанд ва бо даҳонҳои воз ба маросими гусли таъмид менигаристанд.

Доя бори ҷондори худро боло бардошта, толобҳоро давр задаю гузашта, аз роҳе, ки дар миёни теппаҳои пурдарахт рад мешуд, бо салобат қадам мезад. Пирамардон ботакаллуфона, каме лангида роҳ мепаймуданд: поҳояшон бемору карахт шуда буданд.

Хаёли писарбачаҳо банди ракс буд, аз ин рӯ онҳо ба духтароне, ки барои тамошои маросим давон-давон омада буданд, чашм медӯхтанд. Волидайни ҷавон бо қиёфаҳои ҷиддӣ пеш мерафтанд, охир эшон шахсеро ҳамроҳӣ мекарданд, ки замоне онҳоро иваз хоҳад намуд ва насли Дантюҳоро, ҳамон Дантюҳоеро, ки дар сарсари ноҳия хуб мешиносанд, идома хоҳад дод.

Чун гурӯҳ ба ҳамворӣ расид, мустақиман аз миёни сарҳроҳо ҳаракат кард, зеро давр зада гузаштани саҳроҳоюю фақат аз роҳҳои муъайн пеш рафтан вақти зиёдеро тақозо мекард.

Дар ҷилав калисо бо зангӯлачаи нукдарозаш зоҳир шуд, ки дар зери пӯшиши сафолиаш чизе ба тундӣ пасу пеш рафтаю гоҳ намоён мешуду гоҳ пинҳон. Ин зангӯла буд, ки бидуни хастагӣ занг зада, навзодро даъват менамуд, ки аввалин бор аз хонаи Худо боздид кунад.

Саге ақиби одамон афтода буд. Вай дар атрофи онҳо ҷастухез мекард ва одамон ба сӯяш конфет мепартофтанд.

Дари калисо боз шуд. Кашиши ҷавони қоматбаланд, сурхмӯю лоғарандом, вале қавипайкар, ки ӯ ҳам қавми Дантю буд, дами меҳроб интизорӣ мекашид: вай амаки тифли навзод буд. Ӯ маросимро анҷом доду бародарзодаашро Проспер-Сезар ном гузошт.

Тифлак намаки ғусли таъмидро чашиду гиря кард.

Баъд аз ибодат аҳли ойила дар айвонча интизор шуд. то кашиш қабояшро бикашад.

Сипас, ба тарафи хона равона шуданд. Акнун сареъ қадам мебардоштанд. Ҳама мехостанд ҳар чи зудтар шикамҳоро аз зиёфат сер кунанд.

Бачаҳо аз ақиби бузургсолон медавиданд ва ҳар боре ки ба тарафашон як мушт конфет меандохтанд, задухӯрди шадиди тан ба тан, кашидани мӯи сари якдигар шурӯъ мешуд, саг ҳам барои ширинӣ дар он кашмакаш дастачамъӣ ширкат мечуст, вайро аз думу гӯшу панҷаҳояш мекашиданд, вале айвон нисбат ба бачаҳо сарсахттар буд.

Доя хаста шуд, аз кашиш, ки дӯш ба дӯшаш қадам мебардошт, хоҳиш кард:

- Ҷаноби кашиш! Метавонед бародарзодаатонро аз дасти ман бигиред, то каме нафасамро тоза бикунам? Охир аз хастагӣ дарунам таҳурӯ шуд.

Кашиш тифлакро, ки либоси сафедаш дар манзари абои сиёҳи дароз чун лаклаки сафеди калон ба назар меомад, ба рӯи дастонаш гирифт ва ӯро саросема бӯсид. Вай намедонист, ки навзодро чи тавр нигоҳ дорад, ба ӯ чи гуна муносибат бикунад. Ҳама қоҳ-қоҳ хандиданд. Яке аз пиразанҳо аз дур садо зад:

- Кашиш, иқрор бишав, якинан афсӯс мехӯрӣ, ки ба ту чунин тифл насиб намегардад?

Кашиш ҷавоб надод. Вай бо қадамҳои васеъ пеш мерафт ва нигоҳашро аз тифлаки обичашм намеканд, зеро беандоза мехост, ки бори дигар он гунаҳои гирдаро бибӯсад.

Вай токат наоварду тифлро баландтар бардошта, лабонашро ба рӯи ӯ фишурд.

Падари навзод дод зад:

- Кашиш, агар дар сарат андешаи соҳиби кӯдак шудан

бошӣ, танҳо дар гӯшам бигӯй!

Ва шӯхиҳо, шӯхиҳои маъмулии рустойӣ шурӯъ шуданд.

Ба сари миз нишастан замон туғёни шодию сурури сақилу ҳақиқии рустойӣ танин андохт. Ҳарду Дантюи хурдӣ нияти зан гирифтан доштанд, онҳоро ба зиёфат даъват намуда буданд ва меҳмонон бидуни хастагӣ дар бораи наслҳое, ки аз ин издивоҷҳо ба дунё меоянд, харф мезаданд.

Латифаҳои намакин духтарони аз фарти ханда беҳолшударо лолагун мекарданд, мардон ҳам аз ханда рудабур шуда, мушт ба болои миз кӯфта, гулӯ медаронданд.

Падару падарбузург дар гуфтани суханҳои хилофи расму адаб мусобиқа мекарданд.

Модарро табассум дар лабонаш гул меандохт, ҳарду пиразан ҳам сӯҳбаташонро бо киноятҳои сода оройиш дода, саропо шодмонӣ мекарданд.

Кашиш, ки ба айшу нӯши рустойиҳо одат карда буд, ба лабакони бародарзодааш ангушт зада, кӯшиши хандондани ӯро карда, дар паҳлуи доя нишаста буд. Навзод мисли ин ки кашиш ба ҳаракат андохта буд, гӯё ӯ дар собиқ ҳаргиз тифлони ширхорарро надида буд. Вай ба навзод мутафаккиронаю дақиқ, орзумандонаю ҷиддӣ менигарист ва аз ин нигоҳаш ба ин мавҷуди кӯчаку заъиф, ба бародарзодааш меҳрибонӣ, меҳрибонии ноошнаю ачибу гариб, шадиду андаке ҳузнангез меборид.

Вай чизеро намешуниду намедид, танҳо ба кӯдак тавачҷӯҳ дошт. Вай мехост навзодро рӯи зонӯвонаш гузорад, зеро синаю қалбаш ҳанӯз ҳам моломоли эҳсоси ширине буд, ки ҳангоми бародарзодаашро аз калисо овардан ҳис карда буд. Ин қиёфаи инсонии ӯро ба рикқат меовард, гӯё вай аз рози фавқулъодае, ки бори

нахуст имрӯз дар наздаш муҷассам шуда буд, ба рози муҳимму муқаддаси таҷассуми мавҷуди нав, ба рози бузурги тавлиди ҳаёт, ба вуҷуд омадани ишқу муҳаббат, идоми наслу зиндагии ҳамвора пешравандаи инсон даст ёфта буд.

Доя бо чашмони баркпошу чеҳраи арғувонӣ болои хӯрок хам шуда буд, лекин навзод ба ӯ музоҳим мешуд: вай барои ба миз бештар наздик шудани доя халал мерасонд.

Кашиш ба доя пешниҳод кард:

- Кӯдакро ба ман диҳед. Банда майли хӯрок надорам.

Вай боз кӯдакро гирифту хама чизи атрофаш баякборагӣ аз миён рафт, гӯё маҳв шуд. Ӯ нигоҳашро аз гунаҳои арғувонию рӯи фарбеҳи навзод дур намекард ва ҳарорати бадани кӯдак аз миёни парпечу абои моҳутии дароз кам-кам нуфӯз карда, зонӯвонашро гарм мекард ва эҳсосашро моломоли лутфу навозиши дилфиребу беолойиш, хубу ҳалим менамуд, ки аз он дар чашмонаш ашк лангар меандохт.

Доду фарёд ба чанҷоли вокеъӣ табдил ёфт. Кӯдак тарсиду гиря кард.

Яке наъра кашид:

- Эй, кашиш, кӯдакро сина деҳ!

Ҳучраи пазиройиро қоҳ-қоҳи ханда ба ларза андохт. Вале дар ин лаҳза модар бархосту писарашро гирифта, ба ҳучраи мучовир бурд. Баъд аз чанд дақика модари тифл баргашту эълом дошт, ки кӯдак дар гаҳвораш орамидааст.

Зиёфати шоҳона идома дошт. Гоҳ-гоҳе мардону занон вориди саҳни ҳавлӣ мешуданд ва боз бармегаштанду ба чоҳои худ менишастанд. Гӯшту сазичот ва машрубот, хама дар гулӯҳо фуру мерафтанд, шикамҳо дамида буданд, чашмҳо барк мезаданд, афкор парешон мешуданд.

Шом фаро расида буд, ки ба қаҳванӯшӣ шурӯъ намуданд. Кашиш муддатҳо пеш ғайб зада буд, аммо касе таваҷҷӯҳ зоҳир накарда буд.

Саранҷом модари ҷавон тасмим гирифт бубинад, ки тифлаш аз хоб бедор шудааст ё не. Акнун ҳаво бакуллӣ торик шуда буд. Вай вориди ҳуҷраи хобаш шуд ва дастонашро ба пеш дароз карда, кӯрмол-кӯрмол ба ҷилав рафт, то ба мебел бархӯрд накунад. Ногаҳон садоҳои аҷибу ғариберо шунида, сари ҷояш мехкӯб шуд. Вай бо ранги паридаю тани ларзон ба ақиб баргашту ба тарафи ҳуҷраи пазироиӣ давид ва ба ҳозирин изҳор дошт, ки дар ҳуҷраи хобаш яке ҳузур дорад. Мардони даст бо доду фарёдҳои тахдидомез аз ҷо бархостанд. Падари тифл чароғро бардошта, ба тарафи дар давид.

Кашиш дар назди гаҳвора сари ду зонӯ нишаста, рӯяшро ба болише, ки сари навзод дар он қарор гирифта буд, фурӯ бурда, зор-зор гиря мекард.

ГАДО

Сарфи назар аз маълӯлу бенаво буданаш, рӯзҳои бехтаринро низ аз сар гузаронида буд.

Рӯзе, кт дар роҳи калони Варвил харду пояшро ароба зер гирифту шикаст, понздаҳ сол дошт. Аз ҳамон рӯзгор ба баъд бо азобе бо асобағал роҳ рафта, сар ба ҷодаю ҳавлиҳои фермаҳо зада, аз ҳисоби садақа умр ба сар мебурд. Ҳангоме ки роҳ мерафт, китфонаш то сатҳи гӯшҳояш боло мерафтанд. Сараш дар миёни китфонаш гум мешуд.

Вай бачаи сарироҳӣ буд: кашиш аз Бийет ӯро дар арафаи рӯзи муқаддас андаруни ҷӯйбор пайдо карда, исмашро Никола Туссэн гузошта буд. Ӯ ятиме буд, ки аз рӯи меҳрибонӣ хӯрокаш медоданд ва ҳаргиз чизе ёдаш намедоданд, аз тарафи дигар маълӯл буд. Ӯ чанд истакон аракро, ки хаббози деҳа шӯхӣ-шӯхӣ зиёфаташ карда буд, нӯшидаю зери ароба монда буд. Ва аз ҳамон рӯз то кунун оворагарди хонабардӯш ба ҷуз гадойӣ кори дигареро анҷом дода наметавонад.

Замоне бонуи д'Авари иҷозаташ дода буд дар фермае, ки ҳамчавори кушк буд, дар сагхонаи пур аз коҳи назди катаки мурғ шаброро гузаронад. Ва ӯ медонист, ки рӯзҳое, ки гуруснагӣ хеле ба танг меоварадаш, барояш ҳамеша дар ошхона пораноне ва ҳамчунин як истакон шароби себ пайдо мешавад. Баъзе авқот чанд тангаи мисӣ низ насибаш мегардид: бонуи солхӯрда он тангаҳоро аз айвони баланд ё аз панҷараи ҳуҷраи худаш ба тарафи ӯ меандохт. Лекин бону муддатҳо пеш фавтида буд.

Дар деҳот садақаш намедоданд: барои ҳама чеҳраи шинос буд, дар арзи чиҳил сол, ки бо асобағал тани маъюбу жандапӯши хешро аз як манзил ба манзили дигар

мекашонд, хамаро ба сутӯҳ оварда буд. Вале ин музофотҳоро тарк кардан намехост. Вай ба истиснои сечаҳор деҳкадае, ки дар онҳо тамоми ҳаёти риққатангезаш сипарӣ шуда буд, дар рӯи замин ҷои дигареро намешинохт. Ӯ қаламрави гадойии хешро марзбандӣ карда буд; тасаввури онро надошт, ки марзеро, ки то кунун аз он убур накарда буд, метавон убур кард.

Чи буд дар пушти он дехоте, ки чашмандози ӯ маҳдуд мешуд ва оё дар он ҷо ягон чизе буд, вай намедонист. Рӯи ин масъала андеша накарда буд. Ва вақте деҳқонон, ки аз бархӯрди доимӣ бо ӯ гоҳ дар канори мазраъаҳо ва гоҳи дигар дар ҳошияи ҷодаҳо ба сутӯҳ омада, дод мезаданд, ки: «Чаро ба деҳаи дигар намеравӣ, магар ҷои дигар барои гадойӣ надорӣ?!», ӯ дар посух чизе нагуфта, бо як олами ваҳшати номаълум, ваҳшате, ки бечораро маҷбур месохт аз ҳазорон чизи дигар – чеҳраҳои ҷадид, фарёдҳои дашномомез, нигоҳҳои шубҳаангез, бештар аз ҳама аз жардариҳо, ки дунафарӣ дар ҷодаҳо гаштугузор менамуданду онҳоро дидан замон бо аҷала дар паси бутта ё тӯдаи сангу рег махфӣ мешуд – ба тарсу ваҳшат афтад, шитобзада аз он ҷо дур мешуд.

Ба маҳзи ин ки жандармҳо бо шерозаҳои аз офтоб дурахшонашон аз дур падидор мешуданд, вай чун ҳайвони таъқибшуда чолокии фавқулъоддае дар худ пайдо мекард. Бо асобағалҳояш мелағзиду мисли таллатпорае ба замин меафтод, гунчаю кӯчак ва нопайдо мешуд, монанди харгӯши дарозкашида дар замин мечаспид ва жандаи сиёҳтобаш бо хок махлут мешуд.

Аммо дар замин ҳаргиз миёни ӯ ва пулис кашмакаше рух надода буд. Лекин ин тарсу ваҳшат ва ин маккорӣ дар хунаш нишаста буданд, гӯё ин хислатҳоро аз падару модараш, ки ҳаргиз эшонро надида буд, ба ирс гирифта буд.

Паноҳгоҳу маскане, лоақал каппаю лонае надошт. Тобистон ҳар ҷое, ки барояш пеш меомад, мехобид, вале зимистон бо як чолокии фавқулъодае вориди анбор ё истабл мешуд. Ҳамеша фурсат ёфта, қабл аз он ки ӯро бубинанд, ҷои хобашро тарк мекард. Ҳама гуна сӯрохию рахнаҳоеро, ки аз тариқи онҳо кас метавонист ба ҳама гуна сарой ворид бишавад, медонист. Дастонаш аз часпидани дойимӣ ба асобағалҳо чунон нерӯманд шуда буданд, ки метавонист бо онҳо худро боло кашида ба даруни коҳдон хазад; ва иттифоқ меафтод, ки аз он ҷо, агар ба таври кофӣ озӯқа захира карда бошад, чаҳор-панҷ рӯз берун наравад.

Вай дар миёни мардум чун ҳайвоне дар бешазор умр ба сар мебурд, касеро намешинохт, касеро дӯст намедошт. Аз деҳқонон танҳо ба ӯ нафрату адовати маъмулӣ насиб мешуд. Ӯро «Нокӯс» лақаб дода буданд, чунки ҳангоми роҳ рафтан мисли нокӯси васати ду сутун дар байни асобағалҳояш алвонҷ мехӯрд.

Боре иттифоқ афтод, ки ду шабонарӯз чизе нахӯрда буд. Бас аст, то кай метавон таҳаммул кард! Занҳо дами даргоҳ истодаю ҳанӯз аз дур ба ӯ дод заданд:

- Бирав, бирав, гум бишав! Ҳанӯз се рӯз нашудааст, ки ба ту як тика нон дода будем!

Вай бо асобагалҳояш ба акиб баргашту ба хонаи ҳамсоя, ки дар он ҷо ҳам чунин бархӯрд интизораш буд, лангон-лангон рафт.

Занҳо дами дарҳо истода бо ҳамдигар сӯҳбат мекарданд:

- Ин беномӯси оворагардро тамоми сол мехӯронем мо!..

Аммо ин беномӯс ҳар рӯз боя̆д хӯрок мехӯрд.

Вай пашизе ва поранони хушке ҳам талаб накард, Сент-Илер, Варвил ва Бейтро давр зада гузашт. Умеди ягонааш Турнол буд, вале аз роҳи калон то он ҷо ду мил фосила буд. Аммо ӯ чунон хата шуда буд, ки кудрати дасташро боло бурдан надошт. Шикамаш ҳам мисли

ҷайбаш тиҳӣ буд.

Дар ҳар сурат роҳашро идома дод.

Моҳи декабр буд, дар дашту саҳроҳо боди сард вазида, дар миёни дарахтони урён нафир мекашид. Дар осмони тираю тор абрҳо ба ҷои номаълуме шитобзада ҳаракат мекарданд. Маълӯл бо заҳмат асобағалҳояшро ҳаракат дода, ба ягона пои маъюби кафаш качу бо куҳнапораҳо печидааш такя намуда, оҳиста-оҳиста ҷилав мерафт.

Ӯ баъзе авқот канори чӯй нишаста, дақиқае чанд истироҳат мекард. Гуруснагӣ равони тираю заъифи ӯро аз ғаму ғӯсса саршор карда буд. Танҳо як андеша, андешаи «каме хӯрдан» ихтиёрашро аз дасташ рабуда буд, вале намедонист, ки чи тавр ба ин муваффақ бишавад.

Се соъат дар ҷодаи беохир бо заҳмат роҳ рафт; дарахтеро дар канори деҳа дид, суръати ҳаракаташро афзуд.

Деҳқони нахустине, ки дар муқобилаш пайдо шуду аз ӯ садақа талабид, ба сараш дод зад:

- Ту боз дар ин ҷо, гадо! Ман кай аз шарри ту халос мешавам?

Ва Нокӯс мутеъона дур шуд. Ба ҳар даре, ки сар зад, дар ҳама ҷо ӯро дашномборон карда, бо дастони тиҳӣ ронданаш. Дар ҳар сурат ӯ бо бурдборию истодагӣ аз як хона ба хонаи дигар рафт. Вале як пули сиёҳ ҳам насибаш нашуд.

Сипас ӯ ба замини аз борон лойшуда ғутидаю аз фавти хастагӣ асобағалҳояшро бо заҳмат ҷо ба ҷо гузошта, худро ба ферма расонид. Аз ҳама ҷо ӯро меронданд. Он рӯз яке аз онҳо рӯзҳои сарду тира буд, аз он рӯзҳое, ки қалби инсон гӯшагиру ақлаш пуршӯр аст.

Вай тамоми фермаҳои шиносашро давр заду дар канори ҷӯйбори назди работи Шикеи фермер нишаст...

Ӯ бо он умеди номаълуме, ки ҳамеша дар дили инсон маскан дорад, интизорӣ кашид, бидуни он ки худ бидонад чиро. Ва дар зери силиҳои боди сард дар лаби ҷӯйбор нишаста, он кӯмаки хорикулъадаеро интизор шуд, ки мо дойимо аз осмон ва ё аз одамон умедвор мешавему аз худ суол намекунем, ки чи тавр, барои чӣ ва ба воситаи кӣ метавонад он бирасад. Аз канораш селаи мурғони сиёҳ гузашт. Мурғҳо дар замин, ки рӯзидеҳӣ куллияи мавҷудоти зинда аст, ба ҷунбуҷӯ афтоданд. Онҳо гоҳ-гоҳ таваққуф намуда, бо зарбаи минқорашон донаеро ва ё ҳашараи барои чашми инсон ғайри қобили ташхисро мебардоштанд, пасон ҷустуҷӯи боитминону оромонаи хешро идома медоданд.

Нокӯс ба чизе наандешида, ба мурғҳо нигарист; сипас эҳсос намуд, ки агар мурғро дар оташи шохаҳои хушкида кабоб бикунӣ, хеле лазиз мешавад.

Фикри он ки дорад даст ба дуздӣ мезанад, ҳатто дар мағзаш ҳам зуҳур накарда буд. Вай сангеро аз замин бардошту ба тарафи мурғе, ки дар наздикаш буд, партоб кард ва азбаски хеле забардаст буд, аз ин зарба мурғ сари ҷояш ҷон дода, якпахлӯ афтод. Мурғони дигар бо панҷаҳои борики хеш калавида-калавида ба ҳар сӯ фирор карданд. Нокӯс боз ба асобағалҳояш овезон шуда, мисли мурғ қадам бардошта, барои гирифтани сайдаш рафт.

Вай ба маҳзи ба ҷисми сиёҳи кӯчак, ки сари сурхфомаш олуда шуда буд, наздик шудан, ногаҳон зарбаи сахте аз пушт асобагахояшро аз дастонаш ҷудо карду худаш низ даҳ қадам ба канор партоб шуд. Ва фермер Шике бо тамоми хашму ғазаб, хашму ғазаби дехқоне, ки ҳангоми молашро ба ягмо бурдан ба ӯ даст медиҳад, ба гораттгар ҳамла бурда, девонавор марди маълӯли бедифоъро берахмона зери мушту лагад гирифт.

Ба кӯмаки арбоб кормандонаш базудӣ даррасиданд ва эшон ҳам ба лату кӯби гадо шурӯъ намуданд. Саранҷом онҳо хаста шуда, ӯро аз замин баланд карданд, кашон-кашон ба дохили саройи ҳезум бурданду дарро ба рӯяш бастанд ва то омадани жандармҳо мунтазир шуданд: барои овардани жандармҳо якеро думболи эшон фиристода буданд.

Ноқӯс дар рӯи замини сарой нимҷону оғишта ба хун ва аз фарти гуруснагӣ ҷонаш ба лаб омада мехобид. Ғуруб фаро расид, сипас шаб чодари сиёҳашро ба рӯи замин кашид, баъдан рӯз ҳоким шуд. Вай ҳанӯз ҳам чизе нахӯрда буд.

Зуҳр сару каллаи жандармҳо пайдо шуд. Онҳо бо эҳтиёткории ҳамаҷониба дарро боз карданд. Эшон интизори муқовимат буданд, чунки аз ҳикояти Шике чунин бармеомад, ки гадо ба ӯ ҳамла бурдааст ва ба фермер муяссар шудааст, ки бо заҳмати зиёд ҳуҷуми ӯро дафъ бикунад.

Сардаста фармон дод:

- Бархез!

Вале Ноқӯс қудрати ҷунбидан надошт. Дар ҳар сурат кӯшиши барҳостан ба харҷ дод, аммо бидуни тавқиф. Ин амали ӯро найрангбозӣ, дурӯғӣ, макру ҳилаи ҷиноятқкори ислоҳнопазир пиндоштанд. Бино бар ин ду марди мусаллаҳ бо хашму ғазаб ӯро даст гирифтанду базурӣ ба асобағалҳояш такя додандаш.

Ӯро тарсу ваҳшат фаро гирифта буд, тарсу ваҳшати сиришти дар муқобили ҳамойили зарди жандарм, тарсу ваҳшате, ки сайд аз дидани сайёд, муш аз дидани гурба аз сар мегузаронад. Ва бо кӯшишу талоши фавқулъода бо асобағаҳояш худро сари по нигоҳ дошт.

- Рафтем! – фарёд зад сардаста. Ва ӯ ба роҳ даромад. Ҳамаи сокинони ферма гирди ҳам омада, чи тавр бурдани ӯро тамошо карданд. Занҳо гадоро бо мушт

таҳдид намуданд. Мардҳо бо лабханди тамасхуромез дашномаш доданд: «Саранҷом ба дом афтониданаш! Сазояш ҳамин буд!».

Вай роҳ мепаймуду дар ду паҳлуяш жандармҳо қадам мезаданд. Ӯро нерӯи яъсу навмедӣ кӯмак мекард, аз ин рӯ то ғурӯб бо заҳмати зиёд дар бистари ҷода, гичу гаранг, бидуни дарки он ки ба ӯ чи ҳодиса рух додааст ва аз тарс фаҳми ҳама чизро аз даст дода, ҷилав рафт.

Деҳконони роҳгузар таваққуф карда, ӯро бо нигоҳашон бадрақа намуда, мегуфтанд:

- Эҳтимол дуздро дастгир кардаанд!

Бо фаро расидани шаб вориди шаҳр шуданд. Ӯро қаблан ҳаргиз гузораш ба ин ҷо наафтода буд. Комилан пеши худ тасаввур намекард, ки ҳоло ва дар оянда чи сарнавиште дар интизораш аст. Ҳама чиз барояш ғайри мунтазира ва ба таври ваҳшатзо иттифоқ афтода буд: ҳам бархӯрд бо ин чеҳраҳои ҷадид ва ҳам бо хонаҳои ноошно.

Сукут ихтиёр карда буд ӯ: ҳарфе барои гуфтан надошт, зеро ки аслан чизеро дарк намекард. Илова бар ин чандин сол мешуд, ки ӯ бо касе ҳамсӯҳбат нашуда буд, тақрибан қобилияти ҳарф заданро аз даст дода буд. Афкораш ҳам ба ҳадде ошуфта шуда буданд, ки баён доштани онҳо барояш имконнопазир буд.

Ӯро ба маҳбаси шаҳр бурданд. Жандармҳоро аз мағзашон хутур накард, ки ба ӯ бояд хӯрок диҳанд. Ва то фардо дари маҳбасро ба рӯяш бастанд.

Вақте субҳи рӯзи дигар ба маҳбас омаданду хостанд ӯро бозпурсӣ бибаранд, ҷисми бечонаш дар рӯи фарш хобида буд. Ачаб тасодуфе!

ПАДАРИ СИМОН

Соъат занги дувоздаҳро зад. Дари мактаб боз шуду гурӯҳҳо аз бачаҳои шӯх яке дигареро тела дода аз он ҷо хориҷ шуданд. Аммо ба ҷои он ки мисли ҳамарӯза ба чаҳор сӯи мухталиф пароканда шуда ба хонаҳои худ хурокхӯрӣ бираванд, баръакс, гирди ҳам ҷамъ омада, дар пиромуни мавзӯъе ба сӯҳбат пардохтанд.

Матлаб сари он буд, ки субҳи имрӯз бори аввал Симон, писари Бланшотта, ба мактаб омада буд. Бачаҳо дар бораи Бланшотта аз забони падарону модарони худ бисёр чизҳо шунида буданд. Агарчи ин падару модарон дар ҳама ҷо Бланшоттаро бо самимият ва меҳрибонӣ мепазируфтанд, аммо дар ғайёбаш дар ҳаққи ӯ ҳар гуна суханҳои таҳқиромезро раво медиданд, ки дар натиҷа бачаҳояшон ҳам беихтиёр он ҳамаро қабул мекарданд.

Бачаҳо Симонро ба таври бояду шояд намешинохтанд; вай ҳамеша дар хона менишаст, ба иттифоқи онон дар кӯчаҳои деҳа ва соҳили рудхона ҷастухез намекард. Аз ин хотир онҳо ӯро он қадар дӯст намедоштанд ва инак, ҳоло ба тамасхуру бидуни ҳайратзадагӣ суханҳои шайтонбачаи понздаҳсолаеро, ки аз маакорона чашмакзаниҳояш ба назари кас гӯё бисёр чизҳоро медонист, бодиққат гӯш медоданд ва барои якдигар такрор мекарданд.

- Гӯш кунед... Симон падар надорад!

Писари Блоншотта дар остонаи дари мактаб намоён шуд. Вай ҳамагӣ ҳафт ва ё ҳашт сол дошт. Писарбачаи чеҳрасафеду хушлибосу шармгин буд.

Симон мехост ба хона равад, аммо рафиқонаш ба ҳамдигар пич-пичкунон бо чашмони тамасхуромез ва ғазаболуд, ки маъмулан хосси бачаҳои киначӯ аст, ба ӯ

назар андохта, танг дар ҳалқаи худ гирифтандаш. Ӯ ҳайрону хиҷолатзада ва бидуни фарқи он ки бо ӯ чи мехоҳанд бикунанд, дар муҳосираи эшон меистод. Шайтонбачае, ки хабари навро расонда буд, аз муваффакияти хеш болида, аз Симон пурсид:

- Гӯш кун, номат чист?

- Симон.

- Баъд чӣ? – боз пурсид ӯ.

Писарак худро батамом бохта, такрор намуд:

- Симон.

Шайтонбача ба сари ӯ дод зад:

- Мегӯянд, Симон фарзанди фалонӣ... Фамилияат чист?

Писараки бечора ашки чашмонашро базӯр нигоҳ дошта, бори саввум такрор намуд:

- Номи ман Симон аст.

Бачаҳо қаҳқаҳа заданд. Он гоҳ шайтонбача бо тантана гуфт:

- Ана, худатон диде, ки вай падар надорад!

Сукути маргборе доман густурд. Писарбачаҳо аз вазъи бениҳоят пуршиддату боварнакардании дар таъаччуб буданд: писарак падар надорад; ӯ дар назари эшон муъҷизае ғайритабиъӣ ва аҷибу ғариб ҷилва намуд ва дар замири онҳо бо нафрати қаблан бароямон номаълум, ки дар ботини модаронашон нисбат ба Бланшотта вуҷуд дошт, беш аз пеш афзуд.

Симон бадарахт такя зад, то наафтад; ӯро бадбахтии ислоҳнопазире шикаст дода буд. Вай калима меҷуст, мехост мудлаъояшро шарҳу тавзеҳ бидиҳад, он бухтону тавҳини даҳшатоваре ро, ки гӯё ӯ падар надошта бошад, ботил созад, аммо натавонист.

Саранҷом Симони мисли мурдахо рангбохта ҷасорат пайдо карду фарёд кашид:

- Не, ин нодуруст аст, ман падар дорам!

- Ӯ дар кучост? – пурсид ҳамон шайтонбача.

Симон сукут кард; ӯ чи ҷавоб доданашро намедонист.

Бачаҳо хеле ба вачд омада, хандиданд; онҳо, ки бачаҳои саҳро, бачаҳои ба табиъат қарину ҳамдам, ба он ғаризаи беамоне, ки мурғҳоро мачбур месозад дар катаки худ мурғи мачрӯҳшудаеро ба марг бирасонанд, сари таслим хам менамуданд. Баногоҳ нигоҳи Симон ба писараки бевазнини ҳамсояшон афтод, ки ӯ хам ҳамеша тани танҳо бо модараш ба сар мебурд.

- Ана, охир ту ҳам падар надорӣ-ку? – гуфт Симон.

- Не, - ҷавоб дод писарак, - ман падар дорам!

- Ӯ дар кучост? - Вай мурд, - бо ифтихор посух дод писарак, - падари ман дар гӯристон хобидааст!

Пичир-пичири таҳсиномез дар издиҳоми бачаҳои шӯхтабъ пахш шуд, гӯё танҳо далели мурдани падар ва дар гӯристон хобидани ҷасади ӯ ин рафиқро ба курсии иззат менишонду дигариро, ки тамоман падар надошт, ба лачанзори забунӣ ва ҳақиқӣ ғутавар месохт.

Ва ин шайтонбачаҳо, ки падарони бештаринашон бадахлоқ, майзада ва дузд буданду ба ҳамсарони худ ҷабру ситам мекарданд, тадричан дар атрофи Симон ҳалқаашонро тангтар мекарданд. Гӯё худи эшон бачаҳои шаръӣ ҳастанд, мехоҳанд писараки номашрӯъро дар ҷояш хафа бикунанд. Ғайри чашмдошт яке аз онон, ки дар рӯ ба рӯи Симон меистод, таъназанон забонашро ба ӯ нишон дода, фарёд кашид:

- Падар надорӣ! Падар надорӣ!

Симон бо ҳарду дасташ аз мӯҳои ӯ қапида, бо дандонҳояш гунаи ӯро газид ва лагабкӯбаш кард. Задухӯрд шурӯъ шуд. Пархошгаронро аз ҳам ҷудо карданд. Симон бо сару рӯи аз заработи шаллоқ кабудгашта, бо пироҳани пора-пора дар байни издиҳоми бачаҳо, ки аз шодӣ каф мекӯфтанд, дар рӯи замин мехобид.

Вакте ӯ гарду хоки танашро бехудона афшонду аз рӯи замин бархост, яке аз бачаҳо дод зад:

- Акнун метавонӣ биравию ба падарат шикоят бикунӣ!

Он гох ӯ эҳсос намуд, ки ҳама чиз аз ҳам пошида мешавад. Онҳо нисбат ба ӯ қавитар буданд, вайро шаллоқ заданд ва ӯ дар ҷавоб коре аз дасташ наомад; охир воқеъан ҳам ӯ падар надорад. Аз гурӯр саъй намуд ҷилави ашки чашмонашро бигирад, аммо нафасаш танг шуда, андомаш ларзиду бесадо гирист.

Дар ин лаҳза душманонаш ба вачд омаданд, эшон бидуни ихтиёр ба мисли ваҳшиёне, ки ба шодию хушҳолии худ ваҳшат мебахшанд, аз дасти ҳамдигар гирифта, ин ҷумлаҳоро чун нақарот такроркунон дар атрофи Симон ба ракс пардохтанд:

- Падар надорӣ! Падар надорӣ!

Ғайри мунтазира Симон гиряашро қатъ кард. Дар вуҷудаш хашму газаб забона кашид. Ӯ хам шуду чанд дона сангро аз замин бардошту бо тамоми неруӣ ба тарафи озордиҳандагонаш андохт. Ду ё се нафаре, ки ҳадафи сангҳои ӯ крор гирифта буданд, доду фарёдзанон по ба фирор гузоштанд. Қиёфаи ӯ чунон таҳдидомез буд, ки ҳамаи бачаҳо ба ваҳшат афтоданд. Ба мисли издиҳоми буздиле ки бо дидани марди ошуфтарӯҳе рӯ ба гурез мениҳад, бачаҳо ба чаҳор сӯ пароканда шуданд.

Симони бепадар, ки тани танҳо монда буд, каме дар ҷои худ истода, сипас ба тарафи майдон давид; хотирае оҳиста ба ӯ мегуфт, ки чи тавр боид амал бикунад. Вай тасмим гирифт, ки худро дар рудхона ғарқ намояд.

Ҳафтаи қабл марди бенавое, ки аз тариқи гадоӣ умр ба сар мебурд, худро дар рудхона ғарқ карда буд, чунки вай дар бисоташ оҳе надошт. Симон ба чашмони сар дида буд, ки чи тавр одамон марди ғарибро аз об берун кашиданд. Ва инак, он марди фақир, ки маъмулан дар

назари ӯ ночизу бечора, танаффуромезу зишт ҷилва менамуд, бо қиёфаи хеш ӯро моту мабҳут сохт: чеҳраи ӯ рангбохта ва комилан хотирҷамъу осуда ба назар меомад, риши дарозаш тар шуда буд ва чашмони бозаш ором буданд. Одамони атрофаш мегуфтанд:

- Вай мурдааст:

Ва яке дигар изофа кард:

- Акнун барояш хуб аст!

Ва Симон ҳам пеши худ қарор гузошт, ки худро ғарқ бикунад; он марди бенаво пул надошт, аммо ӯ падар надорад. Вай ба оби рудхона наздик шуду ба ҷараёни он нигарист. Моҳичаҳои беқарору чобук дар дили рудхона ҷастухез менамуданд ва ба сатҳи об парида, пашшаҳои ба парвоз омадаро бо даҳонашон меқапиданд. Писарак аз гиристан бозмонд ва бо таваҷҷӯҳ коркунии моҳичаҳо чашм дӯхт. Аммо лаҳза ба лаҳза, мисли он ки дар сукути басе кӯтоҳе ҳангоми раъду барқ баногоҳ боди шадиде мевазиду бо сару садое дарахтонро ба ларза оварда, баъд ба каронаҳои дурдасте сафиркашон роҳ мепаймояд, ба мағзи Симон ҳам боз ҳамон андешае, ки мӯҷиби ғаму андӯҳи бепоёнаш шуда буд, роҳ ёфт: «Ман бояд худро ғарқ бикунам, чунки падар надорам».

Атроф гарму ҳаловатбор буд. Офтоб ба тани сабзаю себаргаҳо ҳарорат мебахшид. Оби рудхона чун ойина медурахшид. Симон лаҳзае чанд худро ба дасти фаромӯшӣ супурд. Вуҷудашро беҳолие, ки маъмулан баъд аз гиря ба кас даст медиҳад, асираш кард. Вай мехост дар бистари нарми сабзаҳо, дар зери нурҳои ҷонбахши офтоб бихобад.

Дар пеши пояш қурбоққаи хурдаки сабзранге ҷастухез намуд. Хост, ки онро даст гирад. Он аз дасташ раҳо шуду рафт. Онро таъқиб кард ва се дафъа ҳам сайдаш худро аз дасти ӯ раҳонид. Саранҷом аз пасои ақиби вай дошт ва аз саъй ва талоше, ки қурбоққа барои озод шудани

худ ба харҷ медод, хандааш гирифт. Қурбоққа лаҳзае чанд поҳои худро дар зери шикамаш фишор дод ва поҳояш мисли чӯби хушке ба сахтӣ гаройиданд. Қурбоққа чашмони гирди худро ҳамзамон бо чамбаракҳои тилойирангаш давр занонда, поҳои пешашро ба ҳаракат овард. Ин рафтори қурбоққа Симонро ба ёди бозичае, ба ёди ту тахтаи борики чун салиб ба ҳам васлшуда, ки дар рӯи он сарбозчаҳои каҷмакаҷ ҳаракат менамуданд, андохт. Вай ба ёди хонаашон ва модараш афтода, хеле ғамгин шуд ва боз гирифт. Бо тани ларзон ба зонӯ нишасту ба хондани дуъо пардохт, аммо ин корро то охир анҷом дода натавонист, чунки гиря гулӯгираш кард. Вай асири панҷаҳои бемуруввати ғаму андӯҳаш шуда буд. Дигар дар бораи чизе фикр намекард, дар атрофаш чизеро намедид, фақат мегирифту мегирист.

Ногаҳон дасти сангине дар рӯи шонааш хобид ва касе бо садои бам пурсид:

- Писарҷон, ин ҳама ашкрезӣ аз барои чист?

Симон ба пасаш нигарист. Коргаре баландболо, маргуламӯй, чашму абрӯсиёҳ бо меҳрибонӣ ба ӯ менигарист. Писарак бо чашмони ашкбор ва садои гиряолуд гуфт:

- Онҳо манро заданд... чунки падар надорам... падар надорам...

- Чаро ин тавр будааст, - табассум кард марди ноошно. – Ҳама падар доранд.

Писарак бо заҳмати зиёде калимаҳоро чида-чида гуфт:

- Ман... ман...надорам!

Марди коргар киёфаи чиддӣ ба худ гирифт; агарчи марди коргар чанде пеш дар ин деҳа маскан гирифта буд, вале писари Бланшотта будани Симонро̀ шинохт. Ӯ дар бораи Бланшотта низ баъзе чизҳо шунида буд.

- Гиря накун, писарҷон, ором шав, - гуфт ӯ, - бархез,

ҳамроҳ ба назди модарат меравем! Ман падари туро... пайдо мекунам.

Мард дасти писаракро гирифту онҳо ба роҳ даромаданд.

Дар лабони коргар табассум шукуфт. Вай майл дошт бо Бланшотта, ки мутобиқи шунидаш яке аз соҳибҷамолтарин духтарони деҳа буд, ошно бишавад. Шояд ӯ фикр мекард духтаре, ки як бор лағжидааст, бори дигар ҳам хоҳад лағжид.

Онҳо ба назди хонаи на он қадар бузургу покиза сафедшуда расиданд.

- Ин аст хонаи мо! – гуфт писарак ва садо зад: - Модар!

Дами дари хона зане падид омад ва дар як он табассум дар лабони марди коргар шикаст. Вай базудӣ пай бурд, ки ин духтари болобаланди чеҳрасафед густохиро ба касе ичоза намедиҳад. Зан бо қиёфаи чиддӣрост меистод ва бо ин гӯё ба он хонае, ки яке дар ин ҷо ӯро гӯл зада буд, ворид шудани марди коргарро манъ мекард. Коргар дастпоча шуд, кулоҳашро фишурда, гуфт:

- Бифармоед, бону, ман писаратонро овардам, ӯ дар соҳили рудхона раҳгум зада буд.

Вале Симон худро ба гардани модараш овехта, боз гиряро сар дод.

- Не, модарҷон, ман мехостам худро карг кунам, чунки онҳо манро заданд... заданд, барои он заданд, ки падар надорам.

Чеҳранги зани ҷавон ранги шафақ ба худ гирифт. Вай ғаму ғуссаи ҷонгудозро бо тамоми вуҷудаш эҳсос намуду кӯдакашро ҳарисона ба оғӯши нарму латифаш кашид. Қатароти сӯзони ашк дар пилкҳои чашмонаш лангар андохта, пасон аз ҳарду рухсораш сарозер шуданд.

Коргари аз ин манзара мутаъассиршуда сари ҷояш рост истода, чи тавр тарк кардани он ҷоро намедонист.

Ногаҳон Симон ба тарафи ӯ тохта, пурсид:

- Шумо мехоҳед падари ман бошед?

Сукути маргборе соя густурд. Шарму ҳаёи ҷонгудозе вучуди Бланшоттаро дар худ фурӯ бурд. Вай сухане нагуфта, ба девор такя зад ва дастонашро ба рӯи дилаш фишурд. Вале писарак чун ба суоли худ ҷавобе нагирифт, бори дигар гуфт:

- Акнун ки шумо падари ман шудан намехоҳед, боз меравам, то худро ғарқ кунам.

Коргар саъй намуд ҳама чизро обу ранги шӯхӣ диҳад, аз ин рӯ бо лабони моломоли табассум гуфт:

- Не, ман розӣ ҳастам.

- Номи ту чист? – пурсид писарак. – Донистани номат бароям зарур аст, зеро вақте аз ман мепурсанд, бояд ба онҳо ҷавоб дихам.

- Филипп, - гуфт коргар.

Симон чанд лаҳза хомӯш монду кӯшиш намуд, ки ин номро ба хотир супурад. Сипас ӯ комилан тасаллӣ ёфта, дасташро дароз карду гуфт:

- Хуб, Филипп, ту акнун падари ман ҳастӣ!

Коргар ӯро аз замин озод бардошту аз ду рухсораш бӯсид ва сипас ба ақиб баргашта, бо қадамҳои васеъ шитобзада аз он ҷо дур шуд.

Рӯзи дигар дар мактаб Симонро бо хандаҳои тамасхуромез истиқбол карданд. Ҳангоми аз дари мактаб хориҷ шудан, вақте боз ҳамон шайтонбача хост, ки ҳодисаи дирӯзаро такрор бикунад, Симон фавран гуфт:

- Номи падари ман Филипп аст!

Аз чаҳор тараф садои ханда танин андохт:

- Филипп, баъд чӣ? Боз ин Филиппатро аз кучо пайдо кардӣ?

Симон дар ҷавоб сукут кард. Қалбаш чун мурғи гирифтори дом метапид. Ӯ густохона ба онҳо менигарист

ва омода буд боз тамасхуру шаллоқи ононро таҳаммул бикунад, нисбат ба он ки таслимашон бишавад. Пайдо шудани омӯзгор ӯро аз ҳама гуна пешомади ногувор начот дод. Вай ба хона, ба назди модараш шитофт.

Дар зарфи се моҳ мардум Филиппи болобаландро ағлаб авқот дар назди хонаи Бланшотта медиданд. Баъзан, ҳангоме ки Бланшотта дами панҷараи хонааш нишаста саргарми дӯзандагӣ мешуд, Филипп ҷуръат намуда ба ӯ сухане ҳавола мекард. Аммо Бланшотта бо қиёфаи ҷиддӣ ва бо назокат ба ӯ посух медод. Ҳаргиз бо Филипп шӯхӣ намекард ва ба хона даъваташ наменамуд. Вале дар назари Филиппи ба мисли мардони дигар пурмуддаъо чунин меомад, ки вақте Бланшотта бо ӯ ҳамсӯҳбат мешавад, нугаҳояш каме лолагун мегарданд.

Шаъну шӯҳрати лаккадоршударо муҷаддадан бозётан душвор аст. Баръакс, боз ҳам лаккадор кардани он саҳл аст. Бо вуҷуди худдории камҷуръатонаи Бланшотта, дар музофоти атроф дар бораш бадгӯйиҳо мекарданд.

Симон падари нави худро хеле дӯст медошт ва тақрибар ҳар аср, вақте Филипп аз кораш фориғ мешуд, онҳо ба иттифоқи ҳам сайругашт мекарданд. Писарак бо ҷидду ҷаҳди зиёде ба мактаб мерафт ва бидуни вокунише ба истеҳзо ва тамасхури мактаббачаҳо бо сари баланд аз наздашон мегузашт.

Боре ҳамон шайтонбачае, ки аввалин дафъа ба иззати нафси Симон нохун зада буд, ба ӯ гуфт:

- Ту дурӯғ гуфтӣ, падаре бо номи Филипп надорӣ.

- Чаро? – бо ҳолати ошуфта пурсид Симон.

- Барои он ки агар падар медоштӣ, вай шавҳари модарат мешуд.

Ин далели раднопазир Симонро тахти хиҷолат қарор дод, аммо бо вуҷуди ин ҳам вай гуфтаи худро тасдиқ кард:

- Дар ҳар сурат ӯ падари ман аст!

- Эҳтимол дорад, - нешхандзанон эрод гирифт

шайтонбача, - бале... аммо ӯ дар асл падари ту намешавад.

Писари Бланшотта сар ба зер афканд ва андешамандона роҳи оҳангархонаи амаки Луазонро, ки Филипп дар он чо кор мекард, пеш гирифт.

Оҳангархона дар васати дарахтзор пинҳон буд. Даруни он хеле торик буд ва фақат шӯълаи лолагуни кӯраи бузург бо нури дурахшони худ ҳайкали панҷ тан аз оҳангаронро, ки бо бозӯвони урён зарбаҳои гӯшхароше ба садон мезаданд, равшан менамуд. Онҳо дар оғӯши шӯълаҳои оташ ба мисли аҳриманон ба оҳани доғшуда чашм дӯхта, бо путкҳои худ паси ҳам зарбаҳо мезаданд ва ҳамзамон бо он зарбаҳои вазнин афкори гаронборашон низ ба парвоз меомад.

Симон ба таври ноаён вориди оҳангархона шуд ва оҳиста аз бари домани дӯсти худ кашид. Филипп ба пасаш баргашт. Кор қатъ шуд, оҳангарон бодиққат ба писарак нигаристанд. Он гоҳ дар сукуте, ки ногаҳон ҳоким шуда буд, садои маҳини Сомин баланд шуд.

- Гӯш кун, Филипп, писари Мушодӣ мегӯяд, ки ту аслан падари ман нестӣ.

- Чаро? – пурсид Филлипп.

Писарак содалавҳона ҷавоб дод:

- Чунки ту шавҳари модарам нестӣ.

Касе нахандид. Филипп пешониашро ба дастони бузургаш, ки дастаи путки ба рӯи сандон кароргирифтаро медоштанд, такя дода меистод. Вай гарқи фикр шуда буд. Нигоҳҳои ҳамкоронаш ба сурати ӯ гирех хӯрда буданд. Вале Симони хурдсол дар миёни ин мардони азимҷусса бо ташвишу изтироб интизори ҷавоб буд. Ногаҳон яке аз оҳангарон мисли ин ки назари хамаро баён мекарда бошад, ба Филипп гуфт:

- Дар хар сурат Бланшотта духтари хубу покизасиришт аст. Ҳарчанд ки бадбахтӣ гиребонгираш шудааст, вале вай бовикор ва сарфаҷӯёна умр ба сар

мебарад. Ӯ ба марде бошарофат ҳамсари хубе шуда метавонад.

- Оре, ин ҳақ аст, - тасдиқ карданд дигарон. Коргар суханашро идома дод:

- Магар барои пешпо хӯрданаш вай гунаҳкор аст? Он марди нохалаф ваъда дода буд, ки вайро ба занӣ мегирад, оё кам занони мӯҳтарамеро медонем, ки ба чунин бадбахтӣ гирифтор шудаанд?

- Бале, дуруст аст, - бо як садо гуфтанд онҳо.

- Бечора чи қадар машаққатҳоеро кашидааст барои калон кардани кӯдакаш. Танҳо худо медонад, ки то имрӯз чи қадар ашк рехтааст. Ӯ ҷуз ба калисо ба ҷои дигаре намеравад.

- Ин гуфтаҳо ҳама дурустанд, - тасдиқ намуданд оҳангарон.

Фақат садои дами кӯра ба гӯш мерасид. Филипп ҳаяҷонзада хам шуда, ба Симон гуфт:

- Пеши модарат бираву бигӯй, ки бегоҳ ба наздаш омада, сӯҳбат мекунам.

Сипас ӯ писаракро оҳиста ба тарафи дар тела дода, мучаддадан саргарми кор шуд.

Панҷ путк якбора ба оҳанги доғшудаи рӯи сандон фуруд омаданд. Оҳангарон то баҳангом бо тамоми нерӯ, бо майлу рағбати ҳар чи бештар оҳани нарм кӯбиданд. Чун дар рӯзҳои ид, ки зангӯлаи калисо бо сади худ овози зангӯлаҳои дигарро хафа мекунад, зарабони шадиди путки Филипп низ садои путкҳои дигаронро дар худ фурӯ мебурд ва пай дар пай ба сари сандон фуруд меомад. Чашмони Филипп шӯъла мепошиданд ва ӯ бо шавқу завқ дар миёни шарораҳо оҳани тафтаро мекӯфт.

Ҳангоме ки Филипп дари хонаи Бланшоттаро мекУфт, осмон пур аз ситора буд. Дар танаш пироҳани тамизу идона дошт. Риши дарозашро кӯтоҳ карда буд. Зани ҷавон дар дами дар пайдо шуда, бо хотири ранҷур

ба ӯ гуфт:

- Ҷаноби Филипп, ин тавр новақт омадан хуб нест.

Вай дар посух чизе гуфтан мехост, аммо аз хичолат зери лаб пичир-пичир карду халос.

Бланшотта думболаи суханашро гирифт:

- Шумо бояд вазъи манро фаҳмед, намехоҳам, ки дар бораам ҳар гуна овозаҳо пахш бишавад.

Филипп ногаҳон дил ба дарё заду гуфт:

- Агар шумо барои ҳамсари ман шудан розӣ бошед, ин ба дигарон чӣ рабте дорад?

Филипп ҷавобе нашунид, аммо садои дар ниматорикии хона ба рӯи курсӣ нишастани яке ба гӯшаш расид. Ӯ фавран ворид хона шуд ва Симон, ки дар болои тахти хоб дароз кашида буд, садои бӯса ва чанд калимаи ба оҳистагӣ гуфтаи модарашро базӯр шунид. Баъд аз чанд лаҳза бозӯвони қавии Филипп писаракро озод бардоштанд.

- Ба рафиқонат бигӯй, ки, - гуфт Филипп, - падари ту оҳангар Филипп Реми мебошад ва ӯ ба ҳар касе, ки ҷуръат намуда туро озор медиҳад, гӯшмол хоҳад дод.

Рӯзи баъд, ҳангоме ки писарбачаҳо дар мактаб гирди ҳам ҷамъ омаданд, Симон пеш аз огози дарс аз ҷо бархост; ӯро ранг аз сурататаш парида буд, лабонаш меларзиданд.

- Падари ман, - бо садои таниндор гуфт писарбача, - оҳангар Филипп Реми мебошад ва ӯ қавл дод, ки ҳар касе ҷуръат намуда манро озор диҳад, гӯшмол хоҳад дод.

Ин дафъа касе нахандид. Ҳама оҳангар Филипп Ремиро мешинохтанд.

Вай аз чумлаи падароне буд, ки ҳар кас метавонист аз ӯ ифтихор бикунад.

БОЗГАШТ

Амвоҷ сар ба соҳил мекӯбанд. Абрҳои сафед дар зери фишори боди тунд мисли парандагон дар паҳнои осмони обӣ бо суръат ҳаракат мекунанд; дар печу хами водӣ, ки то укёнӯс тӯл кашидааст, деҳае дар зери нурҳои офтоб ба чашм мехӯрад.

Дар канори деҳа, дур аз дигарон, дар лаби роҳ хонаи Мартен-Левекҳо қарор дорад. Ин кулбаи деворҳояш гилию бомаш хасӣ бо савсанҳои кабудфом зинат ёфтааст. Дар дами дар полизи хурдаке мавҷуд аст, ки дар он пиёзу чанд калла карам ва ҷаъфарӣ рушду нумӯ доранд. Полизро аз роҳ чиғ ҷудо мекунад.

Арбоб дар шикори моҳист, ҳамсараш дар назди хона саргарми таъмири тури калони хокистарирангест, ки бар танаи девор кашида шудаасту мисли тори захмӣ анкабут ба чашм мехӯрад. Дами дарича духтараки тахминан чаҳордаҳсолае пушт ба тарафи чиғ рӯи курсии хасӣ нишастааст ва либосҳои фарсударо васла мекунад. Духтараки дигаре, ки тахминан сездаҳ сол дорад, кӯдаки ширхораю ҳанӯз безабон ва аз оламу одам бехабарро рӯи дастонаш алвонҷ медиҳад, ду дундақчаи ду ва сесола рӯи замин нишастаанд ва бинӣ ба бинии ҳам гузошта, бо дастакони ногирои худ чолача кананд ва ба рӯи ҳамдигар хок мешопанд.

Яке ҳам сухане ба забон намеорад. Фақат кӯдаки ширхораи сари дасти духтарак бо садои заъифу нозук пайваста мегиряду мегиряд. Гурбае дар токча пинак меравад. Дами девори хона гулҳои сафеди шаббӯи баргу шохаҳои худро паҳн кардаанд, бар фарози онҳо селаи пашшаҳо виззас мезананд.

Ногаҳон духтараке, ки дами дарича машғули руфӯст, овоз медиҳад:

- Мо-дар!

- Чӣ мегӯйӣ?
- Вай боз омад!..

Аз субх ба ин ҷониб онҳо дар изтиробанд. Зеро дар атрофи кулбаашон пирамарде, ки шабоҳат ба бенавоён дорад, гаштугузор менамояд. Вақте эшон падарро то ба назди заврақаш бадрақа намуданд, чашмашон ба ӯ афтода буд. Он мард дами ҷӯйбори мукобили хонаашон нишаста буд. Аз соҳил ҳам баргашта, ӯро дар ҳамон ҷо диданд; вай нишаста буду ба хонаашон менигарист.

Ба назар чунин меомад, ки вай бемору бисёр азиятқашида аст. Вай бештар аз як соъат таконе нахӯрда нишаст, сипас чун эҳсос кард, ки аз ӯ гумонҳои бад мебаранд, аз ҷо бархосту поҳояшро кашон-кашон аз он ҷо гайб зад.

Вале онҳо базудӣ надиданд, ки ӯ бо қадамҳои оҳистаю тани хаташуда бармегардад: вай боз дар мукобили кулба, вале ин дафъа каме дуртар, нишаст, гӯё мехост ба онҳо дуздакӣ нигоҳ бикунад.

Модару духтарон тарсиданд. Бахусус модар бештар ба изтироб афтод, чунки вай табиъатан тарсӯ буд, аз ҷониби дигар, арбобаш, Левек, боядбегоҳ бармегашт.

Номи шавҳараш Левеку фамилияи худаш Мартен буд, аз ин рӯ онҳоро Мартен-Левекҳо меномиданд. Инро далел он буд, ки ӯ бори аввал бо Мартени маллох, ки тобистонҳо барои сайди моҳӣ ба Нюфаундленд сафар мекард, ба шавҳар баромада буд.

Дар зарфи ду соли зиндагии муштаракашон аз ӯ духтар ба дунё оварда буд ва боз вақте киштии «Ду хоҳарон», ки бо он шавҳараш ба сафар баромада ва беному нишон гум шуд, дар батнаш кӯдаки хафтмоҳа дошт.

Аз киштии бодбондор дигар хабаре набуд; яке ҳам аз маллоҳони он барнагашт ва ҳама ба ин қарор омаданд, ки киштӣ бо бору сарнишинонаш ғарқ шудааст.

Холаи Мартен шавҳарашро дах сол интизор шуд ва

бо заҳамоти бузурге ду духтарашро калон кард, сипас, чун зани хубу заҳматқарине буд, яке аз моҳигирони маҳаллӣ бо номи Левек, ки занмурда буду як писар дошт, ӯро хостгорӣ намуд. Онҳо издивоҷ карданд ва дар зарфи се сол боз ду кӯдаки дигар ба дунё оварда.

Зиндагиашон сахту пурзаҳмат буд. Дар хонаашон нон ба қимати тило баробар буд, гӯштро тақрибан намедиданд. Ин тавр ҳам иттифоқ меафтод, ки зимистон, дар моҳҳои пурбориш, аз нонво қарғ мегирифтанд. Аммо дар ҳар сурат бачаҳо солим ба камол мерасиданд. Одамон мегуфтанд:

- Онҳо, Мертен-Левекҳо, ҳарду ҳам қобили ситойишанд. Мартен аз кор наметарсаду Левек дар сайди моҳӣ ҳамто надорад.

Духтараки дами чиғ боз лаб ба сухан кушод:

- Мисли ин ки ӯ моро мешиносад. Эҳтимол ин бенаво аз Эпревил ва ё аз Озбоск бошад.

Вале дар ин ҷо иштибоҳ намудани модар ғайри имкон буд. Не, не, эҳтимол ин одами маҳаллӣ набошад!

Вай ҳамеша дар сари роҳ чун соя ҳозир буд ва чашм ба хонаи Мартен-Левекҳо медӯхт, бино бар ин Марген ҳам саранҷом ба ғазаб омад; вай ба худ ҷуръат дода, белро ба даст гирифту аз дар хориҷ шуд.

- Дар ин ҷо ба шумо чӣ лозим аст? – фарёд кашид ба оворагард ӯ.

Мард бо овози гирифта гуфт:

- Дар соя нишастааст. Магар ба шумо музоҳим мешавам?

Мартен суханашро идома дод:

- Чаро шумо ҳамеша ба тарафи хонаи ман нигоҳ мекунед? Ҷосусӣ мекунед?

- Ман ба касе бадӣ намекунам, - ҷавоб дод ӯ. – Сари роҳ нишастан айб аст магар?

Зан чи посухе доданашро надониста, ба хонааш баргашт.

Рӯз гӯё поён надошт. Дами зуҳр ношинос ғайб зад. Вале соъати панҷ мучаддадан сару каллааш пайдо шуд. Бегоҳ ӯро надиданд.

Левек бо фаро расидани шаб баргашт. Ҳамаи қазияро ба ӯ хикоят карданд. Вай даст такон доду гуфт:

- Ё аз чизе иттилоъ ба дастовардан мехоҳед, ё инсони беақлест.

Ва ӯ осуда хобид, аммо занаш пайваста дар бораи оворагард, ки ба ӯ ба таври ачибу ғариб менигарист, фикр мекард.

Дами субҳ боди тунд вазид, аз ин хотир, чун моҳигир дид, ки ба баҳр ба сайди моҳӣ рафтан имкон надорад, хамроҳи занаш саргарми таъмири тур шуд.

Тақрибан соъати нуҳ духтари калонӣ, духтари Мартен, ки барои нон рафта буд, ваҳшатзадаю давон баргашта, фарёд кашид:

- Модарчон, вай боз омад!

Модар аз ҳаячону изтироб ранги рӯяшро батамом бохтаю ба тарафи шавҳараш баргашта, гуфт:

- Левек, бираву бо ӯ гуфтугӯ бикун. Бигӯяш, ки дигар ба тарафи хонаи мо нигоҳ накунад, охир қариб аст, ки девона шавам.

Левек, маллоҳи тануманд, бо чеҳраи лолагуну пиши гӯлии сурхча, бо чашмони обии мардумаконаш қиргун ва бо гардани қавию ҳамеша бо шол печидааш оромона аз дар хориҷ шуд ва ба тарафи марди рохгузар рафт.

Онҳо гарқи сӯҳбат шуданд.

Модару фарзандонаш бо ошуфтагию изтироб ба эшон нигаристанд.

Ногаҳон марди ноошно бархосту хамроҳи Левек ба тарафи хона омад. Бонуи Мартен бо тарсу харос паспасакӣ рафт. Шавҳараш ба ӯ гуфт:

- Ба ӯ нону шароби себ биёр. Ду рӯз аст, ки чизе нахӯрдааст.

Ва харду ворили хона шуданд, модар ба иттифоки

бачаҳояш думболи эшонро гирифтанд. Роҳгузар нишасту дар зери нигоҳҳо сарашро хам карду ба сарфи хӯрок пардохт.

Модар рост истода, чашм ба ӯ дӯхт, ду духтари калонӣ, духтарони бонуи Мартен, яке бо кӯдаки ширхор ба дар такя зада, бо кунҷковии ҳарисона ба марди бегона нигаристанд, ду дундуқча, ки дами оташдони хокистараш сардшуда менишастанд, аз бозӣ даст кашиданд, гӯё онҳо ҳам мехостанд ба одами тозаворид таваҷҷӯҳ зоҳир бикунанд.

Левек рӯи курсӣ нишасту пурсид:

- Хуб, яъне шумо аз ҷои дур омадед?

- Аз Сета.

- Ҳамеша пиёда омадед?

- Бале, пиёда омадам. Пул, ки надоштам, мачбур будам пиёда биёям.

- Ба кучо меравед?

- Ба ҳамин ҷо омадам.

- Дар ин ҷо хешу акрабое доред?

- Эҳтимол дошта бошам.

Онҳо лаб фурӯ бастанд. Бо вуҷуди он ки мард гурусна буд, вале оҳиста хӯрок мехӯрд ва ҳапр лукмаи нонро бо шароби себ фурӯ мебурд. Сурataш азиятkашида, пурожанг ва лоғар буд. Маълум буд, ки ранҷу азоби зиёдеро аз сар гузаронидааст.

Левек ногаҳон пурсид:

- Номатон чист?

Вай бидуни боло кардани сар посух дод:

- Номам Мартен.

Ларзиши аҷибе тани модарро фаро гирифт. Вай мисли ин ки мехоҳад ба оворагард хубтар нигоҳ бикунад, би ҷилав қадам бардошту бо даҳони боз дар муқобили ӯ мехкӯб шуд. Касе ҳарфе ба забон наовард. Саранҷом Левек муҷаддадан муҳри хомӯшӣ аз рӯи лабҳояш бардошт:

- Шумо аҳли ҳамин ҷо ҳастед?

- Бале, ман аҳли ҳамин ҷо ҳастам, - гуфт ӯ дар ҷавоб.

Билохира ӯ ҳам сарашро боло бурд, нигоҳи зан бо нигоҳи ӯ гирех хӯрд, харду сари ҷояшон шах шуданд.

Ба ғайри чашмдошт зан бо садои ларзону тағйирёфта гуфт:

- Шавҳарҷон, ин туйӣ?

Вай охиста гуфт:

- Бале, манам.

Ӯ нони даҳонашро хойиду аз ҷояш такон нахӯрд.

Левеки на танҳо ба изтиробомада, балки пеш аз ҳама ҳайратзада, пичирос зад:

- Мартен, ин туйӣ?

Ӯ ба таври одӣ ҷавоб дод:

- Бале, ин манам.

Левек пурсид:

- Ту аз кучо пайдо шудӣ?

Мартен қисса кард:

- Аз сохили Африқо. Мо дар пастоб гир кардаем. Се нафарамон – Пикар, Ватинел ва ман – начот ёфтем. Сипас одамони вахшӣ моро даст гирифтанду дувоздаҳ сол асир карданд. Пикар ва Ватинел фавтиданд. Як марди сайёҳи инглисӣ гузораш ба он музофотҳо афтоду манро ҳамрохи худ гирифту то Сета овард. Инак, мае ба ин ҷо омадам.

Холаи Мартен сарашро ба пешдоманаш фурӯ бурду талх гирист.

Левек гуфт:

- Акнун чӣ кор мекунем?

- Чӣ, ту шавҳари ӯ мешавӣ?

- Оре, шавҳараш мешавам, - ҷавоб дод Левек.

Онон ба ҳам нигаристанду сукут ихтиёр карданд.

Сипас Мартен ба бачаҳои давру бараш чашм дӯхту ба сӯи ду духтар бо сар ишора кард:

- Инҳо духтарони мананд?

- Бале, аз они ту, - тасдиқ кард Левек.

Мартен аз ҷо барнахосту онҳоро дар оғӯш накашид, фақат ҳайратзада гуфт:

- Худо, чи қадар калон шудаанд онҳо!

Левек такрор кард:

- Акнун мо чӣ кор мекунем?

Мартен ҳам чи кор кардану чи гуфтанашро надониста, ғарқи фикру андеша шуд. Саранҷом гуфт:

- Чи чора, бигӯ, хоҳиши ту амал мекунам. Ба ту бадӣ намехоҳам ман. Танҳо масъалаи хона мушкил аст. Бачаи ман дуто, бачаи ту сето. Инак, модарашон, вай, ё аз они ту мешавад ё аз они ман. Ҳар чи ки ту хоҳӣ, ҳамон мешавад. Аммо хона аз они ман аст, аз падар ба ман ба ирс мондааст, ман дар ин ҷо ба дунё омадам, асноди хона ҳам дар дасти нотариус аст.

Холаи Мартен ҳиқ-ҳиққунон мегиристу сураташро ба пешдомани карбоси кабудаш пӯшонд. Духтарони калонсол бо ташвишу изтироб ба падар нигасрианду ба ҳам наздик шуданд.

Мартен нонашро хӯрда тамом кард. Акнун ӯ дар навбати худ пурсид:

- Чӣ кор бояд бикунем?

Ба сари Левек ин фикр омад:

- Пеши кашиш меравем, бигузор ӯ қазоват бикунад.

Бархост Мартен ва ҳангоме ки ба тарафи занаш қадам бардошт, зан зор-зор гиристу худро ба оғӯши ӯ зада, гуфт:

- Шавҳаракам! Ту омадӣ! Мартен, Мартени бечораи ман, ту дар ин ҷо!

Ва ӯ ногаҳон бо тамоми вуҷудаш тамойилоти рӯзҳои гузаштаи дурро эҳсос намуда, аз нерӯи хотироти пешина, ки солҳои ҷавонию бӯсаҳои нахустини Мартенро дар пеши назараш зинда карда буданд, ларзида ва ӯро бо харду дасташ сахт дар оғӯшаш фишурд.

Мартен ҳам ба риққат омаду аз кулоҳи занак бӯсид. Ҳарду писарак, ки дами оташдон нишаста буданд, гиряи

модарашонро шуниданду наъра кашиданд, кӯдаки хурдӣ ҳам, ки рӯи дасти духтараки кӯчаки Мартенҳо қарор дошт, мисли найчаи суньие ба таври гӯшхарош ҷиғ кашид.

Левек рост истода буд ва интизорӣ мекашид.

- Рафтем, - гуфт ӯ, - бояд ҳама корро ба таври бояду шояд анҷом дод.

Мартен занашро аз оғӯшаш раҳо кард.

Чун модар дид, ки Мартен ба духтаронаш менигарад, ба эшон гуфт:

- Ба шумо чӣ шуд? Падартонро бибӯсед.

Онҳо хайратзадаю бо каме тарсу харос ба иттифоқи ҳам ба падарашон наздик шуданд. Дар чашмонашон қатрае аз ашк намоён набуд. Мартен Харду духтарашро ба таври сода бо навбат аз гунаҳояшон бӯсид. Вале чун кӯдак дид, ки марде бегона ба тарафаш меояд, чунон сахт гиря кард, ки кариб аз хуш рафта буд.

Пасон Харду мард бо ҳам аз дар хориҷ шуданду рафтанд.

Вақте эшон аз назди майкадаи «Тиҷорат» рад мешуданд, Левек пурсид:

- Чӣ мешавад агар яксоғарӣ бинӯшем?

- Ихтиёр дорӣ, ман мувофиқам, - розӣ шуд Мартен.

Онҳо вориди майкада шуданд, паси миз нишастанд ва Левек бонг зад:

- Эй! Шико! Ду истакон арақ биёр, аракаи мардафкан биёр! Мартен баргашт. Мартени шавҳари аввали ҳамсари ман. Ҳамон Мартене, ки бо капитани «Ду хоҳарон» гум шуда буд. Ӯро мешиносӣ?

Майфурӯши шикамкалону чехрааш лолагун дар як даст се калаху дар дасти дигараш шишаи арақ ба эшон наздик шуду оромона пурсид:

- Бубинед ӯро! Мартен, ту баргаштӣ?

- Баргаштам, - ҷавоб дод Мартен.

БОНУИ ГАРРИЕТ

Барои бонуи...

Дар фойтун ҳафт нафар – чаҳор зану се мард – нишаста буданд. Зимнан, яке аз мо дар нишастгоҳи пеш, дар паҳлӯи фой тунчӣ ҷой гирифта буд. Аспҳо чида-чида қадам мезаданд, зеро ҷода печутоб хӯрда рӯ ба фароз, ба истиқболи кӯҳ мебаромад.

Мо ба мақсади боздид аз харобаҳои Танкарвил сапедадам аз Этрет ба роҳ баромада будем ва ҳанӯз ҳам аз таъсири сардии субҳгоҳ карахт шуда, пинак мерафтем. Бахусус занҳо, ки ба саҳархезӣ одат накарда буданд, лаҳза ба лаҳза пилки чашмонашон бастаю сарҳояшон ба зер хам мешуданд ё бидуни эътино ба фарорасии ҳаяҷонангези рӯз хамёза мекашиданд.

Тирамоҳ буд. Дар ду самти ҷода заминҳои урён, ки дар бистари онҳо пояҳои зардчаи ғаллаи даравида мехобиданду риши нотарошидаро ба ёди кас меоварданд, доман густурда буданд. Дашти дар зери никоби туман асиршуда гӯё дуд мекард. Суфитурғайҳо дар осмон нағмасаройӣ менамуданду мурғони дигар дар миёни буттазорон замзама доштанд.

Саранҷом дар дами уфуқ офтоби оташгун рух намуд ва ҳар қадар ки боло меомаду равшанойиаш меафзуд, табиъат ҳам аз хоб бедор мешуд, ҷони тоза мегирифт ва мисли дӯшизае, ки аз хоби ноз бедор шудааст, табассум мекард.

Граф д'Этрай, ки дар паҳлӯи фойтунчӣ менишаст, фарёд зад: «Нигоҳ кунед, харгӯшро бубинед!» ва бо дасташ ба самти чап ба сӯи юнучқазор ишора кард. Харгӯш по ба фирор оварда ва фақат гӯшҳои дарозашро намоиёш доду дар миёни буттаҳои алафи анбӯҳ чо

гирифт, сипас аз рӯи замини шудгоршуда ҷастухезкунон убур намуда, лаҳзае таваққуф карду боз чаҳорхез зад, пасон ба пасаш нигаристу бо изтироб аз ҷузъитарин хатар эҳтиёт намуда, кадом роҳро интихоб карданашро надониста, боз ҳам сари ҷояш истод. Саранҷом аз нав рӯ ба фирор оварду бо ду пои ақиб ҷастухезкунон дар лобалои буттаҳои лаблабу ғайб зад. Ҳамаи мардон аз ҷо парида, ба ҳайвонак чашм дӯхтанд.

Рене Лемануар сухан огоз кард:

- Мо ин субҳ он қадар мехрибон нестем. – Ва ба ҳамсояи худ баронессаи чавон де Серен, ки хоб бар ӯ ҳар лаҳза ғолиб меомад, нигаристу гуфт: - Шумо ба ёди шавҳаратон ҳастед, баронесса? Осуда бошед, вай то рӯзи шанбе барнамегардад. Шумо ҳанӯз чаҳор рӯзи дигар вақт доред.

Баронесса байни хобу бедорӣ табассумкунон гуфт:

- Шумо то чи андоза аблаҳед! – Пасон комилан аз хоб бедор шуда, илова кард: - Гӯш кунед, ягон чизеро ҳикоят намуда ва моро хандонед. Инак, шумо ҷаноби Шенел, мегӯянд, ки нисбат ба гертсог Ришеле дар байни занҳо муваффақияти калон доштаед. Акнун, ҷонам, барои мо лутф карда, яке аз саргузаштҳои ишқии худро қисса кунед. Бифармоед, ҳар кадомеро ки худ майл доред, ҳикоят бикунед.

Пирамарди нақкош Леон Шенел рӯзгоре фавқулъода пурчозиба, зинадил ва дӯстдорами ҳама буд. Вай қадру манзалати хешро медонист. Ӯ ба риши дарози сафеди худ даст кашиду лабханди талхе зад ва лаҳзае дар фикру андеша фурӯ рафт ва ногаҳон ба абрӯ чин андохт.

- Бону, ин достонест гамангез. Ман аз рикқатангезтарин ишқу муҳаббати худ ба шумо ҳикоят мекунам. Ва ба ҳеҷ яке аз дӯстони худ ба чунин ишқ мубтало шуданро намехоҳам.

I

Дар он рӯзгор бисту панҷ сол доштам ва дар каронаи Нормандия наққошӣ мекардам. Дар забони ман «наққошӣ кардан» маънии кулабор дар пушт аз як мусофирхона ба дигарӣ оворагардӣ ва дар зимн аз манзараҳои табиъат нусхабардорӣ намуданро дорад. Чизи дигаре беҳтар аз ин оворагардии таваккалиро намедонам. Зеро ту метавонӣ бидуни ҳама гуна мамониъат, бидуни ташвишу изтиробе ва ҳатто бидуни фикру андешаи фардо озодона умр ба сар бибарӣ. Фақат ғуломи шавқу ҳаваси шахсият шудаю фақат барои чашмонат мояи лаззат талабидаю аз ҳар роҳе, ки дилат хоҳад, қадам мезанӣ. Танҳо ба хотири он таваққуф мекунӣ, ки ҷӯйборе туро асир намудааст ва ё дармеёбӣ, ки бӯи ҳаловатбахши картошкаи бирёни ошхонае туро ба сӯи худ мекашад. Гоҳ-гоҳе туро накҳати хорогул ва ё нигоҳи ба таври сода тағйирёбандаи хидматкорзани ошхонае аз рафтан бозмедорадат. Ба ишқи деҳотӣ на бояд бо назари ҳақорат нигарист. Аз деҳқондухтарон наметавонӣ ҳам дили гарму ҳам мизоҷи оташин ва ба изофа гунаҳои тарангу лабҳои хуштароват ба армугон гирифт. Бӯсаҳои оташинашон лаззатбахшу чун меваи даштӣ обдор. Ишқ аз ҳар кучое ки ба сурогатон ояд, азизу муккаррам аст...

Ман лаззати мулоқотҳои канори ҷӯйбори пур аз гилу сабза, паси говхонаҳо ва коҳдонҳоеро, ки ҳанӯз аз гармои рӯзона нафас мекашиданд, чашидаам. Дар ёди ман андоми варзидаю чобуки деҳқондухтарони карбоспӯш боқӣ мондааст, ман навозишҳои бидуни макру ҳила, навозишҳои содаю табиъиро, ки маъмулан дилрабоёни ҷаззоб ба мо тӯҳфа мекунанд, дар сина маҳфуз дорам.

Аммо аз ин ҳама саёҳатҳо гаронбаҳотарин чиз барои

инсон худи табиъат, бешазорон, тулӯъи офтоб, шомгоҳон ва шабҳои маҳтобӣ мебошанд. Дар воқеъ ин ҳама барои наққош ақли никоҳ бастан бо замин аст. Ту дар ин мулоқоти ошиқона, дар ин мулоқоти бесару садо бо замин таку танҳо ҳастӣ.

Ту дар бистари нарми марғзор, дар байни гулҳои бобуна ва лолақизилоқ дароз кашида, чашмонатро дар зери нурҳои равшани офтоб боз кардаю ба дурдаст, ба он ҷое, ки аз фарорасии нисфи рӯз хабар медиҳад, менигарӣ. Ва ё дар лаби чашмае, ки аз зери решаҳои дарахти булут, аз васати алафҳои борику баланд фавворазанон берун меояд, менишинӣ. Баъд зону зада хам мешавӣ ва оби зулоли сардро менӯшӣ, мӯйлабу биниатро аз он тар мекунӣ. Чунон бо эҳсосу кайфият об менӯшӣ, ки гӯё лабони чашмаро дорӣ мебӯсӣ. Гоҳ-гоҳе дар нуқтае аз чараёни чашма ба жарфное бармехӯрӣ, лухту урён ба даруни он гута мезанӣ ва дар тамоми аъзои баданат, аз сар то поят навозиши ҳаловатбахшу фиребанда ва ларзиши босуръату латифи чараёнро эҳсос мекунӣ. Дар сари теппа шод мешавию дар соҳили кӯл маҳзун ва ҳангоме ки офтоб дар бахри абрҳои лолагун гарқ мешаваду дар сатҳи рудхона шӯълаҳои хунини хешро мепошад, ба изтироб меойӣ. Ва шабона, вақте моҳ сайркунон ба умқи осмон меравад, чизҳои ачибу гариберо, чизҳоеро, ки хатто дар равшанойии рӯзона ба хаёлат намеоянд, орзӯ мекунӣ.

Инак, сайёҳаткунон дар ҳамон чоҳо, ки мо тобистони имсоларо дар он ҷо мегузаронем, боре, бегоҳирӯзӣ то деҳаи Бенувил, то каторатеппаҳои байни Испор ва Этрет рафтам. Ман аз Фекен лаблаби соҳил, соҳили баланду умудӣ, соҳиле чун девор, ки барчастагиҳои сахраҳои гачиаш рост ба бахр сарошеб мешаванд, рох пеш гирифта будам. Аз субҳ ба ни чониб аз насими бахр нафас кашида, дар бистари алафзори пастаку мисли колӣ

ҳамвору нармаки партгоҳ қадамзанон ҷилав мерафтам. Ҳамин тавр, бо тамоми садо сурудхонон, бардам-бардам қадам бардошта, гоҳ парвози мавзуну равони моҳихӯракҳоро, ки дар осмони обӣ нимдойираи сафедро ташкил дода буданд, тамошо мекардаму гоҳи дигар бодбони хурмойиранги заврақи моҳигирии сатҳи баҳри кабудро. Ман озоду беғам рӯзи хешро сипарӣ мекардам.

Ба ман фермаи кӯчакеро, аз қабили он ковронсаройҳое, ки маъмулан дар васати работҳои нормандӣ қарор доранд, нишон доданд, ки ду радиф аз дарахтони бук атрофи онро ҳалқа зада буданд ва соҳибхоназан ба мусофирони роҳ сарпаноҳ медод.

Ман аз сари теппа сарозер шудаму ба ҷониби деҳкада, ки зери дарахтони муртафеъ паноҳ ёфта буд, равона ва дар назди холаи Лекашёр ҳозир шудам.

Вай пиразани пурожангу туршрӯе буд. Ба назар чунин меомад, ки гӯё иҷоранишинонро бидуни майлу рағбате ва ҳатто бо эътимодӣ пазироӣ мекунад.

Ин ҳодиса дар моҳи май рух дода буд. Дарахтони саросар шукуфтаи себ шоху панҷаҳои худро ба рӯи айвон паҳн карда буданд ва ба сару тани одамон ва болои сабзаю себаргаҳо гулбаргҳои гулобиранги хешро парпарзанон нисор мекарданд.

Ман пурсидам:

- Хуб, бонуи Лекашёр, ҳуҷраи холӣ доред?

Аз он ки номашро ба забон овардаю мурочиъат намудам, дар ҳайрат афтоду гуфт:

- Чӣ гӯям ба шумо, дар асл тамоми ҳуҷраҳо одам доранд. Бале, бояд иқдоме ба амал овард.

Дар арзи панҷ дақиқа мо масъаларо ҳал кардем ва ман кулборамро аз китфам раҳо кардаму ба кафи хокии ҳуҷраи чӯбие, ки ҳаман таҷҳизоташ аз тахти хобу ду курсӣ, мизу дастшӯ иборат буд, ҳаво додам. Ҳуҷра дар паҳлӯи ошхонае, ки хеле васеъ ва дудзада буд ва дар он

чо тамоми сокинон хамрохи кормандони ферма ва сохибхоназани бева дар гирди як миз нишастаю хӯрок мехӯрданд, қарор дошт.

Ман дастонамро шустаму берун рафтам. Пиразан мургеро дар болои оташдони бузурге, ки бар фарози он дегчаи лудзадае низ овезон буд, бирён мекард.

- Пас, маълум мешавад, ки дар ин чо ичоранишинони дигаре низ хастанд? – пурсидам ман.

Вай тибқи одати худ гур-гуркунон посух дод:

- Бале, дар ин чо боз як инглисзани солхӯрда зиндагӣ мекунад. Ман барои вай хучраи дуввумиро чудо кардам.

Ман бо пардохтани панҷ су дар як рӯз ҳуқуқ пайдо кардам, ки дар ҳавои озоди рӯи ҳавлӣ хӯрокамро чудогона бихӯрам.

Инак, бароям дар пешайвони хона дастархон густурданд ва ман дандонҳоямро азоб дода, ба хӯрдани гӯшти мурги логари норманди бо нони гандуме, ки тақрибан чахор рӯз қабл пӯхта буданду аммо хеле болаззат буд ва қатра-қатра нӯшидани шароби софу шаффоф шурӯъ намудам.

Ногахон даричаи чӯбие, ки ба тарафи рох гушода мешуд боз шуду зане бо киёфаи ачибу гариб ба тарафи хона рафт. Ин чучассаман фавкулоъода логару болобаландро шоли шотландӣ дар худ чунон печида буд, ки агар дар сатҳи ронҳояш панчахои устухониаш ба чашм аммехӯрданд, бидуни шакк кас гумон карда метавонист, ки вай даст надорад... Ӯ чашм ба замин дӯхтаю шитобзада аз назди ман гузашт ва дохили хучра шуд. Ин қазияи хеле хайратангез манро ба худ чалб кард: ин зан ҳамон «инглисзани солхӯрда», ҳамсояи ман буд, ки дар бораш сохибхона қисса карда буд.

Он рӯз ӯро дигар надидам. Ба махзи ин ки субх дар огӯши дарран зебою хушманзари бароятон ошно, ки он то ба Этрет гӯл мекашад, ба наккоши пардохтам,

ногаҳон сар баланд карда, дар болои теппа чизи аҷиберо дидам, ки гӯё ба дастаи парчам шабоҳат дошт. Ин ҳамон зан буд. Чун чашмаш ба ман афтод, ғайб зад.

Нисфирӯзӣ барои сарфи наҳор ба бошгоҳ баргаштаму дар пушти мизи умумӣ нишастам, то бо он мавҷуди аҷибрафтор тарҳи ошноӣй резам. Вале ӯ ба муҳаббатҳои банда вокунише нишон надод ва ба ҳама гуна муносибати илтифотомезам беалоқагӣ зоҳир намуд. Ман эҳтиётқорона ба ҷомаш об рехтам, бо саъй ва кӯшиш ба табақчааш хӯрок гузоштам. Аммо ягона ибрози сипосгузориаш нисбат ба илтифотҳоям сар такон додан ва чанд калима инглисӣ, ки ҳатто натавониста будам бишнавам, ба забон овардан буду вассалом.

Ҳарчанд ки ёдаш афкорамро парешон мекард, аз ӯ сарфи назар кардам.

Баъд аз он се рӯз дар бораи ӯ ба андозаи бонуи Лекашёр маълумот ба даст овардам.

Нома бонуи Гарриет буд. Дар суроғи деҳаи хилвате барои гузаронидани фасли тобистон вайро гузораш ба ин музофотҳо меафтад ва якуним моҳ қабл дар Бенувил маскан мегирад. Ӯ ошкоро мехост дар ин ҷо монад. Ҳангоми сарфи ғизо ҳарф намезад. Шитобзада хӯрокашро хӯрда, ҳамзамон рисолаҳои пандомези мазҳаби протестантиро мутолиъа мекард. Чунин рисолаҳоро ба ҳар касе, ки мехост, пешкаш менамуд. Ҳатто кашиш ҳам аз дасти ӯ чаҳор нусха аз ин қабил рисолаҳоро, ки барояш писараки деҳотӣ бо қимати ду су харида меовард, гирифта буд.

Баъзан авқот бидуни ин ё он сабабе ба соҳибхона изҳор медошт: «Ман худоро бештар мепарастад, ман аз ҳама гуна офаридаҳои ӯ ба вачд аст, ман бо тамоми табиъаташ ӯро дӯст медорад, ман ӯро абадан дар қалби худ ҳизф мекунад». Ва ҳамон дам ба деҳқонзани бухтзада яке аз он рисолаҳоеро, ки оламиёнро барои ба имони

ҳақикӣ рӯ овардан даъват мекард, пешкаш менамуд. Дар деҳа чандон дӯсташ намедоштанд. Баъд аз он ки омӯзгор вайро «зани ломазҳаб» номид, мавриди гумонҳои бади мардум қарор гирифт. Кашиш ҳам бо ин суханҳо шакку шубҳаи бонуи Лекашёрро аз миён бурд: «Дар вокеъ вай ломазҳаб аст, аммо офаридгор марги мукассирро намехоҳад ва ба ҷуз ин, ба ақидаи банда, вай махлуқи фавқулъода поктинат аст».

Иборахои «зани ломазҳаб», «зани худоношинос», ки маънии дақиқаш равшан набуд, афкору андешаҳоро ба изтироб меандохт. Дар айни ҳол мегуфтанд, ки инглисзан хеле сарватманд аст ва барои он як умр дар мусофират аст, ки аз манзилаш роондаанд. Чаро аз манзилаш роондаанд? Маълум, ки барои бешарафиаш.

Вокеъан ҳам вай зане буд шефтаи маслаку акойиди хеш, яке аз ҷонибдорони сарсахттарини пуризм, ки Инглистон онҳоро ба таври бешумор ба дунё меоварад, вай яке аз он пирдухтарони беозор, вале таҳаммулнопазирест, ки вучудашон дар ҳар музофоти Урупо ҳатмӣ буда, Итолиёро фосиду Швейтсарияро заҳролуд мекунанд ва шаҳрҳои шигифтовари Бахри Миёназаминро барои зиндагӣ ғайри мақбул мегардонанд, ба хама ҷо рафторхои ачибу гариб, хулку хӯи кайхо аз дахонҳо афтодаи гарбӣ, тарзи оройишу либоспӯшии тасвирнашаванда ва бӯи махсуси сақичеро, ки гӯё шабона онро андаруни гилофи каучукӣ пинҳон карда бошанд, хамрохи худ мебаранд.

Ба маҳзи ин ки дар меҳмонсароЙе чашмам ба яке аз ин гуна махлуқон меафтад, мисли мурги ба укоб дучоромадае по ба фирор мегузорам.

Аммо, ба назарам, ин зан чунон гайри одӣ менамуд, ки ҳатто ба таври табиъӣ манро ба сӯи худ мекашид.

Бонуи Лекашёр ба ҳама гуна чизи гайри деҳқонӣ душмании табиъӣ дошт, аз ин рӯ ақли маҳдуди ӯ нисбат

ба шавқу сурури пирдухтар мутанаффир буд. Ӯ барои инглисзан лақаби тамоман таҳқиромезе фикр намуда, пайдо карда буд, ки умуман аз кучо ба хаёлаш омадаю бо кадом сабаби мубҳам ва асроромезе дар мағзаш зуҳур карда буд, кас намедонист. Вай мегуфт: «Шайтонзани ҳақиқӣ». Ва истифодаи ин ибора дар ҳаққи чунин мавҷуди поктинату хеле ҳассос манро ба ҳадди баённопазире ба ханда меовард. Худи ман ҳам ӯро ба ҷуз «Шайтонзан» таври дигар ном бурда наметавонистам, чунки ҳангоми дидани соҳибхона бо садои баланд ин лақабро ба забон овардан бароям саргармӣ башумор мерафт.

- Хуб, холо шайтонзани мо ба чӣ кор саргарм аст? – мепурсам аз холаи Лекашёр.

Ва деҳқонзан бо хашму ғазаб ҷавоб медод:

- Ҷаноби олӣ, шумо бовар намекунед, вай курбоққаи хокиро, дар панҷарааш фишор дода буданд, бардошта ба ҳуҷрааш бурду ба даруни дастшӯйӣ гузошт ва ҷарохаташро баст. Магар ин гунох нест?

Бори дигар инглисзан аз зери сахраҳо рад шуда, моҳии калонеро, ки ба тозагӣ сайд карда буданд, хариду ҳамон лаҳза ба баҳр раҳояш кард. Вале маллоҳ бо вуҷуди о ки пули моҳиро аз қиматаш зиёд гирифта буд, бо хашму ғазаб занро чунон дашном дод, ки гӯё вай пули ӯро аз ҷайбаш дуздида бошад. Баъд аз як моҳ маллоҳ ин қазияро ҳикоят карда, ба носазогӯйиаш идома дод. Оре, вокеъан ҳам бонуи Гарриет шайтонзан буд.

Холаи Лекашёр доҳиёна ба ӯ лақаб монда буд.

Фикри аспбон, ки Сапер ном дошт, тамоман дигар буд, чунки ӯ дар овони ҷавониаш дар Африко хидмат карда буд. Вай маккорона чашмонашро танг карда, мегуфт:

- Ҳамааш фаҳмо, колои бозоргире будааст, дар вақташ давронашро рондааст.

Ох, кош пирдухтари бечора ин ҳарфҳоро мешунид ва ҷавоби онҳоро медод!

Хидматкордухтар Селеста аз чи буд, ки бо бемайлӣ хидмати инглисзанро анҷом медод. Эҳтимол танҳо ба хотири он буд, ки ачнабизан буд, аслу насаб, имону эътиқодаш дигар буд, ба забони дигар ҳарф мезад. Хулоса шайтонзан буд.

Вай тамоми рӯзро дар гирду атроф сайругашт мекард, худоро меҷусту дар оғӯши табиъати офаридааш ӯро ҳамду сано мегуфт. Боре бегоҳирӯзӣ ӯро дар васати буттаҳо ҳангоми ибодат дидам. Вақте чизи сурхеро дар васати буттаҳо дидам ва шохаҳоро канор задам, бонуи Гарриет аз гофилгир шуданаш ба хичолат афтода, чун баркзадае аз ҷояш парид ва мисли чугде, ки дар рӯзи равшан ба дом гирифтор мешавад, чашмони харосонашро ба ман дӯхт.

Баъзан авқот ба маҳзи ин ки дар байни сахраҳо саргармӣ кор мешудам, гайри мунтазира чун симчӯби телеграф дар сари шух зоҳир мешуд. Бо ҳирси тамом ба паҳноӣ баҳри дар шӯълаҳои офтоб гаркшуда ва ба вусъати осмони оташфом менигарист. Ман борҳо аз дурласт дидаам, ки чи тавр ӯ дар бистари водӣ мисли инглисзанҳо шитобзада қадам мезанам. Ман ҳам бидуни ихтиёр бидуни он ки худ пай бибарам барои чи, маҳз барои дидани чеҳрааш, чеҳраи логару дар ҳам кашидааш, ки аз шавқу гурури ботинаш мурӯг мегирифт, ба майлу хоҳиши дилам итоъат нанамуда, бо суръат думболагириаш мекародам.

Уро аглаб авқот дар назди кадом-як ферма ҳам дучор меомадам: вай дар зери соя дарахти себ, дар бистари сабзаю себаргаҳо нишастаю китобро боз намуда ва чашм ба осмон медӯхт.

Ман намехостам ин нохияи оромро тарк гуфта, рӯ ба манотиқи дигар оварам, зеро хазорон торҳои ишку

муҳаббат қалбамро ба манзараҳои паҳндоману фиребои ин ноҳия пайванд зада буданд. Дар ин фермаи гумном, ки аз ҳама чиз дар канор буду ба замин наздик, замине, ки рӯзе мерасиду мо низ бо ҷисми худ онро қувват мебахшем, бароям хуш мегузашт. Эътироф мекунам, ки эҳтимол барои каме кунҷковӣ кардан дар манзили холаи Лекашёр монда будам. Ман мехостам бонуи Гарриети ачибрафторро беҳтар шиносам ва бифаҳмам, ки дар қалби таку танҳои ин зани дунёгард чи ғавғое барпост.

II

Ба ҳам наздикшавии мо тамоман ғайри одӣ сурат гирифт. Ман ҳол ҳозир лавҳаи наққошиеро, ки ба назарам хеле ҷасурона, бале, воқеъан ҳам хеле ҷасурона тасвир карда будам, ба анҷом расонидам. Баъд аз понздаҳ сол он лавҳаи наққошӣ ба қимати даҳ ҳазор франк ба фурӯш рафт. Дар воқеъ он ба мисли ду карат ду чаҳор, бидуни қойидае академикӣ, одӣ буд. Гӯшаи рости лавҳа сахраи азимеро, ки саросараш таҳнишини зарду сурхфоми гиёҳҳои оби пӯшида буданд, дар худ мунъакис мекард. Қурси офтоб дар пушти худам пинҳон буд, вале шӯълаҳои он чун тилои обшуда ба рӯи сахра афтода буданд. Ин маназара ба таври олӣ тасвир ёфта буд. Чунин тасвири равшану возеҳ ва пуробу рӯҳи касро гиребонгир мешуд.

Дар самти чапи лавҳа баҳр, баҳри на кабуду на сурбиранг, балки баҳри яшфом, тираранг ва қаҳролуд тасвир ёфта буд.

Ман аз офаридаи худ чунон ризоятманд будам, ки рақскунон ба бошгоҳ баргаштам. Мехостам худи ҳамон лаҳза оламиён офаридаи манро тамошо кунанд. Дар ёд дорам, онро ба гови сари роҳ нишон дода, фарёд зада будам:

- Азизам, бубин! Чунинашро хамеша нахоҳӣ дид!

Ба бошгох наздик шуда, бо тамоми неруӣ холаи Лекашёрро садо задам:

- Эй! Эй! Сохибхона. Базудӣ ин чо оед.

Дехконзан ба наздам хозир шуда, ба асари ман нигоҳи бемаъние андохту нафахмид, ки он тасвири барзагов аст ё хона.

Бонуи Гарриет аз гардиш баргашта, дуруст хамон лаҳзае аз пушти ман рад шуд, ки лавҳаро бо тамоми арзу тӯлаш боз карда, ба сохибхоназан нишон медодам. Ман ҳам саъй намудам лавҳаро чунон нигоҳ дорам, ки чашми «шайтонзан» гофил намонад. Чун нигоҳи инглисзан ба он афтод, гичу мотзада сари чояш мехкӯб шуд. Ин лавҳа сахрае буд, ки вай рӯи он баромада, орзӯи озодӣ мекард.

Вай «оу»-и инглисии худро чунон фасеху тахсиномез ифода кард, ки табассумкунон ба тарафаш баргаштам.

- Бону, ин тозатарин лавҳаи наққошии ман аст, - шарҳ додамаш.

Вай ба таври хандаовар ба вачд омаду канда-канда, вале пуртаъсир гуфт:

- О! Ҷаноби олӣ! Шумо табиъатро амик медонед!

Боят эътироф бикунам, ки лолагун шудам: аз забони шаҳбону ин таърифу тавсиф манро то андозае тахти таъсир карор намедод. Ман ҳам бесилоҳ шуда будаму ҳам таслим ва аз чониби дигар голиб. Савганд ба вичдони покам, ки омода будам ӯро дар оғӯшам бикашаму бибӯсам!

Дар атрофи ман мисли ҳамеша дар паҳлӯи ӯ нишастам. Вай бори нахуст назари хешро баён дошта, бо садои баланд гуфт:

- О! Ман беандоза табиъатро дӯст медорад!

Ному обу шаробро наздиктараш гузоштам. Акнун хидматҳои манро бо табассумхои гоҳ ба гоҳи худ кадр мекард. Ман рочеъ ба манзара изҳори акида кардам.

Мо ҳарду ба иттифоқи ҳам аз сари миз бархостему дар рӯи айвон ба гардиш пардохтем. Ҳушу ёди моро хирмани бузурге аз оташе, ки офтоби рӯ ба ғурӯб дар сатҳи баҳр афрӯхт, ба сӯяш кашид. Ман даричаи канори роҳро боз кардам ва мо аз он ки саранҷом якдигарро шинохтаю фаҳмидем, хушҳол шуда, ба роҳ даромадем.

Ғурӯби гармаку нармаке буд, аз он ғурӯбҳое буд, ки ба ҷисму ҷони кас ҳаловату ба ақлаш нерӯ ато мекунад. Табиъати атроф моломоли малоҳат буд. Ҳавои гарми хушнакҳат аз бухори сабзаю себарга ва гиёҳҳои обӣ серу аз накҳати тунди бӯё ва аз таровати насими баҳрӣ обистан буд. Мо акнун аз пайроҳаи канори ҷарӣ роҳ мерафтем. Тақрибан сад метр пойинтар аз мо баҳри бекарон амвоҷи реза-резаро ғел медод. Мо бо даҳони бозу шӯши фарохшуда аз насими хуштаровати дар оби шӯри баҳр маҳлулшуда синаҳоро пур мекардем ва дар пӯсти худ навозиши оромонаи онро эҳсос.

Инглисзан андомашро дар шоли худ печиду дандонҳояшро намойиш дода, чи тавр ба бистари баҳр фуруд омадани курси бузурги офтобро менигарист. Дар нуқтае аз канори дурдаст, дар марзи уфуқ, дар зери осмони шӯълапош шабаҳи киштии сесутунае бо бодбонҳои ба боло бардоштааш ба таври равшан намоён шуд, каме наздиктар киштии буғӣ шино мекард ва кулӯлаҳои дуд аз паси он ба фазо печида, дар паҳноии осмон паҳну парешон мешуд.

Қурси офтоби арғунун тадриҷан пойин меомад. Оқибат он аз паси киштии сокитмонда ба об расид ва ба назар чунин меомад, ки гӯё киштӣ дар ҳалқаи оташ, дар дили офтоби сӯзон мондааст. Офтоб боз ҳам фурӯтар мерафт ва баҳр онро ба коми хеш мекашид. Фурӯравӣ, хурдшавӣ ва нопадидгардии он ба таври возеҳ ба чашм мерасид. Ҳама чиз тамом шуд. Фақат шабаҳи киштии кӯчак мисли собиқ дар каронаи дурдаст, дар зери сақфи

тилойии осмон ба чашм мехӯрд.

Бонуи Гарриет бо нигоҳи пуршӯри хеш ба ғурӯби губоролуди рӯз наззора мекард ва бидуни тардид мехост осмону баҳр ва тамоми оламро дар оғӯш кашад.

Вай канда-канда гуфт:

- Оу! Ман дӯст медорад... Ман дӯст медорад... Ман дӯст медорад...

Дар чашмонаш қатрахои ашкро дидам. Вай суханашро идома дод:

- Ман мехоҳад мурги кӯчаке бошад ва ба осмонҳо парвоз кунад.

Вай ҳамон тавр, дуруст мисли симчӯбе, ки на як бору ду бор дар болои сахра шоли гулгун ба тан дида будамаш, меистод. Майли дар албоми худ кашидани тасвирашро доштам. Вай он чинси хакикие буд, ки тасвираш касро ба вачд меовард.

Ман барои чилави хандаамро гирифтан рӯ ба дигар сӯ тофтам...

Сипас бо мисли ду рафиқ калимоти махсусро мавриди истифода карор дода, ранги тазоддхо ва хусусияти фарккунандаи рангҳоро зикр намуда, дар атрофи наккоши сари сӯҳбат гушодем. Вай ба харфҳояш бо таваччух гӯш дода, кӯшиш менамуд маъними калимоти барояш номафҳум ва фикри манро бифахмад. Гохе гохе миёни суханам давида, бо вачд хитоб мекард:

- О! Ман мефахмад! Ман мефахмад! Ман ба ин хеле таваччух дорад.

Мо ба бошгоҳ баргаштем.

Ба махзи ин ки субх манро дид, шитобзада ба истикболам омаду ҳолпурсӣ кард. Акнун мо дӯстони наздик шуда будем.

Мавҷуди нексириште буд ӯ. Қалбаш, ки гӯё дар рӯи пружина карор дошт, частухезкунон ба вачд меомад. Ба мисли занҳое, ки то панчохсолагӣ дӯшиза мемонанд,

таъодулаш кифоят намекард. Ба назар чунин меомад, ки вай дар маъсумияти таршшудаи хеш фуру рафтааст. Аммо қалбаш ҳарорати ҷавониашро дар худ ҳифз карда буд. Вай набототу ҳайвонотро ҷунунвор ва ба таври ҳақиқӣ дӯст медошт, дар заминаи он эҳсосоти муҳаббате дӯст медошт, ки дар дилаш таҳшин шудаю ба марде бахшидан барояш муяссар нашуда буд.

Ман худ шоҳидам, ки ӯро дидани модасаге бо бачаҳояш, байтали бо курраааш дар оғӯши маргзор дар давутоз, лонаи парандае бо ҷӯҷаҳои урёну беболу параш, ки минқорчаҳояшонро васеъ боз намудаю ҷир-ҷир мекунанд, фавқулъода ба изтироб меовард.

Эй мавҷудоти бечораи таку танҳо, эй меҳмонони оворагарду ғамгини гушаю канори табиъат, эй махлуқоти мискину хандазой, аз он рӯзе, ки ман ин занро шинохтам, ошиқи шайдои шумо гаштам!

Базудӣ пай бурдам, ки мехоҳад дар пиромуни масъалае бо ман ба сӯҳбат нишинад, вале ба қароре намеояд. Аз ин рӯ шарму хиҷолати ӯ манро саргарми худ мекард. Вақте субҳгоҳон ҷаъбаамро рӯи дӯшам гузошта, ба сӯи мақсад мешитофтам, вай пинҳонӣ ва ба таври диданашаванда ба изтироб омада, бо сухан аз кадом дарича ворид шуданашро надониста, манро то канори деҳа гусел мекард. Ва ғайри чашмдошт ба ақиб бармегашту мисли ҳамеша ҷастухезкунон шитобзада аз ман дур мешуд.

Боре дил ба дарё заду гуфт:

- Ман мехоҳад ба наққошии шумо нигоҳ кунад. Шумо розӣ ҳаст? Ман бисёр нигоҳ кардан мехоҳад. – Дар ин лаҳза мисли ин ки суханҳои хеле хатарнокеро гуфта бошад, чеҳрааш гулгун гашт.

Ӯро ҳамроҳам ба Дарраи Хурд, ки дар он ҷо лавҳаи наққошии бузургеро шурӯъ карда будам, бурдам.

Вай дар пушти сарам истода, ба ҳама гуна ҳаракатам

бо таваҷҷухи бештаре менигарист.

Баъд, аз тарси он ки гӯё ҷои манро танг мекарда бошад, ғайри чашмдошт гуфт:

- Аз шумо ташаккур мекунам, - ва аз он ҷо рафт.

Вале ӯ ба ман унс гирифта буд ва ҳар рӯз манро бо камоли майл ҳамроҳӣ мекард. Вай андаруни халтае курсии катшавандаеро бо худ оварда, дар паҳлӯям рӯи он менишаст. Ҳамин тавр, ба ҷузъитарин ҳаракати мӯқалами ман чашм дӯхта, соъатҳои тӯлонӣ хомӯш менишаст. Ҳангоме ки бо кӯмаки ранг натиҷаи ғайри мунтазира ва хуб ба даст меовардам, ногаҳон аз лабонаш калимаи кӯтоҳи «оу», ки сарашро аз таъаҷҷубу ҳайратзадагӣ, шодию сурур ва тахсину ситойиш буд, ҷорӣ мешуд. Вай ба тоблуҳои нақкошии ман бо як самимияту муҳаббати мамлӯ аз эҳтиром, эҳтироме, ки нисбат ба офаридаи ақли инсонӣ буд, менигарист. Лавҳаҳои офаридаи банда дар пеши назари ӯ як навъ тасвири дини буданд; гоҳ-гоҳе, ба умеди манро ба роҳи рост ҳидоят намудан, рочеъ бо офаридгор сухан мегуфт.

Ва худои ӯ шахсияти ачибу гарибе буд! Худои ӯ кадом-як файласуфи бидуни ақли солиму нерӯи комил буд, зеро вай дар фаҳмиши ин зан ҳамеша маҳкуми беадолатӣ буд, беадолатие, ки дар пеши чашмонаш сурат мегирифту гӯё ӯ наметавонист онро ҷилавгирӣ бикунад.

Зимнан, ӯ бо худои худ муносибати бисёр хуб дошт. Ба назарам худои вай ҳамеша розу дарду ранчи худро бо зан дар миён мегузошт. Вай чун сержанте, ки ба сарбози батозангӣ ба хидмат даъватшуда мегӯяд: «Полковник чунин фармон дод», пайваста изҳор медошт: «Агар худо хоҳад» ё «Агар худо нахоҳад».

Вай аз он ки ман аз кору кирдори илоҳӣ дар гафлат будам, аз тахи дил гусса мехӯрд ва саъй менамуд чашмамро боз бикунад: дар кисаҳоям, андаруни кулоҳам, ки баъзан ба рӯи замин меандохтам, андаруни

чаъбаи рангҳо, дар дами дар, андаруни кафшҳоям, хулоса дар ҳама чо, ҳар рӯз рисолаҳои диниеро, ки вай бидуни шакк рост аз биҳишт мегирифт, дарёфт мекардам.

Ман ба ӯ чун рафики дерин муносибати одии дӯстона доштам. Вале базудӣ эҳсос намудам, ки рафтори кирдораш дорад тағйир меёбад. Дар ибтидо дар ин бора фикр намекардам.

Ҳамин ки дар оғӯши водии писандидаам ва ё дар пайроҳаи хилвате ба кор шурӯ мекардам, вай ҳам нобаҳангом дар пеши чашмонам зоҳир мешуд. Ӯ шитобзада ва ҷастухезкунон роҳ мерафт. Мисли ин ки тамоми роҳро давида ва ё изтироби шадиде роҳи нафасашро фишурда бошад, нафасзанон менишаст. Дар чунин лаҳазот сурататаш чунон гулгун мешуд, ки ин ҳолат танҳо хоссии инглисҳо буда, ба ҳеҷ як миллати дигаре махсус нест. Сипас бидуни сабабе ранги рӯяш меканд, чеҳрааш хокистарӣ мешуд ва ба назар чунин меомад, ки ҳол ҳозир аз еравад. Аммо қиёфааш тадричан ба ҳолати одии худ бармегашту шурӯъ ба сӯҳбат мекард.

Лекин ногаҳон ҳарфашро ниматамом қатъ менамуд ва чунон по ба фиро мегузошт, ки ман мекӯшидам ба ёд оварам, ки оё бо рафторе ношоям ё ҳарфе нофорам ӯро наранҷонида бошам.

Саранҷом ба худ қабулонидам, ки ин ҳама одати маъмулии ӯст, ҳарчанд ки дар оғози шиносойиамон дар назарам таври дигар ҷилва мекард.

Вақте баъд аз сайругашти тӯлонӣ дар соҳили баҳр ба ферма бармегашт, мӯҳои дарози морпечаш аз дасти боди тундхӯ ағлаб авқот парешон мешуданд. Дар собиқ ба ин аҳамият намедод ва аз он ки бародараш бод ҳалқаи зулфонашро парешон кардааст, хиҷолат намекашиду ба сари мизи хӯрок менишаст.

Вале ҳоло ба ҳуҷраи тангу хурдаш ворид шуда, мӯҳояшро ба ифоқа меовард ва ҳангоме ки ба вай

хушомадгӯён ва дар зимн ӯро ба хичолат гузошта, мегуфтам, ки: «Бонуи Гарриет, Шумо имрӯз чун рӯзи босафо дилрабо ҳастед», дар як он гунаҳояш оташгун мегаштанд, чунон оташгун мегаштанд, ки чунинаш фақат дар синни панҷоҳсолагии духтарон рух медиҳад.

Рӯзҳои охир мучалдадан худро аз ман канора мегирифт, дигар манро ҳамроҳӣ намекард, то тарзи наққошиамро нигарад. Ман пеши худ андешидам: ин булҳавасист, ин базудӣ тамом мешавад. Аммо базудӣ тамом нашуд. Вакте бо ӯ сӯҳбат мекардам, ё бо безътиноӣй ва ё бо асабоният ба суханҳоям чавоб мегуфт. Мо фақат хангоми сарфи гизо рӯ ба рӯ мешудем ва тақриban тамоман харф намезадем. Ман бовар доштам, ки бо ягон рафторам ӯро ранчонидаам, ба хамин хотир хам боре шабона аз ӯ пурсидам:

- Бонуи Гарриет, чаро муносибататон нисбат ба ман тагйир ёфтааст? Шумо манро хеле гамгин кардед!

Вай дар чавоб хеле хайратзада ва бо лахни масхараомез гуфт:

- Ман бо шумо тамоман мисли собик хастам, шумо хак нест, хак нест, хак нест, - ва давон-давон ба хучраш рафт.

Гох-гохе ба сӯям ба таври ачиб менигарист. Аз ин рӯ на як бору ду бор, балки чандин дафъа фикр карда будам, ки вакте ба инсонҳои ба марг махкушуда эълон мекунанд, ки рӯзи охирини умрашон фаро расидааст, боял ин тавр нигох бикунанд. Дар нигохи ӯ девонагие, девонагии шадиду сӯфиёне нухуфта буд. Дар ниходи ӯ боз як чизи дигаре, яъне як нигиёки саркашу нотавон пинҳон буд! Боз ба назарам чунин меомад, ки калбаш аз нерӯи номаълуме аз худ дифоъ мекунад ва мекӯшад ин нерӯро ром бикунад. Эҳсос менамудам, ки дар калби ӯ задухурде ва ё шояд чизи дигаре... чараён дорад... Чи донам! Чи донам!

III

Вокеъан ҳам ин кашфиёти ҳайратоваре буд.

Муддате чанд буд, ки ҳар субҳ дар офаридани лавҳаи наққошие бад-ин мазмун кор мекардам:

Пастхамии амиқе дар васати ду нишебии пурдолу дарахте қарор дорад ва он тӯ мекашад, гум мешавад ва дар дили он меҳи ширфоме, ки маъмулан субҳгоҳон дар байни теппаҳо лахта-лахта ба ҳам мепечад, ғарқ мешавад. Дар фосилае дурдаст аз пушти пардаи меҳи ғализу шаффоф андоми ду дилбохта – духтару писари ҷавон ба чашм мехӯрад. Онҳо худр ба тани ҳамдигар фишурда, қадам мезананд. Духтар сарашро боло кардааст, писар ба рӯи ӯ хам шудааст ва лабҳои онон ба ҳам часпидаанд.

Аввалин нурҳои офтоб дар лобалои баргҳо мелағжанд, меҳи субҳгоҳиро мешикофтанд ва онро дар пушти сари дилбохтагони деҳотӣ ба ранги гулобӣ табдил медиҳанд. Сояҳои тираи ду дилдода дар хирмане аз нури симин ба ҷилав ҳаракат мекунанд. Ин манзараи бад набуд, оре, бад набуд.

Ман дар нишебие, ки касро ба ҷониби Водии Хурди Этрет мебарад, наққошӣ мекардам. Хушбахтона дар он субҳ дар фарози водӣ ҳамон чодаре, ки барои наққошиам эҳтиёҷ доштам, ба чунбиш даромад.

Андоми чизе мисли шабаҳ дар пеши назарам қомат афрохт. Маълум шуд, ки он шабаҳ бонуи Гарриет аст. Чун манро дид, хост фирор бикунад, вале садо задамаш:

- Бону, ин ҷо биёед, ин ҷо биёед. Ман барои шумо лавҳачае омода кардаам.

Вай бо дили нохоҳам ба наздам омад. Тарҳи хомамро ба ӯ дароз кардам. Вай ҳарфе ба забон наоварду фақат андомаш ларзид, муддати мадиде ба тарҳ нигарист ва ногаҳон ба гиря афтод. Мисли касе, ки барои ҷилавгирӣ

намудани гиряаш муддати зиёде мубориза мебараду дар натича аз тобутавон рафта ва боз хам саъй мекунад, ки пеши ашки чашмонашро бигирад, беихтиёр танаш меларзиду оби дидагонаш фурӯ мерехт. Ман аз ин гаму гуссаи бароям номаълум барикқат омада, аз ҷо паридам ва бо як ҳаракати пур аз ҳаячон, бо як ҳаракати хосси фаронсавии ҳақиқӣ, яъне фаронсавие, ки дар ибтидо даст ба амал мезанаду баъд фикр мекунад, дастонашро қапидам.

Лаҳзае чанд дастонашро раҳо накарда ва эҳсос намудам, ки онҳо чунон меларзанд, ки гӯё тамоми аъсобаш аз шиддати кашише таранг мешаванд. Пасон бошиддат дастонашро раҳо кард.

Ман ин ларзишро ҳамоно шинохтам, ман онро чандин бор эҳсос кардаам; иштибоҳе дар миён набуд. О! Ларзиши қалби зани ошиқшуда, ҳарчанд ӯ понздаҳ ё панҷоҳ сол дошта бошад ҳам, ҳарчанд аз мардуми одӣ ё ашрофзода бошад ҳам, дар ҳар сурат ба дили ман нуфӯз мекунад ва бидуни тардид онро ташхис медиҳам.

Саропои ин мавҷуди оҷизу нотавон меларзиду метапид ва бетобу тавон мешуд. Ман инро дарк мекардам. Ӯ рафту ман сухане барояш нагуфтам, мисли ин ки муъҷизаеро дида бошам, мисли ин ки ҷиноятеро муртакиб шуда бошам, моту мабҳут ва афсурдахотир шуда будам.

Ман барои сарфи субҳонаам ба бошгоҳ нарафтам. Ин ҳодисаи ачибу гамангезро дидаму худро хандаовару хеле бад эҳсос намудам ва беандоза сиёҳбахт будани ӯро ба худ қабулонида, гиристан ва ё хандиданро надониста, дар соҳил қадам задам.

Ман дар ҳайрат монда будам ва чи кор карданамро намедонистам.

Ба хулосае омадам, ки ягона чора аз ин ҷо рафтан аст. Тасмим гирифтам, ки худи ҳамон лаҳза ин ниятамро амалӣ бикунам.

Ним рӯзамро сарфи гардиш кардам ва бо табъи андаке хираю бо афкори гамангезу тира дуруст ҳангоми хӯроки чошт ба ферма баргаштам.

Дар пушти миз мисли ҳамеша менишастанд. Бонуи Гарриет низ он ҷо буд, хӯрокашро бо хотири ҷамъ мехӯрд, бо кас ҳарф намезад, сарашро ҳам боло намебурд. Зимнан на дар сурататаш тағйирот ба чашм мехӯрду на дар тарзи рафтораш.

Поёни наҳорро мунтазир нашуда, ба сохибхоназан мурочиъат кардам:

- Хуб, бонуи Лекашёр, ба қарибӣ ман шуморо тарк мекунам.

Пиразан ба ҳайрат афтоду ғаме дар сурататаш соя афканд ва бо садои кашишдораш гуфт:

- Ҷанобам, боз ин чӣ фикре буд, ки ба саратон зад? Аз назди мо меравед! Чи қадр ман ба шумо унс гирифта будам!

Бо гӯшаи чашм ба бонуи Гарриет нигаристам: ҳатто мижа ба ҳам намезад. Аммо Селестаи хидматкор тири нигоҳашро ба сӯям равона кард. Вай духтаре фарбеҳу тахминан ҳаждаҳсола, рухсораҳояш лолагун, чун асп қавию тануманд ва бисёр дилкаш буд. Баъзе авқот чун ичоранишинони ҳамеша ҳозири корвонсарой ӯро дар гӯшаҳои торику хилват фақат мебӯсидаму халос.

Ҳамин тавр наҳор ҳам поён ёфт.

Ман барои кашидани тамоку зери дарахти себ рафтам ва аз як гӯшаи ҳавлӣ ба гӯшаи дигари он қадам задам. Ҳаманаи он чиро ки тамоми рӯз фикр карда будам, он кашфиётҳои ҳайратангезеро, ки дар мавриди ишқи ачибу хандаовари инглисзан нисбат ба худам карда будам, он хотироти синасӯзу фиребандае, ки ба муносибати ин муъаммо дар мағзам зуҳур карда буданд, хулоса, ин ҳама дар вучудам ба ҳам печидаю махлут шуданд ва холо дар вучудам оташи сӯзоку дар лабҳоям ибтиёқи бӯса ва

дар хунам он чизи ғайри қобили васфро, ки инсонро ба амале аблаҳона тела медиҳад, эҳсос мекардам.

Шаб фаро расид ва бо чодари сиёҳи худ сояҳои зери дарахтонро боз ҳам тиратар кард. Дар ин ҳангом Селестаро дидам, ки барои бастани дари мурғхона дорад ба гӯшаи дигари ҳавлӣ меравад. Ман аз думболи ӯ чунон сабук давидам, ки садои поямро нашунид. Ва ҳангоме ки даричаро баста, миёнашро рост кард, ӯро дар оғӯшам фишурдам ва рӯи шаффофашро бӯсаборон кардам. Вай, ки ба чунин рафторам одат карда буд, хандакунон худро аз оғӯшам раҳо намуд.

Чаро ман ӯро шитобзада раҳо кардам? Чаро ман бошиддат ба ақибам баргаштам? Чӣ тавр ҳузури якеро аз пушти сарам эҳсос намудам?

Ин шахс бонуи Гарриет буд, ки аз гардиш бозгашта, ба мо рӯ ба рӯ шуд, дар ҳайрат афтода буд. Баъд аз лаҳзае ӯ дар дили торикӣ ғайб зад.

Ман хиҷолатзадаю музтариб ба ҳуҷраам баргаштам: агар ӯ манро ҳангоми ҷинояти ҳақиқӣ дастгир мекард, бешубҳа афсурдагиам камтар мебуд.

Он шабро хеле нороҳат хобидам, аъсобам таранг шуда буданд, афкори ғамангез азобам медоданд. Мисли ин ки ба гӯшам овози гиря меомад. Бидуни шакк иштибоҳ мекардам. Ба ҷуз ин чанд бори дигар гумон кардам, ки касе дар хона гаштугузор намуда, дари берунро дорад боз мекунад.

Дами субҳ хастагӣ мағлубам карду хоб аз ман ғолиб омад. Дер аз хоб барҳостам ва ҳанӯз ҳам хиҷолатзада чи тавр рафтор карданамро надониста, ба сари мизи хӯрок нишастам.

Ҳеҷ кас бонуи Гарриетро надида буд. Мо ӯро интизор шудем: пайдо нашуд. Холаи Лекашёр ба ҳуҷраи ӯ рафт, инглисзан дар он ҷо набуд. Шояд тибқи одати ҳамешагиаш сапедадам ба гардиш рафта буд, то тулӯъи

офтобро тамошо бикунад.

Касе дар таъаҷҷуб намонда буд ва ҳама хӯрок мехӯрданд.

Рӯзи фавқулъода гарме буд он рӯз, аз он рӯзҳои гарму хафаноке буд, ки барге аз дарахт такон намехӯрд. Мизро ба рӯи ҳавлӣ, ба зери дарахти себ бароварда буданд. Сари чанд лаҳза Сапер барои овардани шароби себ ба таҳхона мерафт, чунки ҳама бидуни танаффус менӯшиданд. Селеста аз ошхона кабоб, гӯшти бо буғ пӯхтаи харгӯш ва салат овард. Пасон ба пеши ҳар яки мо як табақча олуболӯ гузошт.

Ман хостам олуболӯро бишӯям, то покизатар шавад. Аз ин рӯ аз хидматкордухтар хоҳиш намудам, ки аз чоҳ оби хунук биёрад.

Баъд аз панҷ дақиқа вай баргашту хабар дод, ки оби чоҳ хушк шудааст. Вай ресмонро то охир нишеб кардааст, сатил то ба таҳи чоҳ расидааст, вале вақте онро кашида боло овардааст, сатил холӣ будааст. Холаи Лекашёр тасмим гирифт, ки хубаш ба ин масъала равшанӣ андозад, бино бар ин ба мақсади ба даруни чоҳ нигаристан ба он ҷо рафт. Вай баргашту хабар дод, ки дар таҳи чоҳ чизе ба чашм мехӯрад. Эҳтимол ҳамсоя қасдан ба даруни чоҳ пахол андохта бошад.

Ман ҳам ба фикри он ки шояд битавонам ба асли воқеъа беҳтар пай бибарам, пеши худ қарор гузоштам, ки нигоҳе ба таҳи чоҳ андозам. Аз ин рӯ хам шудаму ба даруни чоҳ нигаристам. Дар он ҷо ба таври норавшан чизи сафедеро дидам. Аммо чӣ буд он? Фикри ба воситаи ресмон фонӯсро ба даруни чоҳ нишеб кардан ба сарам зад. Шӯълаи зарди фонӯс дар деворaҳои чоҳ ба ракс омада, оҳиста-оҳиста ба пойин рафт. Мо чаҳор нафар ба даҳонаи чоҳ хам шуда будем. Фонӯс ба синаи ҷисми сафеду сиёҳчаранг ва ачибу номушаххасе бархӯрд. Сапер фарёд кашид:

- Вай асп аст. Ана, сумашро дорам мебинам. Оре, аз марғзор гурехтаю шабона ба ин ҷо омадааст ва ба чоҳ афтодааст.

Вале ногаҳон тамоми вуҷудам ба ларза афтод. Дар ибтидо пошнаи поеро дидам, сипас пои қатшударо. Тамоман бадан ва пои дигарӣ зери об ғарқ шуда буд.

Ман чунон ларзидам, ки фонӯс ба кафши дар сатҳи об шиновар бархӯрду ба частухез даромад. Оҳиста гуфтам:

- Дар он ҷо... дар он ҷо... зан... дар он ҷо бонуи Гарриет.

Фақат Сапер хунсард монд. Эҳтимол ба чунин ходисахо дар Африқо зиёд дучор омада буд!

Холаи Лекашёр ва Селеста чиросзанон гурехтанд.

Бояд марҳумро аз чоҳ берун мекашидем. Ман ресмонро сахт ба камари аспбон бастаму сипас ба василаи ғарғара ӯро оҳиста-оҳиста ба пойин нишеб кардам ва дар торикӣ ба пойин рафтанашро таҳти назорат гирифтам. Бо як дасташ фонӯсро медошту бо дасти дигараш ресмонро. Базудӣ мисли ин ки дар қаъри замин бошад, садояш баланд шуд: «Исто!» ва ман дидам, ки ӯ чизеро аз даруни он берун мекашад: он пои дигарӣ буд. Вай ҳарду поро ба ҳам басту фарёд зад: «Бикаш!».

Ман ба кашидан шурӯъ кардам, аммо дастонам ба ман итоъат намекарданд, мӯшакҳоям суст шуда буданд. Метарсидам, ки ресмон аз дастам мелағжаду аспбон ба даруни чоҳ меафтад. Вақте ки сари ӯ дар лаби чоҳ пайдо шуда, мисли ин ки аз оне, ки андаруни чоҳ мехобид, интизори хабаре бошам, аз ӯ пурсидам: «Хуб, чӣ тавр?».

Мо худро ба лаби сангфарши чоҳ гирифтем, дар мукобили ҳам истодем, ба даҳони чоҳ хам шудем ва ба берун овардани ҷасад пардохтем.

Холаи Лекашёр ва Селеста дар кунҷи девори хона истода, ба мо менигаристанд. Ба маҳзи ин ки чашмашон

ба кафшҳои сиёҳи ҷӯробҳои сафеди инглисзан афтод, ғайб заданд. Сапер аз кӯзаки поҳои ҷасад гирифт ва мо ӯро, он зани бадбахту покдоманро, дар як ҳолату вазъияти бетакаллуфона берун кашидем. Чеҳрааш даҳшатовар, мисли ангишт сиёҳ ва харошхӯрда буд. Мӯҳои дарози сиёҳу ҳамеша парешонаш тару касиф шуда, қабза-қабза овезон буданд. Сапер бо тамасхур гуфт:

- Ҷин занад, хеле бад шуд!

Мо марҳумро ба ҳуҷрааш ҳам кардем ва чун занҳо пайдояшон нашуд, худам бо кумаки аспбон ҷасадро ба ифоқа овардам.

Сару рӯи рикқатовар ва ба зиштӣ гаройидаи ӯро шустам. Дар зери ангуштонам як чашмаш каме боз шуд ва бо ҳамон нигоҳи ғамолуд, бо ҳам нигоҳи сард, бо ҳамон нигоҳи ваҳшатноки хосси мурдаҳо, ки берун аз марзҳои ҳаёт ба кас менигаранд, ба сӯям нигарист. Мӯҳои парешонашро ҷамъуҷӯр кардам ва бо дастони ногироям ба онҳо оройиши нав додам. Сипас либосҳои тари танашро бо хиҷолат кашидам ва синаю китфон, дастони дарози мисли хода борикашро андаке лухт кардам.

Баъд барои чидани гулҳои хашхош, бобуна ва буттаҳои тару тозаи хушнакҳат рафтам ва ин ҳамаро овардаму рӯи тобуташ анбоштам.

Азбаски бо ӯ танҳо монда будам, боз бароям лозим омад, ки баъзе расмиятҳои маъмулиро низ ба ҷо оварам.

Дар номае, ки пеш аз маргаш навишта буду дар ҷайбаш пайдо шуд, хоҳиш менамуд, ки ӯро дар он деҳае, ки охирин рӯзҳои ҳаёташро сипарӣ кардааст, ба хок супоранд. Ин муъаммои даҳшатзо қалби манро фишурд. Магар ба хотири ман мехоҳад дар ин ҷо хок шавад?

Дами бегоҳ занҳои ғайбатчии ҳамсоя омаданд, то марҳумро зиёрат кунанд, аммо ман ба онҳо иҷоза

надодам. Мехостам бо ӯ танҳо бошам ва шабро дар назди ӯ ба рӯз расонам.

Дар равшанойии шамъ ба ӯ, ба зани сиёҳбахту барои ҳама бегона, ба зане, ки дур аз ватан ба таври ҳузангез таслими марг шуда буд, нигаристам. Оё дар ягон чое дӯстону акрабоёни ӯ боқӣ мондаанд? Ҷавонӣ ва хаёташро чӣ гуна гузаронида буд? Охир ин зани оворагарди таку танҳо ва ба мисли саги бесоҳиб аз назарҳо афтода, аз кучо пайдо шуда буд? Чӣ ғаму андӯхе ва яъсу навмедие дар вуҷуди номавзунаш, дар он вуҷуде, ки чун нуқсони нанговар тамоми умр ҳамлаш мекард, дар вуҷуде, ки ҳама гуна ишқу алоқа аз он дурӣ меҷуст, пинҳон буд?

Чи қадар одамони сиёҳбахте дар ин ҳаёт ба кас дучор меоянд! Ман эҳсос намудам, ки ба ин мавҷуд беадолатии азалии табиъати бемурувват таҳдид кардааст. Барои ӯ ҳама чиз поён ёфта буд ва шояд ҳам он чизеро, ки ба бенавоён неруӣ мебахшад, яъне, лоақал боре дӯстдорами касе буданро, ҳаргиз намедонист.

Агар ин тавр намебуд, пас чаро гӯшагирӣ пеша мекард, аз одамон мегурехт? Пас чаро, ба ҷуз инсон, табиъатро, ҳамаи мавҷудоти зиндаро девонавор дӯст медошт?

Ва боз бароям возеху равшан буд, ки вай ба худо имон дошт ва барои тамоми ранҷу шиканҷаҳои кашидааш дар он дунё умедвори подош буд. Акнун ҷисмаш ба пӯсидан шурӯъ мекунад ва дар навбати худ ба рустанӣ табдил меёбад. Ва ин рустанӣ дар зери таъсири офтоб гул мекунад, барои говҳо алафу барои парандагон дон мешавад, боз чун бадани инсон бармегардад. Аммо он чиро ки рӯҳ меномандаш, дар қаъри чоҳ аз баданаш парвоз карда буд. Вай дигар ранҷ нахоҳад кашид. Ҳаёти худро ба ивази ҳаёти дигарон қурбонӣ кард.

Ҳамин тавр соъатҳои охирини мулоқоти хомӯшонаи мо ба поён мерасид. Инак, шафақи субҳ ҳам дамид, нури сурхе ба болои тобут лағжид ва чун тасмаи оташине дар рӯи лиҳофа ва дастони марҳум хобид. Ӯ ин лаҳзаро, лаҳзаи тулӯъи офтобро хеле дӯст медошт. Парандагон аз хоб бедуор шуданду дар нуки шохаҳо ба чаҳ-чаҳ пардохтанд.

Ман панҷарарро боз кардам, пардаҳоро канор задам, то осмон моро бубинад. Сипас ба рӯи ҷасади сард хам шудаму чеҳраи ба зиштӣ гаройидаи ӯро бо кафи дастонам дошта, оҳиста-оҳиста, бидуни тарсу ҳаросе ва бидуни нафрате лобҳои ҳаргиз касе набӯсидаашро муддати тӯлоние бӯсидам...

Леон Шенел лаб фурӯ баст. Занҳо мегиристанд. Дар нишастгоҳи ҷилав чӣ тавр бо азобе бинӣ афшондани граф д'Этрай ба гӯш мерасид. Фақат фойтунчӣ пинак рафта буд. Аспҳо тозиёнаро эҳсос накарда, мусофиронро танбалона ҳамл мекарданд...

ПУШАЙМОНӢ

Барои Леон Деркс

Савал, ки саросари Манг ғойибона падарҷонаш меномад, ҳол ҳозир аз хоб бархоста буд. Рӯзи дилгири тирамоҳ. Баргҳо шохаҳоро тарк мегӯянду ба замин фуруд меоянд. Онҳо дар зери борон оҳиста ба замин мерезанд ва гӯё, ки ду борон меборад. Танҳо яке борони қатраҳояш калон-калону саръаташ оҳистатар. Савал ғамгин аст. Вай аз назди оташдон ба дами панҷара меравад аз дами панҷара ба дами оташдон. Дар зиндагӣ ҳар фардро рӯзҳои сиёҳ гиребонгир мешаванд. Барои ӯ дигар он рӯзҳо пеш намеоянд: вай шасту ду сол дорад! Таку танҳост, мучаррад аст, хешу ақрабое ҳам надорад. Чи қадар сахт аст ин тавр таку танҳо, бенасиб аз дилбастагӣ, бенасиб аз дилбастагӣ, бенасиб аз ғамхорӣ мурдан!

Савал рочеъ ба зиндагии бемаънию беҳудаи худ меандешад. Гузаштаи дурашро ба ёд меоварад: айёми бачагӣ, хонаи падарӣ, волидайнашро ба хотир меоварад. Сипас колеҷ, қадамҳои нахустин дар зиндагӣ, донишкадаи ҳуқуқи Париж. Баъдан беморию марги падар.

Ӯ баргашту ҳамроҳи модараш сукунат ихтиёр кард. Зиндагиашон ором ҷараён дошт ва ҳам ба ӯ, ки дар он рӯзгор писари ҷавон буд ва ҳам ба модари пираш дигар чизе лозим набуд. Бадбахтона, модараш ҳам даргузашт. Худоё, чи қадар моломоли ғаму андӯҳ аст зиндагӣ!

Тани танҳо монд ӯ. Базудӣ навбати ӯ ҳам фаро мерасад. Аз миён меравад ҳама чиз тамом мешавад. Дигар дар рӯи замин Пол Савал намемонад. Даҳшат аст ин! Дигарон зиндагӣ хоҳанд кард, дӯст хоҳанд дошт, қаҳқаҳа хоҳанд зад. Ачиб аст, чӣ тавр одамон

метавонанд биханданд, шодмонӣ бикунанд, хушхол бишаванд, вақте медонанд, ки ҳатман мемиранд? Агар марг фақат эҳтимолӣ мебуд, боз ба чизе умед бастан мумкин буд; аммо ин тавр нест, охир марг ногузир аст, чун фаро расидани шаб баъд аз рӯз.

Агар вай дар зиндагиаш лоақал ба чизе муваффақ мешуд, ба моҷарое шурӯъ мекард, аз комёбию хушбахтии бузург ва ҳама гуна тафреҳот лаззат мебардошт!.. Абадан чунин чизе нест! Тамоми умр тарзи зиндагиаш ин тавр буд: дар вақти муайян аз хоб бармехост, хӯрок мехӯрд, боз ба хоб мерафт. Ва ҳамин тавр шасту ду сол умр ба сар бурд. Ҳатто мисли дигарон зан нагирифт. Чаро? Дар воқеъ чаро зан нагирифт? Вай барои ин кор комилан қодир буд: сарват дошт. Фурсати мувофиқ фаро нарасид? Эҳтимол. Лекин фурсатро интизор намешаванд – онро ҷустучӯ мекунанд. На, худаш фаъол набуд. Бефаъолиятӣ айбу нуқсу бадбахтии асосиаш буд. Охир, зиндагии бисёриҳоро хароб мекунад бефаъолиятӣ! Одамоне ҳастанд, ки ҳама чиз барояшон мушкил аст – аз рахти хоб бархестан, лаб ба сухан боз кардан, саргарми коре шудан, масъалаеро арзёбӣ намудан.

Лаззати ишқро ҳам ҳаргиз начашида буд. Зане аз бодаи ишқ маст шуда, рӯи синааш нахобида буд. Ва на изтироби ширини интизориро эҳсос карду буду на тапиши осмонии қалбро ҳангоми фишурдани дасти маҳбуба ва на ваҷду шаъафи ишқи пурнишотро.

Савал, дар танаш яктаҳ, дами оташдон нишасту поҳояшро наздики оташ бурд.

Шубҳае нест, зиндагиаш хуб ҷараён нагирифт, комилан хуб ҷараён нагирифт. Охир, ӯ ҳам дӯст дошта буд. Пинҳонӣ дӯст дошта буд, ба таври ҷонгудоз дӯст дошта буд, вале мисли ҳамеша фаъол набуд. Оре, вай бонуи Сандрро, дӯсти деринаашро, ҳамсари рафиқи қадимиаш Сандрро дӯст дошта буд. Оҳ, кош вақте ҳанӯз ӯ духтар буд, шинос мешуд! Он гоҳ ҳатман ӯро хостгорӣ

мекард. Вале онҳо хеле дер, вақте ошно шуданд, ки вай шавҳар карда буд. Бо вуҷуди ин, вай ҷасурона, аз аввалин нигоҳ ошиқи ӯ шуд.

Савал ба хотир овард ки чи тавр ҳангоми мулоқот бо он бону ба хаяҷон меомаду лаҳзае аз ӯ ҷудо шудан гусса мехӯрд ва чандин шабҳоро бидуни хоб ба рӯз расонид, зеро ёди вай аз сараш дур намешуд.

Фавкулъода дилрабо буд он духтари меҳрибони мӯяш нуқрагину ҷингила! Магар ҷуфти ба ҳам мувофиқанд онҳо? Ҳоло бонуи Сандр панҷоҳу ҳашт сол дорад. Ба назар хушбахт менамояд. Оҳ, кош бону дар он рӯзгор ӯро дӯст медошт! Охир, чаро вай бояд ошиқи Савал намешуд? Охир, Савал ӯро бештар аз ҷонаш дӯст медошт!

Кош бонуи Сандр ишқи ӯро пай мебурд!.. Воқеъан ҳам вай чизеро пай набурдаю надида ва нафаҳмида буд? Дар бораи Савал чӣ фикр мекард ӯ? Ва агар Савал изҳори ишқ мекард, вай дар ҷавоб чӣ мегуфт?

Савал ба худ суолҳои нав ба нав медод. Вай гузаштаро бори дигар аз хаёл гузаронд, ҷузъитарин ҳодисоти гузаштаро дар хотираш эҳё кард.

Ӯ замонеро, ки шабҳои дароз дар манзили Сандр қартабозӣ мекарду зани дӯсташ ҳанӯз ҷавону шодоб буд, ба хотир овард, сӯҳбатҳои бонуи Сандр, лаҳни суханронию табассумҳои тавъам бо сукут, вале пурмаъниашро ёд кард.

Савал сайругашти сенафариашонро рӯзҳои якшанбе дар соҳили Сена ва бо ҳам рӯи сабзаҳо нишаста, хӯроки чошт хӯрданашонро ба хотир овард: Сандр дар супрефектур хидмат мекард ва ногаҳон Савал ба таври возеҳ тасаввур намуд, ки чи тавр боре, баъд аз зуҳр, ҳамроҳи бонуи ӯ дар бешаи соҳили руд гардиш карда буд.

Онҳо сӯбҳ ҳамроҳ ғизо гирифта, он ҷо омода буданд. Рӯзи зебои баҳор, яке аз он рӯзҳое буд, ки инсон сармаст мешуд. Накҳати хуш ба машом мезад, ҳама чиз аз

хушбахтӣ муждагонӣ медод. Ҳатто парандагон хушҳолона ҷик-чик мекарданду чолоконатар парвоз менамуданд.

Дастархони хӯроки чоштро дар лаби об, зери дарахтони бед, ки гӯё аз ҳарорати шӯълаҳои офтоб пинак мерафтанд, густурда буданд. Ҳавои гарм аз атри сабзаҳои тозаруста обистан шуда буд. Нафас кашидан ҳам осон буд. Рӯзи хушу фарахафзое буд он рӯз!

Сандр хӯроки чоштро хӯрду ба пушт дароз кашид ва хобаш бурд.

- Дар умрам ҳаргиз ин тавр ба хоби ширин нарафта будам, - баъд аз чанд муддат икрор шуда буд ӯ.

Бонуи Сандр аз зери дасти Савал гирифту онҳо ҳарду дар соҳил ба роҳ афтоданд. Баъд ӯ танашро ба тани Савал фишуруду бо ханда такрор кард:

- Дӯстам, ман маст шудам, комилан маст шудам.

Савал ба ӯ нигаристу саропояш аз ҳаячон ларзид; эҳсос намуд, ки рангаш паридааст ва тарсид, ки нигоҳи густохонаю ларзаи дасташ фошаш мекунад.

Бонуи Сандр аз гулу алафҳо гулчанбар бофта, ба сараш гузошту пурсид:

- Бо ин гулчанбар аз ман хушатон меояд?

Савал чи ҷавоб доданашро надонист, сукут кард, хост, ки дар пеши поҳои ӯ ба зону афтад; бонуи Сандр бо хотири андаке озурда қаҳқаҳа заду бо таъассуф гуфт:

- Беақл! Лоақал чизе бигӯй!

Вай кариб гиря карда буд, аммо лаб ба сухан боз накард.

Ин хама акнун аз пеши назараш ба таври возеҳ тачассум ёфт. Чаро бонуи Сандр ӯро маломат карда, гуфта буд: «Беақл! Лоақал чизе бигӯй!»?

Савал ба ёд овард, ки чи тавр бонуи Сандр меҳрибонона худро ба тани ӯ фишурда буд. Вай аз зери дарахти ба рӯи об хамшуда гузашту эҳсос намуд, ки гӯшаш ба рухсораи ӯ расид ва базудӣ худро ба канор

кашид: худо накунад, агар бонуи Сандр пиндорад, ки ин тамос қасдан аст.

Вақте аз бонуи Сандр пурсид, ки: «Магар вақти баргаштанамон фаро нарасидааст?», ӯ ҳайратзада ба вай нигариста буд.

Оре, оре, нигоҳаш комилан дигаргун шуда буд. Дар он вақт вай таваҷҷуҳ накарда буд, вале ҳозир ба хотир овард.

- Ихтиёр дар дасти худамон, дӯстам. Агар хаста шуда бошед, бармегардем.

- Ман хаста нашудаам, вале эҳтимол Сандр бедор шуда бошад.

Бонуи Сандр китф дар ҳам кашид.

- Хуб, модом, ки аз бедор шудани шавҳарам битарсед, ин масъалаи дигар аст. Рафтем.

Тамоми роҳро бонуи Сандр лаб фурӯ баст ва боре ҳам ба дасти ӯ такя назад. Чаро?

Ин суолро бори нахуст ба худ дод ӯ. Ба назараш омад, ки матлаберо пай бурдааст, ки ҳаргиз дар бораш наандешида буд.

Ростӣ?..

Савал эҳсос намуд, ки сурх мешавад, аз ин рӯ, ҳаяҷонзада аз ҷо бархосту тасаввур кард, ки агар сӣ сол ҷавонтар мешуду ногаҳон аз бонуи Сандр мешунид, ки: «Ман шуморо дӯст медорам», ба чӣ амале даст мезад?

Оё ин имкон дорад? Муъаммое, ки мағзашро фурӯғ бахшид, дилу ҷонашро захролуд кард. Вокеъан ҳам аз назар андохта буд онро, нафаҳмида буд?

Вай ба худ гуфт: «Ман бояд бидонам. Намехоҳам аз шакку шубҳа азоб бикашам. Ман бояд бидонам».

Маъгал нашуда, шитобзада либосҳояшро пӯшид. Ва бо худ андешид: «Ман шасту ду сол дорам, вай панҷоҳу хаштсола аст. Пурсидан айбе надорад».

Ва аз хона хориҷ шуд ӯ.

Сандрҳо тақрибан дар рӯ ба рӯи ӯ, баъд аз ду кӯча,

зиндагӣ мекарданд. Вай ба тарафи манзили онҳо равона шуд. Дарро кӯфтан замон хидматкордухтари ҷавон берун омад.

Дар ин субҳи зуд пайдо шудани ӯ хидматкордухтарро дар ҳайрат гузошта буд.

- Ҷаноби Савал, ин шумоед? Ҳодисае рӯ дод магар?

Ӯ дар ҷавоб гуфт:

- Не, духтарам, ба кадбонуят бигӯй, ки мехоҳам бо ӯ гуфтугӯ бикунам.

- Бону машғули кор аст, барои зимистон мураббои муруд мепазад. Ҳоло дар ошхона аст, либосҳояшро ҳам напӯшидааст.

- Дар ҳар сурат хабараш деҳ. Масъалаи хеле муҳим аст.

Хидматкордухтар рафту Савал ҳам бо қадамҳои васеъ изтиробзада вориди ҳуҷраи пазироӣ шуд. Лекин эҳсоси хиҷолат намекард.

Саранҷом дар бозу бонуи Сандр ҳам пайдо шуд. Зани фарбеҳи рухсораҳояш овезоне буд ӯ акнун. Дастонаш то оринҷ лухту аз шарбат часпонак буданд.

- Дӯстам, ба шумо чӣ шуд? Маризед, магар? – изтиробзада пурсид зан.

- Не, азизам, лекин масъалаи бисёр муҳиммеро аз шумо пурсидан мехоҳам. Фақат қавл диҳед, ки рост мегӯед.

Зан табассум кард.

- Ман ҳамеша рост мегӯям. Бифармоед, матлабатонро арз кунед.

- Ман аз нигоҳи аввал ошики шумо шуда будам. Оё шумо инро пай бурда будед ё не?

Зан хандиду садояш гӯё лаҳни гузаштаро пайдо кард:

- Беақл! Ман инро дарҳол фаҳмида будам.

Савал ларзиду канда-канда гуфт:

- Медонистед? Аммо он вақт…

Ва сукут ихтиёр кард мард.

- Он вақт чӣ? – пурсид зан.

- Он вақт… Он вақт… ақидаатон чӣ тавр буд? Ба ман

чи ҷавоб медодед?

Зан боз ҳам баландтар хандид. Қатраҳои шарбат аз ангуштонаш ҷорӣ шуда, рӯи фарш меафтоданд.

- Ман? Шумо аз ман хоҳише накарда будед-ку! На ман, шумо бояд изҳори муҳаббат мекардед.

- Бигӯед... Бигӯед: ёд доред рӯзеро, ки Сандрро баъд аз сарфи ғизо болои сабзаҳо хоб бурда буду мо... Ману шумо ба гардиш рафта будем, то ҷое, ки...

Савал интизори ҷавоб шуд. Бонуи Сандр хандаашро қатъ карду ба чашмони ӯ нигарист.

- Оре, ёд дорам.

Савал боз ларзиду гуфт:

- бале, он рӯз... Агар ман он рӯз боҷуръаттар мебудам, шумо чӣ тавр рафтор мекардед?

Вай чун зани хушбахте, ки аз чизе пушаймон нест, табассум карду бо садои таниндору андаке тамасхуромез ҳарф ба ҳарф гуфт:

- Ман, дӯстам, ҳатман таслими шумо мешудам.

Сиас якбора баргашту давон-давон пайи мураббопазӣ рафт.

Савал чун шикастхӯрдаҳо ба кӯча баромад, гӯё бадбахтие гиребонгираш шуда буд. Ӯ нигоҳе ба атрофаш андохту дар зери борон аз бероҳаҳо бо қадамҳои васеъ ба лаби руди Сена фуромад, ба тарафи рост печиду дар имтидоди соҳил ба роҳ афтод. Муддати тӯлоние, мисли ин ки эҳсоси беихтиёре ба шитоб водораш карда бошад, роҳ паймуд. То мағзи устухонҳояш тар шуд, аз кулоҳаш, ки шакли худро гум кардаю ба латтапорае шабоҳат дошт, ҷӯйчаи об ҷорӣ буд. Чун собиқ, бидуни ташхиси роҳу пайроҳае, пеш мерафту пеш мерафт. Ва саранҷом ба ҷое расид, ки онҳо дар он рӯзгори дур дар он ҷо хӯроки чошт хӯрда будандуёдовариаш қалбашро пора-пора менамуд.

Вай зери дарахтон нишасту зор-зор гиря кард, талх гиря кард.

БУАТЕЛ

Барои Робер Пеншон

Амаки Буател, Антуан, дар ноҳияи мо касифтарин корҳоро анҷом медод. Ҳар дафъа вақте ҷӯйбору чоҳҳои ахлотро поксозӣ кардан, поруро бардоштан, новдонҳо ва ё сӯхрохии касиферо тамиз намудан лозим мешуд, думболи ӯ одам мефиристоданд.

Вай кафшҳои чӯбини чиркинашро пӯшидаю абзорҳои ахлоткашиашро бардошта меомад ва оҳувоҳкунон ба кор шурӯъ менамуд, аз шуғли худ ғур-ғур мекард. Агар аз ӯ мепурсиданд, ки чаро ба чунин кори касифу нафратангез даст мезанад, оҳи сард мекашиду ба сарнавишташ тан дардода, дар ҷавоб изҳор медошт:

- бало занад, ба хотири бачаҳо, охир, онҳоро хӯрондан лозим аст! Аз ҳамаи шуғлҳои дигар ин фойидаовартар аст.

Дар вокеъ ӯ чаҳордах фарзанд дошт. Вақте суолаш мекарданд, ки бачаҳояш чӣ хол доранд, бо қиёфаи сард мегуфт:

- Дар манзил ҳашт нафарашон мондаанд, як нафарашон дар хидмати сарбозӣ, панҷ нафарашон зан гирифтанд.

Агар касе мепурсид, ки онҳо табъи дил издивоҷ кардаанд, пирамард бо зиндадилӣ посух медод:

- Ман ба эшон эътироз накардаам. Онҳоро маҷбур накардаам. Ҳамаашон ҳар духтареро, ки хостанд, ба занӣ гирифтанд. Охир шахсе, ки духтари табъи дилашро интихоб кардааст, алорағми ӯ амал кардан лозим нест, чунки фарҷомаш ба некӣ меанҷомад. Инак, худамро мисол меорам, танҳо ба он хотир касби ахлоткаширо интихоб намудам, ки падару модарам хилофи майлу

хоҳишам амал карданд. Агар ин ҳодиса рух намедод, коргари бехтарин мешудам.

Инак, сабаби хилофи майлу хоҳиши ӯ рафтор кардани волидайнашро дар зер кисса мекунам.

Дар он рӯзгор дар хидмати сарбозӣ буд ва хидматашро дар Гавр анҷом медод; вай нисбат ба дигарон на беақл буду на зарангу зирак, вале этимол содадил буд. Дар соъатҳои озод бузургтарин тафреҳаш дар хиёбони канори рудхона, ки парандафурӯшон ҷо гирифта буданд, гардиш кардан маҳсуб мешуд. Гоҳе тани танҳо, гоҳи дигар ба иттифоқи ягон ҳамшаҳриаш дар назди қафасҳое, ки андарунашон тӯтиҳои сабзи сарҳояшон зарди Амазонка, тӯтиҳои хокистарифоми сарҳояшон сурхи Сенегал, тӯтиҳои азимҷуссаи дорои пату кокӯлҳои рангорангу шабеҳи мавҷудоти нозпарвардаю нозукниҳод, ҳар нафъ тӯтиҳое, ки гӯё худи офаридгор бо дастони дақиққори минётурнигор наққошӣ кардааст, ҳамчунин ҳама ҷӯр парандагони кӯчаки сурху зард, кабуду алвон ба чашм мехӯрданд, оҳиста-оҳиста қадам мезад; садоҳои онҳо бо доду фарёдҳои лангаргоҳ омехта, ба гуфтугӯи одамон, ғурриши киштиҳое, ки борашонро холӣ мекарданд, тақ-тақи аробаҳои тундрав, ҳамҳамаи гӯшхарошу гичқунандаи ҷангалоти дур махлут мешуданд.

Буател чашмҳояшро васеътар бозу даҳонашро воз намуда, аз ваҷду шаъаф хандида, дандонҳояшро намойиш дода, муддати мадиде дар назди тӯтиёни тоҷдор, ки ҳангоми дидани шалвори сурху гули мисиии камарбандаш кокӯлҳои сафеду зардашонро такон медоданд, таваққуф мекард. Вақте бо тӯтии сухангӯе рӯ ба рӯ мешуд, аз ӯ суол мекард ва агр паранда сари димоғ мебуду бо вай гуфтугӯ менамуд, то шаб хешро хушҳолу ором эҳсос мекард. Вай чашм ба маймунҳо дӯхта, аз ваҷду шаъаф сари ҷояш хушк мешуд ва мепиндошт, ки ин авҷи таҷаммул аст. Ин шавқу ҳавас,

шавқу ҳавас нисбат ба мавҷудоти аҷибу ғариб, мисли майлу рағбати дигарон нисбат ба шикору тиб ё ибодат, дар хуни ӯ ҷо дошт. Ба маҳзи ин ки дарҳои сарбозхона боз мешуданд, ӯ худро даст гирифта наметавонисту рӯ ба ҷониби бандар меовард, нерӯи муковиматнопазире ӯро ба он ҷо мекашонд.

Ва инак, боре аз фарти ваҷду мафтунӣ дар назди тӯтие, ки болҳояшро боз мекард, ҳаму рост мешуд ва гӯё дар ҳузури шоҳи тӯтиён таъзим менамуд, дар ҳайрат афтода, ногаҳон дид, ки дари қаҳвахонаи ҳамҷавори дукони парандафурӯшӣ боз шуду аз он ҷо зангидухтари ҷавоне берун омад, ки сарбанди сурхе ба сар дошт.

Дар як он таваҷҷуҳи Буател дар байни парандаю духтар тақсим шуд ва худ ҳам гуфта наметавонист, ки кадоме аз онон ӯро бештар ба ваҷд оварда буд.

Зангидухтар хокрӯбаро ба рӯи сангфарш рехту сарашро боло кард ва нигоҳаш ба сарбоз афтодан замон, сари ҷояш хушк шуд. Вай ҷорӯб дар даст, мисли ин ки Буателро посбонӣ мекарда бошад, рост дар рӯ ба рӯи ӯ қарор гирифта буд. Дар айни замон тӯтӣ таъзимдиҳиашро идома медод. Баъд аз чанд дақиқа кунҷковии зангидухтар Буателро ба хиҷолат во дошт, аз ин рӯ вай ба хотири ин ки дигарон фикр накунанд, ки гӯё дорад фирор мекунад, бидуни шитоб аз он ҷо дур шуд.

Базудӣ вай ба он ҷо баргашт. Тақрибан ҳар рӯз дар назди қаҳвахона қадам зада, ба воситаи панҷара медид, ки чи тавр зангидухтари хидматкор ба маллоҳони бандар пиво ва арақ меоварад. Духтар ҳам ӯро дида, зуд-зуд ба берун мебаромад. Онҳо ҳанӯз сухане миёни худ радду бадал накарда, чун ошноҳои дерин ба якдигар лабханд мезаданд. Ва ҳангоме ки аз миёни лабони сияҳфоми духтар ногаҳон радифи дандонҳои мисли барф сафедаш намоён мешуд, вуҷуди Буателро хушҳолӣ фаро мегирифт. Боре Буател саранҷом тасмим гирифт, ки вориди қаҳвахона бишавад ва ба забони фаронсавӣ хеле

хуб ҳарф задани духтарро шунида, комилан моту мабҳут шуд. Шишаи лимонад, ки барои аз он як истакон нӯшидан зангидухтар розигӣ дода буд, як умр барои сарбоз чун хотираи ширин боқӣ монд ва ба ӯ одат шуд, ки ба ин майкадаи бандарӣ сар бизанад ва он нӯшобаҳои лазизро, ки қудрати пардохти қиматашонро дошт, нӯши ҷон бикунад.

Барои ӯ ки ҳамеша орзу мекард бубинад, ки чи тавр дасти сиёҳи хидматкордухтар ба истаконаш шароб мерезаду дандонҳояш аснои табассум аз чашмонаш ҳам бештар медурахшанд, ҷашну хушҳолии ҳақиқӣ буд. Моҳи саввуми шиносойиашон эшон ба ҳам дӯст шуданд ва Буател, бар хилофи интизориаш, фаҳмид, ки тасаввуроти зангидухтар нисбати ҳама чиз ба расму одати неки духтарони ватанаш шабеҳ аст, дарёфт, ки вай заҳмат кашиданро дӯст медорад, ба сарфаҷӯйӣ, дин ва рафтори хуб эҳтиром мегузорад; зангидухтар ба ӯ боз ҳам бештар азиз шуд, аз ин рӯ ба андозае ошиқаш шуд, ки дар андешаи бо ӯ издивоҷ кардан афтод.

Вай нияти худро ба духтар арз кард, ӯ аз шодӣ дар пӯсти худ намегунҷид. Хидматкордухтар миқдоре пул ҳам дошт, ки онро зани садафакфурӯш барояш гузота буд, ҳамон зане, ки ӯро дар синни шашсолагӣ дар соҳили бандари Гавр, дар он ҷое, ки вайро кадом-як нохудои амрикойӣ аз киштӣ пиёда карда буд, пайдо намуда буд. Нохудо тифлакро баъд аз чанд соъати азимат аз Ню-Йорк дар таҳхонаи киштиаш аз миёни бастаҳои пахта пайдо карда буд. Вай вориди Гавр шуда ҷонвараки сиёҳро, ки маълум набуд чи касе ӯро дар киштӣ пинҳон намуда буд, барои парастории ба зани раҳмдили салафакфурӯш таҳвил дода буд. Вакте зани салафакфурӯш даргузашт, духтар дар қаҳвахона чун хидматкори кироя ба кор пардохт.

Антуан Буател илова кард:

- Мусалламан, агар волидайнам саркаши накунанд,

мо издивоҷ хоҳем кард. Ман ба ҳеҷ вачҳ бар хилофи майлу иродаи онҳо амал намекунам, оре, ба ҳеҷ вачҳ, ин нуктаро дар ёд дошта бош! Ба маҳзи ба хона рафтанам аз онҳо хоҳиш мекунам.

Инак, ӯ ҳафтаи оянда барои як шабонарӯз рухсатӣ гирифта, ба назди волидайнаш, ба ферман хурди онхо, ки дар Туртевил дар назди Ивето қарор дошт, рафт.

Антуан поёни наҳорро,лаҳзаеро, ки қаҳваи бо арақ махлутшуда дилро нарм мекунад, интизорӣ кашида, ба волидайнаш хабар дод, ки духтари ҳамхулқи худро пайдо кардааст, ки чунинаш дар саросари олам ноёб аст.

Баъд аз шунидани ин суханҳо падару модари пираш якбора таваҷҷуҳашон бештар шуд ва ӯро суолборон карданд. Вай ба ҷуз ранги пӯсти духтар аз эшон чизеро махфӣ надошт.

Духтар хидматкор аст, сармояи зиёде надорад, вале заҳматқарину сарфаҷӯй, покизаю хушрафтор ва фавқулъода оқил аст! Ин ҳама нисбат ба кадбонуи сармоядори зиштрафтор гаронқиматтар аст. Илова бар ин, зане, ки ӯро тарбият кардааст, барояш миқдоре пул, якуним хазор франк, дар сандуқи пасандоз гузоштааст. Волидайни пираш, ки ба далелҳо ва интихоби ӯ эътимод ҳосил карда буданд, бино бар ин тадриҷан майл ба таслим шудан карданд, вале дар ин лаҳза суоли душворе ба миён омад. Антуан зӯракӣ хандида, гуфт:

- Эҳтимол танҳо як чиз ба шумо маъқул нашавад. Духтарак комилан сафедпӯст нест.

Падару модараш ба ин гуфташ мутаваҷҷеҳ нашуданд, аз ин ҷиҳат, ба хотири ин ки эшонро натарсонад, ба ӯ лозим омад, ки муддати зиёд ва боэҳтиёт шарҳу тавзеҳ бидиҳад, ки духтар сиёҳпӯст, айнан мисли аксҳои омиёна аст.

Волидайни пираш нороҳат ва дастпоча шуданд, ба ташвиш афтоданд, гӯё вай ба онон пешниҳод намуда буд, ки бо шайтон хешованд бишаванд.

Модар пурсид:

- Сиёҳ? Вокеъан ҳам мисли дег сиёҳ аст?

Писар исрор варзид:

- Не, ин тавр не, андаке равшантар аст. Ба сиёҳӣ-сиёҳ аст, вале на ба он ҳадде, ки таҳаммулнопазир бошад. Масалан, ҷоман кашиш сиёҳ аст, пас он нисбат ба қабои сафед чӣ бадӣ дорад?

Падар бо кунҷковӣ пурсид:

- Дар он ҷо, дар минтақаи онҳо аз ӯ ҳам сиёҳтараш пайдо мешавад?

Писар бо эътиқод хитоб кард:

- Бидуни шубҳа, пайдо мешавад!

Аммо пирамард сар такон дод.

- Нафратовар будагист?

- Ба ҳеҷ вачҳ нафратовар нест, - исрор варзид писар, - охир ба ин зуд одат мекунӣ.

Модар пурсид:

- Чунин пӯст рахти хобро бисёр чиркин мекунад?

- Не, бештар аз пӯсти ту чиркин намекунад, охир ранги ӯ ҳам табиъист.

Ва инак, баъд аз пурсишҳои зиёде саранҷом қарор гузоштанд, ки пеш аз ҳаллу фасли масъала падару модар бояд духтарро бубинанд: писар, ки баъд аз як моҳ хидматаш поён меёфт, духтарро ба хонаашон меорад, дар ин ҷо онҳо вайро бодиққат варандоз мекунанд ва тасмим мегиранд, ки оё ӯ барои узви хонадони Буателҳо шудан чандон сиёҳ нест?

Антуан қавл дод, ки рӯзи якшанбе, 22 май, дар рӯзи поён ёфтани хидмати низомиаш ҳамроҳи духтар ба Туртевил меояд.

Духтар барои ба назди волидайни маъшуқаш мусофират кардан пироҳани зебою дурахшонашро, ки зарду сурху кабудфом буд, ба тан кард; гӯё вай ба ифтихори ҷашни миллӣ бо парчамҳо хешро оройиш дода буд.

Дар истгоҳи роҳи оҳан, ҳангоми ҳаракат аз Гавр, ҳама ба ӯ назар меандохтанд ва Буател ифтихор мекард, ки

зери дасти шахсиятеро гирифтааст, ки мавриди таваҷҷуҳи фавқулъодаи ҳамагон шудааст. Вақте духтар дар вагони дараҷаи саввум дар паҳлуи Антуан нишаст, деҳқононро чунон дар ҳайрат гузошт, ки бисёриҳо аз ҳуҷраҳои ҳамҷавор рӯи нимкатҳо баромада, аз пушти тавораҳои чӯбӣ, ки вагонро муҷаззо мекарданд, чашм ба духтар дӯхтанд. Тифлаке ҳангоми дидани ӯ аз тарс фарёд зад, тифлаки дигарӣ сураташро бо домани модараш пӯшонд.

Бо ин ҳама то ба истгоҳ расиданашон ҳама чиз ба хубӣ ҷараён гирифт. Аммо аб маҳзи ин ки қатора ба Ивето наздик шуду аз суръаташ кост, Антуан баякборагӣ, мисли ин ки ҳангоми тафтиш хилофи низомномаи ҳарбӣ амал карда бошад, ҳолаш ба ҳам хӯрд. Вай сарашро аз панҷара берун халонду аз дур падарашро шинохт, ки аспи ба ароба кӯшкардаро аз личобаш медошт ва ҳамчунин модарашро дид, ки дар пушти девори назди истгоҳи роҳи оҳан истодааст.

Вай ибтидо худ аз қатора пиёда шуду дасташро ба тарафи маҳбубааш дароз кард ва коматашро мағрӯрона рост намуда, мисли ин ки генералеро раҳнамойӣ мекарда бошад, духтарро ба ҳузури падару модараш бурд.

Модар писарашро ҳамроҳи ин бонуи сиёҳи хушлибос дидан замон чунон дастпоча шуд, ки даҳон воз карда натавонист ва падар аспро, ки аз паровоз ва ё аз зангидухтар рамида буд, бо заҳмат нигоҳ медошт. Вале Антуан, ки аз мулоқот бо падару модари пираш фавқулъода хушҳол шуда буд, ба истиқболи эшон шитофт, ба рамидани асп таваҷҷуҳе зоҳир накарда, модарашро бӯсид, аз лабони падараш ҳам бӯса гирифт, сипас ба тарафи маҳбубааш, ки обирини буҳтзада ба ӯ назар меандохтанд, баргашту хитоб кард:

- Ана чи тавр аст ӯ! Охир ман гуфта будам, ки вай он қадар ваҳшатангез нест, вале ба маҳзи ин ки аз наздик бо ӯ ошно шудӣ, дар саросари дунё аз ӯ беҳтаринашро

пайдо нахоҳӣ кард. Модарҷон, бо ӯ салом-алек бикун, зеро худаш ба ин кор ҷуръат надорад.

Пиразан Буател, ки сахт тарсида буд, бо бедаступойй таъзим кард, падар ҳам кулоҳашро аз сар гирифту зери лаб гуфт: «Саломат бошед». Пасон фурсатро аз даст надода, ҳама савори ароба шуданд: занҳо дар нишемангоҳи акибу мардон дар нишемангоҳи ҷилав нишастанд. Ҳангоми такон хӯрдани ароба онҳо ба боло мепариданд.

Ҳама мӯҳри хомӯшӣ бар рӯи лабҳо гузошта буданд. Антуани ошуфтаю нигарон оҳанги суруди низомиро бо ҳуштакаш замзама мекард, падар аспро медавонд, модар зерчашмӣ дуздона ба зангидухтар, ки ҷабину гунаҳояш мисли мӯзаҳои локзада дар зери нурҳои офтоб медурахшиданд, менигарист.

Антуан ба манзури сукути дилгиркунандаро шикастан, рӯ ба акиб гардонд.

- Хуб, - гуфт ӯ, - чаро хомӯшед?

- Охир ҳама чиз якбора намешавад, - ҷавоб дод пиразан.

Антуан думболаи суханашро таъкиб кард:

- Хуб, ба духтар қисса бикун, ки чи тавр мурғат ҳашт дона тухм гузошт.

Ин ҳодиса дар ойила сари забонҳо буд. Вале модар аз хиҷолат калимае гуфта натавонист, аз ин рӯ худи Антуан қоҳ-қоҳзанон хандиду ба нақли ин ҳодисаи ҳайратангез шурӯъ намуд. Пирамард, ки қазияро комилан аз ёд медонист, табассум кард, ҳамсараш ҳам қиёфаи тираю тораш равшан шуд, зангидухтар низ чои хушмаззаи воқеъаро шунидан замон ғайри чашмдошт чунон қаҳқаҳаи баланду таниндор ва гӯшхарош зад, ки аспи ваҳшатзада чаҳорнаъл ба пеш тохт.

Шиносойӣ сурат гирифт. Гуфтугӯ шурӯъ шуд.

Ба маҳзи ин ки эшон ба манзил расиданду аз ароба пиёда шуданд, Антуан маҳбубаашро ба ҳучра раҳнамойӣ

намуд, - духтар табдили либос кардан мехост, то ҳангоми пӯхтани таъоми болаззат тибқи дастурамали худаш, ки бовар дошт бо ин амалаш падару модари пири Антуанро ба тарафи худ ҷалб мекунад, пироҳани зебою хушдухташро чиркин накунад; сипас Антуан волидайнашро бо имою ишора ба пушти дар хонду бо қалби моломол аз изтироб пурсид:

- Хуб, ба шумо маъқул шуд ё не?

Павдар сукут кард. Модар, ки соҳиби хулқи матин буд, изҳор намуд:

- Фавқулъода сиёҳ аст ӯ! Ҳақиқатан ҳам таҳаммулнопазир аст! Ба ростӣ нафрати кас меояд.

- Одат мекунед, - бовар кунонд Антуан.

- Эҳтимол одат бикунем, аммо ба ин зудиҳо не.

Онҳо вориди хона шуданд. Чун пиразан зангидухтарро саргарми пухтупаз дид, нарм шуд. Вай, ки сарфи назар аз синну солаш чобук буд, бари доманашро ба камар халонду ба кумаки духтар шитоф.

Хӯрок болаззат, сӯҳбати гирди дастархон низ тӯлонию пурҳаячон буд. Вақте ҳама барои гардиш хонаро тарк карданд, Антуан падарашро ба канор кашид.

- Хуб, чӣ тавр, падарчон, ту чӣ назар дорӣ?

Вай ҳаргиз суолеро софу пӯстканда ҷавоб намедод.

- Ин ба ман рабте надорад. Аз модарат суол бикун.

Антуан ба модараш наздик шуду дигаронро пеш гузаронд.

- Хуб, чӣ тавр, модарчон, ту чӣ назар дорӣ?

- Писарам, ихтиёр дар дасти худат, фавқулъода сиёҳ аст ӯ. Агар заррае сафед мебуд, дар он сурат эроде намегирифтам, лекин беш аз андоза сиёҳ аст. Айнан мисли иблис!

Чун Антуан медонист, ки ба пиразан бо исрор матлаберо маъқул кунонидан имконнопазир аст, дигар пофишорӣ накард, бино бар ин қалбаш аз яъсу навмедӣ ба сӯзиш афтод.

Вайро аклаш кифоят намекард, ки боз чи иқдоме ба амал оварад ва намефаҳмид, ки чаро ин зангидухтар волидайнашро мисли худи ӯ якбора мафтун накард. Ва ҳамаи чаҳор нафар оҳиста-оҳиста дар мазореъ ба гардиш пардохтанд, аз гуфтугӯ ҳам тадричан лаб фуру бастанд. Вақте ки эшон давр задаю аз канори девори ферма рад мешуданд, сохибонашон паси ҳисор меомаданд, то ба зангидухтар, ки писари Буателҳо ҳамроҳаш оварда буд, назар андозанд. Мушоҳида мешуд, ки чи тавр одамон аз мазраъҳои дур барои тамошои духтар давон-давон меоянд. Падару модари Буател, ки аз кунҷковии одамон нисбати меҳмонашон ба ҳарос афтода буданд, писарашонро ҳамроҳи маҳбубааш, ки фикру ақидаи волидайни Антуанро нисбати худ аз ӯ суол мекард, хеле ақиб гузошта, ба суръати қадамҳояшон афзуданд.

Саранҷом Антуан ба духтар хичолатзада изҳор дошт, ки падару модараш ҳанӯз тасмими қотеъ нагирифтаанд.

Аз тамоми хонаҳо ба майдони деха мардуми ошуфта ҳуҷум оварданд. Буателҳои кӯҳансол аз дидани издиҳоми афзоянда худро бохта, по ба фирор гузоштанд; Антуани ранҷидаю хашмгиншуда аз зери бозӯи маҳбубааш гирифту худу ҳамроҳонашро ҳадафи тири нигоҳҳои ҳайратзадаи беҳудагардон қарор дода, пеш рафт.

Вай дарк кард, ки ҳамаи умедҳояш бар бод рафт, фаҳмид, ки наметавонад бо зангидухтар издивоҷ бикунад; духтар низ инро фаҳмид ва харду ба ферма расиданду ашк рехтанд. Духтар вориди хона шуду пироҳанашро аз тан дароварда ва ба иттифоқи модар ба анҷом додани корҳои хона машғул шуд. Вай аз пушти пиразан ба таҳхона, ба оғил, ба мургхона рафту корҳои сахттаринро анҷом дод. дами бегоҳ, ҳарчанд ки пиразан нисбати духтар ба рикқат омада буд, лекин чун собиқ аз ақидаи худ сарфи назар накарду ба писараш гуфт:

- Ҷои шубҳа нест, духтари хуб аст. Аммо сад дареғ,

ки беандоза сиёҳ аст, валлоҳ, ки ба таври таҳаммулнопазир сиёҳ аст. Ман ҳаргиз ба ӯ одат карда наметавонам, бигузор аз ин чо бираваd, фавқулъода сиёҳ аст.

Ва Буател ба маҳбубааш гуфт:

- Вай розӣ нашуд, мегӯяд, ки ту фавқулъода сиёҳ ҳастӣ. Ту бояд аз ин чо биравӣ. Туро дар истгоҳи роҳи оҳан гусел мекунам. Ғусса нахӯр, илочи корро меёбем. Ман баъд аз рафтани ту боз бо онҳо гуфтугӯ мекунам.

Вай ӯро то истгоҳи роҳи оҳан бадрақа карду бӯсидаш, ба вагон савораш намуд ва бо чашмони моломоли ашк муддати мадиде аз паси қатораи равоншуда чашм дӯхт.

Баъд аз рафтани духтар, ҳарчанд падару модарашро розӣ кунониданӣ шуда бошад ҳам, вале ба ин кор муваффақ нашуд.

Антуан Буател ин саргузашташро, ки аз он саросари ноҳия иттилоъ дошт, то охир ҳикоят карда, хар дафъа илова менамуд:

- Баъд аз ин қазия дилам майли чизе надошт, ҳамаи орзую ормонҳоям мурда буданд. Дастам ба коре намерафт, аз ин хотир шугли ахлоткаширо интихоб кардам.

Дар чавоби суханҳояш мегуфтанд:

- Вале шумо дар ҳар сурат зан гирифтед-ку.

- Бале, дуруст мефармоед, аммо наметавон гуфт, ки занам бароям маъқул набуд, зеро аз ӯ чаҳордаҳ бача дорам, вале матлаб сари ин нест, оре, бовар бикунед! Ба вичдонам қасам мехӯрам, ҳар дафъае, ки зангидухтар танҳо нигоҳе ба сӯям меандохт, аз хушҳолӣ сар аз поям намешинохтам.

АМАКИ ЖЮЛ

Барои Ашил Бенувил

Пирамарди ришсафеди гадо аз мо тақозои садақа кард. Ҳамроҳам Жозеф Давранш ба ӯ франк дод. Аз ин амали ӯ ба ҳайрат афтодам. Жозеф гуфт:

- Пирамарди сиёҳбахт ҳодисаеро ба ёдам овард, ки ҳоло ба ту қисса мекунам. Ман онро ҳаргиз ба ёд нахоҳам бурд. Гӯш бикун.

Зодгоҳам Гавр аст. Аҳли ойилаамон дар фақру тангдастӣ ба сар мебурд, зиндагиамон базаҳмат мегузашт. Падарам хидматчӣ буд, асрҳо аз идора дер ба хона бармегашт, музди кораш ҳам ночиз буд. Ман ду ҳамшира доштам.

Зарурати аз ҳама чиз сарфа кардан модарамро азият медод, аз ин рӯ ағлаб авқот падарам аз модарам суханҳои нешдор, таънаҳои заҳромез мешунид. Падари бечораам дар ҷавоби ҳарфҳои модарам ҳамеша бо имою ишора посух медод, ки ин мӯҷиби ранҷу азоби шадиди ман мешуд. Вай, мисли ин ки аракӣ пешониашро пок мекарда бошад, даст ба он мебурд ва сухане ба забон меовард. Ғаму ғуссаи забунонаи ӯ ба ман асар мекард. Дар хонадорӣ то ҳадди имкон аз ҳама чиз сарфаҷӯйӣ мекардем; ҳаргиз ба зиёфатҳо намерафтем, то мо низ дар навбати худ меҳмон даъват накунем. Хӯрокворихои арзонтаринро, таҳмондаҳои дуконҳоро мехаридем. Ҳамшираҳоям пироҳанашонро худашон медӯхтанд ва масъалаи харидани шерозаро, ки як метраш понздаҳ сантим қимат дошт, муддати мадиде мавриди баҳс қарор медоданд. Рӯз ба рӯз мо шӯрбои гӯштӣ ва гушти гови обпазро бо хӯришхои гуногун мехӯрдем. Мегӯянд, ки ин муфид ва мукаввӣ аст. Ман ғизои дигареро тарҷеҳ медодам.

Барои ҳар тукмаи гумкардаам, шалвори поракардаам танбеҳи сахт медиданд.

Аммо ҳар рӯзи якшанбе ҳамаи аҳли хонадон, бо тантана, барои гардиш ба бандар мерафтем. Падарам дар тан камзӯлу дар сар кулоҳи баланд, бо дастҳои дастпӯшакдор, аз зери дасти модарам, ки мисли киштии рӯзи ҷашн худро меорост, дошта, ӯро роҳнамойӣ мекард. Ҳамшираҳоям маъмулан пеш аз ҳама омода мешуданд ва дигаронро интизорӣ мекашиданд. Вале дар дақиқаҳои охирин дар камзӯли сарпарасти хонавода ҳамеша доғе пайдо мешуд, ки қаблан надида буданд ва лозим мешуд онро фавран бо латтаи дар бензин таршуда пок кунанд.

Модарам, азбаски наздикбин буд, айнакашро ба чашмонаш гузошта, барои он ки дастпӯшакҳояшро касиф накунад, онҳоро мекашиду сипас доғро пок мекард ва падарам кулоҳи баландашро аз сараш нагирифта, таҳи камзӯлча меистод ва поёни ин маросимро интизор мешуд.

Сипас ботантана ҳаракат мекардем. Ҳамшираҳоям зери бозӯи якдигарро қапида, пешопеш қадам мезаданд. Онҳо ба синни балоғат расида буданд, бино бар ин падару модарам фурсатро муғтанам шумурда эшонро ба мардум иншо медоданд. Ман аз тарафи чапу падарам аз тарафи рости модарам ҳаракат мекардем. Зоҳири боҳашамати волидайни бечораам, чеҳраҳои карахти онҳо, тарзи ҳаракати боадабонаашон ҳангоми ин гардишҳои якшанбегӣ ба ёдам меояд. Онҳо ба қадамҳои мавзун, зонӯҳоро хам накарда, бо қомати комилан рост ҳаракат мекарданд, гӯё аз ростии қомати эшон муваффақияти иқдоми фавқулъода муҳимме вобаста буд.

Ва ҳар рӯзи якшанбе, ҳангоми дидани киштиҳои азиме, ки аз сарзаминҳои дуру кишварҳои номаълум бармегаштанд, падарам ҳамеша мегуфт:

- Агар бо ин киштӣ Жюл омада бошад, хушбахтии бузурге мебуд!

Амаки Жюл, баробари падарам, шахси замоне ойиларо ба яъсу навмедӣ гирифторкарда, акнун умеди ягонаи хонадон шуда буд. Ман дар овони кӯдакӣ дар бораи амаки Жюл қиссаҳо шунида ва хаёлан бо ӯ чунон дӯст шуда будам, ки мепиндоштам аз нигоҳи аввал мешиносамаш. Гузаштаи ӯ, то замони ба Амрико мусофират карданаш, бо тамоми ҷузъиёташ бароям маълум буд, ҳарчанд ки дар ойила рочеъ ба ин давраи ҳаёти ӯ оҳиста сӯҳбат мекарданд.

Ба назарам ӯро зиндагиаш гумроҳона буд, агар ба таври дигар бигӯем, пулро зиёд масраф мекард, аз ин рӯ дар ойилаҳои нодор ин амал сахттарин ҷиноят ба шумор меравад. Дар доираи сармоядорон рочеъ ба одамоне, ки айшу ишратро дӯст медорад, мегӯянд, ки шайтанат мекунад. Ӯро бо табассуми бахшоянда оворагард меноманд. Дар доираи нодорон, ҷавонписареро, ки пасандози волидайнашонро масраф кардааст, шаҳватпараст, харроҷ ва нобакор мехонанд.

Ва ин тафовут комилан дуруст аст, чунки маънии рафторҳои мо ба таври куллӣ аз натойиҷашон маълум мешаванд.

Ҳар тавре бошад ҳам, амаки Жюл дар ибтидо он ҳиссаи меросеро, ки аз падару модараш ба ӯ вогузор шуда буд, то охирин су бар бод дод, сипас он қисмати пасандозеро, ки ба падарам мутаъаллиқ буд, хеле тақлил дод.

Ӯро, чунонки дар он рӯзгор маъмул буд, бо киштии борӣ, ки аз Гавр озими Ню-Йорк буд, фиристоданд.

Амаки Жюл чун вориди қаламрави Амрико шуд, ба кадом-як умури тичоратӣ машғул гашт ва базудӣ ба қавму хешон навишт, ки вазъаш дорад кам-кам рӯ ба бехбудӣ меорад ва бовар дорад, ки бо мурури замон хасорати ба падараш воридкардаашро ҷуброн хоҳад кард.

Ин нома ба аҳли ойила асари амиқ бахшид. Жюл, ҳамон Жюле, ки дар собиқ ба як пули сиёҳ ҳам арзиш надошт, ногаҳон инсони шарофатмандтарину меҳрибонтарин, намояндаи ҳақиқии хонадони Давранш, мисли ҳамаи давраншҳо беайбу накс, эълонаш карданд.

Сипас нохудои киштие ба мо иттилоъ дод, ки амакам дукони бузургеро ба иҷора гирифтааст ва машғули тиҷорат аст.

Дар номаи дуввумаш, ки баъд аз сипарӣ шудани ду сол восил шуда буд, сатрҳои зер сабт ёфта буданд:

«Филиппи азиз! Ин номаро ба хотири он иншо мекунам, ки ту нисбати банда нороҳат набошӣ. Саломатиам хуб аст. Корҳоям низ пешрафт доранд. Фардо барои муддати тӯлоние озими Арикои Ҷанубӣ мешавам. Эҳтимол дорад, ки дар зарфи чанд сол аз ман хабаре нарасад. Агар нома нафиристодам, нороҳат нашав. Ба маҳзи ин ки сарватманд шуд, ба Гавр бармегардам. Ба назарам барои сарватманд шуданам вақти зиёде лозим нест ва он гоҳ мо ба иттифоқи ҳам дар айшу ишрат зиндагӣ хоҳем кард».

Ин нома гӯё Инҷили ойилаи мо шуда буд. Онро дар ҳар лаҳзаи муносиб мукаррараан мехонданд, ба ҳама нишон медоданд.

Воқеъан ҳам дар зарфи дах сол аз амаки Жюл хабаре набуд. Вале умеди падарам сол ба сол тақвият меёфт, ҳато модарам ҳам ағлаб авқот изҳор медошт:

- Вақте ки Жюли азизамон бармегардад, ҳама чиз таври дигар ҷараён мегирад. Ана, вай тавонист ба сафи одамони ҳақиқӣ мулҳақ бишавад!

Ва ҳар рӯзи якшанбе ҳаноми дидани киштиҳои сиёҳи азиме, ки тӯдаҳои дудашонро ба осмон фаввора занонида, ба лангаргоххо наздик мешуданд, падарам пайваста такрор мекард:

- Агар бо ин киштӣ Жюл омада бошад, хушбахтии бузурге мебуд!

Ва ба назар меомад, ки ҳол ҳозир дар аршаи киштӣ амакам пайдо мешавад, дастпоккунашро такон дода, фарёд мезанад:

- Эй, Филипп!

Дар робита бо бозгашти ӯ, ки ҳеҷ яке аз мо шакку тардид надошт, ҳазорон нақша тарҳрезӣ шуданд. Ҳатто дар назар доштанд, ки аз пули ӯ дар канори Энгувил хонаеро бихаранд. Ман гумон мебарам, ки падарам нисбати ин масъала музокироте низ анҷом дода буд.

Як ҳамшираам бисту ҳашт солу дигараш бисту шаш сол дошт. Ҳарду ҳам бешавҳар буданд ва ин қазия ҳамаи моро фавқулъода афсурдахотир карда буд.

Саранҷом барои ҳамшираи хурдиам домод пайдо шуд: вай маъмури давлат, шахси нодор, вале боадаб буд. Ман бовари комил дорам, ки маҳз номаи амаки Жюл, ки боре шабҳангом ба ҷавонписар хонда буданд, ба шакку шубҳааш хотима дод ва ба ӯ ҷуръат бахшид.

Пешниҳоди ӯро фавран пазируфтанд ва тасмим гирифтанд, ки баъд аз ҷашни арӯсӣ ҳамаи аҳли ойила ба ҷазираи Ҷерсӣ меравем.

Саёҳати ҷазираи Ҷерсӣ орзӯи ҳамешагии мардуми бенаво аст. Ин ҷазира онқадар ҳам дур нест. Аз тариқи баҳр хеле зуд ба он ҷо метавон расид. Ин ҷазира ба Инглистон мутаъаллиқ аст. Мусофирати дусоъата аз тариқи баҳр ба фаронсавӣ имкон медиҳад, ки вориди кишвари ҳамсоя бишавад ва ба одобу русуму сокинони ин ҷазира, ҷазирае, ки дар он, ба гуфти мардуми содазабонашон, парчами Британиё алвонҷ мехӯрад, ошно бишавад.

Фикри мусофират ба Ҷерсӣ ҳамаи моро асири худ карда буд, ягона орзӯю иштиёқи мо башумор мерафт, ки лаҳзае ҳам аз он ҷудо намешудем.

Саранҷом мо ҳаракат кардем. Мисли ин ки ҳоло дорам мебинам киштии дар соҳили Гранвил омодаи

ҳаракатро, падарамро, ки бо киёфаи музтариб мурокиба ба киштӣ бор кардани чомадонҳоям аст, модари мушаввашамро, ки даст дар дасти ҳамшираи бешавҳарам, ки баъд аз арӯсии ҳамшираи хурдиам, мисли чӯчаи аз села чудо, билкулл худро бохтааст; ва билахира арӯсу домодро, ки ҳамеша аз дигарон акиб мемонданд ва ман мачбур мешудам, ки муттасил ба пасам баргашта нигоҳашон бикунам.

Садои бонги киштӣ танин андохт. Мо бо аршаи он баромадем ва киштӣ лангаргоҳро давр зада, дар баҳри озоду ҳамвор, баҳри чун тахтамармари кабуд шиновар шуд. Мо медидем, ки чи тавр соҳил дур мешавад: мо ҳам чун ҳамаи онҳое, ки бисёр ба нудрат саёҳат насибашон мегардад, хушбахту сарфароз будем.

Падарам шикамашро аз зери камзӯле, ки субҳ бодиккат тамизаш карда буданд, ба пеш дамондаю қад алам карда меистод ва бӯи бензинро ба атрофи худ пахш мекард...

Ногаҳон таваччухи ӯро ду хонуми хушлибос, ки ду тан мард садафакашон зиёфат мекарданд, ба тарафи худ кашиданд. Маллоҳи пире, ки либосҳои танаш пора-пора буд, бо корд садафҳоро чолокона боз намуда, ба мардҳо дароз мекард ва мардҳо онҳоро ба бонувон медоданд... Бонувон садафакҳоро хеле бозарофат мехӯрданд: онҳо садафҳоро рӯи дастмоли нозук гузошта, барои он ки ба пироҳанашон начаконанд, лабонашонро кашида, базудӣ, бо як чуръа оканаро менӯшиданду садафро ба даруни барф мепартофтанд.

Ба назарам ин саргармии боназокат, яъне хӯрдани садафак дар киштӣ, дар баҳри озод, падарамро мафтун карда буд. Ин ба назараш нишонаи равиши муъаддабона, латофати ашрофона омад. Вай ба зану духтаронаш наздик шуду пурсид:

- Мехоҳед шуморо ба садафак зиёфат бикунам?

Модар дар ҷавоб таъхир кард, вай аз харҷи зиёдӣ метарсид; хамшираҳо базудӣ озӣ шуданд. Модар бо лахни норизоятӣ гуфт:

- Метарсам, ки ба ман зарар мерасонад. Бачаҳоро зиёфат бикун, лекин ба андозааш, вагарна мумкин аст, ки онҳо боз касолат пайдо бикунанд.

Сипас вай ба тарафи ман баргашту илова кард:

- Умуман ба Жозеф хӯрдани садафак фоидае надорад. Писарбачаҳоро набояд нозпарварда кард.

Ман худро таҳкиршуда эҳсос кардам, вале мачбур будам, ки дар назди модар монам; ман бо нигоҳам падарамро, ки бо киёфаи фавкулъода ҷиддӣ бо роҳнамоёии духтарон ва домодаш ба тарафи маллоҳи пир мерафт, таъкиб кардам.

Бонувон аз аршаи киштӣ ғайб зада буданд. Падарам ба ҳамшираҳоям тарзи нигоҳ доштани садафакро шарҳ дод, то ҳангоми хӯрдан окана начакад. Вай, ба манзури он ки ин корро ба эшон амалан нишон дихад, садафакро гирифту саъй намуд аз бонувон пайравӣ кунад, вале ҳамон лаҳза тамоми моеъро ба камзӯлаш рехт.

Модарам бо хашму ғазаб гур-гур кард:

- Бехтар мебуд дар чоят менишастӣ!

Падарам чанд қадам ақиб рафт, ба духтарону домодаш, ки фурӯшандаи садафакро танг дар халқаи худ гирифта буданд, чашм дӯхт, сипас якбора ба ақиб баргашту ба назди мо омад. Дар назарам хеле рангбохта намуд. Дар чашмонаш ифодае ачибу гариб падидор буданд. Ӯ оҳиста ба модарам гуфт:

- Бисёр таъаҷҷубовар аст, пирамарди садафакфурӯш комилан ба Жюл шабоҳат дорад!

- Ба кадом Жюл? – бо хайрат пурсид модарам.

- ба бародари ман... Агар намедонистам, ки ӯ дар Амрикост ва зиндагии хуб дорад, тасмим мегирифтам, ки ин мард Жюл аст, - думболаи харфашро таъкиб кард падарам.

Модарам тарсзада зери лаб гуфт:

- Ту девона шудайӣ! Охир хуб медонӣ, ки ин вай нест. Пас чаро ёва мегӯйӣ?

Вале падарам исрор кард:

-Клариса, бираву ба ӯ нигоҳ бикун: мехоҳам, ки ту ба чашмони худ бовар бикунӣ.

Модарам бархосту ба назди духтаронаш рафт. Ман бодиққат бо маллоҳ хира шудам. Ин марди пиру хоколуда чеҳрааш пурчину ожанг комилан саргарми кори худ буд.

Модарам баргашт. Мутаваҷҷеҳ шудам, ки андомаш меларзад. Ӯ бо ачала ба падарам гуфт:

- Ба назарам ин мард бародари ту аст. Бираву аз нохудои киштӣ суол бикун. Вале эҳтиёт бош, вагарна ин оворагард, худо накунад, боз сарборамон мешавад.

Падарам ба ҳузури нохудо рафт. Ман ҳам думболаи ӯро гирифтам. Вуҷудамро изтиробе ачиб ба дом андохта буд.

Нохудо, марди болобаланди логарандом бо риши дарози бари рӯй, болои тахтабандӣ гардиш мекард; киёфааш чунон ҷиддӣ буд, ки гӯё киштии озими Ҳиндустонро фармондеҳӣ мекард. Падарам боадабона ба ӯ таъзим намуду пасон дар зимни ситойиши касби ӯ шурӯъ намуд ба додани суолоте, ки ба шуғли ӯ марбут буданд:

- Ҷерсӣ бо кадом дастовардҳояш қобили таваҷҷуҳ аст? Кадоме аз риштаҳои истеҳсолот дар ҷазира пешрафт кардаанд? Чӣ қадар нуфӯс дорад ва таркиби аҳолиаш чӣ тавр аст? Русуму одоти сокинонаш чӣ тавр аст? Оё заминаш ҳосилхез аст? – Ва ғайра.

Фикр кардан мумкин буд, ки хадди ақал сухан дар бораи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико меравад.

Дар бораи киштии «Экспресс» низ, ки савори он будем, сӯҳбат карданд, баъд аз мавриди кормандони нохудо харф заданд ва мах дар ин лаҳза падарам бо овози ларзон гуфт:

- Таваҷҷуҳи манро пирамарди садафакфурӯш хеле ба худ ҷалб кард. Оё шумо дар бораи ӯ ва ҳаёти гузаштааш иттилоъе доред?

Нохудоро ин суол ба хашму ғазаб овард, бино бар ин ба сардӣ гуфт:

- Ин пирамарди оворагард фаронсавӣ аст. Соли гузашта ӯро аз Амрико савори киштӣ кардам, ҳоло ба ватанаш овардам; ба назарам, дар Гавр қавму хешон дорад, вале дар пеши чашми онҳо зоҳир шудан намехоҳад, зеро аз онон қарздор аст. Исмаш ҳам Жюл аст... Жюл Дарманш ё Рарванш. Мегӯянд, ки замоне дар Амрико сарватманд будааст, вале акнун худатон мебинед, ки ба чи вазъе гирифтор шудааст.

Падарам рангаш чун ранги мурдахо париду чашмонаш саргардон шуданд. Вай бо овози гирифта гуфт:

- Бале... бале... Бисёр хуб...Ин манро заррае дар ҳайрат намегузорад... Аз шумо хеле сипосгузорам, нохудо...

Ва аз он ҷо дур шуд. Маллоҳ ҳайратзада ба думболи ӯ нигарист.

Падарам бо қиёфаи парешон ба ҳузури модарам баргашт. Модар гуфт:

- Менишинем... Вагарна моро боз мебинанд.

Падарам рӯи нимкат нишасту пичирос зад:

- Ин вай аст... Охир гуфта будам: ин вай аст!

Ӯ баъд аз чанд лаҳза пурсид:

- Чӣ кор бояд бикунем?

Модарам қотеъона гуфт:

- Қабл аз хама бояд бачаҳоро аз ин ҷо бурд. Азбаски Жозеф ҳаман қазияро медонад, барои овардани онҳо меравад. Муҳимтар аз ҳама, бояд саъй намуд, ки домод аз чизе хабардор нашавад...

Падарам моту мабҳут шуда буд. Ӯ хеле оҳиста пичирос зад:

- Чи бадбахтие!

Падарам, ки ғайри мунтазира ба хашм омада буд, фишшос зад:

- Ман медонистам, ки ин муфтхӯр ҳаргиз ба чизе комёб намешавад ва саранҷом боз сарбори гардани мо мешавад. Бале, аз Давраншҳо чизи хуберо интизор шудан амри маҳол аст!

Падарам хомӯшона, чун ҳамеша, вақте модарам сарзанишаш мекард, бо дасташ пешониашро молид. Модарам думболаи ҳарфашро гирифт:

- Ба Жозеф пул дех, бигузор ӯ ҳол ҳозир раваду пули садафакҳоро бипардозад... Фақат инаш мондааст, ки ин гадо моро шиносад! Пеши худ тасаввур мекунам, ки ин чи таъсире ба мусофирон мегузорад! Мо ба канори дигари арши киштӣ меравем, аммо ту мувозиб бош, ки дигар бо ӯ рӯ ба рӯ нашавем.

Модарам бархост, падарам сиккаи панҷфранкиро ба ман доду харду аз он ҷо рафтанд. Ҳамшираҳоям ҳайратзада падарамро мунтазир буданд. Ман каме ба марази баҳрӣ мубтало шудани модарамро ба эшон шарҳу тавзеҳ додаму сипас ба пирамард мурочиъат намудам:

- Окоҷон, ба шумо чанд пул дихам?

Ман майл доштам, ки ба ӯ «амак» бигӯям.

- Ду франку панҷоҳ су, - посух дод пирамард.

Сиккаи панҷфранкаро ба ӯ додам, вай бақияи пулро баргардонд.

Ман ба дастони лоғар, дастони пурчину чуруки маллоҳ нигоҳ кардам; ба чеҳраи ӯ, ба чеҳраи азияткашидаю пири ӯ, чеҳраи афсурдаю риққатовари ӯ чашм дӯхтам ва дар дилам такрор кардам: «Ин амаки ман, бародари падарам, амаки ман аст!».

Ман ба ӯ дах су чойпулӣ додам. Вай бо сипосгузорӣ гуфт:

- Худо хушбахт гардонад туро, ҷавони хуб!

Вай ин суханонро бо лаҳни гадое, ки садақа мегирад, талаффуз кард. Ман андешидам, ки дар он ҷо, дар паси укёнус, эҳтимол гадойӣ ҳам карда бошад. Ҳамшираҳоям, ки аз саховатмандии ман дар таъаҷҷуб монда буданд, чаҳорчашмӣ нигоҳ карданд.

Вақте ба падарам ду франки бокимондаро баргардондам, модарам бо таъаҷҷуб гуфт:

- Ба ростӣ садафакҳо се франк қимат доштанд? Бовар намекунам.

Ман ба таври қатъӣ гуфтам:

- Ман даҳ су чойпулӣ додам...

Модарам аз ҷо париду хира-хира ба ман нигоҳ карда, гуфт:

- Ту девона шудайӣ! Ба он оворагард дах су додан!

Модарам харфашро қатъ кард: падарам бо ишораи чашм ба ӯ домодро нишон дод.

Ҳама сукут карданд.

Дар чилав, дар уфуқ, навори сиёҳе бунафштоб, ки гӯё аз баҳр барҳоста буд, зоҳир шуд. Ин Ҷерсӣ буд.

Вақте ба бандар расидем, дар вуҷудам майли бори дигар дидани амаки Жюл, май ли ба ӯ наздик шудану гуфтани чанд сухани тасаллибахшу навозишгар боло гирифт.

Лекин акнун касе садафак тақозо намекард. Ӯ ҳам ғайб заба дуд; эҳтимол пирамарди бечора ба таҳхонаи бадбӯи киштӣ, ки паноҳгоҳаш башумор мерафт, фуромада буд.

Ба манзури ин ки дар бозгашт бо ӯ рӯ ба рӯ нашавем, аз тариқи Сен-Мало ба хона баргаштем. Модарам аз фарти ташвишу нигаронӣ тамоман бехол шуда буд.

Ман дигар харгиз амакамро надидам.

Маҳз ба ҳамин хотир баъзан авқот ба гадое панҷ франк садақа мекунам.

АЛВИДОЪ

Ду рафиқ наҳорашонро хӯрда тамом карданд. Аз панҷараи қаҳвахона гардишгоҳи пурҷамъият намоён буд. Онҳо гузари боди гармеро, ки дар шабҳои навозишгари Париж мевазаду обиринро мушавваш месозад, ба васваса меандозад, ки ба зери дарахтон, ба дурдастҳо, худат ҳам намедонӣ ба кучоҳо, биравӣ, орзуи дидани рудхонаҳоеро, ки аз партави моҳтоб равшананд ва ҳамчунин оромӣ шунидани овои андалебону тамошои кирмҳои шабтобро ба сарат меандозад, эҳсос менамуданд.

Анри Симон оҳи амиқ кашиду гуфт:

- Пир мешавам, пир... Ҳузновар аст. замоне буд, ки дар чунин шабҳо чи тавр ба ҷӯш омадани хун дар рагҳоямро эҳсос менамудам. Вале ҳоло танҳо эҳсоси гаму андӯҳ мекунам! Оре, умр зуд мегузарад!

Вай тақрибан чиҳилу панҷ сол дошт, акнун фарбеҳу тос шуда буд.

Пер Карне, ки бузургсолтар, лоғарандом ва ҳанӯз ҳам зиндадил буд, инони суханро ба даст гирифт:

- Вале ман, ҷонам, пир шудаму худам ҳам аз ин хабар надорам. Ҳамеша башшош, зиндадил, тандуруст будам ман. Ҳар рӯз ба ойина менигарию вале кори дасти вақту замонро мутаваҷҷеҳ намешавӣ, аммо ин кор оҳиста, тадричӣ сурат мегирад ва қиёфаатро тадричан чунон иваз мекунад, ки ҳаргиз тағйирёбиҳои онро эҳсос намекунӣ. Танҳо ба ҳамин хотир мо баъд аз ду-се соли ин амали харобиовар наемирем. Мо он амалро намебинем. Мебояд ним сол ба ойина назар наандохт, танҳо дар ҳамон вақт метавон фаҳмид, ки чи дигаргуние дар қиёфаат рух додааст ва он гоҳ зарбаи корие насибат мегардад!

Вале, азизам, занҳо чи! Чи қадар дилам ба ҳоли онҳо, он бечораҳо месӯзад! Ҳам хушбахтӣ, ҳам тавонойӣ, ҳам зиндагии эшон дар зебоийст, аммо зебойӣ тақрибан бәрои дах сол кифоят мекунад.

Ҳамин тавр пир шудаму худ нафаҳмидам. Ҳамеша худро навҷавон мепиндоштам, лекин синнам наздики панҷоҳ аст. Ҳаргиз ба нохушие мубтало нашуда будам ва ҳаёти хушбахтонаю ором доштам.

Пириам ба таври содаю ваҳшатангез бароям ошкор шуд, ним сол монанди захмхӯрдае умр ба сар бурдам... сипас тан дардодам.

Мисли сойири мардон аглаб ошиқ мешудам, вале танҳо як дафъа ошиқи ҳақиқӣ шудам.

Бо ӯ дар Этрет, дар соҳили баҳр, тақрибан дувоздах сол қабл, якбора баъд аз ҷанг рӯ ба рӯ шудам.

Субҳгоҳон, дар соъатҳои шиновари, нисбат ба ин пляж хубтар чизе нест. Бузург нест он, мисли наъл аст, онро сахраҳои сафеди муртафеъ бо тоҳқои ачибу гариб, ки «дарвозаҳо» меноманд, иҳота кардаанд. Яке аз сахраҳои бузурги панҷаи азими худро ба сӯи баҳр дароз кардааст, сахраи дигарӣ, ки гирдаю кӯтоҳ аст, гӯё дар рӯ ба рӯи аввалӣ нишастааст; дар димоғи борик, ки бо сангреза фарш шудааст, селаи занҳо, дар тан либосҳои рангорангу чашмхиракунанда дар халқаи сахраҳои осмонхароши, гирди хам меоянд. Офтоб нурҳои хешро бо ниҳояти саховатмандӣ ба соҳил, ба чатрҳои рангоранг, ба баҳри кабуд мерезад ва хама чизи атроф чашмро матбӯъу мафтун ва навозиш мекунад. Лаби об менишинию бонувони шиноварро назар меандозӣ. Онон яктаҳҳои бумазӣ дар тан ба баҳр мефуроянд, бо як ҳаракати дилрабо яктаҳҳоро дами кафкҳои нақшмонанди амвоҷ аз тан раҳо мекунанду бо кадамҳои сареъ ба даруни об меларояндг гохе сари чояшон меистанд, меларзанду худро чамъу нафасашонро тоза мекунанд.

На ҳама кас чунин имтиҳонро тоқат меоварад. Маҳз дар ҳамин лаҳза ононро ҳамачониба варандоз мекуни. Вақте шиноварон ба соҳил мебароянд, ҳарчанд оби баҳр бадани пажмурдаро хеле рӯҳу тароват бахшад ҳам, вале нуқсону айбҳояшон чун дар ойина падидор мешаванд.

Нахустин дафъае, ки ин занро ҳангоми шиновари дидам, волою шайдояш шудам. Вай аз санчиш бомуваффақият ва ба таври шойиста дастболо шуда буд. Оре, чеҳраҳое ҳастанд, ки бо зебойию ҷаззобии худ касро баякборагӣ асири хеш мегардонанд, комилан ғуломи ҳалқабаргӯшат мекунанд. Ба назар меояд, ки саранчом занеро пайдо кардӣ, ки аз рӯзи таваллудат сарнавишт насибат гардонидааст. Инак, ҳамин эҳсосро, ин ишқи лаҳзагиро ман ҳам таҳаммул кардам.

Мо ошно шудем ва базудӣ чунон мафтунаш шудам, ки дар собиқ ҳаргиз чунин нашуда будам. Вай қалби манро хаста карда буд. Ин қабил мутеъин мутлақ ба зан ҳам ҷонгудоз асту ҳам ширин. Ин андаке шиканча ва дар айни ҳол камоли саъодат аст. Нигоҳ, табассум, таррахои рӯи гардан, бахусус вақте ки онҳоро насим ба бозӣ мегирад, ҳар як хатти симо, ҳар як ифодаи сареъаш манро мафтуну моту мабҳут мекард ва аклямро мерабуд. Вай манро асиру афсун карда буд, аз имою ишорааш ҳаракоташ, хатто аз ашёъаш дилрабойие зоҳир мешуданд. Манро никобчаи туриаш, ки болои миз мехобид, дастпӯшакҳояш, ки рӯи курсӣ ҳаво дода буд, барикқат меовардан. Пироҳанаш дар назарам беҳамто менамуд, чунин кулоххоро каме намепӯшид.

Вай шавҳар дошт. Вале шавҳараш рӯзҳои шанбе меомаду рӯзҳои душанбе бармегашт. Аммо ӯ бароям аҳамияте надошт. Комилан аз ӯ рашк намебурдам, сабабашро худам ҳам намедонистам, вале то кунун каме ба ин ҳад бароям беаҳамият набуд, ҳаргиз ба касе ин қадар кам таваҷҷуҳ намекардам, чуноики ба ӯ.

Аз ҷониби дигар занро девонавор дӯст медоштам. Чи кадар зебою дилошӯб ва ҷавон буд ӯ! Мазҳари ҷавонӣ, зарофат ва тароват буд ӯ! Дар собиқ ҳаргиз ба ин андоза эҳсос накарда будам, ки чи қадар зебою бузург ва латиф аст мавҷуди фавқулъода дилрабо – зан: худи малоҳат ва мулотифат аст ӯ! Ҳаргиз дар собиқ мутаваҷҷеҳ нашуда будам, ки чи кадар зебойии фиребанда дар тархи рухсораҳо, дар печухами лабҳо, дар хатти мудаввари гӯши кӯчак, дар шакли он олати бадрехте, ки димоғ меномандаш, мавҷуд аст.

Ин вазъ се моҳ тӯл кашид, сипас ман шиканҷаи яъсу навмедиро кашида, ба Амрико рафтам. Вале фикру хаёли ӯ дар вучудам зиндагӣ мекард. Ин зан аз дур ҳам бар ман ҳокимият дошт, чунонки замоне аз наздик асираш будам. Солҳо сипарӣ мешуданд. Аммо фаромӯшаш намекардам. Симои меҳрибонаш, симои маҳбубаш аз пеши дидагонам дур намешуд, дар қалбам маъво гирифта буд. Ман ӯро мисли собиқ самимона, вале оромона, чун хотирае гаронбаҳо дар бораи заботарину масарратбахтарин чизи зиндагӣ, дӯст медорам.

Чи кимате дорад дувоздаҳ сол дар хаёти инсон? Барои як лаҳза пайдо мешаваду эҳсос намекунӣ! Солҳо оҳистаю сареъЮ бидуни шитобзада, яке пушти дигаре сипарӣ мешаванд, ҳар яке зиёд тӯл мекашад, вале зуд мегузарад! Ва онҳо зуд анбошта мешаванду асари кам бокӣ мегузоранд. Аз миён рафтанд ва нестанд онҳо. Ба роҳи паймудаат менигарӣ ва чизеро намебинӣ ва намефаҳмӣ чӣ тавр шудааст, ки ту пир шудайӣ.

Вокеъан мепиндоштам, ки аз он тобистони дилфиреб дар пляжи Этрет фақат чанд мох сипарӣ шудааст.

Баҳори гузашта боре барои сарфи наҳор ба назди ошноям ба Мезон-Лафит рафтам.

Вақте ки катора равон шуд ба вагон бонуи фарбеҳе ба иттифоқи чаҳор тан духтар ворид шуд. Ман ба таври

сатҳӣ ба ин мокиён курк, мокиёни пуку фарбеҳ ва рӯяш чун моҳ гирда, дар хиргоҳи кулоҳи хасии бо навор оройишёфта, назар афкандам.

Вай бино бар тунд роҳ рафтанаш нафастанг шуда буд ва ҳеҷ наметавонист дам бароварад. Бачаҳо ҳам саргармии пичир-пичир шуданд. Ман рӯзномаро боз кардаму ғарқи мутолиъа шудам.

Мо Анерро пушти сар гузошта будем, ки ногаҳон зани фарбеҳ ба забон омад:

- Бубахшед, оқоҷон, магар шумо ҷаноби Карне нестед?

- Оре, бону.

Дар он лаҳза ӯ чун зани хушқалб хушҳолона хандид ва дар ҳар сурат дар хандааш ғаму аламе нуҳуфта буд.

- Манро нашинохтед? Дудил шудам ман. Вокеъан ҳам ба назарам омад, ки чеҳраашро дар ҷое дидаам. Вале дар кучо? Кай?

Посухаш додам:

- Ҳам бале... ҳам не... Бидуни шубҳа мо мулоқот кардаем, вале наметавонам ба ёд оварам, ки шумо кӣ ҳастед.

Вай андаке сурх шуд.

- Жюли Лефевр.

Ҳеҷ гоҳ чунин зарбаро таҳаммул накарда будам. Дақиқае ба назарам омад, ки ҳама чиз бароям тамом шудааст! Эҳсос намудам, ки гӯё чашмам якбора боз шуду акнун чизи ваҳшатангезу ҳайратоваре ошкорам мешавад.

Инак, ин вай аст! Ин зани фарбеҳу одӣ вай аст! Ва дар муддате ки мо ҳамдигарро надидам, чаҳор духтар таваллуд шудааст! Ин мавҷудоти кӯчак низ мисли модарашон манро дар ҳайрат гузоштанд. Онҳо ҷисми ӯ буданд; акнун калон шудаю дар зиндагӣ ҷои худро ишғол карда буданд. Ҳоло вай, ҳамон мавҷуди дилошубу

латиф, ғаммозу меҳрибон, аз ҳисоб берун буд. Гӯё мо дирӯз аз ҳам ҷудо шуда будем ва инак, бубинед, ки ба вай чи шудааст! Оре, чӣ тавр ин мумкин аст? Қалбам аз дарди сахт фишор хӯрд ва ҳамзамон бо ин дар вуҷудам хашму ғазаб алайҳи табиъат боло гирифт, хашму ғазаби бешуъурона алайҳи тахриби бераҳмонаю нафратангез.

Бо дастпочагӣ ба ӯ нигаристам. Пасон аз дасташ доштам ва қатраҳои ашк дар чашмонам лангар андохтанд. Ман барои ҷавонии ӯ, барои марги ӯ наҳва кардам, чунки дар собиқ чунинаш надида будам.

Вай ҳаяҷонзада гуфт:

- Пас ман хеле тағйир ёфтаам? Чӣ чора, ҳама чиз гузарон аст. Мебинед, ман модар шудам, танҳо модар, модари намуна. Бақия ҳамааш алвидоъ, тамом шуд! Оҳ, ман ҳам фикр карда будам, ки агар бо шумо рӯ ба рӯ шавам, манро нахоҳед шинохт! Бале, шумо ҳам тағйир ёфтаед! Дар ибтидо мусаллам шудам, ки иштибох кардаам. Мӯи саратон бакуллӣ сафед шудааст. Мулоҳиза бифармоед, дувоздаҳ сол гузаштааст! Дувоздаҳ сол! Духтари калониам ҳам даҳсола шуд.

Ман ба духтарак нигаристам. Ва дар вуҷуди ӯ аз малоҳати собиқи модараш як чизе, аммо як чизи ҳанӯз мубҳаму ташаккулнаёфтае пайдо кардам. Ва зиндагӣ дар назарам чун қатораи аз фосилаи дур бо суръати сареъ оянда намуд.

Мо ба Мезон-Лафит расидем. Ман дасти маъшуқаи собиқамро бӯсидам. Танҳо тавонистам пешипоафтодатарин суханҳоро барояш бигӯям. Аз фарти ҳаяҷонзадагии фавқулъода забонам лол шуда буд.

Шабона, дар хона таку танҳо нишаста, муддати тӯлоние худро дар ойина дидам. Ва саранҷом ба ёд овардам, ки дар собиқ чи ҷӯр будам ман, ҳам мӯйлабҳои сиёҳу ҳам мӯҳои киргун ва ҳам киёфаи шодоби ҷавониамро хаёлан тасаввур кардам. Акнун пирамардам ман. Алвидоъ, зиндагӣ!

НОБИНО

Чаро мо ба вақд меоем, вақте офтоб падидор мешавад? Чаро нурҳои он ба замин рехтаю дар вуҷуди мо сурурро бармеангезанд? Осмон обӣ мешавад, ҳама чизи атроф сабз, хонаҳо ба таври чашмхиракунанда сафед ва нигоҳи мафтуни мо аз рангҳои дурахшону нишотбахш лаззат мебарад. Кас рақсидану саройидан мехоҳад, хаёл роҳат меёбад ва дар авҷи меҳрибонии ҳамаҷониба мо гӯё омодаем ситораи рӯзонаи худро бибӯсем.

Вале нобиноён, ки одаташон ба торикии ҳамешагӣ то марзи бепарвойӣ рушд ёфтааст, нисбати шодию сурури ҳамагонӣ масӯн мемонанд; онон онро намефаҳманд, аз ин рӯ, дар остона нишаста, сагҳо-роҳнамоёни худро, дар лаҳзаҳое, ки эшон кӯшиши давидан мекунанд, ором мегардонанд.

Агар дар поёни чунин рӯз бародар ё хоҳари хурдиаш нобиноро аз дасташ гирифта, ба хона раҳнамойӣ кунад ва бигӯяд, ки «Чи қадар ҳаво хуб аст ҳоло!» вай мусалламан ҷавоб медиҳад:

- Ман дар ҳол мутаваҷҷеҳ шудам, ки ҳаво хуб аст, чунки Шарик сари ҷояш истодан намехост.

Ман чунин як маълӯлро мешинохтам, ки зиндагиаш моломоли азобу шиканҷаи сахт буд, зиндагие, ки чунинашро танҳо метавон хаёл кардаю бофт.

Вай деҳқонзода, писари фермери нормандӣ буд. Замони дар ҳаёт будани волидайнаш то андозае ба ӯ ғамхорӣ мекарданд, аз ин хотир танҳо аз маъюбии худ азоб мекашид; вале чун волидайни пираш аз олам гузаштанд, зиндагиашро дарду ранҷи дармоннопазире фаро гирифт. Бечораро яке аз ҳамшираҳояш паноҳ дод,

аммо ҳама дар ферма ӯро бекораю резахор меномиданд, ҳангоми фурӯ бурдани ҳар луқма сарзанишаш мекарданд, танбалу камакл меномидандаш ва агарчи шавҳари хоҳараш ҳиссаи ирси ӯро аз они худ карда буд, лекин ба ӯ хатто ордобаро дареғ медоштанд – ба андозае медоданд, ки аз гуруснагӣ намирад.

Чеҳрааш рангбохта, чашмонаш бузургу чун коғазпораи ширешдори лифофа сафед буданд; ба озурданҳо бо хунсардии комил посух медод – чунон гӯшагирӣ ихтиёр карда буд, ки наметавон бо эътимод гуфт, ки озурданҳоро умуман эҳсос менамуд. Бале, харгиз навозиш насибаш нагашта буд – ҳатто модараш бо ӯ ба таври хашин рафтор мекард ва дӯсташ намедошт: дар деҳа одами бекора ҳамеша сарбор аст ва агар деҳқонон метавонистанд аз мурғҳо, ки ба ачноси гандида минкор мезананд, пайравӣ мекарданд.

Хӯрокашро хӯрда тобистон дами дару зимистон назди оташдон менишаст ва то ғурӯб аз ҷояш барнамехост. Вай ҳаракат намекард, намечунбид ва танҳо пилкҳояш, ки аз раъшаи асабӣ такон мехӯрданд, баъзе авқот ба рӯи доғҳои сафеди чашмонаш фурӯд меомаданд. Касе суол надода буд, ки оё ӯ ақлу тафаккур ва нисбати зиндагии хеш тасаввури возех дорад ё на.

Чанд сол бад-ин минволд тӯл кашид. Вале саранҷом бекобилиятиаш нисбат ба кор ва ҳамчунин оромии комилаш қавму хешонашро ба газаб оварданд ва нобино ба далҳак, ба василаи тасаллӣ барои берахмии сиришти ва башошати ваҳшиёнаи ҳайвоноти дупои атрофаш табдил ёфт.

Онҳо шӯхиҳои захрогини гуногун, шӯхиҳое, ки танҳо метавонанд кӯрии наздикро эҷод кунанд, ихтироъ менамуданд. Ва барои он ки харчи хӯроки шиками зиёдиро чуброн бикунанд, вақти хӯрокхӯриро ба лаҳзаҳои саргармӣ барои ҳамсояҳою шиканча барои

маълӯл табдил медоданд.

Барои тамошои ин намойиш аз фермаҳои наздик одамон ташриф меоварданд, дар бораи он манзил ба манзил хабар медоданд ва дар ошхона ҳамеша ба қадре тамошочӣ ҷамъ мешуд, ки ҷои сӯзан андохтан набуд.

Гоҳ-гоҳе дар паҳлӯи косае, ки аз он нобино шӯрбо мехӯрд, гурба ё сагро мешиноданд. Ҳайвон нотавонии нобиноро ба воситаи ғаризааш эҳсос намуда, дуздакӣ ба коса наздик мешуд ва ғизоро бидуни садо мехӯрд ва агар садои забонзаданҳояш зиёда аз ҳад баланд мешуд ва нобинои сиёҳбахт ҳушёр шуда, аз рӯи ҳадс бо қошуқ ба мис мекӯфт, ҳайвонак ҳамеша фурсат меёфт, ки аз зарба худро канор бикашад.

Тамошочиёне, ки дами деворҳо танг дар канори ҳам меистоданд, зери ханда мезаданд, якдигарро тела медоданд, по мекӯфтанд. Аммо қурбонӣ, ҳамон тавр хомӯшона, хӯрданашро идома медод ва танҳо бо дасти чапаш косаро мепӯшонд.

Баъзе вақтҳо ба даруни косааш сарбанди шиша, чӯбпораҳою барг, ҳатто мағзоба мерехтанд, хуб буд, ки вай ин чизҳоро ташхис дода наметавонист.

Бо мурури замон ин тафреҳот ҳам дилбазан шуданд, бино бар ин, шавҳари хоҳараш, аз он ки дар ҳар сурат бояд ӯро мехӯронд, ба ғазаб омада, одати ба рухсораҳои ӯ заданро касб кард. Бозии нав, яъне торсакӣ задан, тавлид ёфт. Аробачиҳо, муздурон, хидматкорзанҳо муттасил нобиноро ба рӯяш мезаданд, ки дар натиҷа вай акнун мутазам чашмак мезад. Бадбахт дар кучо пинҳон шуданашро намедонист, аз ин рӯ ҳамеша дастонашро ба ҷилав дароз мекард, то касеро ба худ наздик шудан нагузорад.

Саранҷом сиёҳбахтро мачбур карданд, ки гадойй кунад. Дар рӯзҳои бозор ӯро ба сари роҳ мебурданд ва бечора дар он ҷо садои қадамҳо ё чарххоро шунида,

кулоҳашро пеш бурда, замзама мекард:

- барои хотири Масеҳ, садақа диҳед!

Вале деҳқонон мардуми хасисанд, аз ин рӯ баъзан ҳафтаҳо як пули сиёҳ ҳам ба хона намеовард.

Барои ҳамин ҳам аз ӯ ба таври оштинопазиру берахмона мутанаффир шуда буданд. Ва инак, ба қиссаи мурданаш таваҷҷуҳ фармоед.

Зимистони пурбарфу фавқулъода сард буд. Бо вуҷуди ин боре субҳ шавҳари хоҳараш ӯро барои садақа талабидан ба фосилаи дур, ба роҳи калон бурд. Тамоми рӯз нобиноро дар он ҷо гузошт ва бегоҳӣ ба аҳли хонавода эълом дошт, ки бародари занашро пайдо накард ва илова намуд:

- Бас аст аз барои ӯ ҷонро дар азоб гузоштан! Шояд нафаре дида бошад, ки аз сармо меларзад, аз ин хотир ба хонааш бурдагист. Ӯро бало намезанад. Фардо сару каллааш пайдо мешавад.

Вале фардо ҳам нобино барнагашт.

Вай чандин соъат интизор шуда, то мағзи устухонҳояш сармо хӯрду хол ҳозир аз сармо талаф шуданашро эҳсос намуда, тани танҳо роҳи хонаро пеш гирифт. Роҳро дар зери пӯшиши барф ташхис надода, муддати мадиде бо заҳмат рох рафт, даруни ҷӯйборҳо афтод, хомӯшона бархосту мучаддадан дар ҷустуҷӯи хона ба пеш ҳаракат кард.

Кам-кам комилан ях кард ва сари поҳои хастааш истода натавонисту дар васати майдон болои барф нишаст. Ва дигар барнахост.

Лахтаҳои сафед меборидандуу меборидand. Онҳо тани яхкардаро пӯшониданд, вай дар зери қишри ғафси барф ғайб зад ва дигар чизе нишон намедод, ки дар ин ҷо ҷасаде хобидааст.

Акрабоён тамоми ҳафта вонамуд карданд, ки гӯё аз гумшудаи худ музтарибанд ва ӯро доранд ҷустуҷӯ

мекунанд. Ҳатто каме гиря ҳам карданд.

Зимистони сахт баркарор буд, бино бар ин ҳам ҳаво базудӣ гарм нашуд. Боре рӯзи якшанбе, фермерҳое, ки барои адои намози пешин ба калисо мерафтанд, диданд, ки бар фарози дашт селаи хеле зиёди зоғон давр мезанад ва пайваста ба як нуқта худро пойин андохта, парвоз карда мераваду боз бармегардад.

Парандагони шум бештар аз як ҳафта дар он ҷо ҷумбуҷӯш карданд. Мисли ин ки аз чаҳор сӯи уфуқ ҷамъ омада бошанд, монанди абрҳо осмонро фаро гирифтанд, бо қор-қори гӯшхарош худро ба пойин мезаданд ва барфи дурахшандаро, ки дар рӯи он лаккаҳои аҷибу ғариби ноҷинс ба чашм мехӯрданд, мепарокандандд.

Пирасаке рафт бубинад, ки онҳо чи амалеро доранд анҷом медиҳанд ва ба наъши нобино, ки нисфашро хӯрдаю қитъа-қитъа карда буданд, рӯ ба рӯ шуд. Аз чашмони сафедаш ҳам чизе бокӣ намонда буд – онҳоро минқорҳои дарози ҳарис кандаю хӯрда буданд.

Ва акнун барои ман сурури ҳаётбахши рӯзҳои офтобӣ аз ин хотираи талху афкори ғамангез дар бораи он бадбахт, он бадбахти дар зиндагӣ бенаво, бадбахте, ки ҳатто марги ваҳшатангезаш барои ақрабою хешовандонаш мӯҷиби осудагию оромиашон шуд, ҷудойинопазир аст.

ДУЭЛ

Ҷанг поён ёфт. Фаронсаро олмониҳо ишғол карда буданд; кишвар чун размандаи мағлуб, ки дар зери зонӯвони ғолиб таҳти фишор қарор гирифта буд, такон мехӯрд.

Аз Парижи азобдидаю гуруснагикашида ва тасаллинопазир нахустин қатораҳо аз канори сахраҳою деҳот оҳиста ба сӯи марзҳои нав ҳаракат мекарданд. Мусофирони аввалин аз панҷарахо ба харобаҳою деҳоти оташзада назар меафканданд. Дами дарҳои хонаҳои солиммонда сарбозони олмонӣ тоскулоххои сиёҳ дар сар рӯи курсихо нишаста, дуди чубӯкҳояшонро фаввора мезаниданд. Иддае аз онҳо, чун одамони худӣ дар ойила, машгули кор ё саргарми сӯҳбат буданд. Дар шаҳрҳо полкҳои воҳид дар майдонҳои бонизом қадам мезаданд ва сарфи назар аз садои чарххо суханҳои халкии фармондеҳ ба гӯши мусофирон мерасид.

Дюбюи, ки то рӯзи мухосира узви горди миллӣ буд, акнун барои овардани зану духтараш ба Швейтсария, ки кабл аз ишголи Фаронса ба хотири амнияташон онҳоро ба он ҷо фиристода буд, мерафт. Зиндагии сахту гуруснагиовар ба каду комати бовиқори бозаргони ороми комёб асар накарда буд. Вай ҳодисаҳои вахшатнокро бо навмедии очизона ва гилагузорӣ аз Вахшиграии одамон истиқбол кард. Акнун ҷанг хотима ёфта буд, вай ба сарҳад мерафт ва дар ин ҷо бори аввал олмонихоро медид, ҳарчанд ки дар замони мухосира вазифаи худро шарофатмандона анҷом дода, борҳо дар шабҳои сард дар истеҳком хидмати посбониро ичро карда буд.

Вай бо тарсу харос ва хашму газаб аз ин одамони

ришдори мусаллаҳ, ки дар сарзамини Фаронса чун дар хонаи худ ҷо гирифта буданд, менигарист ва дар дилаш, дар баробари ангезаи нави муқтадири эҳтиёкорӣ, ки имрӯз дар қалби фаронсавиҳо маъво дошт, гарду ғубори заъифи ватанпарастӣ низ боло мегирифт.

Дар купеи ӯ ду тан инглиси сайёҳ ба атроф нигоҳи кунҷковонаю ором меандохтанд. Ҳардуи онҳо фарбеҳ буданд, байни худ ба забони модариашон сӯҳбат мекарданд, гоҳ-гоҳе китобчаи раҳнаморо варақгардон кардаю онро бо садои баланд қироъат менамуданд, то яке ҳам аз ҷоҳои диданиро сарфи назар накунанд.

Баногоҳ дар истгоҳи шаҳраке як афсари олмонӣ шамшерашро шақар-шақар карда, вориди вагон шуд. Ӯ ҷавони баландқомат буд ва либоси низомӣ андомашро танг дар оғӯш фишурда. Ришаш аз зери чашмонаш ибтидо мегирифт ва оташгун буд, мӯйлабҳои дарози рангашон равшан чеҳраашро ду тақсим карда, дар ду тараф овезон буданд.

Инглисҳо бо таваҷҷуҳ чашм ба ӯ дӯхтанд, вале Дюбюи вонамуд кард, ки ғарқи мутолиаи рӯзнома аст. Вай дар кунҷи купе, айнан мисли дузд дар ҳузури жандарм, ҳама чизро фаромӯш карда буд.

Қатора ҳаракат кард. Инглисҳо сӯҳбаташонро идома додаю ба харобаҳои ҷанг назар меандохтанд. Инак, вақте яке аз онҳо бо даст деҳаеро нишон дод, афсари олмонӣ поҳои дарозашро каш додаю бо пушт ба деворачи диван такя зада, гуфт:

- Ман дар ин деҳа дувоздаҳ нафар фаронсавиро ба катл расонд, бештар аз сад танро асир гирифт.

Мардони инглисӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, шитобзада пурсиданд:

- О-о! Ин деҳа чӣ ном дорад?

- Фарсбур, - ҷавоб дод олмонӣ ва илова кард: - Ман ин фаронсавиҳои баттолро аз гиребонашон гирифт.

Ҳини баёни ин суханҳо вай мутакаббирона хандид, ба Дюбюи нигарист.

Ва қатора деҳоти ишғолшударо яке паси дигаре ба ақиб гузошта, ба пеш метохту метохт. Сарбозони олмонӣ дар канори роҳҳо, миёни саҳроҳо, назди тирҳои роҳбанд, пушти мизҳои қаҳвахона ба чашм мехӯрданд. Онҳо мисли малахи мисрӣ заминро пур карда буданд.

Афсар даст дароз карду гуфт:

- Агар ман фармондеҳ буд, Парижро тасарруф мекард, ҳамаро месӯхт, ҳамаро мекушт. Фаронсаро бало зад!

Мардони инглисӣ аз рӯи назокат мегуфтанд:

- О-о!

Афсари олмониро лаб аз сухан баста намешуд:

- Баъд аз бист сол саросари Урупо, оре, саросараш аз они мо шавад. Олмон аз ҳама зӯр.

Мардони инглисӣ хушёр шуданду дигар ба ҳарфҳояш посӯх надоданд. Чеҳраҳояшон айнан мисли никобҳои мумӣ хушк шуданд. Аммо афсари олмонӣ қаҳқаҳа зад. Ӯ болои диван такя зада, заҳрханда мезад. Ӯ ба Фаронсаи шикастхӯрда, ба душмани торуморшуда, ба Автрияи қаблан мағлубшуда, ба муқовимати бебоконаю бесамари департаментҳо, ба лашкари ихтиёрӣ ва тӯпхонаҳои фалачшуда ришханд мезад. Вай иттилоъ дод, ки Бисмарк мақсад дорад аз тӯпҳои ғасбкардааш шаҳри оҳанин эҳдос кунад. Ва дар охир саҳл монда буд, ки мӯзаҳояшро ба паҳлуи Дюбюи такя диҳад; Дюбюи лоласон сурх шуда буд ва ба атроф менигарист.

Ба назар меомад, ки мардони инглисӣ нисбати ҳама чизи атроф тавачҷуҳашонро аз даст доданд, гӯё ногаҳон дар ҳазираи худ аз гирудори дунявӣ дур шуда буданд.

Афсар чубӯқашро берун оварду чашм ба фаронсавӣ дӯхта, пурсид:

- Шумо тамоку доред?

- Не, ҷаноб, - ҷавоб дод Дюбюи.

- Ман аз шумо хоҳиш мекунам, вақте қатора истад, раваду ба ман тамоку харад, - думболаи суханашро гирифт олмонӣ ва боз қаҳқаҳа заду илова кард: - Он гоҳ ман ба шумо чойпулӣ диҳад.

Паровоз аз суръаташ коста, ҳуштак кашид.

Биноҳои нимсӯхтаи истгоҳ намоён шуданд, қатора истод.

Олмонӣ дарро боз карду аз остини Дюбюи кашид:

- Раваду дастури манро иҷро кунад, зуд, зуд!

Истгоҳро дастаи олмониҳо ишғол карда буданд. Сарбозони дигари олмонӣ дар пушти деворае чӯбӣ гирди ҳам омада, бо даҳонҳои воз ба қатора нигоҳ мекарданд. Паровоз омодаи ҳаракат шуда, хуштак кашид. Дар ин лаҳза Дюбюи ғайри мунтазира ба перрон париду бидуни таваҷҷуҳ ба имою ишораи эътирозомези раиси истгоҳ ба тарафи шӯъбаи муҷовир тохт. Ӯ тани танҳо буд! Дукмаҳои камзӯлчаашро боз кард. Дилаш сахт метапид, ҷабинашро поку нафасашро бо заҳмат тоза кард.

Қатора боз дар истгоҳе истод. Ногаҳон афсар аз дар ба дарун нигариста вориди купе шуд, базудӣ аз паси ӯ ҳарду марди инглисӣ, ки кунҷковӣ таҳрикашон карда буд, дохил шуданд. Олмонӣ дар рӯ ба рӯи фаронсавӣ нишаст ва ришханда зада, гуфт:

- Шумо нахост дастури ман иҷро кунад?

- Бале, ҷаноб, - ҷавоб дод Дюбюи.

Қатора дар ин лаҳза ҳаракат кард.

- Ман мӯйлабҳои шумо тарошад, то чубӯқамро пур кунад, - изҳор намуд афсар ва ба рӯи Дюбюи наздик шуд.

Мардони инглисӣ мисли собиқ бо ромии комил ба ин саҳна бодиққат менигаристанд.

Олмонӣ фурсат ёфт, чанд тора мӯи фаронсавиро миёни ангуштонаш фишурд, вале дар ин лаҳза Дюбюи бо мушт ба дасти ӯ зарба зад ва аз гиребонаш қапиду ба болои

нимкат партобаш кард. Вай аз фарти хашму ғазаб худро гум карда буд, рагҳои шақиқаҳояш варамида, чашмонашро хун гирифта буд. Ва бо як дасташ афсарро хафа карда, бо мушти дасти дигараш ба сару рӯи вай девонавор куфтан гирифт. Олмонӣ аз худ дифоъ мекард, саъй менамуд, ки шамшерашро аз ғилоф берун кашаду душманро дудастӣ асир гирад. Вале Дюбюи бо тамоми сангинии шикамаш ӯро зери фишор гирифта буд ва бидуни хастагӣ, бидуни таваққуф, бидуни дидани он ки ба кучоҳо зарба мезанад, рақибашро муштборон мекард. Аз рӯи олмонӣ хун чорӣ шуд, ӯро нафасаш ба танг омада буд, хир-хир мекард, хуни дандонҳояшро ба замин меандохт, кӯшишу талоши фавқулъода ба харҷ медод, ки шикамкалони чун бабри захмии бахашмомадаро ба як гӯша партоб бикунад ва чонашро начот бидиҳад.

Мардони инглисӣ бархостанду наздиктар омаданд, то чизе аз назарашон дур намонад. Онҳо хушхолу кунчковона ба саҳнаи набард менигаристанд; баъд аз як дақиқа голиб муайян мешуд.

Вале Дюбюи аз чунин хашму ғазаб якбора бехол шуду душманашро раҳо карда, аз чо бархост, харфе ба забон наоварда, дубора сари чояш нишаст.

Олмонӣ аз нобаҳангом рӯй додани ин ҳодиса ва ҳамчунин аз шиддати дард чунон гич шудаю тарсида буд, ки ҳатто ба фаронсавӣ хамла накард. Вай нафас тоза карду гуфт:

- Агар шумо нахоҳад бо тапонча манро қонеъ гардонад, шуморо ба қатл расонам.

- Ман мувофикам, ҳар вакт бихохед, ман омодаам, - чавоб дод Дюбюи.

- Ин шаҳри Страсбург аст, - думболаи суханашро таъқиб кард олмонӣ, - ман ду афсарро ба ҳайси шоҳид хамроҳ мегирад, ҳанӯз, ки катора ҳаракат накардааст, ман вакт дорад.

Дюбюи чун паровоз фиш-фиш мекард.

- Мехоҳед ҳакамҳои ман бошед? – пурсид ӯ мардони инглисиро.

Ҳарду якбора ҷавоб доданд:

- О-о!

Қатора истод.

Дар як мижа ба ҳам задан олмонӣ ду нафар рафиқашро пайдо кард, онҳо тапонча овардand ва ҳама ба ҷониби садди калъа рафтанд.

Инглисҳо аз тарси он ки то вақти ҳаракати катора дер накунанд, лаҳза ба лаҳза ба соъаташон менигаристанд, ба суръати қадамҳояшон меафзуданд, барои омода шудан ба набард тарафҳоро шитоб медоданд.

Дюбюи харгиз тапончаро дар даст надошта буд. Ӯро дар фосилаи бист қадам аз душман карор доданд. Аз ӯ пурсиданд:

- шумо омдаед?

Вай дар посух гуфт:

- бале, - ва дар ин лаҳза мутаваҷҷеҳ шуд, ки яке аз инглисиҳо чатрашро боз кард, то аз офтоб паноҳ ёбад.

Садои фармон танин андохт:

- Оташ!

Дюбюи интизор нашуда, аз рӯи тахмин тир андохт; вай бо ҳайратзадагӣ дид, ки олмонӣ, ки дар мукобилаш истода буд, калавиду дастонашро такон дода, чун дарахти решаканшуда, ба рӯ афтод.

- О-о! – аз фарти вачду шаъаф, ризояту хушҳолии ғайри қобили таҳаммул бо тамоми вучудаш ларзида, фарёд кашид яке аз инглисиҳо. Дуввумӣ, оне, ки соъатро аз дасташ дур намекард, аз остини Дюбюи дошту ба тарзи низомӣ қадам зада, ҳамрохи ӯ ба тарафи истгоҳи роҳи оҳан шитофт.

Инглиси аввалӣ муштҳояшро гирех карда,

оринчҳояшро ба паҳлӯҳояш фишурда, ба суръати қадамҳояш афзуд.

Як-ду, як-ду!

Се тан шикамкалон, чун се карикатураи мачаллаи ҳачвӣ, дар як саф медавиданд.

Қатора ҳаракат кард. Онҳо парида вориди вагонашон шуданд. Танҳо дар ҳамин лаҳза инглисиҳо кулоҳҳои сафарии худро аз сар гирифтанду онҳоро такон доданду се дафъа фарёд кашиданд:

- Ҳип, ҳип, ҳип, ура!

Сипас ҳар яке аз инглисиҳо дасти Дюбюиро бо тантана фишурд, баъд харду рӯи нимкат дар паҳлӯи ҳам нишастанд.

АМАКИ БЕЛОМ

Фойтуни Гавр аз Крикто равона мешуд, аз ин хотир мусофироне, ки дар ҳавлии «Меҳмонсаройи тиҷоратӣ»-и писари Маланден гирди ҳам омада буданд, ҳозиргойибро интизорӣ мекашиданд.

Ранги фойтун ва ҳатто чарххояш ҳам зард буд, вале ҳоло дар асари гилу лой ранги хокистарӣ ба худ гирифта буд. Чарххои пешаш тамоман паст буданд, рӯи чарххои баланду хеле борики он угоқаки бешакле чун шиками ҳайвон, насб шуда буд. Ба ин фойтуни ғайри оддӣ сего аспи сафеди лоғари каллакалону зонӯвонашон ғафсу пургирех ва качу килеб ба василаи сегӯшае кӯш шуда буданд. Онҳо дар чилави фойтун қарор гирифта буданд ва гӯё пинак мерафтанд.

Сезэр Орлавили фойтунчӣ, марди кӯтоҳқаду шикамкалон, вале чолоку пурҳаракат, ки дар асари боду тундбод, барфу борон ва ҳамчунин истеъмоли май гунаҳояш гулгун шуда буданд, лабонашро бо кафи дастонаш поккунон дами дари меҳмонсарой пайдо шуд. Ӯро занони деҳотӣ, ки дар назди сабадҳои калони мудаввар нишаста буданд, интизорӣ мекашиданд. Сезэр Орлавил сабадҳоро яке паси дигаре бардошту рӯи боми фойтун гузошт, сипас сабадҳои пур аз тухми мурғро эҳтиётқорона ҷо ба ҷо кард ва баъд халтаҳои ғалладона, бастаҳои коғазу бурғуҳоро аз пойин ба боло партоб карду пасон дари акибро боз намуда, аз чайбаш рӯйхатро берун оварду садо зад.

- Ҷаноби кашиш аз Горжевил!

Кашиш, ки марди пахлавончусса, фарбеҳ, шонапаҳн ва чеҳрааш ҳалиму лолагун буд, наздик шуд. Вай пояшро рӯи зина гузошту мисли занҳое, ки домани

пироҳанашонро боло мебардоранд, домани ҷоматаш дарозашро боло бардошту дохили фойтун шуд.

- Омӯзгор аз Ролбоск-ле-Грин!

Омӯзгори баландболою лаванд ҳам, ки камзӯлаш то ба зонӯвонаш мерасид, шитобзада аз дари бози фойтун ворид шуду аз назарҳо гайб зад.

- Амаки Пуаре, ду чо!

Пуареи қаддарозу пуштқач ва аз заҳмати шудгоркунии заминҳо қоматаш хамзада, аз гуруснагӣ лоғару заъифшуда бо чеҳраи пурожанги ношуста ба ҷилав ҳамла бурд. Ҳамсари хурдҷуссаи лоғарандомаш, ки ба бузи беҳолшудае шабоҳат дошт, чатри калони сабзрангашро бо ду даст қапида, думболаи ӯро гирифт.

- Амаки Рабо, ду чо!

- Рабо, ки табиъатан одами дудил буд, дудил шуд. Вай пурсид:

- Ту манро даъват кардӣ?

Фойтунчӣ, ки «масхарабоз»-аш мехонданд, хост, ки ба шӯхӣ посух диад, вале дар ин лаҳза Рабо заргӯшро аз дасти хамсари баландқоматту чаҳоршона ва барчасташикамаш гирифту баякборагӣ худро ба тарафи фойтун зад.

Ва Рабо мисли мӯше, ки даруни лонааш махфӣ мешавад, бозудӣ андаруни фойтун пинҳон шуд.

- Амаки Каниво!

Деҳқони тануманду сангинвазне, чун барзагов, рессорахоро сахт хам карда, худро даруни фойтун андохт.

- Амаки Белом!

Беломи логарандому болобаланд бо чеҳраи рикқатовар гарданашро ба як тараф кач карду мисли ин ки дандонаш дард карда бошад, дастрӯмолашро ба гӯшаш фишор дода, наздик омад.

Хамаи сарнишинони фойтун бар рӯи нимтанахои

моҳутии аз муд афтодаю дӯхташ ачибу ғариб, либоси расмии сиёҳ ё сабзфом, ки танҳо дар кӯчаҳои Гавр ба онҳо дучор омадан мумкин аст, булуз пӯшида буданд: дар сари ҳар яке кулоҳи абрешимӣ буд, ки авчи зарофати дехоти Нормандия маҳсуб мешуд. Сезэр Орлавил дари фойтунро басту рӯи нишемангоҳаш баромада, тозиёнаро ба садо дароварда.

Се аспи лоғар, мисли ин ки аз хоб бедор шуда бошанд, ёлҳояшонро такон доданд; садои номавзуни зангӯлаҳо ба гӯш расид.

Фойтунчӣ бо тамоми нерӯ бонг зад: «Чу!» ва чанд тозиёнаи сахт ба тани аспҳо навохт. Ҳайвонҳои безабон таконе хӯрданду резачаҳорпо ба пеш тохтанд. Ва аз паси фоутн ба таври гичкунанда такар-тукур карда, панчараҳою рессораҳои фарсудашудаашро ба чаранг-чаранг дароварда ва ду радиф сарнишинон, чун дар рӯи амвоч, ба чунбишу бо барҳӯрдани чарҳҳо ба чукуриҳо ба бардорузан даромаданд.

Ибтидо аз рӯи эҳтиром ба кашиш ва аз сӯҳбат кардан дар хузури ӯ хичолат кашида, ҳама лаб фурӯ бастанд. Ва чун кашиш инсони пурҳарфу хушмашраб буд, худ оғози сухан кард:

- Хуб, амаки Каниво, - гуфт ӯ, - чӣ ҳол доред?

Деҳқони говзӯр ба кашиш, ки ҳамқаду ҳамчусса ва бузургии шикамашон низ ба шиками ӯ баробар буд, эҳсоси алоқа карда, бо лабони пуртабассум гуфт:

- Аз хок берун, чаноби кашиш, аз хок берун. Шумо чӣ ҳол доред?

- О, манро ҳама чизам ҳамеша хуб аст. Амаки Пуаре, шумо чӣ чӯред? – пурсид пири дайр.

- Ҳама чиз хуб мебуд, аммо имсол вазирак бакуллӣ ҳосил надод; ҳамаи умедамон имрӯз ба он буд.

- Чи чора, зиндагӣ сахт аст.

- бале, бале, аз ин сахттар намешавад, - тасдиқ кард

бо садои накара ҳамсари Рабо.

Вай аҳли деҳи хамсоя буд, бино бар ин кашиш ӯро танҳо аз номаш мешинохт.

- Ба назарам шумо духтари Блондел мешавед? – пурсид ӯ.

- Оре, ман ба Рабо ба шавҳар баромадам.

Рабои заъифу шармгин ва хушхол лабхандзанон таъзим намуду ба пеш хам шуд ва гӯё мегуфт: «Ҳамон Рабое, ки духтари Блондел ба вай ба шавҳар баромадааст, худи ман ҳастам».

Баногох амаки Белом, ки ҳанӯз ҳам дастрӯмолашро аз гӯшаш набардошта буд, ба нолидан шурӯъ кард: «Вой... вой... вой...» ва аз дарди ҷонгудоз похояшро ба замин кӯбид.

- Дандонатон дард мекунад? – пурсид кашиш.

Дехқон лаҳзае нолиданашро қатъ карду гуфт:

- Не, ҷаноби кашиш... дандонам дард намекунад... гӯшам дард мекунад, васати гӯшам дард мекунад...

- Ба гӯшатон чӣ шудааст? Чирк гирифтааст?

- Намедонам, ки чирк гирифтааст ё не, фақат медонам, ки андаруни он хайвони ваҳшӣ, дараидан калон аст, вақте ки дар кохдон хобида будам, вай ба гушам даромадааст.

- Ҳайвони ваҳшӣ? Рост мегӯйӣ?

- Оре, рост мегӯям. Рости рост аст, ҷаноби кашиш, охир вай гӯшамро мехароиад, сарамро мехояд, ба шумо мегӯям, мехояд. Ой, вой... вой... вой... – Ва Белом боз похояшро ба замин кӯфтан гирифт.

Хама таваччӯхи зиёд зохир намуданд. Ҳар яке назари худро иброз дошт. Пуаре хадс зад, ки вай торганак асту омӯзгор гуфт, ки кирмак. Вай дар Кампмюре, дар департаменти Ори, ки шаш сол умр ба сар бурда буд, чунин ходисаро мушохида намуда буд: кирмаке даруни гӯш хазида ва аз тарики бинӣ хорич шуда буд. Аз ин рӯ

пардаи гӯши он шахс сӯрох ва гӯшаш кар шуда буд.

- Ба эҳтимоли куллӣ кирм аст, - изҳор дошт кашиш.

Амаки Белом сарашро ба як тараф хам карду нолид ва ба дари фойтун такя зада, баъд аз ҳама нишаст.

- Оҳ! Вой... вой... вой... Вай мӯрча аст, мӯрчаи хеле калон аст, сахт мегазад... Ана, ана, ана, ҷаноби кашиш... медавада... медавад... Оҳ! Вой... вой... вой...чи қадар дардовар аст!..

- Ба пизишк мурочиъат кардӣ? – пурсид Каниво.

- Не!

- Чаро?

Тарси ба пизишк рӯ ба рӯ шудан гӯё Беломро муъолиҷа мекард. Вай коматашро рост кард, аммо дасташро аз рӯи гӯшаш набардошт.

- Чӣ тавр «чаро». Пас маълум мешавад, ки ту барои ин танбалҳо пул дорӣ? Вай як бор, ду бор, се бор, чаҳор бор, панҷ бор ва ҳар дафъа меояду такозои пул мекунад. Ин бо ду экю тамом мешавад, ду экю! Охир аз ӯ, аз он танбал, чи фойида аст? Хуб, агар медонӣ, бигӯ, чӣ фойида?

Каниво хандаро сар дод.

- Ман аз кучо донам! Дар ҳар сурат ту ба кучо меравӣ?

- Ба Гавр ба ҳузури Шамбрелан меравам.

- Кадом Шамбрелан?

- Шамбрелани табиб.

- Кадом табиб?

- Табибе, ки падарамро муъолиҷа кЪарда буд.

- Падари туро?

- Бале, падари манро, ҳанӯз муддатҳо пеш.

- Ба падарат чӣ шуда буд?

- Камардард шуда буд, дасту пояшро такон дода наметавонист.

- Пас Шамбрелан бо ӯ чӣ кард?

- Вай пушти ӯро бо харду дасташ молид! Ва баъд аз

ду соъат камардардаш аз миён рафт!

Белом бовар дошт, ки Шамбрелан, ба ҷуз ин, бемориро афсун карда буд, вале дар ҳузури кашиш ҳичолат кашида, дар ин бора харфе назад.

Каниво хандакунон пурсид:

- Эҳтимол ба гӯшат харгӯш даромада бошад? Дуруст аст, сӯрохи гӯшатро лона пиндоштааст, дидааст, ки дар атрофаш хорхо рустаанд. Сабр бикун, ҳоло ман онро метарсонам.

Ва Каниво, дасташро ҷилави даҳонаш бурда, ба таклиди ав-ави сагҳои тозие, ки изеро думболагирӣ мекунанд, шурӯъ намуд. Вай ав-аву ак-ак кард, зӯща кашид, каҳкаҳа заданд. Вале азбаски Белом, эҳтимол, ранҷида буд, ки ӯро ба масхара мегиранд, кашиш мачрои сӯхбатро тағйир дода, ба зани Рабои говзӯр мурочиъат намуду гуфт:

- Мегӯянд, ки афроди хонаводаатон зиёданд, ин дуруст аст?

- Бале, ҷаноби кашиш... Бачаҳоро калон кардан осон нест!

Рабо сарашро такон доду гӯё бо ин амалаш гуфт: «Бале, бале, онхоро калон кардан осон нест!».

- Чандто бача доред?

Зан бо ифтихор, бо садои баланду эътимодбахш эълом дошт:

- Ҷаноби кашиш, шонздахто! Понздах нафарашон аз шавҳарам!

Рабо табассум карду боз ҳам сарашро бештар такон дод. Вай, Рабо, тани танхо сабаби ба дунё омадани понздахто бача шуда буд! Худи занаш инро эҳтироф намуд. Бино бар ин шакку тардиде дар миён нест. Бало занак, месалаз ифтихор бикунад!

Вале шонздахуман аз пушти камари кӣ бошад? Зан инро нагуфт. Мусалламан шонздахумаш фарзанди

нахустин будагист. Эҳтиомл ҳама мутаваҷҷеҳ шуда бошанд, зеро касе дар ҳайрат наафтод. Ҳатто худи Каниво ҳам дар ҳайрат намонд. Белом боз нолид:

- Оҳ! В-вой... в-вой... в-вой... оҳ, дохили гӯшамро парма мекунанд... Оҳ, дард мекунад!..

Фойтун дар назди қаҳвахонаи Полита таваққуф намуд. Кашиш гуфт:

- Ичоза медиҳед ба гӯшатон каме об резам? Эҳтимол ва берун барояд. Мехоҳед имтиҳон бикунем?

- Албатта! Мехоҳам.

Ва ҳама аз фойтун пиёда шуданд, то ҳангоми ҷарроҳӣ ҳузур дошта бошанд.

Кашиш коса, сачоқ ва як истакон об хост, ба омӯзгор дастур дод, ки сари беморро хам намуда, ба паҳлӯ нигоҳ дорад ва ба маҳзи ин ки об ба гӯшаш нуфуз кард, фавран онро ба паҳлӯи дигар баргардонад.

Вале Каниво, ки ба умеди дидани ҳайвоне ба даруни гӯши Белом нигоҳ карда буд, бонг зад:

- Бало занад туро, ана чирку мана чирк! Пирамард, аввал боят гӯшатро тамиз бикунем. Харгӯшат аз ин ботлоқ берун омада наметавонад. Бо чаҳор пояш фурӯ меравад.

Кашиш ҳам гузаргоҳро таҳқиқ карду онро барои рондани ҳайвон фавқулъода борику касиф дарёфт. Он гоҳ омӯзгор гӯшро бо латтапорае, ки дар нӯки донаи гугирд печида буд, тамиз кард. Дар миёни изтиробзадагии ҳамагонӣ кашиш ба даруни кӯш ним истакон об рехт ва об аз рӯю мӯ ва гардани Белом ҷорӣ шуд. Сипас омӯзгор чунон бо суръати сареъ сари Беломро ба паҳлӯи дигар баргардонд, ки гӯё мехост онро аз танаш ҷудо бикунад. Чанд қатра об ба даруни косаи сафед рехт. Ҳама баякборагӣ нигоҳ карданд. Ягон ҳайвоне ба чашм намехӯрд. Аммо Белом эълом дошт:

- Дигар чизеро эҳсос намекунам.

Ва кашиш бо шодмонӣ хитоб кард:

- Бешубҳа ҳайвон ғарқ шуд!..

Ҳама хушҳолу хандон савори фойтун шуданд. Аммо ба маҳзи ин ки фойтун аз ҷояш ҳаракат кард, Белом ҳам ваҳшиёна фарёд кашид. Ҳайвон бедору сахт хашмгин шуд. Белом ҳатто изҳор намуд, ки ҳайвон акнун ба даруни сараш даромадааст ва мағзашро дорад мехояд. Вай чунон наъра кашидаю сарпо меларзид, ки зани Пуаре ӯро ҷинзада пиндошта, бо чашмони пурашк ба салиб кашидан пардохт. Сипас дард андаке ором гирифт ва ҷафодида хабар дод, ки ҳайвон давродаври гӯшаш мехазад... Белом бо ангуштонаш ҳаракати ҳайвонро тасвир намуд ва гӯё вайро медид, бо нигоҳаш мурокибат мекард.

- Ана, вай боз ба боло мехазад... вой... вой... вой... ой, дард мекунад!

Каниво таҳаммул карда натавонист:

- Вай, ҳайвони ту, аз об ба ғазаб омадааст. Шояд вай бештар ба шароб одат карда бошад.

Ҳама хандиданд. Каниво идома дод:

- Ба қаҳвахонаи Бурбе расидан замон, ту барояш арақ биёр, вай ҳатто такон нахоҳад хӯрд, қавл медиҳам.

Аммо Белом аз шиддати дард ҷонаш ба лаб омада буд. Чунон фарёд мекашид, ки гӯё ҷонаш танашро тарк мекард. Кашиш мачбур шуд сари ӯро нигоҳ дорад. Сезэрро илтимос карданд, ки дар назди аввалин хонае, ки дучорашон меомад, фойтунро мутаваққиф созад.

Фермер дар канори чода дучорашон омад. Беломро рӯи даст бардошта, ба хона ҳамл доданду болои мизи ошхона хобониданд, то бори дигар ба ҷаррохӣ шурӯъ кунанд. Каниво дар ҳар сурат маслиҳат дод, ки обро бо арақ махлут бикунанд, то ҳайвонро бехуш кунанд ва ё тамоман аз байн бибаранд. Аммо кашиш сиркаро бартар шумурд.

Ин дафъа махлутро қатра-қатра чаконданд, то ба қаър нуфуз бикунад, аз ин хотир онро чанд дақика дар гӯш гузоштанд.

Боз тос оварданд ва ду шаҳси қавиҳайкал, кашиш ва Каниво, Беломро воруна карданд ва омӯзгор бо ангуштонаш ба гӯши солими ӯ оҳиста кӯфтан гирифт, то об базудӣ резад.

Ҳатто худи Сезэр Орлавил ҳам, дар даст қамчӣ, барои тамошо кардан вориди ошхона шуд.

Ва баногоҳ ҳама дар таҳи тос нуқтаи сиёҳи кӯчакеро диданд, ки андаке бузургтар аз донаи хашхош буд. Лекин мечунбид он. Кайк буд вай! Доду фарёд баланд шуд, сипас қаҳқаҳаи гичқунанда. Кайк! Ана, халос! Каниво ба ронаш зад, Сезэр Орлавил қамчиашро ба садо даровард. Кашиш қаҳқаҳа заду мисли хар ар-ар кард, омӯзгор, гӯё ки атса зада бошад, хандаро сар дод. Ҳарду зан хушҳолона куд-куд карданд.

Белом рӯи миз нишасту косуро болои зонӯвонаш нигоҳ дошта, ба кайки мағлубшуда, ки андаруни об даступо мезад, дақику киначӯёна нигарист. Вай ғурунгос зад:

- Палид, ба дом афтодӣ! – ва ба рӯи вай туф андохт.

Фойтунчӣ, ки аз ханда рудабур шуда буд, зери лаб гуфт:

- Кайк, кайк, оҳ, чин занад туро! Ба дом афтодӣ лаънатӣ, ба дом афтодӣ, ба дом афтодӣ!

Сипас, каме ором шуда, хитоб кард:

- Хуб, савор шавед! Вақти зиёдро аз даст додем.

Ва мусофирон, ҳанӯз ҳам хандида, ба тарафи фойтун рафтанд.

Ногаҳон Белом, ки аз думболи ҳама мерафт, изҳор кард:

- Ман баргашта ба Крикто меравам. Акнун дар Гавр коре надорам.

Фойтунчӣ дар чавоб гуфт:

- Дар ҳар сурат пули роҳро бипардозед!

- Мепардозам, лекин нисфашро, охир ҳанӯз нисфи роҳро тай накардаам.

- Не, пули тамоми роҳро бипардоз, дар ҳар ҳол ҷои ту холӣ мемонад.

Ва баҳс шурӯъ шуду базудӣ ба мунокишаю ҷанҷоли шадид табдил ёфт. Белом савганд мехӯрд, ки бештар аз бист су намепардозад, вале Орлавил такроран мегуфт, ки камтар аз чихил су нахохад гирифт.

Онҳо дар мукобили хам, бинӣ ба бинӣ истода, дод мезаданд.

Каниво аз фойтун пиёда шуд.

- Аввалин, ту чиҳил су ба ҷаноби кашиш медиҳӣ. Фахмидӣ? Сипас ба хама яккадаҳӣ, ин панҷоҳу панҷ су мешавад, ба Сезэр бист су мепардозӣ. Хуб, масхарабоз, дуруст аст?

Фойтунчӣ, аз он ки аз ҷайби Белом такрибан чахор франк бар бод мерафт, хушхол шуда, гуфт:

- Хуб аст!

- Пулро бипардоз!

- Намепардозам! Аввалин, кашиш пизишк нест.

- Агар пулро напардозӣ, туро ба фойти шинонида ба Гавр мебарам.

Ва марди кавихайкал Беломро бағал гирифту чун кӯдак ба хаво бардошташ.

Белом фахмид, ки боят таслим бишавад. Вай хамёнашро аз чайб берун оварду пулро пардохт.

Фойтун ба тарафи Гавр равона шуду Белом баршашта, ба ҷониби Крикто харакат кард ва мусофирони сукуткарда муддати мадиде мушохида карданд, ки дар ҷодаи равшан булузи дехконии Белом чи тавр бар фарози похои дарозаш алвонҷ мехӯрад.

ПИРАЗАН СОВАЖ

Барои Жорж Пуше

Понздаҳ соли тамом мешуд, ки дар Вирелонӣ набудам. Тирамоҳ ба мулки дӯстам Сервал, ки саранҷом барои тачдиди сохтмони хонае, ки пруссакҳо харобаш карда буданд, тасмим гирифта буд, ба шикор рафтам.

Ин ҷоҳо бароям фавқулъода маъқул буданд. Дар дунё гӯшаҳои хилвате ҳастанд, ки воқеъан ҳам барои дилу дида гувороянд. Онҳоро одам тақрибан мисли маҳбубааш мепарастад. Дар мо, дар одамоне, ки ба замин алоқаманд, ҷӯйбору ҷангалот, толобу теппаҳои шиносе мавҷуданд, ки мисли ҳодисоти фараҳбахш бо меҳрибонию рикқат ба ёд меоварӣ. Ҳатто лаҳзаҳое мешаванд, ки дар рӯзи хушҳавое фақат як бор ҷангалаке ё вартае ё боғи меваеро, ки саросар шукуфтааст, мебинию баъдан ба ёдашон меафтӣ ва онҳоро чун симои занҳои хушлибос, ки субҳи баҳорон дар кӯча диданашон насибат гашта буду пасон бо тамоми дилу ҷон пайваста бори дигар бо эшон дучор омаданро орзу мекунӣ, дар сина маҳфуз хоҳӣ дошт.

Дар Вирелони ҳамаи гӯшаю канораш, ки бо чакалакзорҳо пӯшидаю нахрчаҳояш чун рагҳои хунгузар дар рӯи замин ҷорӣ мешуданд, барояш азиз буданд. Дар он нахрчаҳо харчангу гулмоҳӣ ва мормоҳӣ шикор мекарданд. Боғи фирдавс буд он ҷо! Дар ҷо-ҷои он кас метавонист шиноварӣ бикунад, дар байни алафҳои баланд, ки дар ҳошияи ин нахрчаҳо қад кашида буданд, бисёр вақт ба лойхӯракҳо низ дучор омадан мумкин буд.

Ман ду саги шикориамро, ки дар пешопешам такудав мекарданд, таҳти мурокибат гирифта, мисли бузи кӯҳӣ

рох мепаймудам. Сервал аз тарафи рост, сад метр дуртар аз ман, юнучқазорро баррасӣ мекард. Ман буттаеро, ки марзи чангали Содрей башумор меравад, хам намудаму чашмам ба кулбаи вайронае афтод.

Ногахон ба ёди он кулба, кулбаи покизаю бо нардахои ангур печидашуда ва айвонаш пур аз мург афтодам, ки онро бори охирин соли 1869 дида будам.

Чӣ чизеро сурог доред, ки хузнангезтар аз деворхои хонаи харобшудаю чӯбхояш пӯсида, хонаи ҳавлангез бошад?

Ҳамчунин ба ёдам омад, ки дар яке аз рӯзхои бисёр пурмашаққат пиразани соҳибхона манро дар ин кулба бо як қадаҳ шароб зиёфат кардаю дар зимн Сервал низ саргузашти сокинони онро раҳравон бароям ҳикоят карда буд.

Падари хонадон, курӯкшикани кӯҳансолро жандармҳо ба қатл расонида буданд. Писарро, ки чавоне болобаланду логарандом буд, боре дида будам. Вай ҳам қотили берахми чонварон буд. Ононро Соваж меномиданд.

Намедонам, ки ин фамилияашон буд ё лақабашон.

Ман Сервалро садо задам. Вай бо қадамхои кулангвор ба сӯям шитофт.

- Ба сохибони кулба чӣ шуд? – пурсидам аз ӯ.

Инак, достони зерро ба ман хикоят кард ӯ.

II

Вакте ки эълони чанг мекунанд, Соважи хурдӣ, ки он вакт сию се сол дошт, модарашро дар хона тани танҳо гузошта, сарбози довталаб мешавад. Касеро дил ба пиразан намесӯхт, зеро маълум буд, ки вай пулдор аст. Инак, вай дар ин токакулба, кулбаи андаке дур аз деха, кулбаи канори чангал, тамоман танҳо мемонад.

Аммо ӯ наметарсид, чунки нерӯманд, коматбаланд, лоғарандом ва бо шавҳару писараш аз як зот буд; бисёр кам механдид, ба ҳазлу шӯхӣ иҷоза намедод. Умуман деҳқонзанон кам механданд. Ин кори мардон аст, охир. Қалби онҳо дар зери фишори зиндагӣ хузнангезу хилватгузин, тираю тор ва андӯҳбор аст. Мард баъзан ба айшу нӯши майкада панох мебарад, вале зан ҳамеша маъюсу киёфааш чиддист...

Пиразан Соваж дар кулбаи худ, ки базудӣ барф онро зер гирифта буд, зиндагии маъмулиашро идома медод. Вай ҳафтае як бор барои хариди гӯшту нон дар деҳа пацдо мешуду сипас ба хонааш бармегашт. Азбаски дар бораи гургҳо сӯҳбат менамуданд, вай туфанги зангзадаи писарашро, ки қундоқаш сойида шуда буд, дар китф овезон карда, аз хона хорич мешуд: ин пиразани болобаланду каме қоматхамида, вақте бо қадамҳои васеъ бидуни ачала аз болои барф пеш мерафту қундоқи аслиҳааш аз пушти кулоҳи гӯшакдори сиёҳаш, ки сарашро пӯшонидаю мӯҳои сафедашро аз чашми агёр пинҳон медошт, ба чашм мехӯрд, манзараи ачиберо ба маърази тамошо мегузошт.

Аммо инак, рӯзе ҳам фаро расид, ки пруссакҳо омаданд. Онҳо тибқи даромаду дорийии сохибхонаҳо дар деҳа чо ба чо шуданд. Пиразан аз чумлаи дороён башумор мерафт, бино бар ин чаҳор тан сарбози олмониро дар хонааш чо доданд.

Онҳо чаҳор чавонписари хушандом, симинтан бо ришҳои маллаю чашмони кабуд ва сарфи назар аз душвориҳои чанг фарбеҳу комилан ором буданд. Эшон худро дар манзили пиразан дида, ҳамачониба мекӯшиданд ба ӯ мадад расонанд, то ҳадди имкон аз харчу ташвиши рӯзгор озодаш бикунанд. Субҳгоҳон, хангоме ки пиразан Соваж саргарми пухтани дами гарме мешуд, эшон бидуни мундир, андоми сафедашонро дар

зери нури офтоб рӯзи зимистон барахна намуда, дами чоҳ сару танашонро мешустанд. Баъд ошхонаро рӯбучин мекарданд, ба тартиб меоварданд, ҳезум пора менамуданд, картошка пӯст меканданд, либос мешустанд, хулоса, мисли чаҳор писар дар атрофи модар, аз пушти кори рӯзгор мешуданд. Вале пиразан ҳамвора дар бораи писараш, писари лоғарандоми чашмсиёҳаш, писари дорои бинии чангакмонанду мӯйлабҳои ғӯлиаш меандешид. Вай ҳамарӯза аз сарбозони дар кулбааш маскангирифта мепурсид:

- Оё шумо медонед, ки полки бистусаввуми пиёданизоми фаронсавихо дар кучост? Писараки ман дар он чо хидмат мекунад.

- Намедонад, тамоман намедонад, - чавоб медоданд эшон. Ва гаму гусса, ташвишу изтироби ӯро дарк намуда, - охир модарони онҳо ҳам дар хонаҳояшон буданд – онҳо ҳамчониба ӯро парастории мекарданд. Зимнан, худи ӯ ҳам ба чаҳор душманаш илтифоташро дареғ намедошт, зеро кинаю адовати ватандӯстона танҳо хосси табақоти воломаком буда, ба дехқонон бегона аст. Махсусан ин барои фукаро ба қимати чон тамом мешавад, чунки онҳо бенаво хастанд ва ҳар як масрафи изофӣ барояшон бори токатфарсост, охир онҳо аз табақае хастанд, ки тӯда-тӯда ба қатлашон мерасонанд, аз табақае ҳастанд, ки гӯшти дами тӯпанд, зеро ки теъдодашон зиёд аст ва саранчом эшон аз табақае хастанд, ки бештар аз ҳама аз офоти бераҳми чанг зарар мебинанд, чунки заъифтар аз ҳамаанд, аз ин рӯ бурдбориашон ҳам камтар аст, барояшон бакуллӣ на шавқу ҳарорати чангчӯёна фаҳмо асту на мулоҳизаи махсус нисбати масойили ҳайсияту шарофат ва на, ба истилоҳ, найрангбозиҳои сиёсие, ки дар тӯли ним сол харду миллатро – ҳам голибу ҳам маглубро – то вартаи комилан аз байн бурдан мерасонад.

Дар мавриди олмонихои пиразан Соваж дар деха

маъмулан чунин мегуфтанд: «Бубинед толеъи кӣ баланд будааст!».

Аммо субҳгоҳе, вақте ки пиразан дар кулбааш тани танҳо буд, аз дур, дар дашт чашмаш ба шахсе афтод, ки ба тарафи ӯ меомад. Базудӣ ӯро шинохт – вай хаткашони деҳа буд. Ӯ ба пиразан номаеро супурд; Соваж аз ғилоф айнакашро, ки ҳангоми хайётӣ ба чашмаш мегузошт, берун оварду ба хондани нома шурӯъ кард:

«Бонуи Соваж, бад-ин васила хабари хушноварро ба иттилоъи шумо мерасонам. Писаратон Виктор дирӯз аз гулӯлаи тӯп, ки ӯро ду тақсим кард, ба шаҳодат расид. Ман дар наздикаш будам, зеро дар рота мо ҳамеша дар паҳлӯи якдигар меистодем ва ӯ бароям дар бораи шумо ҳикоят намуда, хоҳиш карда буд, ки дар сурати рӯй лодани бадбахтие фавран шуморо муталлеъ созам. Ман соъати ӯро аз чайбаш гирифтам, то баъд аз поёни чанг онро ба шумо супорам.

Бо салому дурудхои дӯстона Сезар Риве, сарбоз дарачаи дуввуми полки бистусеюми пиёданизом».

Нома се хафта пеш нишо шуда буд.

Вай гиря накард. Таконе нахӯрда нишаст, ба андозае моту мабҳут ва гичу гаранг шуд, ки хатто дарду аламеро эҳсос намекард. Ӯ андешид: «Ана, Викторро хам куштанд». Сипас кам-кам дар чашмонаш катраҳои ашк лангар андохтанд ва гаму андӯҳ ба қалбаш хучум овард. Афкори вахшатзадаю чонфарсо яке паси дигаре дар магзаш зухур намуданд. Дигар писарашро, писари шерамардашро намебӯсад ӯ. Жандармҳо падарро куштанду пруссакхо писарро. Писар аз гулӯла ду таксим шудааст. Ва дар пеши дидагонаш манзараи вахшатнок чилвагар мешавад: сар парвоз мекунаду чашмон боз ва мӯйлабашро, чун хамеша, вақте ки ба хашм меомад, газидааст. Танашро кучо бурда бошанд? Кош писарашро хам, мисли шавхараш, ки васати пешониаш тир чо

гирифта буд, ба ӯ медоданд.

Худи ҳамон лаҳза садоҳоро шунид ӯ. Соҳиби садоҳо пруссакҳо буданд, ки аз деҳа бармегаштанд. Пиразан шитобзада номаро дар ҷайбаш пинҳон намуду онҳоро оромона истиқбол кард ва қиёфааш ҳам чун ҳамеша буд, - ашки чашмонашро фурсат пайдо карда бодиққат пок карда буд. Олмонихо аз он ки бо худ харгӯши хонагии фарбеҳеро, харгӯшеро, ки бидуни шакку тардид дуздидаанд, оварда буданд, аз ваҷд хушҳолона механдиданд ва бо ишора ба пиразан нишон медоданд, ки акнун барояшон хӯрдани хӯроки болаззат муяссар хоҳад шуд.

Пиразан ҳамон лаҳза барои омода кардани ношито шурӯъ намуд, вале вақте масъалаи куштани харгӯш ба миён омад, ӯ ба ин кор ҷуръат накард. Яке аз сарбозон бо зарбаи мушт кори харгӯшро сохт.

Вақте ҳайвонак ҷон ба ҷондор таслим кард, пиразан пӯсти онро аз бадани хунинаш ҷудо намуд; аммо хуне, ки ба дасташ мечакид, хуни гарме, ки тадричан сарду лахта-лахта мешуд, пиразанро ба ларза андохт; пайваста дар пеши дидагонаш писараш, писари ба ду ним порашудааш ва мисли ин хайвонак хунҷораш зохир мегашт.

Вай ба иттифоқи пруссакҳояш пушти миз нишаст, аммо натавонист лукмае фурӯ бибарад. Онхо ба ӯ таваҷҷуҳе накарда, харгӯшро хӯрданд. Вай ба гӯшаи чашм хомӯшона нигаристу дар магзаш нақшае тарҳрезй шуд, вале чехрааш чунон комилан ором буд, ки сарбозони олмонй чизеро мултафит нашуданд.

Ногахон ӯ гуфт:

- Ман хатто номи шумоёнро намедонам, харчанд як мох мешавад, ки мо дар як кулба ба сар мебарем.

Эшон бидуни заҳмат фаҳмиданд, ки пиразан чи мехохад ва хар яке номи худро гуфт, аммо барои пиразан

ин ҳанӯз кофӣ набуд; вай онҳоро мачбур намуд, ки ҳамаи номҳоро бо нишонии хонаҳояшон дар коғаз нависанд ва боз айнакашро рӯи биниаш савор карду ба тарзи навишти ҳуруфи бегона чашм дӯхт; сипас коғазеро қат карду ба чайбаш, ки нома дар бораи марги писараш низ дар он чо мехобид, гузошт.

Вақте ношито тамом шуд, ӯ ба олмониҳо гуфт:

- Меравам барои шумо тараддуд бикунам.

Ва ба кашондани алафи хушк ба болохона, ки олмониҳо шабро дар он чо мехобиданд, шурӯъ намуд. Ин кори ӯ сарбозонро дар ҳайрат гузошт; вай ба онҳо шарҳ дод, ки алафи хушк гармашон мекунад. Он гоҳ эшон ба кумакаш шитофтанд ва алафро то сақфи ҳасирӣ анбоштанд; ҳамин тавр онон ҳучрае дуруст карданд аз алаф, ҳучраи гарму хушбӯй, ки осуда ва роҳат хоҳанд хобид.

Ҳангоми наҳор яке аз онҳо чун дид, ки пиразан боз ҳам чизе намехӯрад, дар изтироб афтод. Зан изҳор кард, ки мубтало ба халалдор аст. Пасон вай оташ афрӯхт, то гарм бишавад. Чаҳор тан олмонӣ, мисли ҳар шаб, аз нардбон ба чои хобашон баромаданд.

Ба маҳзи ин ки даричаи болохона баста шуд, пиразан нардбонро бардошт, баъд бидуни сару садое дари хуручиро боз намуд, аз рӯи ҳавлӣ алафи хушк оварда ошхонаро пур кард. Вай дар рӯи барф бо поҳои урён чунон оҳиста ҳаракат намуд, ки садое ба гӯш намерасид. Баъзан ба садои гулгуладори хурроки чаҳор сарбози хобида гӯш медод.

Чун мутмаъин шуд, ки ҳама чиз омода аст, яке аз пуштаҳои алафро ба оташдон андохт ва ҳангоме ки он шӯълавар шуд, онро ба рӯи пуштаҳои дигар пошид, баъд аз он чо хориҷ шуду ба он манзара чашм дӯхт. Равшанойии зананда дар як он даруни кулбаро мунаввар кард ва ҳамон лаҳза дар он чо хирмане аз оташи

даҳшатангез забона кашид, ки шўълааш ба панҷараи борик бархўрда, акси чашмхиракунандаи он дар болои барф афтод.

Ва дар ҳамин лаҳза аз болохона фарёдҳои синахарошу навмедонае шунида шуданду сипас ба гиряю нолаи муттасили инсонӣ, шевану фиғони дилхароши марговар табдил ёфтанд. Баъд аз он, хангоме ки сақф фурў рехт, туфони оташ то ба болохона боло рафту аз он чо сақфи хасириро дарида, ба осмон сар кашид; тамоми кулба дар оташ сўхт.

Акнун аз дохили кулба танҳо садои забонаи оташ, шикастани деворҳо ва фурў афтодани болорҳо ба гўш мерасид. Ногаҳон сақф фурў рехту аз баданахои оташгирифтаи хона хамрохи тўдаи дуд чарикқахо ба ҳаво парвоз карданд.

Дашти сафед, ки аз шўълаи оташ равшан шуда буд, чун пардаи нукрафом бо чилои сурхтоб медурахшид.

Аз дур садои зангўла танин андохт.

Пиразани Соваж дар назди кулбаи валангоршудаи хеш бехаракат истода буд ва дар даст туфанги писарашро барои мабодо, агар яке аз олмонихо фирор карданӣ шавад, нигоҳ медошт.

Чун бовар хосил кард, ки хама чиз тамом шуд, туфангро ба даруни оташ андохт. Садои инфичор баланд шуд.

Аз хар тараф одамон – дехконон, пруссакхо – давон-давон омаданд. Пиразанро оромў ризоятманд дар болои кундаи дарахт пайдо карданд.

Афсари олмонӣ, ки мисли фаронсавӣ ба забони фаронсавӣ такаллум мекард, аз пиразан пурсид:

- Ичоранишинонатон дар кучо хастанд?

Вай дасти устухониашро ба тарафи тўдаи аргувонии оташе, ки дошт хомўш мешуд, дароз намуд ва бо садои котеъ посух дод:

- Дар он чо, дар дили оташ!

Одамон дар атрофи ӯ ҷамъ шуданд. Пруссак пурсид:

- Хона чӣ тавр сӯхт?

- Ман онро оташ задам, - гуфт пиразан.

Ба ҳарфаш бовар накарданд, пиндоштанд, ки ғаму ғӯсса девонааш кардааст. Он гоҳ вай ба атрофиёнаш асли ҳодисаро аз оғоз то анҷом, аз дарёфти нома то охирин нолаю шевани сарбозони ҳамрохи хонааш сӯхта ҳикоят кард.

Вай ҳамаи он чизеро, ки аз сар гузаронида буд, ҳамаи корҳоеро, ки анҷом дода буд, муфассалан шарҳ дод.

Пиразан ҳикояташро поён бахшида, аз ҷайбаш ду коғазро берун овард ва барои он ки дар равшанойии охирин шӯълаҳои оташ онҳоро ташхис диҳад, айнакашро ба чашм гузошту сипас ба яке аз онҳо ишора намуда, изҳор дошт:

- Ин дар бораи марги Виктор.

Коғази дуввумро нишон дода, ба тарафи харобаҳое, ки ҳанӯз ҳам доштанд месӯхтанд, назар андохта, шарҳ дод:

- Ин асомии онҳост, то ба хонаашон нома фиристанд.

– Ва вараки коғазро оромона ба афсаре, ки ӯро аз китфаш дошта буд, дароз карду илова намуд: - Нависед, ки чи тавр ин қазия рух дод ва фаромӯш накунед ба падару модарони онҳо бигӯед, ки ин корро ман, Виктуар Симон, мутахаллис ба Соваж, анҷом додаам!

Афсар ба забони олмонӣ дастур дод. Пиразанро аз дасташ гирифтанду ба тани девори ҳанӯз сарнашудаи кулбааш гузоштанд. Сипас дувоздаҳ нафар дар фосилаи бист метр дар мукобили ӯ шитобзада саф кашиданд.

Пиразан на ҷунбиду на ларзид, вай фаҳмид, вай интизор буд.

Салои фармон баланд шуд, ба думболи он билодиранг салои шиллик бархост, баъд аз он тири деркардаи таку

танҳое сафир кашид.

Пиразан наафтод. Вай нишаст, гӯиё похояшро бурида буданд.

Афсари олмонӣ ба пиразан наздик шуд. Вай такрибан ба ду ним пора шуда буд ва дар дасти беихтиёр фишорхӯрдааш номаеро, ки оғиштаи хун буд, нигох медошт.

Дӯстам Сервал изофа кард:

- Олмонихо ба унвони интиқом дар он вақт хонаи мулки манро низ хароб карданд.

Ман дар мавриди модарони чаҳор тан ҷавонмарг, ки андаруни кулба сӯхта буданд ва роҷеъ ба қаҳрамонии беамони модари дигаре, ки дар дами ин девор ба қатл расид, ба андеша афтодам.

Ва аз рӯи замин сангрезаҳои ҳанӯз ҳам аз дуда сиёҳро бардоштам.

ЛЎНДАЯК

Чанд рӯз буд, ки бокимондахои артиши маглуб аз миёни шахр пай дар пай мегузаштанд. Ин акнун на артиш, балки хайли беназму тартибе буд. Ришхои расидаи сарбозон дар тўли акибнишинй жулидаю либосхояшон пора шуда буданд ва онон бидуни парчамхо, мунфардан, базахмат рох мерафтанд. Онхо, ки хастаю кўфта ва афсурдаю гамгин буданд, гўё кудрати фикру амал карданро надоштанд ва тибки одат саллона-саллона рох мерафтанд ва ба махзи ин ки мутавакккифашон месохтанд, аз фарти хастагй худро рўи замин мепартофтанд. Махсусан теъдоди сарбозони эхтиётй – мардуми сулхдўст, судхўрони беозор, ки дар зери сангинии туфангхояшон бехол шуда буданд, сарбозони горди миллй, ки ба осонй якбора ба тарсу харос ва шўру харорат меафтоданду хамеша хам ба хучуму хам ба фирор омода буданд – зиёд буд; дар миёни онхо дар баъзе чохо шалворхои сурх ба чашм мехўрданд – инхо охирин бокимондахои дивизияи дар набардхо шикастхўрда буданд; дар як саф бо пиёданизомхои полкхои мухталиф мундирхои сиёхи тўпчихо низ дида мешуданд, гох0гох тоскулохи драгуни сангинвази, ки базахмат пиёданизоми нисбатан чолокро думболагирй мекард, медурахшид.

Дастахои тирандозони озод, ки ба дастахои рохзанон шабохат доштанд, бо номхои кахрамононаи «Интикомгирандагон барои шикаст», «Шарикони мург», «Азхудгузаштхо» рад шуданд.

Фармондехони ин дастахо, мохутбофону аллофони собик, фурўшандагони дирўзаи равган ва ё собуни, чанговарони тасодуфие, ки ё бо додани ришва ва ё

доштани мӯйлабҳои ғӯлӣ рутбаи афсарӣ гирифта буданду дар тан мундирҳои шерозадор доштанду силоҳҳояшон овезон буд, худписандонаю баланд-баланд ҳарф мезаданд, нақшаҳои ҷангиро мавриди баҳс қарор дода буданд ва худро месутуданд, ки фақат онон Фаронсаи бадбахтро ҳимоят мекунанд; вале ҳамзамон бо ин, эшон аз сарбозони то ба ҳадди девонагӣ далерашон – аз таҳи дор гурехтаҳо, ғоратгарон ва фосиқҳо – каме метарсиданд.

Онҳо дар бораи ба ин зудиҳо вориди Руан шудани пруссакҳо ҳарф мезаданд.

Гурди миллӣ, ки дар ду моҳи ахир дар ҷангалоти атроф гоҳе посбонони худро захмӣ кардаю бонги хатар зада, бо эҳтиёткории фавқулъода тачассӯс мекард, ба маҳзи ин ки харгӯшаке дар миёни бутта ба ҷунбиш медаромад, ба паноҳгоҳаш мерафт. Силоҳҳо, мундирҳо – ҳамаи он тачҳизоту мухиммоти мухиб, ки ҳанӯз чанде қабл симчӯбҳои ҳошияи шоҳроҳҳоро ба ваҳшат меандохтанд, ногаҳон ба кучое гайб заданд.

Охирин сарбозони фаронсавӣ саранҷом аз Сена убур карда, аз тариқи Сен-Север ва Бур-Ашар озими Понт-Одемер шуданд; аз паси ҳама бо ду адъютанташ генерали афсурдахотире пиёда мерафт, ки қудрати бо вохидҳои парокандаи худ иқдоме ба амал баровардanро надошт ва худаш ҳам аз он фочиъаи ваҳшатангези ба сари халқи бузургаш фурӯдомада, халқе, ки танҳо ба ғалаба одат карда буду вале сарфи назар аз ҳама гуна ҷонбозиҳои афсонавиаш имрӯз шикаст хӯрда буд, дастпоча шуда буд.

Сипас дар шаҳр сукути маргбор, интизории ҷонкоҳи бадбахтии ичтинобнопазир хукмрон шуд. Аглаби бурҷуйҳои фарбеҳшудаю ҳама гуна мардонагиро аз пушти пешхону пештахтаҳо аздастдода, бо тарсу ваҳшат голибонро интизорӣ мекашиданд ва ҳамзамон аз он биму

харос доштанд, ки госибон сиххои кабобпазию кордхои калони ошпазхонаашонро ба чои аслиха қабул бикунанд.

Зиндагии шаҳр қатъ гардида буд: дуконҳо бастаю кӯчаҳо хилват шуда буданд. Ягон-ягон обирини аз сукути маргзо тарсида, буздилона худро ба танаи деворҳо мефишурданд.

Интизорӣ ба хадде чонгудоз буд, ки хатто вуруди душман гӯё оромию осудагӣ бо худ меовард.

Рӯзи дигар, баъд аз рафтани қушӯнҳои фаронсавӣ, дами бегоҳ улонҳое, ки аз кучо пайдо шуданашон номаълум буд, шитобзада аз шаҳр гузаштанд. Пас аз андак замоне аз фарози Сент-Катрин сели сиёҳе фурӯд омад; ду сели дигар аз тарафи роҳҳои Дарнетал ва Буайгийом чорӣ шуд. Пешоҳангони се сипох якбора дар майдони назди иморати шаҳрдорӣ пайдо шуданд ва тамоми кӯчаю биёбонҳои хилвату ҳамчаворро баталонҳои артиши Олмон, бо садои баланд қадам зада, дар тасарруфи худ даровардаанд.

Суханҳои омиронае, ки бо фарёдҳои ҳанчарайии гайри маъмулӣ баён мешуданд, то дами панчарахои хонаҳои сокит, ки гӯё сокинонашон аз миён рафта ва ё таркашон карда буданд, мерасиданд, аммо дар он миёна дар пушти панчарахои баста чашмоне тарсзада дуздакӣ ба госибон, ба ин арбобони чадид, ки «тибқи қонуни чанг» инони фармонравойии шаҳр, тамоми доройию зиндагиро тахти тасаллути худ дароварда буданд, нигоҳ мекарданд. Сокинон дар хучрахои ниматорик, дар огӯши ҳамон вахшате менишастанд, ки аз фочиъахои бузург, офоти табиъии мудхиш ба вучуд меояду дар пеши онон хама хикмату нерӯи инсон очизу нотавон аст. Эҳсоси вахшат лахзаҳое моро фаро мегирад, ки агар назму тартиби мукаррара барандохта шавад, дарки амният аз миён биравад, вакте хамаи чизҳоеро, ки қонунҳои табиъат ё

қонунҳои мардум муҳофизат мекарданд, таҳти ҳокимияти нерӯҳои бемаънӣ, хашин ва берањм таслим карда шаванд. Зилзилае, ки аз он сокинони як шаҳр дар зери тика-пораҳои бинохо ҷон медиҳанд, туғёни рудхонае, ки ачсоди деҳқонони ғаркшударо ҳамроҳи лошаҳои барзаговҳо ва болорҳои фурӯафтодаи бомҳо бо худ мебарад, ё артиши фотеҳе, ки куллияи онҳоеро, ки аз худ дифоъ мекунанд, ба қатл мерасонаду бокимондаҳоро асир мегирад, бо номи Шамшер ғорат мекунад ва дар зери шиллики тӯпҳо ба худои худ тахсин мефиристад, - ин хама офоти башарият аст, ки имони моро нисбати адолати азалӣ, химояти осмону ақли инсон аз мо мегиранд.

Вале акнун дарҳоро мекӯфтанд ва сипас дастаҳои теъдодашон нисбатан кам вориди хонаҳо мешуданд. Баъд аз тохтутоз, ишгол шурӯъ шуда буд. Барои маглубшудахо вазифаи нав пайдо шуда буд: лутф фармудан ба фотеҳон.

Муддате чанд гузашт, хамлаи аввалини тарсу ваҳшат фурӯ нишаст ва мучаддадан оромӣ ҳукмрон шуд. Дар бисёре аз хонаҳо афсари пруссакҳо дар гирди дастархони хонаводагӣ нишаста, наҳор мехӯрд. Агар вай одами хуштарбият мебуд, дар он сурат аз рӯи назокат ба ҳоли Фаронса дилаш месӯхт, изҳор медошт, ки барояш дар ин чанг ширкат ҷустан таъассуфовар аст. Барои ин мухаббаташ сипосгузорӣ мекарданд; илова бар ин, пуштибонии ӯ хар рӯз метавонист лозим шавад. Масалан, ба ӯ тамаллук зада, мешавад теъдоди истиқоматӣ низомиёнро дар манзилҳои шахсӣ камтар кард. Ба ҷуз ин, охир чи самаре хам ба бор меовард озурдани шахсе, ки ту худ комилан мутеъи ӯ хастӣ! Охир ин амал хатто диловарӣ нест, балки беаклист. Ва сокинони шаҳри Руан хам, чун дар рӯзгорони мухорибахои қаҳрамонона, ки шаҳри худро дифоъ карда,

машҳур шуда буданд, акнун беақлӣ намекунанд. Ва дар охир, ҳар яке далелу бурҳони ғайри қобили инкор, ки назокати фаронсавӣ илқо мекард, меовард: дар хонаи худ нисбати сарбози ачнабӣ боназокат будан комилан қобили қабул аст, танҳо дар миёни мардум набояд наздик будани худро ба ӯ нишон дод. Ӯро дар кӯча намешинохтанд, аммо дар хона бо камоли майл бо вай сӯҳбат мекарданд ва олмонӣ рӯз ба рӯз шабҳо дами оташдон тӯлонитар нишаста, гарм мешуд.

Ва шаҳр ҳам тадричан вазъи маъмулӣ ба худ мегирифт. Фаронсавиҳо ҳанӯз ҳам ҳазар мекарданд аз хона хорич бишаванд, аммо сарбозони олмонӣ кӯчаю хиёбонҳоро пур карда буданд. Вале афсарони махсуси савора, ки дар пиёдаравҳо силоҳҳои дарози маргборашонро густохона кашон-кашон мебурданд, зоҳиран, шаҳриёни одиро нисбат ба афсарони полки тиранлози фаронсавӣ, ки дар ҳамон қаҳвахонаҳо як сол қабл машруб мехӯрданд, на он қадар бештар ба назаи ҳақорат менигаристанд.

Ва дар ҳар сурат дар шаҳр як чизи ғайри қобили дарку ғайри одӣ эҳсос карда мешуд, шаҳрро муҳите бегонаю нафасгир, бӯи ногувору таҳаммулнопазир – бӯи тохтутоз – дар худ печида буд. Ин бӯй дар манозилу дар чоҳои умумӣ маскан гузида буд, ба хӯрданиҳо лаззати махсус дода буд, ин эҳсосро ба вучуд оварда буд, ки гӯё дар кишвари дурдасте, дар миёни қабойили ваҳшии хунхор дар мусофират хастӣ.

Фотеҳон пул тақозо мекарданд, пули зиёд. Сокинон мепардохтанду мепардохтанд; зимнан, онҳо сарватманд буданд. Аммо ҳар қадар точири норманди сарватманд бошад ҳам, лекин аз чузъитарин хасорат, аз гузаштани заррае аз дороиаш ба дасти бегона ранчу азоби шадиду фавқулъода мекашад.

Зимнан, хорич аз шаҳр, дар фосилаи ду-се мил дар

наздикии Круасс, Депдал ё Бессар, завракбонону мохигирон борхо аҷсоди варамидаи сарбозони сарбурида ва ё бо зарби мушт халокшуда, сарбозони сархояшон бо санг шикаста ва ё ба таври сода аз болои пул ба даруни об партобшудаи олмониро аз қаъри рудхона берун кашида буданд. Лачани рудхона ин қурбонихои интиқоми пинхониро, интиқоми берахмонаю одилонаро, ин диловарихои қахрамонони номаълумро, ҳамлахои хомӯшонаи шабонаро, ки нисбат ба ҳамлахои рӯзона бештар хатарноктаранд ва ин ҳамлахои аз авчи шуҳрат махрумро дар дили худ махфй медошт.

Нафрат нисбати Ачнабй аз рӯзгорони қадим ба ин ҷониб Ҷасуроиро, ки омодаанд ба хотири Акида чон супоранд, мусаллах мекунад.

Вале чун фотехон, харчанд бо интизоми матинашон шахрро тобеъи худ карда бошанд хам, дар хар хол яке аз он берахмихои вахшатнокеро, ки, агар ба овозахо бовар кунем, намойиши пирӯзмандонаашон ҳамрохй мекард, ба ичро нарасонида буданд, - саранҷом сокинони шахр чуръат пайдо намуданд ва алока ба тичорат мучаддадан дар қалби бозаргонон чон гирифт. Баъзе аз онон ба хотири ба даст даровардани маблағи зиёде аз Гавр, ки дар он чо кушунхои фаронсавй мустакар буданд, робита доштанд, аз ин рӯ эшон тасмим гирифта буданд, аз рохи замини худро ба Деппа бирасонанд ва баъдан аз он чо савори киштй шуда, озими Гавр бишаванд.

Нуфӯзи афсарони шиноси олмонй ба кор гирифта шуд, бино бар ин дижбони шахр барои азимат ичоза дод.

Инак, дах нафар мусофир фойтуни болопӯшидаи бузургеро, ки чахор аспро ба он кӯш карда буданд, киро я намуда, тасмим гирифтанд субхи рӯзи сешанбе то фаро расидани сапедадам азимат кунанд, то аз издихоми мардум халос бишаванд.

Чанд рӯз мешуд, ки сармо заминро яхбандон карда буд ва рӯзи душанбе тақрибан соъати се аз самти шимол абрҳои азими сиёҳ наздик шуданду барф ба боридан шурӯъ намуд ва тамоми бегоҳу шабҳангом ист накард.

Дар соъати чаҳору ними субҳ мусофирон дар саҳни ҳавлии «Меҳмонсаройи Нормандия», ки мебойист аз он чо савори фойтун мешуданд, гирд омаданд.

Онҳо ҳанӯз комилан аз хоб бедор нашуда буданд. Эшон аз сармо ларзида, худро бо кампалу шолҳояшон мепечониданд. Эшон дар торикӣ ҳамдигарро ба душворӣ мешинохтанд ва либоси сангини зимистонӣ ҳамаро ба кашишҳои фарбеҳе, ки ҷомаҳои дароз дар тан доранд, монанд карда буд. Инак, ду мусофир ҳамдигарро шинохтанд, ба назди он ду саввумин омад ва эшон ба гуфтугӯ пардохтанд.

- Ман ҳамроҳи занам меравам, - гуфт яке аз онҳо.

- Ман хам.

- Ман низ.

Аввалӣ илова кард:

- Мо дигар ба Руан барнамегардем, агар олмониҳо ба Гавр оянд, ба Инглистон меравем.

Ҳаманн мусофиронро максадашон яксон буд, чунки эшон аз як дойираи одамон буданд.

Вале дар ин миён ҳанӯз ҳама чизро ба фойтун бор накарда буданд. Чароғи дастии сайис лаҳза ба лаҳза аз як дари торик пайдо шуда, аз дари дигар оҳиста гайб мезад. Аз тахи истабл садои хафифи суму овози мардона, ки аспҳоро чу-чу гуфтаю сарзаниш мекард, ба гӯш мерасид. Аз ҷаранг-ҷаранги оҳистаи занғӯлаҳо фаҳмидан мумкин буд, ки абзоли аспҳоро дуруст мекунанд; ҷаранг-ҷаранг базудӣ ба садои расои муттасил, ки аз ҳаракати мавзуни аспҳо шаҳодат мелод, табдил ёфт; баъзе авқот садои занғӯла хомӯшу сипас якбора аз нав ба гӯш мерасид ва ҳамзамон садои хафифи

наълҳо шунида мешуд.

Ногаҳон дар боз шуд. Сукут доман густурд. Мусофирони танҳояшон сардшуда сокит шуданд; эшон аз хунукӣ кич шуда, бехаракат меистоданд.

Лахтаҳои сафеди дурахшон муттасил меборианду меборианд; онҳо ашколу тарҳҳоро аз байн бурданд, ашёъро зери пироҳани яхбандони хеш гирифтанд; ва дар сукути мутлаки шаҳри хомӯшшуда, ки дар зери пӯшиши барфӣ дафн шуда буд, танҳо хиш-хиши нарму норавшан ва баённопазири барфи фурӯдоянда шунида мешуд...

Одаме, ки дар даст чароғ дошт, дар ҷилави аспи сарбазеру бо бемайлӣ кадамбардоранда мучалладан пайдо шуд. Вай аспро ба назди шоту бурду тасмахояшро баст ва чун бо як дасташ чарогро дошта буд, аз ин рӯ бо дасти дигараш афзоли аспро дуруст карду муддати зиёде дар атрофи он кадам зад. Вай барои овардани аспи дигар рафту ҳайкалҳои бехаракати аз барф сафедшудаи одамонро дида, гуфт:

- Чаро шумо савори фойтун намешавед? Охир дар он чо лоақал аз барф панох меёбед.

Онҳо эҳтимол дар ин бора фикр накарда буданд, аз ин рӯ дастачамъй ба фойтун ҳамла оварданд. Се тан аз мардон заҳояшонро ба нишемангоҳи акиб шинонанду худашон низ савор шуданд; баъд мусофирони дигар ҳам, ки худро дар либосашон печида буданд, чоҳои охиринро хомӯшона ишғол карданд.

Кафи фойтунро бо кох пӯшида буданд, поҳо дар он фуру мерафтанд. Бонувоне, ки дар васат менишастанд, гармкунакҳои худро ҳамрох гирифта будаанду сузишвории онҳо ангишти кимиёй буд, эшон онҳоро афрӯхтанд ва муддати тӯлонӣ чиҳатҳои худи онҳоро, ҳамон чиҳатҳоеро, ки барои ҳар якеашон кайҳо боз маълум буд, бо садои зер ба ҳамдигар арз карданд.

Саранчом, вакте ки ба фойтун, бино бар сахту душвор

будани рох, ба чои чаҳорто, шашто асп кӯш карданд, яке аз берун пурсид:

- Ҳама савор шуданд?

Садое аз дохили фойтун ҷавоб дод:

- Бале, ҳама.

Фойтун ба роҳ афтод.

Оҳиста, хеле оҳиста, тақрибан сангпуштвор ҳаракат мекарданд. Чарххо ба барф фурӯ мерафтанд; утоқи фойтун менолиду ба таври хафиф ҷарақ-ҷарақ мекард; аспҳо мелағжиданд, хур-хур мекарданд, аз танашон бухор бармехост; тозиёнаи дарози фойтунчӣ бидуни таваққуф садо бармеовард, ба чаҳор тараф парвоз мекард, чун мори борик печутоб мехӯрд ва бо зарбаҳои сахт гоҳ ба сағраи баромадаи як асп фурӯд меомаду гоҳ ба сағраи дигаре, то онҳо тундтар ҳаракат бикунанд.

Зимнан ҳаво ҳам равшан шуд. Барфрезаҳои сабук, ки яке аз мусофирон, руании асил ононро ба борони пахта қиёс карда буд, дигар ба замин намерехтанд. Аз лобалои абрҳои сиёҳу обистан, ки шунаъи тирае метаровид, ба сафедии чашмхиракунандаи дашту саҳроҳое, ки дар он ҷоҳо гоҳ дарахтони муртафеъи бо барфрезаҳо пӯшидаю гоҳи дигар кулбае зери кулоҳи барфӣ ба чашм мехӯрданд, боз ҳам сояе ғализтар меандохт.

Дар равшанойии ин сапедадами малоловар мусофирон бо кунчковӣ ба ҳамдигар бодиққат нигаристанд.

Дар пешгоҳи фойтун, дар ҷоҳои бехтарин, шаробфурӯшон аз кӯчаи Гран-Пон, зану шавҳар Луазо дар рӯ ба рӯи ҳам пинак мерафтанд.

Луазо, мубошири собиқ, муассисаро аз арбоби муфлисшудаи худ хариду сарватманд шуд. Вай бадтарин шаробро бо қимати кам ба тоҷирони вилоёт мефурӯхт ва дар байни дӯстону ошноёнаш чун маккори гузаро, нормандии асил – ҳилагару башшош – шуҳрат касб

карда буд. Номаш чун ҳуққабоз чунон сари забонҳо мегашт, ки боре дар шабнишиние дар префектура чаноби Турнел, нависандаи масалу бадеҳаҳо, муъаллифи суханҳои нешдор, шахсияти машҳури маҳаллӣ, ба бонувони аз дилтангӣ пинакрафта пешниҳод намуд, ки саргармӣ бозии «паранда парвоз мекунад»[1] бишаванд; шӯхии ӯ ибтидо дар меҳмонсаройӣ префект, сипас дар тамоми меҳмонсаройҳои шаҳр пахш ва як моҳи тамом саросари ноҳия аз ханда рудабур шуд.

Ба ҷуз ин, Луазо бо рафторҳои хушмазза ва ҳамчунин базлагӯйиҳои гоҳ муваффақиятомезу гоҳ бемаззааш машҳур шуда буд ва ҳар кас дар мавриди ӯ ҳарф зада, ҳамеша илова мекард: «Ачаб инсонест ин Луазо, умуман ҳамто надорад!».

Вай кӯтоҳқад буд ва гӯё танҳо аз як шиками кӯрашакл, ки бар фарози он қиёфаи лолагунаш бо мӯҳои сафеди ду бари рӯяш қарор дошт, иборат буд.

Ҳамсари болобаланду боғайрат ва сарфаҷӯйӣ дар тиҷоратхонаашон буд, дар сурате, ки худи Луазо бо шӯхию базлагӯйӣ ва фаъолияти пурҷӯшу хурӯшаш онро равнақ мебахшид.

Дар паҳлӯи онҳо бр дарки ошкори қадру қимат ва мақоми баланди худ корхонадор, шахсияти муҳим дар саноеъи порчаҳои пахтагӣ, молики се корхонаи пахтаресӣ, афсари Легиони Фахрӣ ва узви Шӯрои Кулл чаноби Карре-Ламадон нишаста буд. Дар замони Империя вай оппозитсияи хушниятро танҳо ба манзури дар оянда барои харчи бештар пайвастан ба ҳамон урдугоҳе, ки ӯ бо он мубориза мебурд, роҳбарӣ мекард. Бонуи Карре-Ламадан, ки нисбати шавҳараш хеле чавон буд, барои афсарони ойилаҳои хуб, ки дар гарнизони Руан таъйин шуда буданд, дилхушии ҳақиқӣ маҳсуб мешуд.

---

[1] Бозӣ бо калимаҳо: L'oisea vole – мурғак мепарад ва Loiseau vole – Луазо медуздад.

Вай бо андоми зарифу қашангаш худро дар пӯстинаш печида, дар рӯ ба рӯи шавҳараш нишаста буд ва бо ғаму ғӯсса дохили риққатангези фойтунро бодиққат нигоҳ мекард.

Ҳамсояи вай, граф Юбер де Бревил ва завҷааш яке аз номҳои кадимтарину машҳуртарини нормандиро доро буданд. Граф, асилзодаи миёнасол бо қомати босалобат, мекӯшид ба воситаи оройиш шабоҳати фигрии хешро бо шоҳ Генрихи IV, ки тибқи ривояти хонаводагӣ яке аз бибикалонҳояш аз ӯ ҳомила шуда буду шавҳараш ба ҳамин далел лақаби графӣ ва гуьернаториро гирифта буд, таъкид бикунад.

Граф Юбер, ҳамкори ҷаноби Карре-Ламадон дар Шӯрои Кул, намояндаи ҳизби орлеанистӣ дар департамент буд. Издивочи ӯ бо духтари киштидори хурди Нант барои ҳамеша муъаммост. Вале азбаски графбону тарзи рафтори ашрофонаро балад буд, зиёфатҳои бошукӯҳ барпо мекард ва ҳатто чун маъшуқаи собиқи яке аз писарони Луи Филипп шуҳрат дошт, ҳамаи бузургзодагон дар атрофи ӯ мечархиданд ва толори вай дар департамент дарафаи аввал маҳсуб мешуд, ягона толоре буд, ки дар он ҳанӯз ҳам лутфу назокати дерина маҳфуз буд ва вориди он чо шудан кори сахле набуд.

Сарвати Бревилҳо, ки билкулл амволи гайри манқул буд, тибқи шоеъот, солона панҷ ҳазор ливр даромад медод.

Ин шаш шахсият дар пешгоҳи фойтун чо гирифта буданд ва табақаи муқтадиру доро ва нисбат ба худ оитминони ҷомеъаро, табақаи одамони бонӯфузу диндор ва пояҳояшон устуворро тачассум мекарданд.

Бар хасби тасодуф, хамаи занҳо дар як нимкат чо гирифта буданд; дар паҳлуи графбону ду рохиба, ки тасбеххои дарозро донагардон мекарданду зери лаб дуъо мехонданд ва «биби Марям»-ро пичирос мезаданд,

нишаста буданд. Яке аз онон миёнасол, сураташ пуробила буд, гӯё онро сочмаборон карда буданд. Зани дигарӣ хеле наифу логар, чеҳрааш зебою ранҷур, синааш маслул буд...

Марду зани дар муқобили роҳибаҳо нишаста тавааччухи ҳамагонро ба сӯи худ ҷалб карда буданд.

Мард матарсаки ҳамаи одамони мӯҳтарам. Конюдеи машҳуру демократ буд. Вай бист соли тамом риши зарди дарози худро дар ливонхои пивохӯрии ҳамаи қаҳвахонаҳои демократӣ фурӯ бурда буду ба иттифоқи ҳамқаторону дӯстонаш сарвати фавқулъода зиёди аз падараш, қанноди собиқ меросмондаро сарфи айшу ишрат карда буд ва бо бесабрӣ баркарории ҷумҳуриро интизорӣ мекашид, то саранҷом мақомеро, ки то андозае шойистаи фаъолияти инқилобиаш бошад, соҳиб шавад. Чаҳоруми сентябр вай, эҳтимол меравад, аз шӯхии яке дучори гумроҳӣ шуда, худро ба мақоми префект таъйиншуда пиндошт, вале вақте хост барои ичрои вазифаҳояш шурӯъ бикунад, мирзоён, ки маълум шуд арбобони ягонаи префектура будаанд, ӯро напазируфтанд, аз ин рӯ мачбур шуд, ки акибнишинӣ кунад. Азбаски ҷавонӣ меҳрибон, беозор ва ҳозирхидмат буд, бо чидду ҷаҳд ва пайгирона ба ташкили мудофиъа мубодират варзид. Тибқи дастури ӯ дар сахроҳо гавдал канданд, аз бешазорони атроф дарахтони ҷавонро буриданду дар тамоми роҳҳо дому камингоҳҳо дуруст карданд; вай аз иқдомоти ба амал овардааш қонеъ шуда, ба шаҳр акибнишинӣ кард. Акнун ӯ мепиндошт, ки дар Гавр, ки ҳамчунин хадақҳо кандану монеъаҳо барпо намудан лозим меояд, хеле бештар фойида меоварад.

Зане, ки аз тойифаи бонувони сабукпо башумор меомад, ба далели фавқулъода фарбеҳ буданаш шуҳрат дошт, аз ин хотир ба ӯ лақаби «Лӯндаяк» дода буданд. Ин бонуи хурдаку кулӯлаяку фарбеҳак бо ангуштони

нарму пургӯшт, ангуштони мисли ҳасибчаҳо, бо пӯсти барроқи соф, бо синаи васеъи барҷастааш дар ҳар ҳол дилчаспу мавриди таваҷҷуҳи ҳамагон буд. Тароваташ ба дидагон ҳаловати беандоза мебахшид. Чеҳрааш ба себи сурх шабоҳат дошт, атрофи чашмони қашангу қиргунашро мижаҳои анбӯҳи дароз фаро гирифта буданд, ки дар натиҷа гӯё боз ҳам бештар сиёҳ ба назар меомаданд, ҳамчунин даҳони бисёр зебою кӯчакаш бо лабҳои пуртароватту дандонҳои мисли садаф сафедаш якин интизори бӯса буд.

Агар ба овозҳо бовар бикунем, вай бо бисёре аз шойистагиҳои пураҷҷи дигаре низ фарқ мекард.

Ба маҳзи шинохтани ӯ, миёни занҳои поку дурусткор пич-пич шурӯъ шуд; калимаҳои «расвойӣ», «фоҳиша»-ро чунон возеҳу равшан талаффуз намуданд, ки Лӯндаяк сарашро баланд кард. Вай ба ҳамсафаронаш чунон густохонаю ҷасурона назар андохт, ки билофосила сукути комил баркарор шуд ва ҳама, ба истиснои Луазо, ки ишвагарона ба ӯ менигарист, сар ба зер афканданд.

Вале базудӣ миёни се тан аз бонувон гуфтугӯ огоз ёфт: ҳузури чунин зан ба таври гайри мунтазира онҳоро ба ҳам наздику дӯст кард. Зану шавҳарони накӯкор зарурати дар мукобили ин махлуқи бешарми худфурӯш муттаҳид шуданро эҳсос намуданд, зеро ки ишқи машрӯъ ба ҳамшираи соҳибихтиёри худ ҳамеша бо нафрат муносибат мекунад.

Се тан аз мардҳо, ки ҳангоми нигаристан ба Корнюде, гаризахои куҳнапарастиашон ба ҷӯш омада буд, роҷеъ ба корҳояшон баҳс мекарданд ва аз лаҳни гуфторашон нисбати фуқаро эҳсоси таҳқир мешуд. Граф Юбер дар бораи саламоте, ки пруссакҳо ба ӯ ворид сохтаанд, роҷеъ ба хасороте, ки аз дуздидани чорпоёну талафоти калони ҳосили заминҳояш насибаш гашта буд, ҳикоят кард, аммо аз суханонаш эътимоди шахси оличох ва миллионере, ки чунин зарар метавонад ҳадди аксар як

сол фишораш бидиҳад, эҳсос мешуд. Ҷаноби Карре-Ламадон бино бар ноустувории вазъи саноъати газвори пахтагӣ шашсад ҳазор франкашро, сармояеро, ки барои рӯзи мабодо пасандоз карда буд, ба Инглистон интиқол дода буд. Вале Луазо тамоми захираи шароби арзонқиматашро, ки дар анбор боқӣ монда буд, ба идораи таъминоти низомии Фаронса фурӯхта буд, ба ҳамин хотир ҳам давлат маблағи зиёде ба ӯ қарздор буд ва умед дошт, ки онро дар Гавр хоҳад гирифт.

Ва ҳар се нафар дӯстона ба якдигар нигаристанд. Сарфи назар аз тавофути мавқеъияташон дар ҷомеъа, онҳо худро ҳамсармоя, аъзои ордени франк-масонияи бузург, ки сойири сарватмандонро, ҳамаи онҳоеро, ки дар ҷайбҳояшон тило меҷарангад, муттаҳид мекард, эҳсос менамуданд.

Фойтун чунон кунд ҳаракат мекард, ки наздики соъати даҳи субҳ фосилаи чаҳор милро ҳам напаймуда буданд. Се дафъа мардон мачбур шуданд, ки дар фарозҳо аз фойтун пиёда шаванду кӯҳро пиёда тай кунанд. Мусофирон ба изтироб атоданд, чунки ният доштанд субҳонаро дар Тот бихӯранд, вале акнун дигар умеди пеш аз фарорасии шаб ба он ҷо расиданро надоштанд. Ҳама ба умеди дидани майхонае дар сари роҳ аз панҷара ба берун менигаристанд, ки ғайри чашмдошт фойтун дар барфтуда гир кард; ду соъати тамом лозим омад, ки фойтунро аз он ҷо озод бикунем.

Гуруснагӣ шадидтар мешуд, ақлро тира мекард, аммо дар роҳ ошпазхонае, майкадае ба чашм намехӯрд, чунки наздикшавии пруссакҳо ва ақибнишинии қушӯни гуруснаи фаронсавиҳо соҳибони ҳаман муассисаҳои тиҷоратиро ба ваҳшат андохта буд.

Мардҳо барои ба даст овардани хӯрдание ба тарафи фермаҳои сари роҳ медавиданд, аммо дар он ҷоҳо ҳатто нон ҳам харида наметавонистанд, зеро деҳқонони дербовар аз тарси сарбозони гурусна, ки ҳар чи ба

чашмашон мехӯрд, базӯрӣ мегирифтанд, тамоми озуқаашонро пинҳон мекарданд.

Наздики соъати яки рӯз Луазо изҳор намуд, ки меҳроби дилаш ба ҳадди тоқатфарсо дард мекунад. Дигарон ҳам мисли ӯ азоб мекашанд ва гуруснагии берахму тадричан шиддатёбанда ҳама гуна майлу рағбати ба ҳамдигар сӯҳбат карданро кайҳо аз миён бардошта буд.

Гоҳ-гоҳе яке аз мусофирон хамёза мекашид; тақрибан билофосила дигаре низ аз ӯ пайравӣ мекард; мутобики ахлоқу тарбият ва мавқеъияти иҷтимоъиаш ҳар яке паси ҳамдигар, яке бо сару садо, дигаре бесадо, даҳонашро боз мекарду сипас ба ҳаракати сареъ онро бо дасташ мебаст.

Лӯндаяк чанд дафъа, гӯё, ки чизеро аз рӯи фарш, дар зери доманаш суроғ мекарда бошад, хам шуд. Вай нигоҳи мураддадашро ба ҳамсояҳояш медӯхту боз рост мешуд. Қиёфаҳои ҳама паридарангу лоғар шуда буданд. Луазо изҳор дошт, ки омодааст барои рони кӯчак ҳазор франк бипардозад. Бонуи ӯ гайри ихтиёр ҳаракате пур аз хашму ғазаб кард, аммо ҳамон лаҳза ором гирифт. Танҳо ёдоварӣ дар бораи бар бод додани пул ӯро ба каҳру ғазаб меовард ва дар ин маврид ҳатто тобу тоқати шӯхиро надошт.

- Вокеъан, мисли ин ки ҳолам хуб нест, - гуфт граф. – Чӣ тавр шуд, ки гирифтани тӯшаро фаромӯш кардаам?

Ҳар яке фикран аз нагирифтани тӯша худро маломат мекард.

Вале маълум шуд, ки Корнюде як қумқумаи пури ром доштааст; вай онро ба хоҳишмандон пешниҳод карл; ҳама бо сардӣ рад карданд. Танҳо Луазо барои як чуръа нӯшидан ҳозир шуд ва қумқумаро пас дода, ташаккур гуфт:

- Чи қадар хуб аст! Ҳам гарм мекунаду хам гуруснагиро аз байн мебарад.

Ром ӯро хушҳол кард, аз ин рӯ пешниҳод намуд, ки чун дар киштӣ, ки дар таронае суруда шудааст, амал бикунанд: фарбеҳтарин мусофир хӯрда шавад. Аз ин киноя ғайри мустақим ба унвони Лӯндаяк ҳамаи мусофирони хуштарбият гире ба абрӯ андохтанд. Касе ба ҷаноби Луазо ҷавоб надод; фақат лабони Корнюде аз табассум шукуфт. Роҳибаҳо зери лаб дуъо хонданро қатъ карданд ва дастонашонро дар остинҳои фарохашон пинҳон намуда, чашмонашонро бо лаҷоҷат ба зер андохтаю таконе нахӯрда нишастанд ва бо сабри пуразоб машаққати барояшон атошударо таҳаммул карданд

Саранҷом тахминан соъати се, вақте ки эшон дашти бепоёни бидуни ягон русторо мепаймуданд, Лӯндаяк чолокона хам шуду аз зери нимкат сабади калонеро, ки бо дастмоли сафед рӯяш пӯшида буд, берун овард.

Ибтидо вай аз он ҷо табақчаи чинию истакони нукрагӣ, сипас косаи калонеро, ки андарунаш ду чӯҷаи поракарда қарор дошт, берун овард; андаруни сабад боз дигар хӯрданиҳои лазизи коғазпечшуда аз қабили самбуса, мева, ширинҷот ва ғайра, ки бидуни истифода аз хӯрокҳои ошхонае барои се рӯз кифоят мекард, мавҷуд буданд. Дар миёни бастаҳои хӯрокворӣ чаҳор даҳони шиша ба чашм мехӯрданд. Лӯндаяк боли чӯҷаро гирифту бо ноне, ки дар Нормандия «ноибуссалтана» меномандаш, ба хӯрдан шурӯъ кард.

Нигоҳҳо ба ӯ дӯхта шуданд. Базудӣ дар фотун бӯи ҳавасангезе, ки аз он сӯроххои бинӣ фароху бидуни таваққуф оби даҳонҳо ҷорӣ шуданд ва ҷоғҳо бо азобе ба ҳам пайвастанд, пахш шуд. Нафрати бонувон нисбати фоҳиша ба хашм табдил ёфт, онҳо омода буданд ӯро ба қатл бирасонанд, ҳамроҳи истакону сабад ва хӯрокворихояш аз фойтун ба болои барф андозандаш.

Вале Луазо косаи чӯҷакабобро бо иштиёқ нигоҳ мекард. Саранҷом ӯ ба забон омад:

- Ана, ин кори окилона! Маълум шуд, ки бону нисбат

ба мо дурандеш будааст. Одамоне ҳастанд, ки ҳамеша ғами ҳама чизро мехӯранд!

Лӯндаяк ба тарафи ӯ баргашт:

- Ҷаноб, майли хӯрдан доред? Аз субҳ то ҳол рӯза гирифтан осон нест.

Луазо таъзим кард.

- Оре, аз рӯи вичдон гӯям, рад намекунам. Ҷанг чанг аст, ин тавр не магар?

Ва ҳамсафаронашро барандоз карда, илова намуд:

- Дар чунин лаҳзаҳо бо шахсияти хушхидмат мулоқот намудан хеле дилписанд аст.

Луазо ба хотири он ки шалвораш олуда нашавад, рӯзномаро болои зонӯвонаш паҳн кард; бо нуки корде, ки ҳамеша дар кисааш буд, пои чӯҷаи саросар полудаолудро бардошту порахои гӯштро бо дандонҳояш канда, бо чунон ҳаловате хойидан гирифт, ки ҳамаи мусофирон оҳи андӯҳнок кашиданд.

Лӯндаяк бо садои илтимосомезу мулойим ба роҳибаҳо пешниҳод намуд, ки ҳамроҳаш хӯрок хӯранд. Ҳарду нафар билодиранг розӣ шуданд ва сар набардоштта, танҳо зери лаб сипосгузорӣ карданд. Корнюде ҳам зиёфати ҳамсоязанро рад накард ва онон ба иттифоқи роҳибаҳо болои зонӯвонашон дастархоне аз рӯзнома густурданд.

Даҳонҳо бидуни хастагӣ бозу баста мешуданд, бо ачала мехойиданд, ҳарисона фуру мебурданду мехӯрданд. Луазо дар кунҷи худ бо тамоми неруӣ заҳмат мекашид, занашро ҳам оҳиста ташвиқ менамуд, ки аз ӯ пайравӣ бикунад. Занаш муддати мадиде мукобила нишон дод, аммо баъдан дар шикамаш ихтилочро эҳсос намуда, таслим шуд. Шавҳараш бо ибороти латиф аз «ҳамсафарзани дилрабо» пурсид, ки оё ичоза медиҳад як пора гӯшт ба бонуи Луазо бидиҳад. Лӯндаяк дар посух гуфт:

- Албатта, ҷаноб, бифармоед.

Ва мехрибонона табассум намуда, косаро даровз кард.

Вақте ки сари аввалин шишаи шароби чигарирангро боз кард, дастпочагие рух дод, ҳамагӣ фақат як истакон буд. Баъд аз нӯшидани шароб лаби онро қаблан пок карда, ба ҳамдигар тақвил медоданд. Танҳо Корнюде, эҳтимол аз рӯи назокат бошад, ба он ҷое, ки изи мартуби лабони ҳамсоязан ба чашм мехӯрд, лаб расонд.

Граф ва ҳамсараш де Бревил ҳам, мисли зану шавҳар Карре-Ламарон, дар ҳалқаи одамон бо ҳирси тамом хӯрокро фуру бурдаю бӯи онро шамида, ҳамон шиканҷаи тоқатфарсоеро эҳсос мекарданд, ки «азоби Тантал» номгузорӣ шуда буд. Ногаҳон ҳамсари ҷавони корхонадор чунон оҳи амиқ кашид, ки ҳама рӯ ба ҷониби ӯ баргардониданд; вай мисли барфи пушти панҷарахои фойтун сафед шуд, даричаҳои чашмонаш баста шуданд, сараш рӯи синааш афтод: вай аз ҳуш рафт. Шавҳари фавқулъода тарсидааш тақозои кумак кард. Ҳама дастпоча шуданд; роҳибаи солхӯрда сари беморро рӯи даст гирифту истакони Лӯндаякро наздики лабони бонуи азҳушрафта бурду мачбураш намуд, ки чанд қатра шаробро фуру бибарад. Бонуи ҷавон каме такон хӯрд, чашмонашро боз кард, табассум дар лабонаш гул андохт ва бо садои заъиф изҳор намуд, ки феълан ҳолаш хуб шуд. Ба хотири он ки боз аз хол наравад, роҳиба мачбураш намуд, ки як истакон шароби ҷигарфомро биноӯшад ва дар зимн гуфт:

- Бидуни шак ин аз гуруснагист.

Он гоҳ Лӯндаяк лолагун шуду хичолат кашид, ба чаҳор нафар ҳамрахони ҳанӯз ҳам рӯзагирифтааш мурочиъат намудаю гуфт:

- Эҳ, худоё, агар ман фақат ҷурьат намуда ба шумо пешниҳод мекардам...

Лӯндаяк аз бими он ки онҳо чавоби таҳқиромез надиҳанд, лаб фуруӯ баст. Инони суханро Луазо ба даст ширифт:

- Э, ахсант, дар чунин ҳолатҳо ҳамаи одамон

бародаранд ва мусалламан, бояд ба ҳамдигар кӯмак бикунанд. Бифармоед, ҷанобон, такаллуф накунед, розӣ шавед, хоҷати фаҳмондан нест! Эҳтимол шабона пайдо кардани сарпаноҳе бароямон муяссар нагардад. Бо ин суръати ҳаракат агар фардо наздики зуҳр ба Тот расем ҳам, хуб аст.

Вале он чаҳор нафар ҳанӯз ҳам дудил буданд, яке аз онҳо масъулияти розигӣ доданро бар ӯҳда намегирифт.

Саранҷом масъаларо граф ҳал кард. Вай ба тарафи зани фарбеҳи шармгин баргашту ба қиёфааш салобату ҳашамат дода, гуфт:

- Мо пешниҳоди шуморо бо сипосгузорӣ мепазирем, бону.

Танҳо бардоштани қадами аввал мушкил буд. Баъд аз пушти сар гузоштани Рубикон ҳамаро ҳиҷолат аз байн рафт. Дар як мижа ба ҳам задан сабад холӣ шуда буд. Андаруни он боз паштети ҷигару чаковак, пораи забони дуддода, нокҳои Красссан, панири Понлевек, кӯлчаҳои қандӣ ва як банка бодирингу пиёзи оҷорӣ пайдо шуд. Лӯндаяк ҳам мисли аксари занҳо ҳама чизи гундмазаро бештар дӯст медошт.

Хӯроки ин занро хӯрдаю бо ӯ сӯҳбат нашудан имконнопазир буд. Оҳиста-оҳиста сӯҳбати дар ибтидо андаке ботакаллуф, баъд ҳарчи бештар озодона шурӯъ шуд, чунки Лӯндаяк бисёр хуб рафтор мекард. Завҷаи граф де Бревил ва бонуи Карре-Ламадон, ки дорои одоби баланди ашрофӣ буданд, мехрибонии фавкулъода зоҳир мекарданд. Ва завҷаи граф дар айни ҳол нармию мулотифати боназокати бонуи ҳиҷиберо, ки ба ҳама кас мурочиъат кунад ҳам, вале қадру манзалати хешро гум намекунад, нишон медод. Аммо бонуи пурҳаракати луазо бо табиъати жандармиаш аз аспи такаббур пиёда намешуд; вай кам ҳарф мезад, лекин зиёд мехӯрд.

Мусалламан, сӯҳбат дар мавриди ҷанг буд. Рочеъ ба берахмии пруссакҳо ва далерии фаронсавиҳо ҳарф

мезаданд; ҳамаи ин одамон, ки бо фирор кардан худро аз дасти душман начот дода буданд, мардонагии дигаронро ситойиш мекарданд. Базудӣ ҳар яке дар бораи худ ҳикоят кард, аз ин хотир Лӯндаяк бо ҳаячони табиъӣ, бо он харорате, ки баъзан занҳои фоҳиша дар бораи эҳсосоти табиъии хеш сухан меронанд, сабаби тарки Руан карданашро қисса намуд.

- Ибтидо хостам, ки дар Руан бимонам, - гуфт Лӯндаяк. – Хонаап пур аз хӯрокворӣ буд, бино бар ин афзал медонистам, ки чанд тан аз сарбозони олмониро аз хӯрок таъмин кунаму ба ҷое наравам. Вале вақте ки чашмам ба ин пруссакҳо афтод, дигар худро даст гирифта натавонистам! Аз хашму ғазаб танам ларзид; тамоми рӯз аз шарму хиҷолат ашк рехтам. Оҳ, агар мард мебудам, онаи зорашонро дар машчашон нишон медодам! Ман аз панҷара ба ин хукҳои ахтаи фарбеҳи кулоҳпӯш менигаристаму хидматкорзан дастамро медошт, то тамоми мебели хонаамро ба сарашон наандозам. Сипас онҳо барои буду бош сокини хонааш шуданд ва ман ба гулӯи аввалин сарбози воридшуда даст андохтам. Нисбат ба яки дигар олмониро хафа кардан осонтар аст! Агар аз мӯи сарам намекашиданд, бешубҳа ӯро мекуштам. Баъд аз ин қазия ичборан пинҳон шудам. Ва ба маҳзи ин ки фурсати мувофиқ фаро расид, рахти сафар барбастам ва инак, ҳоло дар ин ҷо ҳастам.

Ҳама ӯро сутуданд. Қадру манзалати ӯ дар назари ҳамсафаронаш, ки чунин бебокӣ аз худ нишон надода буданд, хеле боло рафт ва Корнюде ба гуфтаҳои ӯ гӯш доду таҳсиномезу чун ҳаварӣ бо ҳсуни тамойил табассум кард; хамин тавр кашиш одами порсоро, ки худоро ҳамду сано мегӯяд, гӯш мекунад, зеро ки демократҳои ришдароз дар қисмати ватанпарастӣ мисли одамони калисо дар масъалаи порсойӣ соҳибимтиёз шуда буданд. Сипас Корнюде бо лаҳни насиҳатомез, бо шӯру ҳаячоне, ки аз эъломияҳо, эъломияҳое, ки хамарӯза дар деворҳо

мечаспонанд, ба даст меоваранд, забон ба сухан боз кард ва матлабашро бо калимахои пуртумтарок, бо дашном додани «Баденгеи нобакор»[2] поён бахшид.

Аммо Лӯндаяк ба хашм омад, вай пайрави Бонапарт буд. Ӯ мисли олболӯ сурх шуд ва аз каҳру газаб бо лукнати забон изхор дошт:

- Мехостам бародари шуморо ба ҷои ӯ бинам. Он гоҳ кӣ будани шумо маълум мешуд, қазоват кардан осон аст! Охир шумо ба ӯ хиёнат кардед! Агар Фаронсаро шайтонҳое аз қабили шумо идора мекарданд, ба акиб нигоҳ накарда, танҳо гурехтан лозим меомад!

Корнюде хунсардиашро ҳифз намуд, бо нафрат ва мутакаббирона табассум кард, аммо эҳсос мешуд, ки ҳол ҳозир ба дашном додани якдигар шурӯъ хоҳанд кард; дар ин лаҳза граф мудохила кард ва бо захмати зиёд Лӯндаяки хашмгинро ором намуд, сипас изҳор дошт, ки ба ҳама гуна эътикоди самимӣ эҳтиром боид гузошт. Дар он миён завҷаи граф ва ҳамсари корхонадор, ки чун ҳаман одамони мӯҳтарам ба чумҳурӣ ва зарқу барқи дарбору подшоҳони мустабид нафрати беандоза доштанд, ба ин фоҳиша, ки ба таври шойиста рафтор карда буд, беихтиёр эҳсоси алоқа карданд.

Сабад холӣ шуда буд. Онро дах нафар холӣ карда буданд ва фақат афсӯс мехӯрданд, ки сабад калонтар набуд. Сӯҳбат боз муддате идома ёфт, харчанд ки баъд аз сарфи ғизо аз чӯшу хурӯшаш андаке коста буд.

Шаб фаро мерасид, торикӣ тадричан ғализтар мешуд; бахусӯс ҳангоми ҳами хӯрок сармо сахт эҳсос карда мешавад, аз ин рӯ Лӯндаяк, сарфи назар аз фарбех буданаш, меларзид. Бонуи де Бревил гармкунаки худро, ки чандин дафъа ба он ангиштсанг андохта буд, ба ӯ пешниход кард; Лӯндаяк хамон лаҳза пешниҳоди ӯро пазируфт, зеро поҳояш бакуллӣ ях карда буданд. Бонуи

---

[2]Лакаби тахкиромези Луи-Бонапарт

Карре-Ламадон ва бонуи Луазо гармкунакҳои худро ба роҳибаҳо доданд.

Фойтунчӣ фонӯсҳоро барафрӯхт. Онҳо фаввораи бухореро, ки аз саграҳои аракшори аспҳо бармехост ва барфи канорахои роҳро, ки нури тағйирпазири шӯълаи онҳо гӯиё пӯшиши нопайдоканоре буд, равшан карданд.

Дар дохили фойтун акнун чизеро ташхис додан имконнопазир буд, аммо дар гӯшае, ки Лӯндаяк ва Корнюде нишаста буданд, ногаҳон ҷунбучӯше рух дод ва ҷаноби Луазо, ки торикиро дақиқан менигарист, ба назараш омад, ки ришкалон баъд аз хӯрдани зарбаи бесадо, вале сахту ҷонкоҳ худро бо ачала канор кашид.

Дар чилав шӯълаи чарогон дурахшиданд. Ин чарогони деҳаи Тот буд. Ёздаҳ соъат мешуд, ки роҳ мерафтем ва агар ду соъатеро, ки чаҳор бор тавакқуф намуда, аспҳоро хӯроку дам дода будем, изофа бикунем, дар он сурат ҳамагӣ сездаҳ соъат мешавад. Фойтун ба деҳа расиду дами «Меҳмонсарои тичоратӣ» тавакқуф намуд.

Дари фойтун боз шуд. Ва ногаҳон мусофирон садои ҷаранг-ҷаранги шамшери дар рӯи замин кашонро, садои барояшон хеле шиносро шунида, такон хӯрданд. Ва ҳамон лаҳза садои гӯшхароше ба забони олмонӣ дар фазо печид.

Сарфи назар аз он ки фойтун тавакқуф намуда буд, вале яке ҳам аз мусофирон аз ҷояш начунбид, ҳама гӯё метарсиданд, ки аз фойтун хорич шудан замон, дар як он эшонро ба қатл мерасонанд. Фойтунчӣ дар даст фонӯс пайдо шуду радиф одамони чеҳраҳояшон тарсзадаю дахонҳояшон бозу чашмонашон аз фарти ҳайрату вахшат аз косахонаҳояшон баромадаро равшан кард.

Дар пахлуи фойтунчӣ, дар хатти равшанойӣ, афсари ҷавону болобаланди сафедмӯю фавкульода бориқандоми олмонӣ, ки мундираш танашро сахт дар худ фишурда буд, меистод, фуражкаи лабтахти

баррокаш, ки ба сараш кач гузошта буд, ӯро ба номарасони меҳмонхонаи инглисӣ монанд карда буд. Мӯйлабҳои беандоза бузургу забараш гӯё канораҳои даҳонашро фишор дода, гунаҳою гӯшаҳои лабонашро пойин мекашиданд ва тадричан борик шуда, ба як тора мӯи нозук, ки нуки он ба чашм намерасид, табдил ёфта буд.

Вай бо лаҳни хашин ба забони фаронсавӣ, бо лаҳчаи элзасӣ ба мусофирон мурочиъат намуда, пешниҳод кард, ки аз фойтун пиёда шаванд:

- Ҷанобон, берун оед!

Ибтидо ҳардуи роҳибаҳо, бо нармии дӯшизаҳои муқаддас, ки ба фармонбардорӣ одат кардаанд, итоъат намуданд. Сипас граф ҳамроҳи завчааш, аз думболи эшон корхонадору ҳамсараш, пасон Луазо ҳамболинашро тела дода, намоён шуданд. Луазо аз фойтун пиёда шуда, бештар аз рӯи эҳтиёткорӣ, на аз рӯи назокат, ба афсар гуфт:

- Ҷаноби олӣ, рӯз ба хайр!

Афсар бо густохии одами муқтадир ба ӯ нигаристу чизе нагуфт.

Лӯндаяк ва Корнюде, ҳарчанд дами дар нишаста бошанд ҳам, дар муқобили қиёфаи душман, чеҳраи ҷиддӣ ва пурғурӯр ба худ гирифта, аз ҳама охир фуромаданд. Зани фарбеҳ ба қадри қувват саъй намуд нафрати худро зоҳир насозад; демократ бо дасти ларзон риши дарози сурхфомашро бо хотири афсурда оҳиста кашид. Ҳарду, бо дарки он ки ҳангоми чунин мулоқотҳо ҳар кас то ба андозае ватанашро муъаррифӣ мекунад, кӯшиданд шойистагии худро ҳифз бикунанд. Онҳоро мутеъи мусофирони дигар ба ҳайрат оварда буд, бино бар ин Лӯндаяк мекӯшид нишон диҳад, ки нисбат ба заноҳои ҳамсафараш ғурӯраш бештар аст, вале Корнюде бо эътирофи он ки бояд дарси ибрат бидиҳад, бо тамоми вуҷудаш зоҳир сохт, ки муқовиматро, ки бо кандани

хандақ дар чодаҳо шурӯъ карда буд, идома хоҳад дод.

Ҳама ба матбахи васеъи корвонсарой ворид шуданд ва дар ҳамин ҷо олмонӣ ичозатнома барои мусофиратро бо имзои коменданти Руан, ки дар он номҳо, нишонаҳо ва пешаи куллияи мусофирин қаламдод шуда буд, талаб намуд; вай муддати мадиде ҳамаро бо навбат баррандоз кард, ичозатномаҳоро бозрасӣ намуд.

Сипас ба тундӣ гуфт: «Хуб» ва нопадид шуд.

Ҳама нафасе барохат кашиданд. Эҳсоси гуруснагӣ ҳанӯз ҳам аз байн нарафта буд; хӯроки шом супориш доданд. Барои омода накардани он ним соъат лозим буд, аз ин хотир, ба маҳзи ин ки ду зани хидматкор ба пухтупаз саргарм шуданд, мусофирон барои тамошои бино рафтанд. Ҳамаи хучраҳо дар имтидоди даҳлези тӯлонӣ, ки ба дари тираи шишагӣ бо раками пурмаънӣ такя медод, қарор доштанд.

Саранчом вақте ки ба пушти миз нишастанд, сару каллаи мудир, точири собиқ, шикамкалони мубтало ба бемории танги нафас, ки дар паҳлуяш ҳамвора чизе хуштак мекашиду хиррос мезад, пайдо шуд. Фамилияи ӯ Фоланвӣ буд.

Вай пурсид:

- Кадоме аз шумо бонуи Элизабет Руссе мебошед?

Лӯндаяк таконе хӯрду рӯ баргардонид:

- Он шахс манам.

- Бону! Афсари олмонӣ фавран бо шумо сӯҳбат кардан мехоҳад.

- Бо ман?

- Оре, бо шумо, агар шумо бонуи Элизабон Руссе бошед.

Вай хичолат кашид, дар фикр фуру рафту пасон ошкоро эълом дошт:

- Ҳаминаш кам буд!.. Намеравам!

Изтиробу хаячон боло гирифт: ҳама сабаби даъватро

тахмин зада, якбора ба ҳарф омаданд. Граф ба Лӯндаяк наздик шуд:

- Бону, шумо ҳақбачониб нестед, пофишории шумо метавонад на танҳо барои худатон, балки барои ҳамаи ҳамсафаронатон ҳам фарҷоми баде ба бор оварад. Ба одамоне, ки аз мо муқтадиртаранд ҳаргиз набояд муқовимат нишон дод. Бидуни шубҳа ин даъват мутазаммини хатаре нахоҳад шуд; эҳтимол меравад, ягон расмияти беарзишеро анҷом бояд дод.

Ҳама ба граф ҳамфикр шуданд, аз Лӯндаяк хоҳиш намуданд, ташвику насиҳаташ карданд ва саранҷом розиаш кунониданд; ҳар яке метарсид, ки агар беақлие рӯй диҳад, дар он сурат ба мушкилоте дучор хоҳанд шуд.

Билахира Лӯндаяк гуфт:

- Бисёр хуб, ин корро танҳо ба хотири шумо анҷом медиҳам!

Завҷаи граф дасти ӯро фишурд:

- Мо ҳам аз шумо беандоза сипосгузорем!

Лӯндаяк рафт. Ҳама пушти миз нишаста бозгашти ӯро интизор шуданд. Ҳар яке ғӯсса мехӯрд, ки ба ҷои ин зани тандхӯю оташмизоҷ ӯро даъват накарданд ва дар ҳар сурат фикран ҳар гуна ҷумлаҳои пешипоафтодаро омода мекард, то агар даъваташ бикунанд, ҳозир бошад.

Вале баъд аз даҳ дақиқа Лӯндаяк нафасзанону хиҷолатзада ва хашмгин баргашт. Вай зери лаб гуфт:

- Оҳ, нобакоре! Аҷаб нобакоре, аҷаб разиле!

Ҳама суолборонаш карданд, аммо ӯ хомӯшӣ ихтиёр кард; граф такроран исрор варзид; саранҷом Лӯндаяк бовиқор ҷавоб дод:

- Ин ба шумо рабте надорад, чизе гуфта наметавонам.

Ҳама дар атрофи тоси шӯрбо, ки аз он бӯи карам бармехост, нишастанд. Сарфи назар аз ин қазияи изтиробовар, хӯроки шом бо хушҳолӣ сарф шуд. Шароби себ, ки зану шавҳари Луазо, ҳамчунин роҳибаҳо ба хотири сарфаҷӯйӣ менӯшиданд, хеле хуб буд. Дигарон

шароб супориш доданд; Корнюде такозои пиво кард. Ӯ сари шишаро ба таври махсус боз мекард, ба тарзи махсус ба пиво менигарист, сипас истаконро аз пиво пур мекарду ибтидо онро пойин мебурду баъдан то дами чароғ боло мебардошт, то ба ранги он беҳтар чашм дӯзад. Вақте менӯшид, риши дарозаш, ки бо гузашти замон ранги нӯшобаи дӯстдорамашро ба худ гирифта буд, гӯё аз меҳрибонӣ ба ҳаракат медаромад, чашмонаш кач мешуданд, то истаконро гум накунанд ва ба назар меомад, ки гӯиё вай ягона вазифааашро, ки ба хотири он ба дунё омадааст, анҷом медиҳад. Вай мисли ин ки фикран кӯшиш менамуд ду майли бузургашро, ки ҳаёташро асири панҷаи худ карда буд, ба ҳам наздику тавъам созад: пивои шаффофи инглисӣ ва Инкилобро; мусалламан, вай андешаи якеро накарда, дигареро чашидан наметавонист.

Ҷаноби Фоланвӣ бо ҳамсараш дар интиҳои миз нишаста буданд. Шавҳар мисли паровози кухна фаш-фаш мекард ва синааш чунон хур-хур менамуд, ки ҳангоми сарфи гози харф зада наметавонист; вале завҷааш лаҳзае ҳам лаб аз сухан фуру намебаст. Вай тамоми хотироташро аз омадани пруссакҳо тавсиф мекард, аз кардаю гуфтаҳояшон ҳикоят менамуд; вай аз онон мутанаффир буд, дар навбати аввал барои он ки ба эшон пул харҷ карданаш лозим буд ва баъд барои он ки ду писараш дар артиш хидмат мекарданд. Вай бештар ба завҷаи граф мурочиъат менамуд – бо бонуи начиб сӯҳбат кардан барояш хушоянд буд.

Вай аз чизҳои латифу нозук харф зада, садояшро хафиф мекард, вале шавҳараш гоҳ-гоҳе сухани ӯро мекайчид:

- Бонуи Фоланвӣ, беҳтар аст хомӯшӣ ихтиёр кунӣ.

Вале ҳамсараш ба гуфтаи ӯ таваччуҳе зоҳир накарда, думболаи харфашро таъқиб мекард:

- Бале, бону, ин мардум корашон фақат картошкаро

бо гӯшти хуку гӯшти хукро бо картошка хӯрдан асту халос! Ва ҳаргиз бовар накунед, ки онҳо поку парҳезкоранд. Комилан ин тавр нестанд! Онон, манро бубахшед, дар ҳама ҷо касифкорӣ мекунанд. Кош медидед, ки читавр онҳо соъатҳо, тамоми рӯзҳо тамрин мекунанд: дар майдон ҷамъ мешаванду пасу пеш қадам мезананд, ба ин тарафу ба он тараф мечарханд. Бехтар мебуд замини ватанашонро шудгор мекарданд ва е рох месохтанд! Аммо ин тавр намекунанд, бону, аз низомиён касе суде ба даст намеорад! Вақте онҳо фақат чи тавр куштани одамонро ёд мегиранд, пас чаро ин халқи сиёҳбахт эшонро мехӯронад? Ман пиразанам, росташро бигӯям, бесаводам, вале вақте мебинам, ки онҳо ба ҷонашон раҳм накарда, аз субҳ то шом қадам мезананд, ҳамеша меандешам: «Охир одамоне ҳастанд, ки ҳама гуна кашфиёт мекунанд, то ба мардум войида бахшанд, вале ба чи дард мехӯранд ин қабил одамоне, ки танҳо барои зарар ворид кардан ҷон мекананд?». Ростӣ, магар катли одамон, бигузор онҳо олмонӣ бошанд ё инглисӣ, лаҳистонӣ бошанд ё фаронсавӣ, разолат нест? Агар аз оне, ки туро озор додааст, қасос бигирӣ, барои ин амалат ҷазо медиҳанд ва ин рафторат бад аст, вале вақте ки писарони моро мисли харгӯшҳо тирборон карда, ба қатл мерасонанд, маълум мешавад, ки ин кори хуб аст: охир ба онҳое, ки бештар мекушанд, орденҳо медиҳанд! Не, медонед чӣ, сари ин масъала чизеро фаҳмида наметавонам.

Корнюде бо садои баланд гуфт:

- Вақте ки ба ҳамсояи сулҳдӯмт ҳамла меоваранд, ҷанг барбарият аст, аммо ҳангоме ки аз ватан дифоъ мекунанд, ин вазифаи муқаддас аст!

Пиразан саршро пойин андохт:

- Бале, вақте ки дифоъ мекунанд, ин масъалаи дигар аст; вале дар ҳар сурат бехтар аст тамоми шоҳонеро, ки ба хотири саргармии худ оташи ҷангро меафрӯзанд, ба

қатл бирасонанд.

Чашмони Корнюде оташ гирифтанд.

- Офарин, ҳамшаҳрӣ! – хитоб кард ӯ.

Ҷаноби Карре-Ламадон дар таъаҷҷуб афтода буд. Ҳарчанд ӯ дар пеши сипаҳсолорони машҳур сари таъзим фуруд оварда буд, ақли солими деҳқонзани куҳансол барои ба фикр фуру рафтан маҷбураш кард: чи қадар устувору пойдор месохтанд сарватмандии мамлакатро ин теъдоди бешумори бекорони имрӯза, коргарони зиёновар, ин қадар исрофкории нерӯи коргарӣ, агар ононро барои иқдомоти бузург дар ришгаи саноъат, ки барои такмили он садсолаҳо лозим аст, мавриди истифода қарор медоданд, олам ба гулистон табдил меёфт.

Дар айни ҳол Луазо ҷои худро тарк карду паҳлуи соҳиби трактир нишасту оҳиста-оҳиста бо ӯ ба сӯҳбат пардохт. Шикамкалон қоҳ-қоҳ хандид, сурфид, сина соф кард; аз шӯхиҳои Луазо, ки дар худи ҳамон ҷо шаш брчка шароби сурхро барои баҳор харид, шиками гирдаи ӯ ба таври хандаовар ҷастухез мекард.

Ба маҳзи ин ки сарфи гизо ба поён расид, ҳама эҳсоси хастагии шадид карданду барои хобидан рафтанд.

Дар он миёна Луазо, баъзе чизҳоро мушоҳида намуда, ҳамсарашро хобонду худ ба сӯрохи қуфл гоҳ чашмашро гузошту гоҳ гӯшашро, то ин ки, чунонки худ изҳор медошт, ба «сирри дахлез» нуфӯз бикунад.

Баъд аз як соъат садои хиш-хиш ба гӯшаш расид, дар як он чашм ба сӯрохи қуфл дӯхту Лӯндаякро дид, ки дар яктаҳи обии занонаи кашмирӣ боз ҳам бештар бошукӯҳ ба назар мерасид. Вай дар даст шамъдон дошт ва ба тарафи иморати охири дахлез равона шуд. Аммо дар кучое дар ҳамсоягӣ дари дигаре нимбоз шуд ва ҳангоме ки Лӯндаяк баъди чанд дақиқа баргашт, Корнюде низ думболаашро гирифта буд. Онҳо оҳиста ҳарф мезаданд. Сипас таваққуф карданд. Зоҳиран Лӯндаяк даромадгохи

ҳучраашро қотеъона ҳимоят мекард. Луазо, мутаъассифона, ба суханҳои онҳо сарфаҳм намерафт, вале дар охир, вакте онҳо садояшонро баланд карданд, ӯ муваффак шуд маънии чанде аз гуфтаҳояшонро бифаҳмад. Корнюде пофишорӣ мекард. Вай гуфт:

- Гӯш кунед, ҷонакам, ин ҳамоқат аст, охир барои шумо чӣ заҳмате дорад?

Лӯндаяк бо танаффури ошкоро посух дод:

- Не, ҷонам, лаҳзаҳое мешавад, ки ин кор норавост, бахусӯс дар ин ҷо ин амал расвойии маҳз мебуд.

Корнюде эҳтимол ӯро нафаҳмида буд, ки пурсид:

- Чаро?

Ин суол занро асабонӣ кард, аз ин хотир вай бо садои баланд гуфт:

- Чаро? Шумо намефаҳмед, ки чаро? Вакте пруссакҳо дар хона, тақрибан дар ҳучраи пахлӯйӣ?

Корнюде сукут кард. Маҳҷубияти меҳманпарастонаи фоҳиша, ки бо изҳори ин ки дар атроф душманонанд, таслими самочати ин мард нашуда буд, зоҳиран дар дили ӯ бакияи шойистагии инсониашро бедор карда буд, ки дар натича дасти Лӯндаякро бӯсиду дуздакӣ ба ҳучраи худ баргашт.

Луазо бо кайфияти комилан хуб аз сӯрохи куфл дур шуд, ҷастухез кард, шабкулоҳашро пӯшид, рӯандозро, ки дар зери он бадани дурушти ҳамсараш орамида буд, кадре боло бардошту ӯро бо бӯса бедор карда, пичирос зад:

- Ҷонакам, ту манро дӯст медорӣ?

Саросари хона дар сукут фуру рафт. Вале базудӣ аз кучое, эҳтимол аз сардоба ва шояд аз зерширвонӣ садои хур-хури қавии якнавохту мавзун, ғиреви хафифу кашида, ба гӯш расид, мисли ин ки дар чое дар зери фишори зиёд деги бухор мечӯшид. Ин хур-хуру ғиреви чаноби Фоланвии хобида буд.

Чун тасмим гирифта буданд, ки рӯзи дигар соъати

ҳашти субҳ ҳаракат кунанд, ки вақти таъйиншуда ҳама дар ошхона гирди ҳам омаданд; аммо фойтун, ки брезенти рӯяш бо қишри захми барф пӯшида шуда буд, дар васати ҳавлӣ якка, бидуни асҳою фойтунчӣ, ба чашм мехӯрд. Фойтунчиро дар тавила, дар коҳдон ва сарой беҳуда ҷустанд. Мардҳо қарор гузоштанд, ки маҳалро тафтиш кунанд, бино бар ин аз дарвоза хорич шуданд. Онҳо ба майдоне расиданд, ки дар муқобили он калисо қарор дошту дар атрофаш ду радиф хонаҳои пастак ба чашм мерасиданд, ки сарбозони олмониро дар он ҷо дидан мумкин буд. Сарбози нахустинро диданд, ки картошка пӯст меканд. Сарбози дуввумин андаке дуртар ойинаи сартарошро пок менамуд. Сарбози саввумин, ки ришаш то зери чашмонаш вусъат пайдо карда буд, писараки гирёнро дилдорӣ дода, рӯи зонӯвонаш мечунбониду аз сараш мебӯсид. Деҳқонзанони тануманд, ки шавҳаронашон дар «артиши разманда» буданд, бо ишора ба фотеҳони фармонбардори худ кореро нишон медоданд, ки бояд анҷом бидиҳанд: ҳезумро пора кардан, зарфро аз шӯрбо пур намудан, қаҳваро кӯбидан; яке аз онон ҳатто либосҳои соҳибхоназани худро, пиразани фартуту нотавонро мешуст.

Графи ҳайратзада бо суол ба яке аз аъзои хурди рӯҳониёни калисо, ки аз манзили кашиш хорич шуда буд, мурочиъат намуд. Хармӯши пири калисо дар посух ба ӯ гуфт:

- Ҳо, инҳо бадхулқ нестанд: мегӯянд, ки эшон пруссак нестанд. Онҳо аз ҷои дуре, фақат аз кучо буданашро намедонам; ва занону фарзандони ҳамаашон низ дар ватанашон мондаанд; охир ҷанг барояшон дилхуший нест! Эҳтимол дар он ҷо ҳам аз фироқи шавҳаронашон мегирянд ва дар он ҷо низ мухточон камтар аз мо нестанд. Дар ин ҷо феълан чандон шикоят кардан зарурат надорад, чунки онҳо бадахлокие намекунанд, чун дар манзили худ заҳмат мекашанд. Дар ҳар сурат, оқо,

фақирон бояд ба ҳамдигар кумак бикунанд... Охир ҷангро сарватмандон шурӯъ мекунанд-ку.

Корнюде, аз тавофуқи самимие, ки миёни ғолибону мағлубон баркарор шуда буд, дар ҳайрат афтодаю дар трактир нишастанро афзалтар шумурда, аз он ҷо рафт. Луазо шӯхӣ кард:

- Онҳо талафии кам шудани аҳолиро медиҳанд.

Ҷаноби Карре-Ламадон ҷиддан эътироз кард:

- Онҳо, ҳасоратро ҷуброн мекунанд.

Фойтунчӣ ҳанӯз ҳам нопайдо буд. Саранҷом ӯро дар майкадаи деҳа пайдо карданд, ки бо гумоштаи афсари олмонӣ дар пушти мизча нишаста буд. Граф пурсид:

- Магар ба шумо дастур надода буданд, ки наздики соъати ҳашт фойтунро барои кат омода бикунед?

- Дастур дода буданд, вале баъд дастур дигар шуд.

- Чӣ тавр?

- Ба ҳеҷ вачҳ аспҳо ба фойтун қӯш карда нашаванд.

- Кӣ ба шумо чунин дастур дод?

- Афсари олмонӣ.

- Чаро?

- Охир ман аз кучо донам? Аз ӯ бипурсед. Агар гкӯш накун, ман ҳам кӯш намекунам. Вассалом.

- Инро ба шумо худаш гуфт?

- Не, оқо. Дастурро аз тарафи ӯ ба ман соҳиби трактир дод.

- Кай?

- Дишаб, пеш аз хобидан.

Се тан аз мусофирон бо изтироби зиёд баргаштанд.

Ҷаноби Фоланвиро хостанд, вале хидматкорзан ҷавоб дод, ки бино бар бемории танӣ нафас арбоб ҳаргиз пеш аз соъати даҳ аз хоб нарнамехезад. Вай қабл аз мухлат бедор карданашро қатъиян манъ кардааст, ҳатто агар сӯхтор шавад ҳам.

Мехостанд бо афсар мулоқот бикунанд, аммо маълум шуд, ки имконнопазир аст, ҳарчанд ӯ дар ҳамон ҷо, дар

трактир зиндагӣ мекард; танҳо ҷаноби Фоланвӣ ҳақ дошт дар мавриди умури шаҳрвандон бо ӯ сӯҳбат бикунад. Тасмим гирифтанд, ки интизор бишаванд. Бонувон ба ҳучраҳои худ паноҳ бурданду саргарми ҳар гуна корҳои беарзиш шуданд.

Корнюде дами оташдони ошхона, ки гулхан шӯълавар буд, ҷо гирифт. Вай дастур дод, ки ба он ҷо мизча, як шиша пиво биоваранд ва аз ҷайбаш чубӯқашро, ки дар миёни демократҳо тақрибан мисли худаш эҳтиром дошт ва гӯё ба Корнюде хидмат намуда, хидмати ватанро анҷом медод, берун оварад. Вай чубӯқи пенкагии бисёр хуб, хеле дудхӯрда, мисли дандонҳои сохибаш сиёҳ, аммо хушбӯй, хамзада ва баррок буд. Ӯ гоҳ ба забонаҳои оташи оташдон, гоҳ ба кафи сатҳи дулчаи пиво чашм дӯхта, сукут ихтиёр карда буд ва баъд аз нӯшидани ҳар ҷуръа, ангуштони лоғарашро бо камоли майл ба мӯҳои дарози равғаниаш фуру мебурд ва кафи пивои мӯйлабашро мемакид.

Луазо бо баҳонаи каме поҳояшро ҳаракат додан ба назди дукондорони хурдафурӯш рафт, то шаробашро ба онҳо пешниҳод бикунад. Граф ва корхонадор дар бораи сиёсат ба сӯҳбат шурӯъ намуданд. Онҳо ояндаи Фаронсаро дарк кардани мешуданд. Яке ба Орлеанҳо, дигаре ба наҷотдиҳандаи номаълуме, ба қаҳрамоне, ки дар лаҳзаи комилан чоранопазире пайдо хоҳад шуд, умед мебастанд: ба кадом-як дю Геклен ё ба Жанна д'Арк – аз кучо мешавад донист? Ва ё ба Наполеони I-и ҷадид? Ох, агар валиаҳд ин қадар ҷавон намебуд! Корнюде ҳарфҳои ононро шунида, ба киёфаи одамоне, ки аз рози казою кадар иттилоъ доранд, табассум кард. Чубӯқи ӯ дар саросари ошхона бӯи хуш пахш мекард.

Ҷаноби Фоланвӣ сари соъати дах хозир шуд. Ҳама ӯро суолборон карданд, вале ӯ се бор пай дар пай, бидуни тағйироте дар киёфа, такрор кард:

- Афсар ба ман ин тавр гуфт: «Ҷаноби Фоланвӣ!

Дастур надиҳед, ки фардо аспҳоро ба фойтуни ин мусофирон кӯш бикунанд. Намехостам, ки онҳо бидуни дастури махсуси ман ба мусофират бираванд. Фаҳмидед? Вассалом».

Тасмим гирифтанд, ки бо афсар сӯҳбат бикунанд. Граф варақаи боздидашро, ки дар он ҷаноби Карре-Ламадон фамилия ва тамоми унвонҳояшро илова кард, ба ӯ фиристод. Афсари олмонӣ дастур дод ҷавоб бидиҳанд, ки онҳоро баъд аз сарфи хӯроки субҳона, яъне наздики соъати як ба ҳузураш хоҳад пазируфт.

Бонувон ҳозир шуданд; сарфи назар аз изтироби умумӣ, мусофирин каме хӯрок хӯрданд. Лӯндаяк гӯё бемор ва шадидан музтариб буд.

Вақте қаҳваро нӯшида тамом карданд, барои ба ҳузури афсари олмонӣ бурдани граф ва корхонадор гумоштаи ӯ омад.

Луазо ҳам ба онҳо мулҳақ шуд; кӯшиш намуданд, ки Корнюдеро низ ҷалб кунанд, то ба ташрифашон ҳарчи бештар салобату шукӯҳ бахшанд, вале ӯ мутакаббирона изҳор дошт, ки бо олмониҳо майли робитае надорад, аз ин рӯ, боз як шиша пиво дархост намуду муҷаддадан дами оташдон нишаст.

Се тан мард ба табақаи дуввум боло рафтанд ва ба ҳуҷраи беҳтарини корвонсарой раҳнамойӣ шуданд; афсар дар курсии мулойим нишаста, поҳояшро рӯи нардаи оташдон гузошта, дуди чубӯқи чинии дарозашро аз даҳону бинӣ фаввора занонида ва дар хилъати оташфом, ки бидуни шубҳа аз манзили матруки бурдуйе безавқу салиқа дуздида буд, худро печида, онҳоро ба ҳузур пазируфт. Вай аз ҷо барҳост, салом кард, ба эшон нигоҳе наандохт. Вай дар симои хеш намунаи олии бешармиро, ки хоси фотеҳи дағал буд, тачассум менамуд.

Баъд аз сукути кӯтоҳмуддат ӯ пурсид:

- Шумо шӣ мехоҳед?

Ришгаи Суханро граф ба даст гирифт:
- Ҷаноби олӣ, мо рафтан мехостем.
- На.
- Далели розӣ нашуданатонро метавонам бидонам?
- Барои он ши (ки) дилам намехоҳад.
- Ҷаноби олӣ, эҳтиромона изҳор медорам, ки генерали шумо ба мо иҷоза додааст, ки то Депп биравем ва, ба назарам, аз ҷониби мо амали номатлубе ҳам рух надодааст, ки боъиси иқдомоти сахт аз тарафи шумо гардад.

Дилам намехоҳад... вашшалом... метавонед билавед.

Онҳо сари таъзим фуруд оварданду аз ҳуҷра хориҷ шуданд.

Рӯз ба таври дилгиркунанда сипарӣ мешуд. Буқлҳавасии олмонӣ комилан номафҳум буд; мусофирин гумонҳои муҳмалу ғарибтарин дар сар мепарвариданд. Ҳама дар ошхона нишаста буданд ва фарҳои яке аз дигаре ғайри ҳақиқитар пеш оварда, пайваста масъаларо мавриди муҳокима қарор медоданд. Эҳтимол онҳоро ба сифати гаравгон дар ин ҷо нигоҳ доранд? Вале бо кадом мақсад? Ё ҳамчун асирон мехоҳанд бозпоранд? Ва ё, саҳехтараш, мехоҳанд аз онҳо фидияи зиёд тақозо бикунанд? Фарзи охирин ононро ба ваҳшат меандохт. Бештар аз дигарон сарватмандтаринҳо ба тарсу ҳарос афтода буданд: онҳо пеши худ тасаввур мекарданд, ки чи тавр ба ин дағалмарди мундирпӯш як халтаи пур тило медиҳанд. Эшон саъй менамуданд дурӯғи ба ҳақиқат монандеро фикр карда ёбанд, сарвати хешро пинҳону худро бенаво, фавқулъода бенаво қаламдод бикунанд. Луазо занҷираки соъташро бозу дар ҷайбаш пинҳон кард.

Торикии фарорасида ташвишу изтиробро ба шиддат афзуд. Чарогро афрӯхтанд, азбаски то вақти нахорхӯрӣ ҳалӯз ду соъат вақт бокӣ монда буд, бонуи Луашо пешниход намуд, ки машғули қартабозӣ бишаванд.

Лоақал каме саргарм мешаванд. Пешниҳодро бо камоли майл пазируфтанд. Ҳатто Корнюде аз рӯи эҳтиром чубӯқашро хомӯш карду дар бозӣ ширкат ҷуст.

Граф қартаҳоро таҳурӯ ва таксим кард, Лӯндаяк якбора сию як хол гирифт: қартабозӣ базудӣ биму ҳаросро, ки мағзҳоро дар изтироб андохта буд, аз байн бурд. Аммо Корнюде мутаваҷҷеҳ шуд, ки зану шавҳар Луазо муштаракан қартаҳоро ба таври номаълум иваз мекунанд.

Вақте мехостанд наҳорашонро бихӯранд, муҷаддадан ҷаноби Фоланвӣ пайдо шуду бо садои гирифта гуфт:

- Афсари олмонӣ ба ман дастур дод аз бонуи Элизабет Руссе бипурсам, ки қарорашро тағйир додааст ё не.

Лӯндаяк рангашро бохту сари ҷояш хушк шуд; сипас аз фарти ҳаяҷон қиёфааш ба сурхӣ гаройид, вале қаҳру ғазаб гулугираш кард, аз из хотир натавонист ҳарфе ба забон оварад. Саранҷом якбора хашмаш боло гирифту таркид:

- Ба он пастфитрат, ба он бадкирдор, ба он нобакори олмонӣ бигӯед, ки ман ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ намешавам! Шунидед? Ба ҳеҷ вачх, ба ҳеҷ вачх, ба ҳеҷ вачх!

Шикамкалон, соҳиби трактир, аз дар хориҷ шуд. Ҳама Лӯндаякро дар ҳалқаи худ печонида, суолборонаш карданд, хоҳиш намуданд, ки рози сӯҳбаташро бо афсар ифшо бикунад. Вай дар ибтидо пофишорӣ кард, вале саранҷом шадидан ба ғазаб омада, бонг зад:

- Чӣ мехоҳад вай?.. Чӣ мехоҳад вай? Вай бо ман хобидан мехоҳад!

Ин гуфтаҳо касеро ба ҳаяҷон наовард, ҳама ба андозае ба шӯр омаданд. Корнюде дулчаро чунон сахт ба рӯи миз кӯфт, ки шикаст. Доду фарёди муттафикона танин андохт – ин даалмарди фурумоя қаҳру ғазаби ҳамаро барангехт, ҳама дар оташи ғазаб сӯхтанд, ҳама барои муқовимат муттаҳид шуданд, гӯё аз ҳар яки онҳо як ҷузъи курбониеро, ки аз Лӯндаяк мехостанд, тақозо

мекарданд. Граф бо нафрат изҳор намуд, ки ин одамон рафторашон бадтар аз барбарҳои бостонӣ аст. Бахусӯс бонувон ба Лӯндаяк ҳамдардии муҳаббатомезу самимӣ иброз доштанд. Роҳибаҳо, ки аз ҳуҷраҳои худ хориҷ шуда буданд, сарҳоро ба зер андохта буданд, сукут карданд.

Ҳангоме ки хашму танаффури ҳамагонӣ андаке фуру нишаст, ҳама пушти миз нишастанд, вале кам ҳарф заданд: ҳар яке дар пиромуни чизе меандешид.

Бонувон зуд ба ҳуҷраҳояшон рафтанд, аммо мардҳо, ки барои сигоркашӣ монда буданд, ба қартабозӣ шурӯъ намуданд ва ҷаноби Фоланвиро низ ба хотири ин ки аз ӯ бифаҳманд, ки бо кадом васила метавон муқовимати афсарро хунсо кард, ба бозӣ даъват намуданд. Лекин соҳиби трактир танҳо дар бораи қартаҳо фикр мекард, ба ҳарфе гӯш намедод, ба сухане посух намегуфт, танҳо такрор мекард:

- Ҷанобон, бигузоред бозӣ бикунам, бигузоред бозӣ бикунам!

Таваҷҷуҳаш ба ҳадде маҷзуби бозӣ буд, ки ҳатто туф карданро аз ёд бурда буд, ки дар натиҷа аз синааш гоҳ-гоҳ ҳуштаки тӯлонӣ ба гӯш мерасид, гӯё дар он ҷо арғунун буд. Шӯши ҳуштакии ӯ аз садоҳои мутантани бам шурӯъ намуда, то чеги хафифи хурӯсчӯҷае, ки бори аввал саройиданро озмудааст, тақлид мекард.

Вай ҳатто барои рафта хобидан сарпечӣ кард, ҳарчанд ки ҳамсараш аз фарти хастагӣ базӯр сари по истода барои бурдани ӯ омада буд. Ва ҳамсараш тани танҳо рафт, зеро бо тулӯъи офтоб аз хоб бармехост, дар сурате, ки шавҳараш шабзиндадор буд ва хурсанд мешуд агар бо дӯстонаш то субҳ бедор менишаст. Вай занашро садо зада, гуфт: «Рӯи бухорӣ бароям зардии тухми мурғ гузор» ва бозиашро идома дод. Вақте маълум шуд, ки ӯ розеро фош нахоҳад кард, аз ин рӯ тасмим гирифтанд, ки бихобанд, бино бар ин хама ба ҳуҷраҳои худ паноҳ бурданд.

Рӯзи дигар ҳам, ба умеди давом додани сафарашон ва ба сабаби майли фавқулъода ба рафтан доштанашон, ҳамчунин аз фикри ин ки боз лозим меояд як рӯзи дигарро дар ин трактири нафратангез сипарӣ бикунанд, ба ваҳшат афтода, субҳи зуд аз хоб бархостанд.

Дареғо, аспҳо дар истабл буданду фойтунчӣ ба чашм намехӯрд. Аз бекорӣ ҳама дар атрофи фойтун чарх заданд.

Хӯроки субҳ дар ғаму андӯҳ гузашт; нисбати Лӯндаяк ба андозае дилсардӣ эҳсос мешуд; чунонки маълум аст, кори шаб хандаи рӯз мебошад, аз ин рӯ рӯҳияшон каме тағйир ёфт. Акнун ҳамсафарон таъассуцф мехӯрданд, ки Лӯндаяк пинҳонӣ аз ҳузури олмонӣ нарафт ва барои ҷони тоза гирифтани эшон муждаи хуш наовард. Чӣ коре метавонист осон бошад? Ва кӣ ҳам дар ин бора хабар меёфт? Ба хотири одобу русум вай метавонист ба афсар бигӯяд, ки ин корро аз рӯи тараҳҳум ба ҳамсафарони сиёҳбахташ анҷом медиҳад. Охир барои ӯ анҷом додани ин амал хеле сода аст!

Вале ҳанӯз касе чунин андешаҳоро изҳор накарда буд.

Нисфи рӯз, вақте ки ҳамаро аз малолат ҷон ба лаб омад, граф пешниҳод намуд, ки дар атроф гардиш бикунанд. Либоси гарм пӯшиданнд ва гурӯҳи кӯчак, ба истиснои Корнюде, ки дами оташдон нишастанро бартар медонист ва ҳамчунин роҳибаҳо, ки рӯзро дар калисо ё назди кашиш сипарӣ мекарданд, ба роҳ афтод.

Сармое, ки рӯз ба рӯз шадидтар мешуд, гӯшу биниро берахмона месӯзонд; пиёда ба ҳадде ях мекарданд, ки ҳар қадами бардошта ранҷу азоб буд. Мазраъаҳои атрофи деҳаро барфи баланд зер гирифтаю чунон намуди шум дода буд, ки дилҳои ҳамаро ба фишор овард, бино бар ин гурӯҳ баргашт.

Чаҳор тан бонувон пешопешу се тан оқоён аз думболи онҳо ҳаракат карданд.

Луазо, ки вазъиятро хуб дарк мекард, ногаҳон пурсид.

ки оё аз барои «фохишае» боз муддати зиёде дар ин маҳаллаи дилгиру нообод палос хоҳанд шуд. Графи ҳамвора хушрафтор гуфт, ки наметавон аз зан чунин қурбонии машаққатборро тақозо кард – ин гуна қурбонӣ танҳо ба таври ихтиёрӣ мумкин аст. Ҷаноби Карре-Ламадон иброз дошт, ки агар фаронсавиҳо аз тариқи Деппа ҳамлаи мутақобила кунанд, - масъала маҳз ҳамин тавр матраҳ шуда буд, - он гоҳ задухӯрд бо олмониҳо ҳатман дар Тот сурат мегирад. Ин пиндор ҳамсӯҳбатонашро ба ташвиш андохт.

- Агар пиёда равем, чӣ мешавад? – гуфт Луазо.

Граф китфонашро дар ҳам кашид.

- Шӯхӣ накунед! Дар чунин барф, бо занҳо! Ба ҷуз ин, худи ҳамон замон таъқибамон мекунанд, баъд аз даҳ дақика дастгир намудаю ҳамчун асирон ба дасти сарбозон месупоранд.

Мусалламан, ҳамин тавр мешуд. Ҳама хомӯш шуданд.

Бонувон рочеъ ба либос баҳс мекарданд, валe, зоҳиран, баъзе лавозиму васойили ононро аз ҳам ҷудо мекарданд.

Ғайри мунтазира дар интихои кӯча афсари олмонӣ намоён шуд. Қомати баланди ӯ, ки мехвари мундирашро ба ёд меовард, дар мухити пурбарф пеш меомад; вай зонуонашро беруи дамонда, ба тарзи махсӯси марди низомӣ, ки кӯшиш менамояд мӯзаҳои бодиққат тамизкардаашро касиф накунад, қадам мебардошт.

Ӯ ба бонувон пахлӯ ба пахлӯ шуда, таъзим кард ва ба мардон, ки зимнан хайсияти шахсиашон кифоят кард, ки мулоххояшонро аз сар нагиранд, ҳарчанд Луазо мехост даст ба кулохи худ бибарад, бо нафрат нигарист.

Лӯндаяк то бехи гӯшхояш сурх шуд ва се бонуи шавҳардор аз он ки ин дағалмард ононро дар хузури лӯшизаҳо дидаю густохона рафтор карда буд, худро эмкан тахкиршуда эҳсос намуданд.

Дар бораи ӯ, қаду қомати ӯ, киёфаи ӯ гуфтугӯ карданд. Бонуи Карре-Ламадон, ки афсарони зиёдеро мешинохту аз онҳо чи баҳра бардоштанро медонист, натича гирифт, ки ин афсар он қадар ҳам бад нест; бону ҳатто аз фаросавӣ набудани ӯ афсӯс хӯрд, зеро аз вай гусари зебое дармеомад, ки бидуни шубҳа ҳамаи занҳоро девона мекард.

Ҳамсафарон аз гардиш баргаштанд, акнун эшон намедонистанд, ки саргарми чи коре бишаванд, бино бар ин бо ҳар гуна баҳонаҳои бемаънӣ ба ҳамдигар суханҳои нешдор мегуфтанд. Наҳорро хомӯшона хӯрданду ҳама барои хобидан рафтанд, то тавре карда вақтро гузаронанд.

Рӯзи дигар, вақте ки мусофирон ба пойин фуромаданд, дар чеҳраҳояшон хастагӣ асар гузоштаю дар дилҳояшон хашму ғазаб боло гирифта буд. Занҳо тақрибан бо Лӯндаяк ҳарф намезаданд.

Зангӯла садо дод. Дар калисо ба маросими ғусли таъмид омодагӣ мегирифтанд. Лӯндаяк кӯдаке дошт, ки дар манзили деҳқоне дар Ивето тарбият меёфт. Ӯ тифлашро дар зарфи сол як бор медид, ҳаргиз ба фикри ӯ намеафтод, вале андеша дар бораи кӯдаке, ки мехоҳанд ғусли таъмидаш диҳанд, беихтиёр дар дилаш нисбати тифлакаш мулотифати беандозаеро ба чӯш оварда, аз ин рӯ вай аз дилу чон мехост, ки дар маросими ғусли таъмид ширкат чӯяд.

Ба маҳзи рафтани ӯ ҳамсафарон ба ҳамдигар нигаристанд, сипас ба ҳам наздик шуданд – ҳама эҳсос менамуданд, ки саранчом фурсати иқдоме ба амал овардан фаро расидааст. Луазоро ногаҳон ин хаёл ба сараш зад: вай изҳор намуд, ки бояд ба афсар пешниҳод кард, ки танҳо Лӯндаякро нигоҳ дораду дигарон ро мураххас кунад.

Ҷаноби Фоланвӣ чиҳати анчом додани маъмурият розӣ шуд, вале тақрибан баъд аз чанд дақика баргашт:

олмонӣ, ки табиъати инсониро хуб дарк мекард, ӯро аз дар берун ронд. Олмонӣ қасд дошт, то лаҳзае, ки орзӯяш бароварда нашавад, мусофиронро нигоҳ дорад.

Дар ин вақт табиъати хашини бонуи Луазо бо тамоми вусъаташ бармало шуд:

- Охир то синни пирӣ дар ин чо намешинем-ку! Ҳоло ки ин разил машғули чунин пеша аст ва ин амалро бо тамоми мардон анчом медиҳад, пас чӣ ҳак дорад, ки орзӯи яки дигарро бароварда насозад? Ачабо, вай дар Руан бо ҳар пешомада, ҳатто бо фтйнчиҳо шаҳватронӣ мекард. Оре, бонувон, бо фойтунчии префектура! Охир ман хуб медонам – вай аз мо шароб мегирад. Аммо ҳоло, вақте ки моро аз бало начот додан лозим аст, ин фоҳиша худро нозуктабиъат вонамуд мекунад!.. Ба назарам, афсарро рафтораш хеле хуб аст. Эҳтимол вай муддатҳо боз огӯши гарми занро надида бошад ва мусалламан, аз се нафари мо якеамонро афзал донистанаш мумкин буд. Вале дар ҳар сурат ӯ бо оне қаноъат мекунад, ки ба ҳама гуна мард мутаъаллиқ аст. Олмонӣ ба занҳои шавҳардор эҳтиром мегузорад. Охир худ мулоҳиза бифармоед, вай дар ин чо фармонраост. Барои вай танҳо гуфтанӣ: «Ман мехоҳам» кофист ва бо кӯмаки сарбозон вай метавонад базӯрӣ моро соҳиб шавад.

Занҳо такон хӯрданд. Чашмони бонуи Карре-Ламадони зебоандом барқ заданд, вайро рангаш парида буд, гӯё дар хаёлаш медид, ки чи тавр афсар базӯрӣ ӯро соҳиб шудан мехоҳад.

Мардон, ки дар канор мубоҳиса мекарданд, ба бонувон наздик шуданд. Луазо ба шӯр омада буд ва омода буд дасту поҳои «ин касиф»-ро бастаю таслими душман бикунадаш. Вале граф, авлоди се насли сафирон ва худ низ эҳтиран шабеҳ ба дипломат, чонибдории худро чиҳати истифодаи тадбири мохиронае эълом дошт.

Акидаи Лӯндлякро боид тағйир дод, - гуфт ӯ.

Тавтиъа тарҳрезӣ шуд.

Занҳо наздиктар омаданд, сӯҳбат ранги умумӣ гирифт ва ҳар яке садояшро хафиф карда, назари хешро иброз медошт. Вале ҳама чиз комилан аз рӯи назокат буд. Бахусус бонувон дар пайдо намудани суханони боназокат ва ибороти муносиб барои ифодаи мафҳумоти беадабонатарин сабқат нишон медоданд. Иборот ба ҳадде мулоҳизакорона интихоб мешуданд, ки ҳатто шахси ғариба чизеро намефаҳмид. Аммо азбаски зиреҳи содаи маҳҷубияти боиффатро, ки занони табақаи ашрофу аъён бар хеш никоб мекунанду онҳоро фақат зоҳиран ҳифз менамоянд, худро дар муҳити хеш эҳсос намудаю ин амраки ошиқонаро бо ҳирси ошпазе, ки ғизои болаззати шомро барои дигаре мепазад, анҷом медиҳанд, ҳамаи онон аз ин қазияи бешармона фавқулъода лаззат мебардоштанд.

Саранҷом, чун ҳодиса ба қадре аҷиб буд, хушҳолиашон беихтиёр барояшон баргашт. Граф баъзан чанд мулоҳизоти хатарнок азҳор медошт, аммо чунон нозук, ки танҳо мӯҷиби табассум мешуданд. Луазо шӯхиҳои бештар намакин ба хӯрди ҳуззор медод, аммо касе сахт намеранҷид – дар мағзи ҳама ин гуфтаҳои дағали ҳамсараш маҳкам ҷо гирифта буданд: «Чун ин пешаи ӯст, аз ин хотир чи ҳак дорад, ки ба яке розӣ шаваду ба дигаре не?». Бонуи хушсимо Карре-Ламадон, аҷаб не, ҳатто фикр мекард, ки агар ба ҷои Лӯндаяк ӯ мебуд, ба ивази яки дигар ба ин афсар ризоят медод.

Тавтиъагарон мисли ин ки фатҳи куллаеро матрах мекарда бошанд, муддати тӯлоние тактикаи муҳосираро мавриди музокира қарор доранд. Ҳар яке нақши мушаххасе барои худ интихоб намуданд, қарор гузоштанд, ки кадоме аз далелу бурҳонҳоро кӣ пахш мекунад, кадоме аз ҳилаҳоро бояд ба кор гирифт. Нақшаи ҳуҷум, найрангхо, хамлахои ғайри мунтазира, ки ин қалъаи ҷондорро мачбур бикунанд, ки таслими душман бишавад, тарҳрезӣ шуданд.

Таваҷҷуҳи ҳамсӯҳбатон ба ҳадде маҷзуби ин нақша шуда буд, ки ворид шудани Лӯндаякро яке ҳам пай набурд ва вақте граф оҳиста «ҳим» гуфту ҳама сарҳоро боло бурданд, Лӯндаяк аллакай дар ҳуҷра буд. Тавтиъагарон рӯи лабҳо муҳри хомӯшӣ гузоштанд ва каме эҳсоси дастпочагӣ карда, надонистанд, ки чи тавр бо Лӯндаяк аз даричаи сӯҳбат ворид шаванд. Ҳамсари граф, ки бештар аз дигарон пуртаҷрибаю озмуда ва аз мактаби риёкорӣ сабақ гирифта буд, аз ӯ пурсид:

- Хуб, маросими гусли таъмид ҷолиб буд?

Лӯндаяк, ки ҳанӯз ҳам аз асари ибодат раҳо наёфта буд, ҳама чизро ба таври муфассал тавсиф кард: ҳам чеҳраҳо, ҳам тарзи истоданҳо ва ҳатто калисоро. Сипас илова намуд:

- Баъзан авқот ибодат кардан хуб аст!

То вақти хӯроки субҳ бонувон нисбати ӯ муносибати муаддабонаро пеш гирифтанд, то эътимодашро ба даст оваранд ва ба ҳамин тариқ маҷбураш созанд, ки ба маслиҳатҳояшон пайравӣ бикунад.

Вале пушти миз нишастан замон ҳамла шурӯъ шуд. Ибтидо рочеъ ба фидокорӣ ҳарф заданд. Аз замонҳои пешин мисолҳо оварданд: аз Юдир ва Олоферна, Лукретсия ва Секст ёдовар шуданд, сипас Клеопатраро, ки ҳамаи сипаҳсолорони душманро дар бистари хеш мепазируфту онҳоро бародарвор мутеъ мекард, ба хотир оварданд. Ҳатто ҳодисаи афсонавӣ дар мавриди румиён, ки бо мақсади дар оғӯши худ ба хоб андохтани Ганнибал ва ҳамзабон бо ӯ сипаҳсолорону чандин сафи муздуронаш озими Капуя шуда буданд, аз ҷониби ин миллионерони ҷоҳил қисса карда шуд. Сипас тамоми занҳоеро, ки тани худро майдони набарду силоҳи ҳукумат карда, бо лутфу навозишҳои қаҳрамонона ситамкоронро манфурро мутеъ намуда, пеши роҳи госибонро гирифтанду ба хотири интиқом ситонидан исмати хешро қурбон карданд, ба ёд оварданд.

Ҳамчунин, бо баёноти мубҳам, роҷеъ ба инглисзани ачибу начибзода, ки ба хотири Бонапартро мубтало ба мараз кардан, бемориро ба худ қабул намуду аммо дар лаҳзаи мулоқоти фалокатбор заъфи ғайри мунтазира ба таври муъҷизаосо сарлашкарро наҷот дод, ҳикоят карданд.

Ин ҳама ба таври шойистаю оромона баён мегардид ва танҳо гоҳ-гоҳ аз вақду шаъафҳои маснуъӣ, ки ҳадафи он ҳамбазмонро ба мусобиқа ташвиқ намудан буд, риштаи сӯҳбат қатъ мешуд.

Билахира фикр кардан мумкин буд, ки вазифаи зан дар зиндагӣ – ин ҷоннисории ҳамешагӣ, итоъати мудовим ба ҳавою ҳавасҳои низомиён мебошад.

Роҳибаҳо дар доми афкори амиқ асир шуда буданд, гӯё чизеро намешуниданд. Лӯндаяк сукут карда буд.

Ба Лӯндаяк барои фикр кардану тасмим гирифтан як рӯзи тамом муҳлат дода буданд. Лекин акнун ӯро мисли собиқ «мадам» намегуфтанд, ба таври одӣ «мадмазел»-аш меномиданд, ҳарчанд ки касе хуб намедонист, ки чаро маҳз ин тавр; эҳтимол ба хотири он буд, ки ӯро аз он сатҳи баланде, ки ба ақидаи ҳама боло рафта буд, як зина пойин оваранд ва имконаш диҳанд, ки то чи андоза нангин будани пешаашро эҳсос бикунад.

Ба маҳзи овардани шӯрбо, боз ҷаноби Фоланвӣ пайдо шуду ҷумлаи дирӯзаро такрор кард:

- Афсари олмонӣ мепурсад, ки оё бонуи Элизабет Руссе тасмимашро тағйир додааст ё не?

Лӯндаяк басардӣ ҷавоб дод:

- Не.

Вале ҳангоми наҳор иттиҳод заъифтар шуд. Аз забони Луазо чанд сухани саҳлангорона парид. Ҳар яке ба манзури фикр карда ёфтани мисоли тозае саъй намуда, ҷон меканд, вале чизе пайдо намекард. Дар ин миён ғайри чашмдошт бонуи граф, эҳтимол бидуни касде, балки бо нияти ибрози эҳтиром нисбат ба дин, бо суоле дар

мавриди диловариҳои бузург аз зиндагиномаи порсоён ба роҳибаи аршад, муроҷиъат намуд. Охир бисёре аз порсоён корнамоёиҳое кардаанд, ки дар пеши чашмони мо ҷиноят башумор мерафтанд, вале калисо ин гуноҳонро, агар ба хотири худо ё наздикон содир шуда бошад, мебахшад. Ин далели ғайри қобили такзиб буд: бонуи граф барои истифодаи он шитоб кард. Ва ё аз рӯи қудрати хоҳиши хомӯшона, аҷмози маҳрамона, ки шахсиятҳои рӯҳонии ҳамаи мартабаҳо моҳирона истифода мебаранд ва ё аз рӯи ҳамфикрии саъодатмандона, ҳамоқати наҷотбахшона роҳибаи аршад ба иттиҳод кумаки бузург кард. Ӯро шармгин мепиндоштанд, вале вай худро ҷасуру ҳарроф ва хашин нишон дод. Ӯ аз чизҳои муғлаки мағлатаомез фиреб намехӯрд, ақойидаш гӯё аз фӯлод буданд, имонаш устувор буд, виҷдонаш шакку шубҳаро намешинохт. Барои ӯ дар қурбонӣ кардани Авраам чизе ғайри табиӣ набуд, чунки худаш бидуни андеша, дар сурати аз боло дастур гирифтан падару модарашро қурбон мекард; ба назари ӯ ҷурме наметавонад худоро ба хашм оварад, агар он бо нияти шоёни тахсин сурат гирифта бошад. Ҳамсари граф, бо максади харчи бештар фойида бардоштан аз ҳолаи қудсияти шарики тасодуфии хеш, Ӯро барои таъбири ибратбахши муфассали коъидаи одоби муъошират водор кард: «Ҳадаф василаҳоро таъйин мекунад».

Бонуи граф аз ӯ суол кард:

- Пас, ҳамшира, шумо фикр мекунед, ки худо тамоми роххоро қобили қабул медонад ва агар ният пок бошад, гуноҳонро мебахшад?

- Бону, чӣ тавр метавон дар ин шакк овард? Аксар авқот гунох, ки худ ба худ сазовори маҳкумият аст, ба шарофати нияте, ки онро ташвиқ мекунад, кобили тахсин мешавад.

Ва роҳиба майлу иродаи худоро мавриди баҳс карор

дода, аҳкоми ӯро қаблан ҳалс зада, мудохила ба корҳоеро, ки вокеъан ҳам комилан ба ӯ марбут нестанд, ба вай нисбат дода, дар ҳамин рӯҳия сӯҳбаташро идома дод.

Ин ҳама ба таври пардапӯшона, моҳирона ва шойиста баён карда шуданд. Вале ҳар сухани бокираи муқаддас дар либоси роҳиба дар муқовимати пур аз хашму ғазаби зани сабукпо рахна ворид меовард. Сипас сӯҳбат андаке ба тарафи дигар мунҳариф шуд ва роҳиба рочеъ ба иттиҳоди савмаъаҳои худу пири хеш, дар бораи худашу ҳамсояи хушсимояш ва ҳамшираи маҳбубаш аз ҷамоъати Никифори муқаддас ҳикоят кард. Онҳоро ба Гавр хостаанд, то дар бемористонҳои низомӣ аз сарбозони мубтало ба марази обила парастории бикунанд. Вай рочеъ ба ин бадбахтон қисса карда, бемории эшонро муфассалан шарҳ дод. Ва дар ҳоле ки аз рӯи ҳавою ҳаваси ин олмонӣ онҳоро дар роҳ нигоҳ медоранд, чи қадар фаронсавиҳо, ки эҳтимол онон наҷоташон медоданд, хоҳанд мард! Ба захмиёну беморони низомӣ парастории кардан тахассуси ӯ буд, вай дар Қриму Итолиё ва Австрия буд, ӯ дар бораи мусофиратҳояш ҳикоят карда, ғайри чашмдошт худро яке аз он роҳибаҳои бебоку ҷанговар нишон дод, ки гӯё танҳо барои аз думболи кушӯн рафтану захмиҳоро дар буҳбуҳаи набард ҷамъоварӣ кардан ва бехтар аз ҳама гуна роҳбар бо ягона сухан арбадаҷӯёни саркашро мутеъ намудан офарида шудааст; ин «ҳамшираи низомӣ»-и ҳақиқӣ буд ва чеҳраи бисёр лоғару доғи обиладораш гӯё рамзи харобаҳои ҷанг буд.

Баъд аз наҳор ҳама фавран ба ҳуҷраҳои худ рафтанду танҳо субҳи рӯзи дигар хеле дер ба берун баромаданд.

Хӯроки субҳ оромона сарф шуд. Интизор шуданд, ки базрҳои дирӯз киштаашон чавона зананду бор ованд.

Ними рӯз ҳамсари граф пешниҳоди гаштугузор кард; ва чун қаблан карор шуда буд, граф Лӯндаякро аз зери дасташ гирифту ҳамроҳи ӯ андаке аз дигарон акиб монд.

Граф бо ӯ бетакаллуфона ва бо лаҳни андаке таҳқиромез, ки маъмулан мардони бовиқор ба занони фоҳиша ҳарф мезананд, ба сӯҳбат пардохт, нисбати ӯ аз рӯи меъёри сатҳи мавқеъияти иҷтимоии хеш, эҳтироме, ки дар ҷомеъа дошт, рафтор намуда, вайро «тифлакам» гуфт. Граф ракурост асли мавзӯъро матрах кард ва гуфт:

- Пас, шумо омодаед ҳам мою ҳам худатонро дар ин ҷо нигоҳ доред ва таҳти хатари ҳама гуна ҷабру зӯроварихо, ки дар сурати шикаст хӯрдани артиши Олмон ногузир аст, қарор дихед, то факат аз он лутфу марҳамате, ки шумо дар зиндагиатон чандин дафъа ба дигарон арзонӣ доштаед, сарпечӣ кунед?

Лӯндаяк дар посух чизе нагуфт.

Граф навозишу далелҳои оқилонаро ба кор мегирифт,хсосоти Лӯндаякро бармеангехт. Чунонки қадру манзалати графиро шояд, ӯ аз худ назокат нишон медод, агар зарур мешуд, тамаллуқ мегуфт, хулоса, тамоми сеҳру ҷодӯи худро мавриди истифода қарор медод. Вай хидмате, ки Лӯндаяк метавонист ба онон дареғ надорад, бисёр сутуд, иброз дошт, ки дар сурати анҷом додани он хидмат эшон хеле сипосгузор мебуданд, пасон якбора хушҳолона ба ӯ «ту» гуфту, муроҷиъат намуд:

- Азизам, медонӣ чӣ, вай аввалин бор лоф хохад зад, ки аз духтари қашанге лаззат бардоштааст, ки чунинашро дар ватанаш банудрат метавонад пайдо бикунад.

Лӯндаяк дар посух чизе нагуфту суръати қадамхояшро афзуду ба дигарон мулҳақ шуд.

Лӯндаяк аз гардиш баргаштан замон ба ҳуҷрааш панох бурду дигаре аз он ҷо хорич нашуд. Ташвишу изтироб аз хадди маъмул тачовуз кард. Чӣ тасмиме мегирад ӯ? Чӣ мешавад, агар вай пофишориашро идома дихад? Чи вахшате?

Вақте нахор фаро расид; Лӯндаяк пайдо нашуд.

Саранҷом ҷаноби Фоланвӣ омада хабар дод, ки бонуи Руссеро саломатиаш он қадар хуб нест, аз ин рӯ метавонанд пушти мизи хӯрок бинишинанд. Ҳама чизеро пай бурда, хушёр шуданд. Граф ба соҳиби трактир наздик шуду оҳиста пурсид:

- Розӣ шуд?

- бале.

Ба хотири муроъоти одобу русум граф ба ҳамсафаронаш чизе нагуфт, вале фақат ба онҳо сар такон дод. Ҳамон лаҳза аз синаҳои ҳама оҳи сабук берун ҷаст, чеҳраҳо шукуфтанд. Луазо фарёд зад:

- Бало занад манро! Пули шампанро мепардозам, агар дар ин муассиса аз он пайдо шавад!

Ва бо ниҳояти бадбахтии бонуи Луазо, арбо базудӣ чаҳор шиша шампан овард. Ҳама якбора беандоза хушмуъошират пурҳарф шуданд; дилҳояшон аз шодию фараҳ лабрез гашт. Граф гӯиё бори аввал мутаваҷҷеҳ шуда буд, ки бонуи Карре-Ламадон хеле дилкаш аст; корхонадор ба ҳамсари граф суханҳои тамаллуқомез гуфт. Сӯҳбат дар атрофи дастархон гарму ҷӯшон ва бо истифодаи иборотии шӯхиомезу бонамак ҷараён гирифт.

Ногаҳон Луазо қиёфаашро ваҳшатзада нишон доду дасти дуъо бардошта, бонг зад:

- Оҳистатар!

Ҳамзабон аз ҳайрат ва ҳатто аз тарс хомӯш шуданд. Вай гӯш фаро дод, бо такон додани даст ҳамаро ба сукут даъват кард, чашмонашро ба сақф дӯхт, боз гӯш фаро дод ва бо садои маъмулиаш гуфт:

- Ором шавед, ҳама корҳо хуб аст.

Касе тасмим нагирифт иброз дорад, ки ба асли матлаб мутаваҷҷеҳ шудааст, аммо дар лабҳои ҳама табассум гул андохт.

Вай ҳамон шӯхиашро баъд аз понздаҳ дақиқа ва боз дар давоми шабнишинӣ чандин бор такрор кард; вай чунин вонамуд мекард, ки гӯё ба яке аз шахсони табақаи

болойӣ мурочиъат дорад ва аз захираи суханҳои намакинаш истифода бурда ба ӯ маслиҳатҳои сарбаста медиҳад. Баъзе вақтҳо ӯ бо маҳзунии маснӯъӣ оҳ мекашад: «Духтари бечора!». Ё ғамгинона зери лаб мегуфт: «Ин олмонӣ ачаб разил будааст!». Чанд дафъа, вақте ба назар меомад, ки акнун касе дар ин бора фикр ҳам намекунад, вай бо овози ларзон наъра мезад: «Бас аст! Бас аст!» ва гӯё барои худаш илова мекард: «Кош ӯро фақат зинда медидем, кош он фурумоя вайрон намекушт!».

Ҳарчанд ин шӯхиҳояш фавкулъода беадабона буданд, лекин ҳамаро саргарм менамуданд ва нафрати касеро барнамеангехтанд, чунки хашми одилона, монанди хашмҳои дигар, вобаста ба муҳит аст; муҳити мавчудаи трактир ҳам аз андешаю хаёлоти бешармона ишбоъ шуда буд.

Ҳатто занҳо ҳангоми ширинихӯрӣ ба гуфтани кинояҳои таҳдор шурӯъ намуда. Ҳама сари завқ омада буданд: зиёд нӯшида буданд. Граф, ки ҳатто дар лаҳзаҳои густохиаш ҳам виқори хешро маҳфуз дошта буд, вазъияти эшонро бо хотима ёфтани зимистонгузаронии ичборӣ дар қутб ва эҳсосоташонро бо шодию сурури одамони киштиашон гарқшуда, ки саранҷом мебинанд, ки роҳи ҷануб барояшон боз шудааст, қиёс мекард; мукойиса муваффақияти бузург дошт.

Луазо, ки аз пурҳарфӣ манаҳаш тасфида буд, қадаҳ дар даст бархост:

- Барои озод шудани шумо менӯшам!

Ҳама бархостанду дастачамъӣ ба суханҳои ӯ ҳамовозу даданд. Ҳатто рохибаҳо ҳам таҳти таъсири хохишу истедъои бонувон карор гирифта, розӣ шуданд аз шароби кафкдор, ки эшон хеҷ гоҳ маззааашро начашида буданд, лаб тар кунанд. Бонувон эълом доштанд, ки ин шароб ба лимонади газдор шабоҳат

дорад, танҳо ба маротиб лазизтар аст.

Луазо ба чунин хулоса омад:

- Сад дареғо, ки фортепияно нест, вагарна ба оҳанги кадрил мераксидем!

Корнюде дар тамоми шабнишинӣ як калима такаллум накард, ҳатто каме ҳам такон нахӯрд; гӯё ғарқи хаёлу андешаҳои тираю тораш буд, танҳо баъзан риши дарозашро, мисли ин ки саъй мекарда бошад боз ҳам дарозтар бишавад, сахт мекашид. Саранҷом наздики нимашаб, вақте хостанд, ки ба ҳуҷраҳои худ бираванд, Луазо, ки базӯр сари по меистод, ғайри мунтазира даст ба шиками Корнюде заду бо забони гирифта гуфт:

- Чаро шумо имшаб ғамгинед? Чаро пайваста хомӯшед, ҳамшаҳрӣ?

Корнюде батундӣ сар боло карду нигоҳи ғазаболуду таҳдидомезашро ба ҳамбазмон андохту ҷавоб дод:

- Фаромӯш накунед, ки ҳамаатон даст ба разолат задед!

Вай бархост, ба дами дар рафт, бори дигар такрор кард: «Бале, разолат!» ва аз он ҷо ғайб зад.

Дар ибтидо ҳама эҳсоси нороҳатӣ карданд. Луазои ҳайратзада бо даҳони боз истода буд, сипас худписандии маъмулиаш гиребонгираш шуду ғайри чашмдошт қоҳ-қоҳзанон хандиду гуфт:

- Ангур хом аст, рафик, хом!

Чун касе намефаҳмид, ки матлаб сари чист, вай «рози дахлез»-ро ҳикоят кард. Шӯру валвала ба фалак печид. Бонувон аз фарти ханда рудабур шуданд. Граф ва ҷаноби Карре-Ламадон чунон қаҳқаҳа заданд, ки ашк аз чашмонашон ҷорӣ шуд. Онон ҳатто ба дурустии қазия бовар накарданд.

- Чӣ тавр? Вокеъан ҳам ин дуруст аст Вай мехост...

- Охир ба шумо боз ҳам мегӯям, ки дуруст аст, бо чашмони худ дидам.

- Вай ҳам рад кард?..

- Чунки олмонӣ дар ҳуҷраи пахлӯйӣ буд.

- Мумкин нест!

- Ба ҷонатон савганд, ки дуруст аст!

Графро нафасаш танг шуда буд. Корхонадор пахлуҳояшро бо дастонаш мекапид. луазо лаб аз сухан фуру намебаст:

- Мусаллам аст, ки ҳоло шӯхӣ комилан, бале, комилан ба дардаш намехӯрад!

Ва ҳар се нафар боз то рехтани ашки чашмонашон кахкаха заданд.

Саранҷом ба ҳуҷрахои худ паноҳ бурданд. Бонуи Луазо, шахсияти акрабсифат, дар бистар дароз кашиду ба шавҳараш арз кард, ки «ин афъӣ» - бонуи Карре-Ламадон тамоми шаб гӯё бар хилофи иродааш хандид.

- Медонӣ, вакте зан дойим дар фикру хаёли мундир аст, барояш фарк намекунад, ки онро фаронсавӣ мепӯшад ва ё олмонӣ!.. Худоё, бубахш, магар ин расвойӣ нест?

Ва тамоми шаб дар зулмати дахлез садоҳои заъифи хиш-хишу пич-пич, нафаскашию кадамзаниҳои охистаи поҳои урён ва чарак-чарак ба гӯш расиданд. Ичоранишинон эҳтимолан хеле дер ба хоб рафтанд, зеро ҳанӯз хам муддати зиёде аз зери дарҳо тасмаи борики равшанойӣ дида мешуд. Мегӯянд, ки майи шампан чунон асар мебахшад, ки хоб аз чашмон берабояд.

Субҳи рӯзи дигар дар зери нурҳои равшани офтоби фасли зимистон барф чун чилои ойинаи бегубор чашмхоро хира мекард. Фойтун, ки саранҷом ба аспҳо кӯш шуда буда, дами дарвоза интизор буд ва селаи кабутарони сафеди гулобичашм бо мардумакони холи сиёҳдор, бо пару болҳои анбӯҳи худ худнамойӣ карда, дар миёни поҳои се ҷуфт асп бовикор гардиш намуда, саргине, ки аз он бухор бармехост, бо панҷаҳояшон ба хар тараф мепарокандану дар миёни он дона мечустанд.

Фойтунчии пӯстинпӯш рӯи нишеманаш нишаста ва

чубӯқашро дуд мекард, мусофирони хушҳол шитобзада тӯшаҳояшонро барои тамоми мусофираташон андарун борхалтаҳо мегузоштанд.

Фақат Лӯндаякро интизор буданд. Саранҷом вай пайдо шуд.

Ӯ музтарибу мушавваш буд, хиҷолатзадаю бечуръатона ба ҳамсафаронаш наздик шуд, аммо ҳама мисли ин ки пешакӣ миёни худ қарор гузоштаю гӯё омаданашро надида бошанд, аз ӯ рӯ баргардониданд. Граф бо киёфаи ҷиддӣ аз зери дасти ҳамсараш дошту ба канор бурд, то ӯро аз тамос бо касофат маҳфӯз дорад.

Лӯндаяк аз ҳайрат таваққуф намуд, пасон, тамоми шуҷоъаташро ҷамъ карду назди ҳамсари корхонадор рафта, зери лаб гуфт:

- Салом, бону!

Вай сарашро каме мутакаббирона ҷунбониду нигоҳи некуи таҳқиршудаашро ба сӯяш андохт. Ҳама худро хеле пуркор вонамуд карда, давандагӣ мекарданду то ҳадди имкон хешро аз Лӯндаяк канор мегирифтанд, гӯё вай дар миёни доманаш микробҳое беморизо оварда бошад. Сипас ҳама ба фойтун ҳамла оварданд; Лӯндаяк баъд аз дигарон савор шуду дар ҳамон ҷое, ки дар оғози сафар гирифта буд, хомӯшона нишаст.

Гӯё ӯро дигар намедиданд, намешинохтанд; танҳо бонуи Луазо аз дур бо нафрат ба ӯ нигариста, бо садои паст гуфт:

- Чи хушбахтист, ки дур аз ӯ нишастаам!

Фойтуни сангин роҳ афтод ва мусофират мучаддадан шурӯъ шуд.

Дар ибтидо сукут карданд. Лӯндаяк ҷуръати сар боло бурдан надошт. Вай ҳам аз ҳамсафарҳояш ба қаҳру ғазаб омада буду ҳам эҳсос менамуд, ки ба хоҳиши онҳо тан дардода ва худро хору фақир кардааст, аз бӯсаҳои афсари олмонӣ, ки ин мунофиқон ӯро ба оғӯшаш тела дода буданд, касиф шудааст.

Базудӣ ҳамсари граф ба бонуи Карре-Ламадон мурочиъат намуда, сукути риққатборро шикаст:

- Ба назарам шумо бо бонуи д'Эстрел шинос ҳастед?

- Оре, вай дӯсти ман аст.

- Чи қадар зани зебою фаттон аст ӯ!

- Оре, хеле дилрабост! Андомаш дилошӯбу ҷаззоб, ба замми ин, фавқулъода босаводу пуристеъдод аст! Вай ба таври мафтункунанда месарояду хеле хуб наққошӣ мекунад.

Корхонадор бо граф сӯҳбат мекард ва аз миёни чаранг-чаранги панчараҳо гоҳ-гоҳе ин калимаҳо ба гӯш мерасиданд: «Купон-вексел-маблағ-сари вақт».

Луазо бо дастаи картаҳои кухна, ки аз трактир дуздакӣ гирифта буду дар зарфи панҷ соли дар болои мизҳои хуб покнашуда бо онҳо бозӣ кардан равғанолуд шуда буданд, ба иттифоқи ҳамсараш саргарми бозӣ шуд.

Роҳибаҳо даст ба сӯи тасбеҳҳои дарозе, ки дар камарҳояшон овезон буданд, бурданд, салиб кашиданд ва ногаҳон лабҳояшон чобукона ҷунбиданд, пич-пичи мубҳамашонро тадричан суръат бахшида, мисли ин ки мусобиқаи суръат бошад, ачала мекарданд; баъд аз чанд лаҳза ба укнус бӯса мезаданд, мучаддадан салиб мекашиданд, пасон пич-пичи босуръату мудовими хешро идома медоданд.

Корнюде, гарқи дарёи андеша, таконе нахӯрда менишаст.

Баъд аз рохпаймойии сесоъата Луазо қартаҳоро даста карду изҳор дошт:

- Хуб мешуд каме хӯрок мехӯрдем.

Ҳамсараш бугчаи бо ресмон басташударо бардошту пораи гӯшти сафеди гусоларо аз он берун овард. Онро бодиққат пора кард ва эшон ба хӯрдан шурӯъ намуданд.

- Ту мувофиқат мекунӣ, ки мо хам аз онҳо пайравӣ бикунем? – пурсид зани граф аз ӯ.

Пас аз мувофикати шавҳараш, вай тӯшаи барои ду

нафар захиракардаро густурд. Андаруни косаи чинии дарозе, ки дар рӯи сарпӯшаш акси харгӯш тасвир ёфта буду бад-ин васила ишора мешуд, ки дар он паштет аст, гӯшти беустухони обдори қаҳваранги сайд, ки бо навъҳои дигари гӯшти реза-реза махлут буду дар сатҳи он чӯйчаҳои равған ҷорӣ буданд, қарор дошт. Дар рӯи пораи бузурги панир, ки аз даруни рӯзнома берун оварда буданд, калимаи «Ҳодисот», ки дар сатҳи равғании он навишта шуда буд, ба чашм мехӯрд.

Роҳибаҳо ҳасиби бутунро, ки аз он бӯи сир ба машом мезад, берун оварданд. Корнюде дастонашро ба ҷайбҳои гавдааш фуру бурду аз яке чаҳор дона тухми мурғ, аз дигаре як тика нон берун овард. Вай тухми мурғро пӯст канду пӯсташро болои коҳи зери пояш андохт ва нонрезаҳои зардчаи лобалои риши дарозашро, ки дар он ҷо мисли ситорачаҳо ба назар меомаданд, афшонду ба хӯрдан пардохт.

Лӯндаяк аз давандагию саросемагии субҳгоҳӣ фурсати барои худ ғизое харидан наёфта буд ва акнун аз афсӯсу ғазаби сахт ҷонаш ба лаб омада, ба ин инсонҳо, ки комилан оромона тановул мекарданд, менигарист. Дар ибтидо вуҷудашро хашму ғазаб пур кард, аз ин рӯ хост, ки лаб ба сухан боз кунаду онҳоро ба таври ошкоро дашном диҳад, вале ғазаби шадид нафасгираш кард.

Касе ба сӯяш назар намеандохт, каме ҳам фикри ӯро намекард. Вай эҳсос намуд, ки таҳқири ин нобакорони мӯҳтарам, ки дар ибтидо ӯро қурбонӣ карданду сипас чун латтапораи касифи нолозим ҳаволааш доданд, шаллоқаш мезанад. Дар ин лаҳза сабади калони пур аз хӯрданиҳои болаззаташ ба ёдаш омад, ки онҳо аз баднафсӣ батамом хӯрда буданд, ду чӯҷаи даруни полудаи шаффоф, паштет, нок, чаҳор шиша шароб ба хотираш расид; ғайри мунтазира ғазабаш аз байн рафт, гӯё дар гӯшае аз дарунаш тори тарангкашидае пора шуд ва эҳсос кард, ки ҳол ҳозир гиря мекунад. Вай кӯшише

фавқулъода ба харҷ дод, то худдорӣ бикунад, чун тифл ашки чашмонашро фуру бурд, вале қтароти ашк дар чашмонаш лангар андохтанд, дар мижгонҳояш дурахшиданд ва базудӣ ду қатраи бузурги ашк оҳиста-оҳиста аз гунахсяш сарозер шуданд. Аз паси онҳо қатрахои дигар, қтрахои сареъулсайр равон шуданд; онҳо лаҳза ба лаҳза сареътар ҷорӣ мешуданд, мисли қатрахои об аз шикофи сахра мерехтанд ва ба барҷастагии синааш меафтоданд. Вай бо қиёфаи карахтшудаю рангпарида ба як нуқта чашм дӯхта ва бо эътимоди он ки ба ӯ таваччуҳе нахоҳанд кард, нишаста буд.

Вале ҳамсари граф ашки чашмони Лӯндаякро диду бо ишора ӯро ба шавҳараш нишон дод. Граф китф дар хам кашид, мисли ин ки мегуфта бошад: «Чӣ чора, дар ин ҷо ман таксире надорам». Бонуи луазо бидуни садо, вале пирӯзмандонаю бонишот хандида, пичирос зад:

- Вай барои расвойии худ навҳахонӣ мекунад.

Рохибахо, бокимондаи хасибро дар когаз печида, мучаддадан ба дуъохонӣ шурӯъ намуданд.

Корнюде тухмҳои мурги хӯрдаашро хазм намуда, поҳои тавилашро зери нимкати мукобил дароз кард, дастҳоро рӯи хам андохта, бо пушт ба нимкат такя зад, мисли ин ки шӯхии муносиберо фикр кардаю ёфта бошад, нешханд зад ва бо хуштак ба навохтани оҳанги «Марселёза» пардохт.

Хама рӯ турш карданд. Мисли ин ки суруди мардумӣ бо хамсафарҳояш хуш наомад. Онон асабонию хашмгин шуданд ва гӯё омода буданд, чун сагҳое, ки овози сантӯрро шунидаанд, зӯза бикашанд. Ӯ хатто ин мисраъҳоро низ замзама мекард:

Муҳаббат муқаддас бувад бар Ватан,
Бимон, ҳокими дил шавад интиқом.
Бубар, эй ту, озодӣ, сӯи набард
Нигаҳбони худро ҳама баҳри ном.

(Тарҷумаи Гулназар)

Акнун сареътар ҳаракат мекарданд, чунки барф бештар ба ҳам фишурдатар шуда буд; ва ӯ то ба Депп расиданаш, дар зарфи соъатҳои тӯлонию малоловари роҳпаймоӣ ва таконҳои поённопазири ҷодаи ноҳамвор, дар ниматорикӣ ва сипас дар зулмати шабона, бо шӯру шаъаф, бо истодагӣ ҳуштаккашии якнавохти интиқомҷӯёна хешро, ки ҳамсафарони хастаю асабониашро маҷбур месохт ба суруд аз оғоз то анҷом гӯш диҳанд, мисраъҳои марбутаро ба ёд ованранду тавассути онҳо ба ҳар як зарб ҳамоҳанг шаванд, идома дод.

Аммо Лӯндаяк ашк мерехту ашк мерехт ва баъзе авқот, дар миёни ду қитъа шеър, дар дили торикӣ садои зор-зор гиристанаш баланд мешуд, ки вай аз он ҷилавгирӣ карда наметавонист.

МУНДАРИЧА

Пешгуфтор..... 3
Бонуи Фифи..... 5
Хушбахтӣ..... 22
Гарсон, як Ливон пиво..... 30
Асирон..... 39
Бонуи Перл..... 53
Девона..... 76
Васиятнома..... 81
Розали Прюдан..... 88
Омурзиш..... 93
Пирамард Милон.....100
Оворагард..... 109
Саргузашти хидматкорзани дехотӣ..... 125
Ғусли таъмид..... 152
Гадо.....119
Падари Симон..... 166
Бозгашт..... 178
Бонуи Гарриет..... 186
Пушаймонӣ..... 213
Буател..... 220
Амаки Жюл.....231
Алвидоъ..... 242
Нобино..... 248
Дуэл..... 253
Амаки Белом..... 260
Пирахан Соваж..... 270
Лундаяк..... 280

Ги де Мопассан

ОМУРЗИШ

(хикоёт)

Мусаввир О.Камолов
Муҳаррири ороиш А.Муҳаммадиев
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова
Ҳуруфчини компютерӣ Ш.Мирзоева

Ба матбаа 06.06.2006 таҳвил гардид.
Ба чопаш 19.06.2006 имзо шуд. Андозаи 84x108 $^{1}/_{32}$.
Ҷузъи чопию шартӣ 10,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 12,22.
Адади нашр 500 нусха. Супориши № 95.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

Китоб дар матбааи
ЧДММ «Анҷумани Деваштич» чоп шудааст
ш. Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47
Тел: 223-56-66, 227-61-47
E-mail: devashtich@tojikiston.com

159132